**АКАДЕМИЯИ ИЛМҲОИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**

ИНСТИТУТИ ФАЛСАФА, СИЁСАТШИНОСӢ ВА ҲУҚУҚИ
ба номи академик А.М.Баҳоуддинов

***Комил Бекзода***

# ТАЪРИХИ РАВШАНФИКРӢ АЗ ДАВРОНИ ҶАМШЕД ТО ЗАМОНИ ФИРДАВСӢ

(нақши шуубия дар таърихи худшиносии
халқи тоҷик)

Зери таҳрири доктори илми
фалсафа, профессор
Муҳаммадқул Ҳазратқулов

Душанбе-2012

Китоби мазкур дар бораи яке аз ҷунбишҳои бонуфузи иҷтимоӣ, сиёсӣ ва фарҳангии халқи тоҷик дар аҳди аввали Ислом баҳс мекунад. Дар он муаллиф бори аввал ҳаракати шуубияро мавриди таҳлили ҳаматарафа қарор дода, ташаккул ва инкишофи онро бар асоси маъхазҳо ва адабиёти таҳқиқотӣ муайян намуда, мақоми ҳаракати мазкур ва таъсири онро дар тарзи давлатдории хилофати араб то ба вуҷуд омадани аввалин давлатҳои тоҷикон нишон додааст. Китоби мазкур барои устодони мактабҳои олӣ, аспирантҳо, студентон, ҳаводорони афкори маънавии халқи тоҷик дар асрҳои миёна ва доираи васеи хонандагон пешниҳод мегардад.

# МУҚАДДИМА

Баъзе андешаҳои умумӣ метавонанд ба таври куллӣ муқаддимае бар ин мавзӯи густарда бошанд, зеро масъалаи мавриди баҳс аз замони Ҷамшед то охири давраи Сомониёнро дар бар мегирад. Мавзӯи ҳассоси ин давра ташаккули тамаддуни ориёӣ, ҳаракатҳои миллатгароӣ ва ватанпарварии ориёитаборон дар муқобили ҳукумат ва фарҳангҳои бегона мебошад. Ин зуҳуроти иҷтимоию сиёсӣ ва фарҳангиро дар асрҳои миёна ҷунбиши «шуубия» меномиданд.

Баъди истилои араб дар атрофу акнофи хилофат шӯришҳои зиддиҳукуматӣ сар заданд. Баъди бераҳмона саркӯб намудани шӯришҳои мазкур дар Шому Ироқ тавассути Умавиён, характҳои зидди хилофат ба сарзаминҳои дур аз маркази хилофат, ба сарзаминҳои ғайриараб, бахусус ба Осиёи Миёнаву Эрон интиқол ёфтанд. Ин ҷунбишҳо дар заминаи пешинаи иҷтимоию сиёсӣ ва фарҳангии ориёӣ ва вокунишу табъизи нажодии Умавиён ба муқобили онҳо сар зада, тадриҷан амиқтар мегардиданд ва оқибат боиси барҳам хӯрдани хилофати Умавиён ва барқарор шудани хилофати Аббосиён гардид.

Хилофати аббосӣ дар муқобили душманони худ дар ибтидо ба унсурҳои мухолифи зидди хилофати умавӣ (хавориҷ, наҳзати шиа ва ғайра) такя дошт, вале аз мардумони ғайриараб, пеш аз ҳама, ба мардумони эронитабор бовар мекард ва баъди бо ёрии онҳо ба сари ҳокимият омадан аз таассубҳои чоҳилию арабгароии даврони умавӣ даст кашид. Бо барқарор шудани аввалин давлатҳои дорои истиқлолияти нисбии Тоҳириён (821-873) Саффориён (861-895) ва бахусус Сомониён (874-999) шиддати эҳсосоти шуубигароӣ поин омад.

Дар бораи ин ҷунбиш, решаҳо ва сабабҳои интишори он, тарафдорон ва мухолифон, таъсир ва оқибатҳои он бар хилофати араб ва ҷомеаи исломӣ тадқиқоту баррасиҳои зиёде аз ҷониби муаққиқони эрониву араб, ховаршиносони русиву аврупоӣ  ва олимони тоҷик ба анҷом расидаанд. Дар қатори онҳо метавон тадқиқотҳои олимони Ғарб

Вилл Дюрант,[1] Ҳенри Корбен,[2] Е.Э.Бертельс, [3] Г.Э.фон Грюнебаум,[4] олимони рус Е.А.Беляев, [5] И.П.Петрушевский[6] ва дигар тадқиқотро[7] номбар намуд.

Муҳаққиқони эронӣ дар таҳқиқи ин мавзӯъ бештар таваҷҷӯҳ зоҳир намудаанд. Муҳаммад Иқбол[8] дар ин роҳ пешгом ва ҳанӯз дар аввалҳои асри гузашта ба ин масъала ишора намуда буд ва баъди ӯ дигар муҳаққиқону муаррихон, аз ҷумла Муртазои Ровандӣ[9], Эҳсон Табарӣ[10], Муҳаммад Хотамӣ[11], Иброҳими Динонӣ [12] ва дигарон паҳлуҳои гуногуни ҷунбиши шуубия ва мақоми он дар таърихи афкори фарҳангӣ ақидаҳои худро баён намудаанд. Олимони тоҷик низ дар таҳқиқи ин масъала дар канор намондаанд. Акбар Турсунов роҷеъ ба истеъмоли луғатҳои форсӣ дар «Донишнома»-и Ибни Сино баҳси доманадореро ороста, хулосаи онро чунин нигоштааст: «Ин наҳзати бузурги таърихию фарҳангӣ (яъне ҳаракати шуубия – К.Б.) дар муҳити Хуросону Мовароуннаҳр оғоз шуд; нахустин сарсабзиҳои Баҳори Аҷам дар заминаи маънавии тоҷикон рӯидаанд, ки дар навбати худ аз сарчашмаҳои тамаддуни бостонии умумиэронӣ «оби раҳмат» хӯрдааст».[13] Аз дигар таҳқиқоти анҷомшуда вобаста ба ҳаракати шуубия асари муҳаққиқ Н.Зоҳидов [14] дар бораи адабиёти арабизабони форсу тоҷик аз истилои араб то аҳди Сомониён дорои аҳамияти хосса мебошад. Зеро дар он масъалаҳои адабию фарҳангии ҳаракати шуубия нисбатан муфассалтар мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд. Мақолаҳои

---

[1] Дюрант, Вилл. Таърихи тамаддун. Асри имони тамаддуни исломӣ. Ҷ.2. Теҳрон, 1343.
[2] Корбен, Ҳенрӣ. Таърихи фалсафаи исломӣ. Теҳрон, 1377
[3] Бертельс Е.Э.Суфизм и суфийская литература М., 1965.
[4] Грюнебаум Г.Э. Классический ислам. М., 1986.
[5] Беляев. Арабы, ислам и арабский халифат. М., 1966
[6] Петрушевский И.П. Ислам в Иране в VII-XV веках. Л., 1966
[7] Пигулевская И.В., Якубовский А.Ю., Петрушевский И.П.. Строева Л.В., Беленицкий А.М. История Ирана с древнейщих времен до конца XVIII века. Л., 1958
[8] Иқбол, Муҳаммад. Сайри фалсафа дар Эрон. Теҳрон, 1380
[9] Ровандӣ Муртазо. Таърихи иҷтимоии Эрон. Ҷ.2. Теҳрон, 2536
[10] Табарӣ, Эҳсон. Бархе баррасиҳо дар бораи ҷаҳонбиниҳо ва ҷунбишҳои иҷтимоӣ дар Эрон. 1348 (маҳалли нашр надорад)
[11] Хотамӣ, Саид Муҳаммад. Оину андеша дар доми худкомагӣ. Теҳрон, 1378
[12] Динонӣ, Ғуломҳусайн Иброҳим. Дафтари ақл ва ояти ишқ. Ҷ.II. Теҳрон, 1381
[13] Турсунов, Акбар. Эҳёи Аҷам. Душанбе, 1984.-С.155.
[14] Зоҳидов Н. Адабиёти арабизабони форсу тоҷик аз истилои араб то аҳди Сомониён. Хуҷанд, 1999

Т.Н.Мардонов [15] ва Х. Мақсудов [16] низ ба ҳамин мавзӯъ бахшида шудаанд.

Дар рисолот ва мақолоти илмие, ки дар боло номбар шудаанд, масъалаи наҳзати шуубия ба таври махсус мавриди омӯзишу баррасӣ қарор нагирифтаанд. Дар аксари онҳо зимни баёни тарзи ҳукмронии нобасомони хилофати Умавиён ва пайдо шудани ҳаракатҳои гуногуни иҷтимоӣ дар аҳди аввали ислом баробари дигар наҳзатҳои ситезгароёна ба ҷунбиши шуубия низ муроҷиат шудааст. Бо вуҷуди равшан намудани баъзе матолиби ин ҳаракати вусъатёфта, шарҳу тафсири пурраи ин ҷунбиш аз оғоз то ба анҷом аз доираи тадқиқотҳои ёдшуда берун мондаанд ва масъалаи мазкур ҳадафи асосии баҳси онҳо низ набудааст.

Дар ин ҷо бояд ба осори ду муаллифи тадқиқоташон ба мавзӯи шуубия бахшидашуда ишора кард, ки яке муаллифи араб буда, дар ду асараш аксуламали як нафар олими араб нисбат ба наҳзати шуубия мавриди баррасӣ қарор гирифтааст, дигаре олими эронист, ки доир ба таърихи пайдоиши шуубия, мақоми ҷунбиши миллатгароии он ва инкишофу интишори ин ҳаракат таълифоти пурмӯҳтаво ва муфиде ба сомони расондааст.

Муҳаққиқи муосири араб доктор Абдулло Саллум ас-Сомароӣ дар китоби худ «Шуубия – ҳаракатест бар зидди ислом ва миллати араб» муқаддимаи мухтасаре навишта, хулосаи онро чунин баён намудааст: «Сабабҳои асосии ба вуҷуд омадани ҷунбиши шуубия умдатан аз ду омил иборат буданд: омили якум – тамаддуни эронӣ; омили дуюм – пайдоиши ислом, ки сабаби ташаккули давлати арабӣ гардид. Ба ибораи дигар, тамаддуни эронӣ ба қавми худ бовариву эътимод бахшида буд то худшиносии худро барои ҳамеша ва дар ҳама ҳолат нигоҳ дорад. Вале пайдоиши дини ислом ба давлати арабӣ асос гузошт ва арабҳо ба воситаи ин дину давлати худ тамаддун ва давлати эрониёнро ба хок яксон карданд. Аз ин рӯ, эрониён ба муқобили ҳуҷуми динӣ ва давлатии

[15] Мардонов Т.Н. Арабо-таджикское двуязычие в поэзии IX-X веков. Душанбе, 1993.
[16] Мақсудов Х.А. Шуубия аз нигоҳи адибони араб// Индо-арабская филология. Сб. научных трудов ТГНУ. Душанбе, 1992; Мақсудов Х.А. Михйар ад-Дайлами и его поэзия. Душанбе, 2001.

арабҳо аксуламали шадид нишон дода, ҷунбиши миллатгароӣ ва шовинистии шуубияро ба вуҷуд овcovered варданд. Миллатҳои дигари ғайриараб низ ба онҳо ҳамовоз шуданд»[17].

Муҳаққиқи мазкур суханашро идома дода, аз ҷумла қайд мекунад, ки пешвои асосӣ ва поягузори ин ҳаракат маҳз қавму миллатҳои эронинажоду эронимазҳаб буданд. Ҳаракати миллатгароии шуубия аз ду шохаи асосӣ ва фаъол – шуубияи динӣ ва шуубияи миллӣ – иборат буд. Ҳар ду шоха бо ҳар воситаю василаи дастрас кӯшиш мекард, ки қоидаю қонунҳои дини исломро хароб ва таҳриф намоянд. Ба фикри А.Сомароӣ, ҳаракати миллатгароии шуубия, ба таври куллӣ, се ҳадафи асосӣ дошт: (1) таҳрифи асосҳои дину шариати ислом ва аз байн бурдани онҳо аз роҳи таҳлилу тафсир ва тарҷумаю таъвил; (2) мубоbecause ризаи ошкору пинҳонӣ ба муқобили ҳукумати арабӣ бо мақсади аз байн бурдани он ва (3) эҳё намудани давлати эронӣ ва тамаддуни миллатҳои эронитабор ва форсизабон. Ин суханонро ӯ хулоса намуда, навиштааст, ки «хатарноктарин душмане, ки миллати араб баъди зуҳури ислом то имрӯз ба он рӯ ба рӯ гардидааст, маҳз ҳамин ҳаракати миллатгароии шуубия мебошад».[18]

Ҳамин муаллиф нависандаи китоби дигарест, ки масъалаи мазкурро аз нуқтаи назари диншиносӣ мавриди баррасӣ қарор додааст. Номи китобаш «Ифрот ва ҷараёнҳою мазҳабҳои ифротӣ дар тамаддуни исломӣ»[19]. Муаллиф дар ин асар ба баҳси таърихи пайдоиши шуубияи динӣ пардохта, аз ҷумла масъалаҳои сабаби ба вуҷуд омадани ақоиди ифротӣ, ташаккули фирқаҳои ифротӣ ва муносибати аҳкоми ислом дар бораи онҳо, фаъолияти фирқаҳои ифротӣ дар мазҳабҳои суннию шиа, мӯътазилия, мурҷиа, шарҳу таъбири истилоҳоти динӣ ва фалсафии ҷараёнҳои ифротӣ дар ислом (ҳулул, таносух, таъвил ва ғайра), ташкилоту муассисаҳои пинҳонии фирқаҳои ифротӣ ва ҳадафу

---

[17] ас-Сомароӣ, Абдулло Саллум. Аш-шуубияту ҳаракатун музодатун ли-л-исломи ва-л-умммати-л-арабияти. Бағдод, 1981.-С.7. [Шуубия ҳаракатест бар зидди ислом ва миллати араб].
[18] Ҳамон ҷо.-С.6-7.
[19] Ас-Сомароӣ, Абдулло Саллум. Ал-ғулув ва-л-фирақ ал-ғолия фи-л-ҳазорати-л-исломия. Бағдод, 1972. [Ифрот ва ифротгароии динӣ дар тамаддуни исломӣ].

мақсадҳои онҳо, инчунин мавқеи миллати араб ва ҳукумати арабҳо нисбат ба ҷунбишҳои фирқаҳои шууби ва ифротиро мавриди таҳқиқу баррасӣ қарор додааст.

Доир ба таърихи пайдоиш ва мақоми ҷунбиши миллатгароии шуубия ба тадқиқоти доктор Ҳусайналии Мумтаҳан[20] метавон ишора кард, ки аз ҷиҳати ғоявӣ ва мазмуну мундариҷа муқобили ақидаҳои Абдуллои Сомаройӣ мебошад. Ин муҳаққиқи эронӣ дар тадқиқоти худ по ба арсаи вуҷуд ниҳодани наҳзатҳои миллии эрониён, аз ҷумла шуубия дар қиболи муносибатҳои умарои Умавиён мавриди таҳлили муфассал қарор додааст. Асари мазкур аз баёни аҳамияти ҷунбиши шуубия дар таърихи тамаддуни мардуми эронитабор шурӯъ шуда, матолиби вобаста ба мӯътақидот ва русуму одати давраи ҷоҳилияи арабҳои бадавӣ, вазъи иҷтимоию сиёсӣ ва фарҳангии пешазисломии Арабистон, ба вуҷуд омадани дини ислом, нозил шудани Қуръон, таълимоти ислом ва муборизаи он барои барқарор кардани мусавот ва баробарии мусулмонон дар замони зиндагии Пайғамбари акрам ва хулофои рошидин мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд.

Бахши ҷолиби диққати ин тадқиқот аз он иборат аст, ки баъди истилои арабҳо сабаби пайдоиши номи мавлӣ (мардуми ғайриараб), эҳдои табақа ва муқаррароти махсус барои мавлӣ, таассуб ва миллатгароии арабҳо нисбат ба қавму миллатҳои ғайриараб, рафтори хулафо ва ҳукамои умавияву аббосӣ нисбат ба мавлӣ, ифтихори қавмҳои дигар нисбат ба арабҳо аз роҳи наҳзати адабию фарҳангӣ, вогузор намудани шуғлу мансабҳо ба мавлӣ, шӯриши Абӯмуслим ва афзоиши нуфузи мавлӣ, мазмуну моҳияти «Ҳизби арабӣ», «Ҳизби мусовот», «Ҳизби шуубӣ», баёни ақоиду орои шуубия, даъвати ин наҳзат ва иртиботи он бо дигар ҷараёнҳои ифротии шиа, хавориҷ ва мӯътазила нуқтасанҷона таҳлил шудаанд.

Фазилати ин асар ин аст, ки дар он шоирони машҳури шуубия (ниг.фасли 15) ва фаъолияти нависандагону муаллифони ин наҳзат

[20] Мумтаҳан, Ҳусайналӣ. Наҳзати шуубия. Теҳрон, 1370 ҳ.ш.

оварда шуда, зимнан мубоализаи ақидатии арабҳо (бофтани ҳадису ривоятҳои дурӯғин) шарҳу тафсил ёфтаанд. Ҳамчунин дар ин асар ба таъсири сиёсии наҳзати шуубия (шӯришҳои Бобаки хуррамдин, Мозиёр, қиёми Афшон), фаъолияти шуубиён дар аҳди Тоҳириён, Саффориён, Дайламиёну Зиёриён дар ислом ва дигар ҷунбишҳои мазҳабии зидди арабҳо (Беҳофаридия, Синдбодия, Исҳоқи Турк, Ровандия, Сафедҷомагон) аҳамияти махсус дода шудааст. Қисмати боарзиши ин китоб боби охирини он – «Таъсири иҷтимоии наҳзати шуубия» мебошад, ки он ҳамчунин бахши фарҳангии ин масъаларо шомил буда, таъсири достонҳои миллӣ, масалу ҳикматҳои порсӣ ва ҳунару санъати эрониён ба арабҳо, нақши эрониён дар танзими девонсолорӣ, таҷрибаи эрониён дар корҳои давлатдорӣ ва таъсири мутақобилаи фарҳангии қавмҳои эрону араб нишон дода шудааст.

Роҷеъ ба ду таҳқиқоти ёдшуда аз он сабаб дар муқаддима бештар таваққуф намудем, ки моҳияти назарҳои ба ҳам муқобили намояндагони ду тамаддунро, ки яке ғолиб ва дигаре мағлуб мебошад, ироа кунем. Аз мӯҳтавои масоили матраҳшуда дар ин ду асари тадқиқотӣ маълум мегардад, ки миллати ғолиб нисбат ба миллати мағлуб ҳама чизро барои худ раво медонад ва пешинаи таърихию фарҳангии онро нодида мегирад, миллати мағлуб бошад, аввал дар доираи маҳдуди иҷтимоиву сиёсӣ ва фарҳангии бавуҷудомада дасту по мезанад ва дар аввалин фурсат бо роҳу воситаҳои гуногун, садои худро дар бораи бартарии фарҳангу тамаддуни худ баланд мекунад.

Дар ин ҷо чунин нуктаро низ бояд зикр кард, ки ду нафар аз андешмандону ҳакимони бузурги исломӣ – Абдулқосим Фирдавсӣ ва Шаҳобуддини Сӯҳравардӣ низ қиёми иҷтимоию фарҳангии мардуми эронинажодро нисбат ба сиёсати миллатгароии арабҳо ифода намуда буданд. Аввалӣ баъди нахустин шоирони машҳури шуубия (Ибни Ясори Нисоӣ, Башшор ибни Бурди Тахористонӣ, Абдулҳамиди Лоҳиҷӣ, Ибни Рағбон, Ҳураймии Суғдӣ ва Мамшоди Исфаҳонӣ) дар асари безаволи худ «Шоҳнома» на фақат таърихи ниёгони пешазисломиро эҳё

намуд, балки дар ҳамосаи хеш ба тозагии забони тоҷикӣ аҳамияти махсус дода, аз истифодаи васеи калимаҳои арабӣ худдорӣ кард. Дуюмӣ дар аҳди ислом ҳикмати хусравонии пешазисомиро таҷдид намуда, онро бо мабонии тоза инкишоф дод ва робитаи ҳикмати ишроқро бо фалсафаи Осиёи Миёнаву эрони бостон барқарор сохт.

Асадии Тӯсӣ «Мунозираи арабу аҷам» ном қасидаи машхури худро навишт ва Ибни Сино дар «Донишнома» хеле аз истилоҳоти арабии фалсафиро бо истилоҳоти форсӣ иваз намуд. Эҳёи анъанаҳои дерини фарҳангии қавмҳои эронинажод, истифодаи сарватҳои бои маънавии гузАшта, таъсири бевоситаи ҷараёнҳои бонуфузи ғоявии зардуштия, монавия, маздакия ва дар заминаи онҳо пайдо шудани ҷараёнҳои динӣ, фалсафӣ, ахлоқӣ, таъсиру нуфузи таълиму тарбияи эронӣ ва маорифи динии аҳди қадим  ба асрҳои миёна давоми мантиқии наҳзати шуубия ба шумор мерафтанд.

Решаи истилоҳи «шуубия» аз забони арабӣ гирифта шудааст. «Шууб» шакли ҷамъи калимаи «шаъб»  мебошад, ки маънои қавмҳо ва халқҳоро медиҳад. Бо зуҳури ислом ва печида шудани муносибатҳои сиёсию иҷтимоӣ дар байни миллатҳои империяи исломӣ калимаи «шаъб» ва «шуубия» маънои истилоҳӣ гирифт. Зеро миллати араб бо инқилоби динӣ ва сиёсии худ бо номи ислом аз ҳамон ибтидо ҳуқуқи қавму миллатҳои дигарро поймол намуд. Миллатҳои дигар дар муқобили он бо шиори «шуубигарӣ» (миллатгароӣ) ба майдони мубориза сиёсӣ ва фарҳангӣ бaромаданд.

Аввалан, ҳаракатҳои зиддиисломӣ ва зиддиарабии миллатҳои дигар зери шиори «шуубия», яъне «миллатгароӣ», «миллатпарастӣ» («натсионализм»)  ва «баробарӣ» дар тӯли асрҳои миёна давом карданд. Миллатпарастони ғайриараб зери фишори сахти динӣ, сиёсӣ, фарҳангӣ ва идеологии арабӣ қарор доштанд. Бо роҳи илму мантиқ чизе ба ҳокимони  араб ва сарсупурдагони хилофат гуфтан   мумкин набуд. Зеро онҳо илму мантиқро қабул надоштанд. Илму мантиқи онҳо дини ислом ба шумор мерафт. Вале дини исломро низ баъди интишораш дар сарзаминҳои Шарқу Ғарб ба маънои хеле маҳдуд мефаҳмиданд.

Доираи фаҳмиши онҳо муқобил ва ҳатто мухолифи манфиатҳои худашон низ буд, зеро онҳо ин манфиатҳоро ба иллати надоштани собиқаи бузурги сиёсӣ, динӣ ва фарҳангӣ хуб тасаввур карда наметавонистанд. Арабҳо то пайдоиши ислом зери нуфузи Рум ва Эрон қарор доштанд. Ироқу Яман пеш аз ислом мустамликаи империяи Сосониён буд. Фаластину Шом ва навоҳии гирду атрофи он мустамликаи императории Рум ба шумор мерафат.

Баъд аз ислом арабҳо аз истеъмори Руму Эрон озод шуда, заминҳои худро соҳиб гардиданд. Ироқу Яману Фаластин ва дигар кишварҳо тобеи ҳокимияти арабҳо шуданд. Арабҳо аз ин ғалаба ва пирӯзӣ сахт мағрур гардида, ба худписандӣ роҳ доданд, эътидолро аз даст доданд, рӯ ба сӯи ифроту тафрит оварданд, исломро ба восита ва абзори сиёсии худ табдил намуданд, аз қавму миллатҳои дигар бо ҳар баҳона қасос мегирифтанд, онҳоро таҳқир мекарданд, мақоми онҳоро ҳатто аз назари аҳком ва таълимоти ислом ба эътибор намегирифтанд. Махсусан нисбат ба мардуми форсу тоҷик бо ин баҳона, ки империяи сосонии Эрон кишварҳои арабии Ироқу Яманро зери нуфузи худ доштааст, дар дил кинаву адоват меварзиданд. Дар сурате ки Сосониён дар замони ҳукмронии хеш нисбат ба арабҳо таваҷҷӯҳи хос надоштанд, зеро аз вуҷуди арабҳо барои Сосониён на фоидае мерасиду на зараре. Ҳамин бетафовутии эрониҳо нисбат ба арабҳо, ки гӯё Сосониён қадри онҳоро нашинохтаанд, низ сабаби кинаву адовати онҳо гардидааст. Ин ҳисси бадбиниро муносибати давлати ғолиб ба мағлуб тақвият мебахшид ва хилофат ҳар гуна зулму тааддиро нисбат ба зердастонаш раво медид.

Сониян, чуноне қайд шуд, истилоҳи «шуубӣ» маънои «миллатгароӣ» ва «натсионалистӣ»-ро дорад. Доир ба пайдоиши ин истилоҳ минбаъд назари муҳаққиқони гузаштаю муосир ба таври муфассал баён хоҳад шуд ва ёдовар мешавем, ки минбаъд ба ҷои калимаи арабии «шуубӣ» ва ё «шуубия» баъзан истилоҳи урупоии «натсионалист» ва «натсионализм»- ро истифода менамоем. Зеро ба назари то ҳам аз ҷиҳати луғавӣ ва ҳам аз ҷиҳати истилоҳӣ мафҳуми «шуубӣ» ва «шуубия»-ро беҳтар ифода мекунад.

Пешниҳоде буд, ки истилоҳҳои «миллатдӯст» ва «миллатпараст» истифода шаванд. Вале ҷунбиши шуубӣ дар асрҳои миёна ҳаракати аз бисёр ҷиҳат тундрав ва ифротӣ буд. Қариб ҳамаи шуубиён ба истисноии хеле кам аз ҷодаи эътидол берун рафта буданд. Зеро асрҳои миёна бо худии худ, вобаста ба тазоди иҷтимоию сиёсӣ ва фарҳангӣ ифротӣ ва аз ҳар ҷиҳат тундравона буданд. Пас, тобиши истилоҳи «натсионалист» ва «натсионализм» барои қариб ҳамаи гурӯҳҳои шуубии асримиёнагӣ то андозае мутобиқат ва мувофиқат мекунад. Аз ин рӯ, мо дар навиштаи худ шуубияро бо «натсионализм» (миллатгароӣ) таъбир хоҳем кард, вале гуфтори муаллифони сарчашмаҳои гузашта ва ҳозираро бо айни ибороти худи онҳо хоҳем овард. Муаллиф ба аксари назароти гурӯҳҳои шуубӣ мувофиқ нест, вале таҳқиқу арзёбии объективонаи назари онҳо ва моҳияти фаъолияти намояндагони шуубия шарт аст.

Солисан, масъалаи мавриди баҳси моро як донишманди муосири форсизабон чунин хулоса мекунад: «Пас аз инқирози силсилаи Сосониён, эрониён ба дини ислом даромаданд ва аз ин дини мубин истиқболе басазо карданд. Онон дилхуш буданд, ки бо қабули дини ислом бо арабҳо баробар мешаванд, зеро бинобар қоидаҳои исломӣ касе бар дигаре фазилат ва бартарӣ надорад магар аз назари парҳезгорӣ ва порсоӣ ки: «Инна акрамакум индаллоҳи атқокум» [Гиромитарини шумо дар назди Худованд парҳезгортарини шумост]. Ислом тамоми имтиёзоти нифоқангез ва табақабандиҳои хонумонсӯзро барандохт ва ҳамаи мусулмононро ба мусовот ва бародарӣ даъват кард. Ва «Иннамо ал-мӯъминуна ихватун» [Ҳамоно мӯъминон (мусулмонон) бародаранд]. Ва “таъолу калимата сивоин байнано ва байнакум ” [Биёед то бар сари суханоне, ки байни мо ва шумо яксон аст, биистем]. [21] Ин оётро Қуръони карим гӯшзади ҷаҳониён кард ва миёни сайиди қурайшӣ ва сиёҳи ҳабашӣ тафовуте қоил нашуд.

Дар асри хулафои рошидин усул ва меъёрҳои исломӣ, ҳамон тавре ки орзуи эрониён буд, ба мавқеи иҷро гузошта шуд. Ва миёни

[21] Қуръон. Сураи 49, оятҳои 10,113, сураи 3 ояти 64.

сарватманду дарвеш ва шоҳу гадо тафовуте вуҷуд надошт ва мусулмонон аз ҳар тоифа ва қавме бо якдигар мусовӣ ва баробар буданд. Аммо бо хилофати Муовия ибни Абусӯфиён дастгоҳи содда ва бидуни пирояи хилофати исломии рошидин рангу бӯи дигар гирифт. Бӯрё ва фарши соддае, ки Умар дар масҷиди Мадина рӯи он менишаст ва ба кори мусулмонон мепардохт, табдил ба фаршҳои гаронбаҳо ва қасрҳои бошукӯҳи салтанатӣ шуд. Нигаҳбонон ва хизматгорони махсус бо либосҳои фохир ва пурнақшу нигор дар дарбори Муовия ба хизмат мепардохтанд …”[22]

Ин ақидаро ҳатто донишмандони муосири араб таъйид ва тасдиқ намудаанд. Қисмати умдаи чунин гуфторҳоро сарчашмаҳои таърихӣ низ тасдиқ мекунанд. Онҳо махсусан ба тафовутҳои байни ҳукмронии хулафои рошидину уммавиён ва аббосиён ангушти ишорат гузоштаанд. Вале он чи ба бародарию баробарии ҳамаи мусулмонони аввалин дахл дорад, аз муболиға холӣ нест.

Барои равшантар шудани мавзӯи мавриди баҳс ба хонандагон овардани як иқтибоси дигарро низ зарур мешуморем. Вақте шуубиён заминаро барои ҷунбиш ва наҳзати худ мусоид диданд, зимни ёдоварии таърихи бостонӣ ва мазоҳири тамаддуну фарҳанги куҳани Эрон далелҳое пеш оварда, худро бартар ва болотар аз арабҳо (“аҳлу-т-тафзил”), яъне қоил ба тафзили Аҷам бар Араб шудаанд ва гуфтаанд: “Арабҳо ҳеҷ мазияту фазилате надоранд ва ҳар қавму миллате аз арабҳо болотаранд”. Шуубия барои фазилати худ ба ин ояти Қуръон истинод намудаанд: “Ё айюҳо –н-носу инно халақнокум мин закарин ва унсо ва ҷаъалнокум шууебан ва қабоилан литаъорафу, инна акрамакум инда-л-лоҳи атқокум” [Эй мардум, ҳамоно мо шуморо аз як марду як зан офаридаем ва шуморо ба ҳайати ақвом ва қабоиле даровардаем то бо якдигар унс ва ошноӣ ёбед, бегумон гиромитарини шумо дар назди Худованд парҳезгортарини шумост][23]. Онҳо “шууб”- ро, ки дар ин оят пеш аз “қабоил” омада, бар мусулмонони

[22] Мумтаҳан, Ҳусайналӣ. Наҳзати шуубия. - С. 146-155.
[23] Қуръон, сураи 49, ояти 13.

ғайриараб мансуб ва қабоилро махсуси арабҳо дониста, худро бартар шумоҳидаанд. Шуубиён дар давраи ҳукмронии ҳукумати золимонаи Бани Умайя, ки анвои корҳои хилофи ислом ва фисқу фуҷур, озодикушӣ ва таассуби нажодӣ ба шиддат ҳукмфармо буд – гирифтори хориҳо, пастиҳо ва анвои зиллатҳо ва шиканҷаҳо буданд ва ҳатто дар лашкаркашиҳо сарбозони ғайриараб (мавол ӣ)-ро аз саворӣ ва гирифтани ғаниматҳои ҷангӣ маҳрум карда буданд.

Шуубиён дар асри аббосӣ бо кӯмаки мардони маъруф ва вазирони эронӣ, чун Оли Бармак ва фарзандони Саҳли Хуросонӣ ба фаъолият пардохтанд  ва ба ҷунбишҳои сиёсӣ ва адабӣ ширкат варзиданд. Башшор ибни Бурди Тахористонӣ пешвои наҳзати адабии шуубия дар қарни дуюми ҳиҷрӣ, қасоиду ашъори бисёре дар мадҳи эрониён ва бартарии Аҷам бар Араб суруд. Пас аз ӯ шоирони дигар дар таҳқири арабҳо ва ифтихор ба насабу иззати эрониён кӯшидаанд ва ашъори бисёре дар ин замина сурудаанд.[24] Дар пайравӣ ба як муҳаққиқи муосир ман ҳам ин нуктаро таъкид карданӣ ҳастам, ки ин ҳама хурдагириҳо дар нисбати таассуб ва зулму бедодгариҳо ба арабҳои умавӣ ва аббосӣ дахл доранд, ки дар доираи Мадина, Димишқ, Куфа ва Бағдод ҳукумфармоӣ доштанд. Имрӯз ҷаҳони араб хеле паҳновар шудааст ва дорои пешрафтҳои иқтисодию иҷтимоӣ  ва фарҳангии чашмгире мебошад. Аз ин рӯ, ба ҳеҷ ваҷҳ сухани мо ба арабҳои муосир равона нашудааст, он ба даврае дахл дорад, ки наҳзати шуубия ташаккулу инкишоф ва бо мурури замон завол ёфта буд.

Миллатгароӣ ё  худ натсионализм аз дидгоҳи фалсафӣ ҷузъ аст. Интернатсионализм кулл мебошад. Ҷузъ ҳамеша тобеи кулл аст. Пас, дар боби натсионализм бояд ин нуктаро дар назар дошт, ки натсионализм наҳр ё  худ руд аст, интернатсионализм баҳр ё худ уқёнус аст. Ҳар дарёе бояд бо покии худ сазовори оғӯши паҳновари уқёнус гардад.  Шояд зикри нуктае аз гуфтори ходими сиёсӣ ва давлатии Ҳиндустон дар асри XX Индира Гандӣ ба ин масъалаи печида равшанӣ

[24] Мумтаҳан, Ҳусайналӣ. Наҳзати шуубия.– С. 6-7.

андозад. Ӯ мегӯяд: “Назаре ба таърихи умумиҷаҳони”- и Ҷавоҳирлол Неҳру ба мо нишон медиҳад, ки чуноне ки истиқлоли мутақобили ҳақиқӣ бидуни истиқлолият вуҷуд дошта наметавонад, интернатсионализми ҳақиқӣ метавонад танҳо дар асоси натсионализми озод аз шовинизм бунёд гардад».[25]

Қатъи назар аз ҳамаи қайду шартҳои муқаддамотӣ, ҳеҷ ҷои шакку шубҳае нест, ки ҷунбиши натсионалистии (миллатгароии) шуубия ба таври огоҳона ва ё нохудогоҳона ба муқобили сиёсати пешгирифтаи ҳокимони давр ва беш аз ҳама, худкомагии миллати араб равона шуда буд. Зеро аксари миллатҳои, аз тарафи арабҳо забт шуда, пеш аз қудрати динӣ ва сиёсии арабҳо, дорои дин, китоби муқаддас, пайғамбар, шариат ва ҳуввияту худшиносии миллӣ буданд. Арабҳо дар сиёсати иҷтимоию сиёсии худ аз миллатҳои дигар пеш аз ҳама тобеиятро талаб мекарданд, баъд эътиқодмандиро. Маҳз ҳамин талаби ғайридинӣ ва ғайримантиқӣ ғазаби миллатҳои дигарро ба муқобили онҳо равона кард.

Мавзӯи асосии баҳси ин рисола таърихи ҳаракати миллатгароӣ ва худшиносии халқи тоҷик мебошад. Истилоҳи “халқи тоҷик” дар фарҳанги ҷаҳонӣ истилоҳи нисбатан нав аст, ки тақрибан аз асри 6 мелодӣ дар шакли навишта дучор меояд. Лекин аз боби таърихи умумӣ тоҷикон яке аз шохаҳои тавонои фарҳанги бузурги ориёӣ мебошанд. Сулолаҳои пешдодӣ, каёнӣ, ҳахоманишӣ ва сосонӣ пешгузаштагони бузурги халқи тоҷик буданд. Сомониён низ давоми мантиқӣ ва таърихии сулолаҳои пешинаи ориёӣ мебошанд. Дар ин навишта зери истилоҳи тоҷик ва тоҷикон мо халқу миллатҳои пешинаи сарзамини «Айрана ваеҷа» ва табори баъдии онҳоро дар назар дорем, ки Иброҳими Пури Довуд ба он бар мабнои «Вандидод» 16 кишвар (Суғд, Марв, Балх, Нисо, Ҳирот, Кобул, Ҳарируд, Ҳилманд (Сиистон), Гургон, Рай, Чахра, Гелон, Ҳафтҳинд ва Рангха)-ро мансуб медонад.[26]

---

[25] Джавоҳирлал Неру. Взгляд на всемирную историю. Т. 1.М.: 1981. – С. 23.
[26] Пури Довуд, Иброҳим. Анаҳито. Мақолоти эроншиносӣ. Теҳрон, 1380.-С.136.

Ҳаракати миллатгароии шуубия қариб ҳамаи қавму миллатҳои империяи исломиро фаро гирифта буд. Намояндагоне аз дину миллатҳои арабӣ, масеҳӣ, буддоӣ, зардуштӣ, ошурӣ, бобулӣ, собеӣ, қибтӣ, румӣ, юнонӣ, суриёнӣ, мисрӣ, курдӣ, туркӣ, арабӣ ва ғайра дар ин ҳаракат фаъолият доштанд. Вале мо баҳси худро дар доираи шуубиёни эронитабору эронимазҳабу форсизабон маҳдуд хоҳем кард, зеро дар фарҳанги бузурги мо ягонагии этникӣ ва мазҳабу забони муштарак мабнои асосӣ мебошад. Ба ҳамон андозае, ки ҳар як афғону хуросониву эронӣ тоҷик аст, ҳар як тоҷик ҳам ба ҳамон андоза афғону хуросониву эронӣ мебошад.

Миллатпарастии солим ва мусбӣ як навъ худшиносӣ аст. Ин навъи худшиносӣ хоси ҳамаи қавму миллатҳо ва хоси ҳамаи давру замонҳо мебошад. Вале мушкилии ин амр гоҳо дар он зоҳир мешавад, ки инсонҳо дар ҳар давру замоне ба сабаби зеҳни нопухтаи таърихӣ ва иҷтимоии худ миллатпарастиро танҳо дар шакли ифротӣ ва манфиаш мавриди таҳқиқ ва татбиқ қарор додаанд. Мисолаш миллатпарастиҳое аз қабили натсизм, фашизм ва дигар «изм»-ҳои ифротии асри XX мебошад. Раванди худшиносӣ аз фард оғоз мегардад ва афроди худшиноси миллатҳои ҷаҳон, аз аҳди қадим сар карда, моро аз ҳақиқат ва озодӣ пайғом додаанд. Ба зулмати шабҳои мо субҳ бахшидаанд, вале мутаассифона мо қадри онҳоро нашинохтаем. Аксари онҳо аз чанголи давру замонҳои номусоид дар фақру бечорагӣ гумном зистанд. Чандеро ба зиндон ва ба пояи дор кашидаанд, Суқрот, Арасту, Сӯҳравардӣ, Ҳаллоҷ, Айнулқузоти Ҳамадонӣ, Насимӣ ва садҳо нафари дигар ҷони худро барои ҳақиқат аз даст додаанд.

Инҳо ба мо худшиносии мусбиро меомӯхтанд, вале на ҳама вақт афрод аз он бардошти мусбӣ доштаанд. Аслан миллатгароии мусбӣ ҳам як навъ худшиносӣ ва худогоҳии таърихӣ мебошад, агар он дар хизмати адолат, баробарӣ, бародарӣ ва сулҳу сафои инсонҳо равона шуда бошад. Вале афсӯс, ки тангназарӣ ва кинаву адовати одамӣ ба андозаест, ки мусбитарин ва хайрхоҳонатарин иқдомҳои миллатпарастонро ба қатлу ғорати ҷаҳаннамӣ мекашонад. Ба ҳар ҳол, то ин рӯз чунин буд. Вале таърих пайваста роҳи худро идома медиҳад. Ҳазорҳо хомиҳои фарзанди

одамиро пухта ва суфта мегардонад. Шояд вақти он расида бошад, ки миллатҳои ҷаҳон аз бадбахтиҳои миллатгароии ифротии гузаштаи худ, дарси ибрат бигиранд. Ва миллатгароии мусбиро майдони озмоиши ҳунари воло, хизмат ба таърих, хизмат ба Ватан, хизмат ба инсоният ва хизмат ба афроди халлоқе намоянд, ки дар роҳи ободӣ ва озодии ҷаҳону ҷаҳониён азми сафар доранд. Ба ҳамин умед мо қиссаҳои талхи таърихи миллатгароёнаи манфии гузаштаро барои хонандагон ёдовар мешавем, то ин ки дарси ибрате барои насли ҷавони мо гардад.

Ҷунбиши миллатгароии шуубия дар охирҳои хилофати умавӣ оғоз гардида, дар тӯли хилофати аббосӣ ба авҷи худ расид. Дар ҳудуди асри X мелодӣ ба ҳадафҳои сиёсии худ то андозае ноил гардид. Ба ин маъно, ки дар ин аср дар баъзе гӯшаю канори империяи исломӣ баъзе қавму миллатҳо ба туфайли наҳзати мазкур дорои давлатҳои нисбатан мустақил ва миллии худ гардиданд. Барои намуна ва мисол метавон сулолаҳои Саффориён, Тоҳириён, Сомониён, Ғазнавиён, Салҷуқиён ва ғайраро ном бурд. Аз ин баъд ҳукумати исломӣ ба дасти туркҳо гузашта, то соли 1924 давом кард. Мустафо Камол Отатурк соли 1924 хилофати исломии усмониро бо дасти давлатҳои урупоӣ аз байн бурд. Кишварҳои исломӣ зоҳиран дорои истиқлоли сиёсӣ гардиданд. Ҷунбиши шуубия баъди фурупошии нисбии хилофати аббосиён дар асрҳои миёна ба худ рангу ҷилои дигар гирифта, дар либоси ҷараёнҳои динӣ, сиёсӣ, адабӣ, фалсафӣ, ирфонӣ ва ғайра зуҳур мекард.

Дар охирҳои асри XIX шуубияи исломӣ бо ҷараёнҳои миллигароии урупоӣ омехта, ба чандин шохаҳои гуногуни мӯътадилу ифротӣ тақсим гардид. Таърихнигорони ватанӣ ва хориҷӣ шуубияи муосирро дар кишварҳои шарқӣ бо номҳои пантуркизм, панэронизм, панкурдизм ва ғайра зикр мекунанд. Таҳлилу тафсири ин ҷараёнҳо мавзӯи баҳси алоҳида аст.

# БОБИ ЯКУМ
## ЗАМИНАҲОИ ХУДШИНОСИИ МИЛЛИИ ФОРСУ-ТОҶИК ТО ЗУҲУРИ ИСЛОМ

«Шуубия» ба сифати як истилоҳи таърихӣ-фарҳангӣ дар аввали аҳди ислом ба вуҷуд омад. Барои равшан шудани решаҳои таърихӣ, ғоявӣ, миллӣ ва фарҳангии шуубия зарур аст, ки решаҳои ин ҳаракатро дар марҳалаҳои таърихии пеш аз исломӣ ҷустуҷӯ ва баррасӣ намоем. Сарфи назар кардани ин заминаи таърихӣ, мавзӯи асосии мавриди баҳси моро печида ва мураккаб хоҳад кард.

Баҳси ин боб шомили методологияи таърихӣ-муқоисавӣ буда, вазифае, ки дар назди хеш гузоштем, пайгирии худшиносии миллӣ аз қадимтарин замон то охири давраи Сомониён дар асоси навтарин таҳқиқоти донишмандони муосири шарқу ғарб мебошад. Зимни баёни ҳамин матлаб маълумоти таърихӣ дар муқоиса бо фарҳанги дигари ҷаҳон мавриди муқоиса қарор хоҳад гирифт, зеро миллат ва ғояи миллӣ яке аз рукнҳои асосии ҷаҳонбинии таърихии ин ё он қавмро ташкил медиҳад.

Дар воқеъ, баъзе идеологияҳои сиёсии асри XX ба мисли фашизму натсизм ғояи миллиро ба ҳадди ифрот мерасониданд, баъзеи дигарашон монанди идеологияи коммунистӣ дар кишварҳои сотсиалистӣ ба миллат ва ғояи миллӣ ба чашми камбинӣ менигаристанд. Мо кӯшиш дорем, ки ба ифроткориҳои идеологӣ фирефта нашуда, масъалаи ҳассоси иҷтимоию фарҳангиро бо диди воқеъбинона ва аз назари таърихӣ мавриди таҳлил ва таҳқиқ қарор диҳем.

Фарҳанги халқи тоҷик аз қадим то имрӯз ду рукни асосӣ доштааст: яке ғояи худшиносии миллӣ, ки асосгузораш Ҷамшед писари Вивангаҳон буд ва дигаре ғояи худшиносии динӣ, ки асосгузораш Зардушт писари Спитамон аст.

Ин ду ғоя дар тӯли таърих бо ҳам дар рақобати гоҳ пинҳону гоҳ ошкор будаанд ва ҳоло ҳам дар ин рақобат қарор доранд. Барои нишон

додани ҳамин масъала ба таври хеле мухтасар фаъолияти миллӣ ва динии Ҷамшед ва Зардуштро мавриди баррасӣ қарор хоҳем дод.

## §1. Пешинаи тафаккури фалсафӣ, равшанфикрӣ ва худшиносӣ дар Осиёи Миёна ва Эрони бостон

Чаро баъди ислом байрақи равшанфикрӣ ва озодандешӣ маҳз дар дасти мардуми форс-тоҷик буд? Барои шинохти воқеӣ ва илмии ин масъала бояд ба заминаҳои пешинаи ин андеша мурочиат кунем.

Аз куҳантарин замонҳои таърихӣ, дар Эрон фалсафа ба маънии диде дар бораи ҷаҳони ҳастӣ ва оғозу анҷоми мавҷудот вуҷуд доштааст.[27] Маълум аст, ки дар аҳди бостон назарияҳои фалсафӣ аз тафккуроти динӣ ҷудо набуд. Аз назаргоҳи таълимоти зардуштӣ, ҷаҳони маҳсус (воқеӣ) тахти султаи ҷаҳони нуронӣ ва малакутӣ қарор гирифта ва барои ҳар навъе аз вуҷуд дар ин олам ҳомӣ ва нигаҳбон ё худ раббуннавъе дар олами фаришта (олами мисол ё фраваҳар) мавҷуд аст. Асоси тафаккури зардуштиро набарди байни ду неруи некӣ ва бадӣ ва пирӯзии ниҳоии қувваи некӣ - Аҳуромаздо бар неруи аҳриманӣ ташкил медиҳад. Ин набард то ба итмом расидани як сикли кайҳонӣ, ки баробар ба 12 ҳазор сол аст, идома пайдо хоҳад кард. Дар ин давра он чи дорои аҳамият аст, ҳамон таҳлили воқеъияти ин олам ба ду асли нуру зулмат ва идораи умури ин ҷаҳони гетӣ ба василаи фариштагони олами миноӣ мебошад. Ин ду асл аст, ки ҳакимони ишроқии давраи исломӣ онро асоси назариёти ҳукамои паҳлавӣ ё хусравонӣ шумурда, нуру зулматро ба вуҷуду моҳият таъбир кардаанд ва олами фариштагонро ҳамон силсилаи тӯлию арзии анвори муҷаррад донистанд. Гарчи аз лиҳози таърихӣ исботи ҳувияти дақиқи ҳакимони бостонии Эрон, ки номи баъзе аз онҳо монанди Каюмарс, Фаридун, Кайхусрав ва Ҷомосп[28] дар афсонаҳои миллӣ боқӣ мондааст, мақдури исбот намебошад, лекин шакке нест, ки дар Осиёи миёна ва Эрони бостон мактаби бисёр қадимӣ

[27] Разӣ, Ҳошим. Зардушт паёмбари Эрони бостон. Теҳрон, 2009.-С.21-23.
[28] Разӣ, Ҳошим. Ойини муғон. Теҳрон, 2004.-С.335-365.

дар ҳикмат вуҷуд дошта ва ҳатто дар баъзе мавридҳо дар афкори халқу миллатҳои ҳамҷавор (монанди анҷумани махфии Орфей дар Юнон, ки сарчашмаи пайдоиши тафаккури фалсафӣ ва ирфонии пифагориён аст), асаре аз худ ба ҷо гузоштааст. Ақидаи Форобӣ мубтанӣ бар ин ки фалсафа дар ибтидо аз Эрону Бобул ба Юнон рафт ва ба назари Сӯҳравардӣ, роҷеъ ба он ки фалсафа дар асл мактабе воҳиде буда, баъдан ба ду шӯъба тақсим ёфт, яке дар Юнон қарор гирифт ва дигаре дар Эрон нашъунамо кард, чандон аз ҳақиқат дур нест.[29]

Албатта, агар мақсуд аз фалсафа як дастгоҳи сирфан истидлолӣ ва комилан ҷудо аз дину ирфон бошад, бояд Юнонро ихтироъкунандаи он донист. Лекин фалсафа ё ҳикмат бо маънии куллӣ иборат аз маърифати ҳақоиқи ашёст ва назари муайян дар бораи мабдаъ ва маъод ва аслу сарнавишти мавҷудотро дар бар мегирад. Ба ин маънӣ, он дар Эрони бостон вуҷуд дошта, дар заминаи маърифати олами малакут ва эътиқод ба ин ки ин олами маҳсус (воқеӣ)-ро мавҷудоти муҷаррраду нуронӣ аз ҷаҳони боло идора мекунад, назарияи бисёр муҳиме матраҳ шудааст, ки нуфузи он ҳамвора дар мазоҳиб ва фирқаҳои динӣ ва фалсафии баъдӣ баръало ҳувайдост.

Дар наҳзатҳои баъдии динӣ дар Осиёи миёнаву Эрони бостон, ки муҳимтарини онҳо меҳрпарастӣ ва монавият мебошад, як ҷаҳонбинии куллӣ нуҳуфта аст, ки аз лиҳози фалсафӣ дорои аҳамияти фаровон мебошад. Дар меҳрпарастӣ омезише аз афкори оини маздопарастӣ ва ситорапарастии бобулӣ ва фалсафию оини юнонӣ мушоҳида мешавад, ки заминаро барои нуфузи афкори шарқӣ дар Мағрибзамин ва баракс, нуфузи бархе ақоиди юнонӣ дар Машриқзаминро омода сохт ва низ мардумшиносӣ ва ҷаҳоншиносии диниеро ба вуҷуд овард, ки дар афкори бисёре аз мактабҳои динӣ ва фалсафии баъдӣ дар Шарқу Ғарб таъсири босазо дошт. Ин таъсирро махсусан дар оини меҳрпарастӣ дидан мумкин аст, ки бо суръати фаровоне дар сарзамини императории Рум густариш

[29] Ҳамон ҷо. саҳ.14-27.

ёфт ва ба василаи сарбозони Румӣ бо дуртарин билоди Мағрибзамин сафар кард.

Монавият низ як ҷаҳоншиносии ирфониро дар бар дошт ва оламро ба сурати зиндоне медид, ки зарраҳои нур, ки аз олами боло сарчашма гирифта аст, дар он маҳбус шуда ва инсон фақат ба василаи тарбия ва такомули рӯҳ, аз ин олам наҷот меёбад[30]. Назари монавиён дар бораи ин ҷаҳон, ки онро аҳриманӣ медонистанд, боби навине дар мактабҳои динӣ ва фалсафии баъдӣ кушод ва чӣ басо наҳзатҳое, ки аз ғарби Чин то ҷануби Франсия густариш ёфтанд ва маъмулан мухолиф бо адёни расмӣ, монанди масеҳият ва кеши будоӣ буданд ва афкори онон аз таълимоти монавӣ сарчашма гирифта буд. Монавия дар айни ҳол ки баъзе афкори ирфониро дар ҷаҳонбинии худ ғунҷонида буд, дар саҳнаи таърих бештар ба сурати муқобилу мухолифи фалсафаҳои динӣ ҷилвагар шуд ва бо вуҷуди баъзе мутаффакирон (аз қабили Августини қадис дар Мағрибзамин ва бархе аз мутаффакирони исмоилия дар ҷаҳони исломӣ)-ро таҳти нуфуз қарор доданаш, бо мухолифати онон низ рӯ ба рӯ шуд ва дар асрҳои миёна фалсафаи монавӣ ба сурати фалсафаи аҳриманӣ ҷилва ёфт.

Дар домони мазҳаби зардуштӣ низ, наҳзати навине ба вуҷуд омад, ки ба номи наҳзати Зарвонӣ шӯҳрат ёфт. Аз як сӯ, афкори юнонӣ монанди табиати чаҳоргонаи Эмпедокл ва бархе аз усули мактаби Ҳермесӣ (Гермесӣ) дар ин аср дар Эрон ривоҷ ёфт ва аз сӯи дигар, ақоиди ҳиндию будоӣ низ дар асари тамоси наздик бо Ҳиндустон, вориди ҷаҳони фикрии Эрон шуд. Чунон ки аз тарҷумаи матнҳои санскрит ба паҳлавӣ бармеояд, пайдоиши фирқаҳои масеҳӣ монанди настуриён ва табаъиён, ки аз калисои марказӣ ҷудо шуда ва баъзе аз онҳо ба императории Эрон паноҳ оварда буданд, боиси истиқрори мадориси расмӣ дар хоки Эрон шуд, ки дар он фалсафа ва улуми юнонӣ ба забони сириёнӣ тадрис ва тарвиҷ мешуд.

---

30 История таджикской философии с древнейших времен до XV в. Том 1. Душанбе, 2010.-С.234.

Дар Донишгоҳи Гундишопур низ, ки Шопури аввал (ҳукмр. 241-271 мелодӣ) ба манзури рақобат бо императори Рум ва Донишгоҳи Антиохия таъсис карда буд, батадриҷ донишмандони настурӣ тамаркуз ёфтанд. Дар ин марказ, ки ҷанбаи байналмилалӣ дошт, фалсафа ва улуми тамаддунҳои (минтақаи) баҳри Миёназамин бо маъорифи эронӣ ва ҳиндӣ бо ҳам омехта ва бо ин сурат ҷиҳати пайдоиши мактабҳои давраи исломӣ, бавижа дар тиббу улуми табиӣ, замина ба вуҷуд омад. Дар воқеъ наҳзати илмии аҳди Анушервон, ки машҳуртарин воқеаҳои он фиристодани Бурзавайҳ ба Ҳиндустон ба қасди омӯхтани улуми ҳиндӣ ва паноҳ овардани ҳакимони мактаби Афина ба диёри Эрон аст, дунболаи ҷараёноте буд, ки аз оғози давраи Сосонӣ ба вуҷуд омада ва оқибат ба густариши тадриҷии маъорифи юнонӣ ва ҳиндӣ дар Эрон ва омехтани он бо афкори эрониён шуд.[31]

Дар ҳавзаи фикрии ойини зарвонӣ низ чанд китоби фалсафӣ ва илмие, ки дорои аҳамият аст, дар ин давра таълиф ёфт, монанди Шиканд гумоник вичор, Динкарт, Додистони диник, Зотспарам, Бомакиҳои Манучеҳрик, ки дар бораи шӯъбаҳои гуногуни дину фалсафа, бахшҳои зиёдеро дарбар дорад.[32] Дар ин аср китоби «Бундаҳишн» («Офариниши оғозин»), ки мӯътабартарин китоби паҳлавӣ ва яке аз маъхазҳои муҳими афкори ҷаҳоншиносии ин давра ба шумор меравад, нигошта шуд. Ин китобҳо ҳамагӣ нишондиҳандае аз таҳаввулотест, ки дар афкори давраи мутааххири зардуштӣ ба вуҷуд омада буд. Дар ин аср санавияти (дуализми) бостонӣ ба як навъи тавҳид табдил ёфт ва Зарвон ё Даҳр сароғоз ва мабдаи ҳастӣ шинохта шуд. Бо вуҷуди ин, ҷаҳоншиносии ин давра каму беш идомаи тафаккуроти пешиниён аст. Замин монанди давраи қаблӣ ба ҳафт кишвар тақсим шуда, ки дарёи азиме бар он муҳит аст ва низ бар мавҷудоти ҳар кишвар мудаббире (ҳомию нигаҳбоне) малакутӣ, ки ҳамон ҳақиқати раббуннавъ аст, ҳукумат мекунад, рӯҳи

[31] Рафеъ, Абдурафеъи Ҳақиқат. Таърихи улум ва фалсафаи эронӣ: Аз Ҷомосби ҳаким то ҳаким Сабзворӣ. Теҳрон. Интишороти Кумиш. Чопи аввал 1372 хуршедӣ=1993 мелодӣ. Саҳ.69. (минбаъд. Рафеъ).
[32] Разӣ, Ҳошим. Ойини муғон. Теҳрон, 2004.-С. 203-204.

инсон, ҷовидон ва аз олами минучеҳрӣ ё малакутӣ сарчашма гирифта ва билохира бо фраваҳарҳои осмонии худ муттаҳид мешавад. Бо ин ҳол асари бархе афкори фалсафии юнонӣ ва ҳиндӣ дар ин матнҳои паҳлавӣ намоён аст ва гувоҳ аз нуфузи маъорифи ҳиндӣ ва юнонӣ аст, ки дар ин давра дар Эрон густариш ёфта буд.[33]

Дар китоби «Таърихи фалсафа дар ҷаҳони исломӣ» таълифи Ҳанно ал-Фохурӣ, Халил ал-Ҷур дар бораи тафаккури фалсафаи эрониён дар давраи бостон чунин омада аст: аз миёни миллатҳои қадим, эрониён пеш аз миллатҳои дигар дар тамаддуни ғарбӣ таъсир доштаанд. Эрониён доманаи ҳокимияти худро то Миср низ густариш доданд. Империяи Мақдунӣ, ки дар муқобили Эрон ҳамла кард, пас аз ғалаба, Искандар натавонист тамаддун ва фарҳанги юнониро чунон ки мехост, бар эрониён таҳмил кунад.

Адёни қадим, ки ҳар якеро сарчашмаи пайдоиши дигаре буд, дар ойини маздоӣ, ки дар сартосари Эрон интишор ёфт, таҷассум ёфтааст.[34] Маздо ба маънии доност. Маздо худои ҳаким ва оқил аз дигар худоён мумтоз шуд ва бар онҳо ғалаба кард. Ҳамчунин он ба номи Аҳуро қудрат ёфт. Аҳуро мазҳари неру буд ва ин неру ба доноӣ дар пайваст ва ҳарду якҷоя худои тавоноеро мавсум ба Аҳуромаздо ё Ҳурмузд ташкил доданд.

Форсиён дар сарзамини Эрон Ҳурмуздро ба унвони худои бузурги худ баргузиданд, вале дар муқобили ӯ худои дигаре низ сохтанд, ки мазҳари шар дар олам буд. Зеро Ҳурмузд худои оқилу ҳаким танҳо сарчашмаи хайр буд ва бадин тариқ аз рӯзгори куҳан ғояи «санавият» (дугонапарастӣ-дуализм) падид омад.

Дар нимаи дуюми қарни ҳафтуми қабл аз мелод «ойини зардуштӣ» зоҳир шуд ва мардумро ба некӣ ва салоҳ хонд.[35] Зардушт агар чи фикри муборизаи хайру шарро пазируфт, вале дар он таъдиле (ислоҳе) падид оварда, бар зидди қурбонӣ кардан ва хун рехтан бархост ва мардумро ба

---

[33] Разӣ, Ҳошим. Ойини муғон. Теҳрон, 1382- 2003.-С.141.
[34] Ал-Фохурӣ, Ҳанно, Ал-Ҷур, Халил «Таърих-ул-фалсафа ал-арабия. Бейрут. 1958, ҷ.1.-С.71.
[35] Струве В.В. Родина зороастризма//Советское востоковедение. 1948. V.

покии гуфтору пиндор ва кирдор фаро хонд. Кеши Зардушт мусалламан ҷанбаи тавҳид дошт[36]. Бо парастиши Аҳуромаздо даъват мекард ва дар айни ҳол, ба мубориза бо мабдаи шар ва аз миён бурдани он, мусоидат ва ёрӣ ба мабдаи хайр менамуд. Зардушт мегуфт, барои тавфиқ дар ин кор бояд ба аъмоле пардохт, ки натиҷаи он ростгорӣ, пирӯзӣ ва сафои ботин бошад, то сабаби расидан ба сарманзили саодат гардад.

Ойини зарвонӣ аз ойинҳои бас куҳан аст. Зарворниён мегӯянд: «замони мутлақ» ё ғайри маҳдуд ду фарзанд ба дунё овард: Яке «Ҳурмузд» дигаре «Аҳриман». Ба ибороти дигар мабдаи хайр ва мабдаи шар. Ҳурмузд ва Аҳриман як ваҳдати мусовӣ (баробар) дар қудрат ҳастанд ва ҳамвора дар ҷидолу низоъ. Ва ду қувваи мутаодиланд, ки яке бидуни дигаре бар пой набошад ва ин худ намунаи кӯшише аст, ки зарвониён баробари ваҳдат бахшидани он ду мабдаъ дар як мабдаи воҳид ба кор бурданд. Ин ваҳдат бахшидан амри нисбӣ аст. Яъне дар айни ҷавҳарият, ба сурати муздавиҷ (дугона) нест. Дар ақоиди зарвонӣ, ки аз ақидаи килдониён дар мавриди осмон ва замон моя гирифта, асоси назарияи замон «Хрунус»-ро ки баъдҳо дар андешаи юнониён мақоми арҷманде ёфт мебинем, порае аз мутафаккирони Юнон аз зарвониён иқтибос карданд. Ҳамчунин ки порае аз фирқаҳои исломӣ низ ақидаи аволими мутаоқиба – яъне ақида ба риҷъат (бозгашт)-ро аз онҳо фаро гирифтанд.[37]

Аз ақоиде ки дар Эрон ривоҷ ёфт, эътиқод ба вуҷуди наҷотдиҳанда ё Сраоша (маҳдӣ) аст. Ба ин маънӣ, ки Сраоша рӯзгоре боз хоҳад гашт, то бадиро аз рӯи замин барандозад ва адлро ҷонишини ситам созад ва башарро наҷот бахшад. Андешаи маҳдавият дар аксари динҳои қадим вуҷуд дошт, ба маври мисол яҳудиён мӯътақид ба бозгашти наҷотдиҳанда буданд. Ба ақидаи эрониён «Митра» низомдиҳандаи коинот ва наҷотдиҳандаи он, ки таҳти фармони «Замон» аст, чизе ҷуз худои «Авестои»-и Эрони бостон нест, ки ранги зарвонӣ ба худ

---

[36] Муминджанов Х.Х. Философские проблемы зороастризма. Душанбе, 2000.-С.65.
[37] Разӣ, Ҳошим. Ҳикмати хусравонӣ. Теҳрон, 1379.-С.291.

гирифтааст. Митра рӯзе хоҳад омад ва оташе ки ҳамаи ҷаҳонро фурӯ мебарад, фурӯғу фарраш ба рӯи ҳафт кишвар мунташир мешавад.[38] Ба монанди худои ҳиндӣ «Шиво», ки низ чунин хоҳад кард. Митра низ ҷаҳонро аз олудагиҳою касофат пок кунад ва торикии Аҳриманро аз миён барандозад.

Ин баҳси мухтасарро бидуни он ки сухане аз монавия, ки яке аз муҳимтарин мазоҳири андешаҳои Эрон аст, бигӯем, наметавон ба поён бурд. Ҳарчанд монавия баъдҳо зуҳур карда, бисёре аз афкори яҳудият ва насроният ва низ ойини гносиро пазируфтааст. Бо он ки монавия худро аз кеши митроӣ дур медорад, вале аз он матолиби зиёде ба худ касб кардааст. Монавия дар нашри афкори Эрон дар Ғарб ва Шарқи дур саҳми босазо доштааст.

Монӣ дар соли 215 мелодӣ дар Бобул таваллуд шуд. Монӣ эронинажод буд. Умри худро дар тарвиҷи дини ҷадиде, ки оварда буд, сипарӣ сохт. Бо Маҷусон ба мубориза бархост, то он гоҳ ки мағлуби онон шуд. Ва ӯро бар дор карданд, вале натавонистанд аз ривоҷи андешаҳои ӯ ҷилавгирӣ кунанд. Падари Монӣ аз «муғтасила» буд. Муғтасила аз фирқаҳои гумроҳи масеҳӣ буданд, ки ба таҳорати ҷисм ва пӯшидани ҷомаи сафед, ки рамзи таҳорат аст, даъват мекарданд. Монӣ бар ин даъво буд, ки Масеҳи сонӣ – яъне ҳамон Форақлит аст, ки Масеҳ ба зухури ӯ ваъда дода аст. Ва ӯ «диёнати наҷотбахш»-ро ба ҷаҳон оварда аст. Монӣ санавияти Эрон – яъне ақидаи ба ду мубдаи хайру шар ё нуру зулматро асоси диёнати худ қарор дод. Ва ононро басе густариш дод, то ҷое ки аносири табииро ҳам ба ин сифот тавсиф кард. Монӣ аносири хайрро аз Худо ва аносири шарро қувваи азалие, ки бо Худо мубориза мекунад, пайдошуда донист. Монӣ башорат медод, ки раҳоӣ аз шар ба василаи татҳир (худро пок кардан) имконпазир аст ва ин татҳир аз тариқи маърифат муяссар аст. Ба ин тариқ, маърифат ба сурати василаи саодат ва раҳоӣ худнамоӣ мекунад. Ва Будою Суқрот низ чунин ақидае доштанд. Баъдҳо сӯфиён ва орифон, ҳамчунин Форобӣ ва дигар

[38] Ризоӣ, Абдулазим. Аслу насаб. Теҳрон, 1372.-С.77.

файласуфони давраи ислом низ ба чунин назарияе расиданд. Монӣ дар мавриди ҳамоҳанг сохтани адён ва ақоиди мухталиф дар заминаи динӣ, кӯшиш кард. Баъдҳо Ихвон-ус-сафо[39] ва Форобӣ низ дар масоили динӣ ин кӯшишро анҷом доданд. Монӣ миёни ишроқи афлотуниёни ҷадид, оташи оқилаи равоқиён ва назарияи чиниён дар мавриди осмон ва анворе, ки рӯҳи мо аз онҳо фурӯғ мегирад, ягонагӣ бахшид. Набояд фаромӯш кунем, ки Масеҳ дар Инҷил нури олам аст. Ҳамчунин бояд истилоҳи нуронии (логоси эпифенекии) Арастуро дар назар дошт. Хулласи калом, дине, ки Монӣ овард, кӯшише буд, ки миёни миллатҳои гуногун ваҳдати мафкуравӣ эҷод кунад[40].

Аммо саҳми Зардушт чи буд? Зардушт мӯътақид аст ва бар пайравони худ чунин тавсия мекунад: замин бояд василае бошад, ки монеи нуфузи шайтонҳо ба осмон гардад, ҳар як аз афроди мардум бояд дар муборизае саҳим гарданд, ки натиҷаи он пирузии некӣ дар ҷаҳон аст; вуҷуди ҳар инсоне пурмаънӣ ва бениҳоят арҷманд аст. Бинобар ин ахлоқе падидор мегардад, ки сарчашмаи мазҳабӣ дорад ва таколифи (масъулиятҳои) инсонро арзиши бисёр мебахшад; ҳар кас ки дар тариқи Аҳуромаздо қадам бардорад, некӯкор аст ва ҳар касе монеаҳое эҷод кунад ва ё комёбии роҳи ҳақро ба таъхир андозад, бадкор аст.[41]

Аввалин вазифаи одамӣ парҳезкорист ва он иборат аст аз пазируфтани ойини дуруст ва итоъат аз дастуроти Зардушт, тарғиби мардум ба имон ба Аҳуромаздост. Вазифаи баъдии ӯ ихлос ва пайравӣ аз ростӣ ва дурустӣ аст. Ҷорҷ Лингер менависад»: Малакути Аҳуромаздо, малакути нур аст. Қаламрави Ангра-Майню торикӣ аст, ҳар коре ки дар торикӣ ба осонӣ густариш ёбад, аз малакути Аҳуромаздо хориҷ аст, ҳеҷ қавме монанди порсиён аз дурӯғ нафрат надоранд. Ин аст ки тӯҳмат ва бӯҳтон ба сабаби эҷоди фасод ва дуздӣ, ки ҷуз дар пинҳонӣ анҷомпазир нест, ҳатто дарёфти қарзро, ки барои фарор ва гурез аз

[39] Инсофпур, Ғуломризо. Раванди наҳзатҳои миллӣ дар Эрон. Теҳрон, 1981.-С.487-497.
[40]Ҳанно ал-Фохурӣ, Халил ал-Ҷур. Таърихи фалсафа дар ҷаҳони исломӣ.-С.19-20, Хосроев История танихейства.
[41] Разӣ, Ҳошим. Зардушт паёмбари Эрони бостон. Теҳрон, 2009.-С.71.

пардохт маҷбур ба дурӯғ мешаванд, маҳкум мекунад, бояд ба сари паймон устувор буд. Ҳатто нисбат ба бадон, ки дар ин ҷо ба хотири риоят ва дурустӣ аст, на шафқат ва кӯмак. Дар дини Маздо дилсӯзӣ ва тараҳҳум чун далели заъф дар муқобили ҳаводорони Аҳриман аст, ҷоиз нест. Зеро Ангра-Майню бадиро дар ҷаҳон рӯзафзун сохтааст ва ба вайрон кардан пардохтааст».[42] Инсон бояд бо Аҳуромаздо ҳамкорӣ кунад. Ҷаҳонро дубора аз нав бисозад ва заминро ҳосилхез ва саодатбахш гардонад.

Дини Зардушт дар ҳоле ки дорои арзиши ахлоқии бисёр аст, ба ислоҳоти иқтисодӣ ва иҷтимоӣ низ таваҷҷӯҳ дорад, бо чодарнишинӣ мубориза мекунад ва тарафдори сокиншавии мардум ва соҳилнишинӣ аст. Аҳлӣ (ром) намудани чаҳорпоён ва муроқибат аз онон дар чарогоҳҳо, зиндагии хонанишинӣ, доштани хона ё маҳалли сукунати муносиб, рафтори нек доштан бо гови нар аз дастуроти дини бузурги Эрон аст, бо қурбонӣ кардан аз тариқи рехтани хуни ҳайвонот мухолиф аст, мӯъмини (диндори) ҳақиқӣ деҳқон аст. Хидматгузори воқеӣ ва мураббии чаҳорпоён муфид сарпарасти хона ва бузурги деҳи дурсткор аст, бинобар ин шуғли аслии Зардушти кишоварзӣ ва муроқибат аз чаҳорпоён аст, ки  дар (Готҳо) намудор аст. Инсон бояд ҷисми худро қавӣ созад ва теъдоди офаридагони Аҳуромаздоро афзоиш диҳад, бо зане накунажод ва диндор издивоҷ кунад ва кӯдаконе бор оварад, ки аз дини Зардушт пайравӣ намоянд.[43]

Риёзат ва маҳрумият аз зиндагии заношӯӣ амри беҳуда аст. Ҳақиқати зиндагӣ кори кишоварзӣ ва иттиҳоди хонаводагӣ аст. Танҳо хушнудии Аҳуромаздо дар ин аст, ки оташгоҳе сохта шавад, ки дар он одами додгустар тарбият гардад ва чаҳорпоёни аҳлӣ ва чарогоҳҳои пок фароҳам созад, ҳамсар баргузинад ва дорои фарзандон шавад, ҷисму руҳи хешро ҳастӣ бахшад. Оташ ва замину обро набояд олуда гардонад, зеро онҳо офаридагони муқаддаси Аҳуромаздо ҳастанд. Бо ҳамин ҷиҳат

---

[42] Фарҳангмеҳр. Фалсафаи Зардушт. Теҳрон, 2003.-С.57-58.
[43] Рафеъ, Абдурафеъи Ҳақиқат. Таърихи улум ва фалсафаи эронӣ.-С.77.

ҷасади мурдаро набояд дар хок ниҳод, пас аз марг ҷасадро бояд дар устадонҳо гузорд то хӯроки лошахӯрҳо гардад, вале рӯҳи инсон дар адолатхонаи иллоҳӣ муҳокима мешавад, некукор ба подош мерасад ва ба осмон боло меравад, назди Аҳуромаздо барои ёрии Худо то пирӯзии ниҳоӣ ба мубориза машғул мешавад, бадкор ба ҷазои хеш мерасад ва дар қаъри ҷаҳаннам макон хоҳад дошт.

Оташ, нишони вуҷуди нуронии Худованди мутаъол аст. Оташ асли одоби динӣ аст, ҳар оташгоҳ ҷойгоҳи махсус дорад, ки дар он ҷо шӯълаи оташи ҷовидон забона мезанад, бо даст задан ва нафас кашидан, набояд оташро олуда сохт, мӯъбад (рӯҳонӣ) бояд дасткаш дар даст дошта бошад ва пӯшише дар даҳон қарор диҳад.[44] Чунин омӯзаҳои ахлоқӣ, ҳифзи муҳити зист, тарғиби ҳаёти муқимӣ дар Авесто, махсусан дар Готҳо, ки ба қалами худи Зардушт мансуб аст, бо таври фаровон ба мушоҳида мерасанд.

Дар аҳди Анушервон Сосониён ба авҷи қудрат ва тасаллути худ расиданд ва Эрон низ дар авҷи қудрат ва тамаддун қарор гирифт. Хусрави Анушервон ҷангҳои доимӣ ва тӯлоние (аз 542 то 567) бар зидди императори Рим (Юстиниан) анҷом дод. Дар ҳамаи онҳо пирӯз гардид ва императори Руми Шарқиро маҷбур ба пардохти боҷу хироҷ кард.[45] Дар дохили Эрон ба тарафдорони Маздак гӯшмоли сахте дода шуд ва ислоҳоти иҷтимоӣ, ки ба амал баровварда шуд, ҳаёти нисбатан ором таъмин гардид.

Дар ин вақт Эрон маркази фарҳанг ва тамаддуни дунёи қадим буд, зеро, аз як тараф, дар соли 529 мелодӣ ҳангоме ки император (Юстиниан) мадрасаи фалсафии Афинаро баст ва охирин паноҳгоҳи афлотуниёни ҷадидро аз байн бурд, устодон ва муаллимони фалсафа, ки дар он ҷо ба тадрис иштиғол доштанд, ба Эрон фирор карданд ва ба таълим пардохтанд.[46] Аз тарафи дигар, Ҳиндустон захираҳои адабӣ ва фалсафии

---

[44] Ҳамон ҷо. -С.78.
[45] Бойс, Мэри. Зороастрийцы. Москва, 1987.-С.160.
[46] Шарипов А. Взгляд на философские воззрения эпохи Сасанидов//Известия АН РТ. Серия философия и правоведение, 2001.-С.1-4.

худро ба Эрон фиристод. Ҳазору як шаб, Калима ва Димна, Марзбоннома ва ғайра дар ин давр эҷод шуданд ва ба ин тариқ Эрон маркази тамаддунҳои мухталифе гардид, ки дар ин ҷо бо ҳам омезиш ёфтанд.

Ба ин тартиб дар аҳди Хусрави Анушервон омезиши ақидаҳои фалсафӣ ва эҷоди ҳамбастагии байни онҳо ба мунтаҳои дараҷаи нерӯи худ расида буд. Аз як тараф (дини Зардушт, ойини Монӣ ва ақидаи Маздак) ва аз тарафи дигар (фалсафаи афлотуниёни ҷадид, фалсафаи Будо ва тасаввуфи ҳиндӣ) дар ҳам омехт. Ба ҳамин иллат ин давра танҳо ба хотири таърихи афкори маънавии Осиёи Миёнаву Эрон муҳим нест, балки таърихи афкори башар низ дар аҳамияти ин давра саҳмгир аст. Бо ин ки ҳаргиз рӯёи (хобу хаёли) ширини Искандар ба ҳақиқат намепайваст ва нуфузи ахлоқии Шарқу Ғарб комил намешуд, бо вуҷуди ин Эрон маркази аслӣ ва муҳиме буд, ки  ҳама чиз дар ин ҷо бо ҳам бархӯрд ва мулоқот мекард ва ҳама чиз аз ин ҷо ба хориҷ мерафт.[47] Аз як тараф, Эрон дини Мониро ба хориҷ мефиристод, то бар рӯи масеҳияти Ғарб таъсир кунад ва аз тарафи дигар худ аз Византия ё бо настуриёне, ки табъид шуда буданд ва ё ин ки бо охирин фалсафаи Афлотунӣ, ки императори Рум онҳоро ронда буд, нутфаи аслии фалсафа ва дониши юнониро  истиқбол мекард ва ба худ меовард, донишу фалсафае, ки дар аҳди Искандар бесамар буд, дар аҳди охирини подшоҳони сосонӣ борвар гардида, билохира дар фалсафаи ислом дар аҳди арабҳо шукуфта мегардид ва дар ҳамин аср аст, ки Эрон ба тарафи кишварҳои дигари Машриқ нуфуз мекард. Чин ки дар ин замон марзу ҳудуди худро аз ҳар тараф баст дода буд, дар афкори  маънавӣ ҳаммаслаки Эрон мешуд ва намояндагони сиёсӣ аз дарбори шоҳаншоҳи Эрон ба дарбори шоҳони Чин ташриф мебурданд.

Ҳиндустон, ки ҳатто дар чандин қарн фалсафа ва тарафдорони Будоро ба ҳамаи нуқоти ҷаҳон фиристода буд ва ҳатто ҷонишинони

[47] Диоген Лаэртский. О жизни,  учениях и изречениях знаменитых философов. Москва, «Мысль», 1998.- С.10-55

Искандар низ ба он гаравида буданд, барои бузургтарин подшоҳи сосонӣ ҳадяи гаронбаҳо (достонҳои милли)-ро пешкаш мекарданд, ки ба дастури ӯ онҳо ба форсӣ тарҷума мешуданд ва аз тариқи Эрон ба ҳамаи миллатҳо интишор ёфта, ба ҳама забонҳои Мағриб дармеомаданд ва барои нaққолон ва достоннависони асрҳои миёнаи Урупо марҷаи хубе мешавад, ки ҳанӯз ҳам ин ганҷинаи гаронбаҳо аз ин кишвар ба дигар кишварҳо сайри маънавӣ дорад. Ва бадин тариқ нақши эрониён дар интиқоли тамаддун ҳарчанд аз нақши румиён ва юнониён машҳуртар ва бошукӯҳтар нест, вале сад бор аз нақши онҳо муҳимтар ва қобили мулоҳизатар аст.[48]

Бидуни тардид дар таърихи умумибашарӣ, Эрон омили бисёр муҳиме аст, зеро дар айни ин ки тавонистааст кӯмаки бузурге барои омезишу ихтилоти миллатҳои мухталиф кунад, дар айни ҳол, дар тавсия ва густариши мантиқии афкори башарӣ саҳми гаронбаҳо ва пурарзише гузорад. Нақши эрониён дар таърихи таҳаввулоти фикрии башарӣ фақат аз ин ҷиҳат набуд, ки ақоид ва мазоҳиби ибтикории худро ба ҷаҳониён арза доштааст, балки ба иллати ин аст, ки доим дар тамос ва таъсири мутақобила бо миллали мухталиф буда, онҳо ҳатто бо мағлубини худ дар мунтаҳои рафтори ҳасана ва ҷавонмардӣ рафтор мекарданд. Ҳамчунин барои ҳамоҳанг сохтани адён ва ақоид кӯмаки шоёни таваҷҷӯҳе анҷом доданд ва ин худ роҳро барои ҳамагонӣ сохтани адён ва таъсири орои мардум дар онҳо боз кард.

Осиёи Миёнаву Эрони бостон дар эҷоди ҷаҳонбинӣ ва маънавияти ботинӣ саҳми босазое дошта, ки ҳомилони онро ба тавҳиди ишроқӣ расонда, пайваста бо ахлоқи ҳамидаи худ нақши ғайри қобили инкоре дар тамаддуни башарӣ доштааст. Ҳукумати сосонӣ, ки дар тақотӯи се маркази бузурги фарҳангии он аср- Византия, Чин ва Ҳиндустон қарор дошт, муддати чаҳор қарн маркази муҳими табадулоти афкори маънавӣ ва орои башарӣ гардида буд. Бо ҳамин иллат дар таърихи инсоният

---

[48] Ричард, Фрай. Асри заррини фарҳанги Эрон. Теҳрон, 1997.-С.23.

мақоми мушаххас ва мунҳасир ба фарде барои худ боз кардааст ва дар ин лаҳзаҳои бемонанд байни ин чаҳор тамаддун, ки ҳам аз назари шакл ва ҳам аз назари мазмун (низом) бо ҳам ихтилоф доштанд, эътидоле барқарор карда, ки шояд ин эътидол байни аркони башарият дигар дар таърих дида нахоҳад шуд.[49] Дар саҳифаҳои оянда ба ин мавзӯъ бармегардем.

### § 2. Ҷамшед писари Вивангаҳон-асосгузори фалсафаи худшиносии миллии халқҳои ориёинажод

Мушкилоти асосӣ дар равшан намудани масъалаи мавриди баҳс, дар камӣ ва нуқсони сарчашмаҳои таърихӣ доир ба Ҷамшед аст. Осори авестоӣ ва бештари навиштаҳои паҳлавӣ нобуд гашта ва дар аксари маврид ба ҳам омехтаанд. Сарчашмаҳои исломӣ доир ба Ҷамшед ва Зардушт асосан ноқис ва хеле сатҳианд. Омӯзиш ва таҳқиқи сарчашмаҳои авестоӣ асосан аз асри XVII ба дасти урупоиён оғоз гардид. Матнҳои бисёре аз ин мерос тарҷума гардиданд. Дар асри XIX ин раванд хеле фаъол шуд. Вале бо оғози Ҷанги якуми ҷаҳон ин омӯзиш эътидоли худро аз даст дод. Сарчашмаҳои қадимаи авестоӣ ва паҳлавӣ мавриди омӯзиши яктарафаи пайваста бо таҳриф қарор гирифтанд. Баъд аз Ҷанги дуюми ҷаҳон дар омӯзиши ин сарчашмаҳо як навъ таваққуф ва таҳлилу тафсирҳои ғаразнок ба вуҷуд омад.

Идеологияҳои тоталитарии асри XX (фашизм, натсизм, коммунизм, болшевизм) масъалаи миллат ва миллатгароиро ба сӯи бероҳа кашиданд ва то дараҷае ҷозибаи воқеии онро камранг намуданд. Баъди фурӯпошии Иттиҳоди Шӯравӣ ва пайдо гардидани давлатҳои миллӣ дар фазои собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ, масъалаи миллат ва идеологияи миллӣ аз нав мавриди таваҷҷӯҳи сиёсатшиносон, ҷомеашиносон, равоншиносон ва файласуфон қарор гирифт. Ҳамин

[49] Қадёнӣ, Аббос. Таърихи адён ва мазоҳиб дар Эрон. Интишороти фарҳанги мактуб. Теҳрон, чопи сеюм 1387.-С.101.

таваҷҷӯҳи ҳамагонӣ нисбат ба масъалаҳои миллӣ дар рӯзгори мо, сабаби интихоби ин мавзӯъ гардид.

Чуноне ки дар сатрҳои пешин ишора намудем, доир ба Ҷамшед сарчашмаҳои мавҷуд андак ва пурихтилофанд. Аз ин гузашта то солҳои 1940-1950 асри XX ба забони форсӣ-тоҷикӣ доир ба Ҷамшед аз тарҷумаҳои муҳаққиқи номдори мероси авестоӣ, устод Пури Довуд маълумоте фароҳам омада буд.

Аз солҳои 1950 то ба имрӯз бо ҳиммати шогирдони идомадиҳандагони кори ӯ Муҳаммад Муъин, Диншоҳи эронӣ Меҳрдоди Баҳор, Фаридуни Ҷунайдӣ, Муҳаммад Карамӣ, Ҷалили Дӯстхоҳ, Ҳошими Разӣ ва дигар муҳаққиқон осори таҳқиқии арзандае ба вуҷуд омад. Дар ин соҳа баъзе тадқиқотҳо тавассути олимони тоҷик низ анҷом дода шуд.[50] Акнун форсизабонон метавонанд бевосита аз сарчашмаҳои дасти авали мероси авестоӣ ва тадқиқоти бонуфуз истифода намоянд. Ба таври мушаххас метавон аз фаъолияти пурсамари таҳқиқии устодон Ҳошими Разӣ, Меҳрдоди Баҳор, Фаридуни Ҷунайдӣ, Бобоназари Ғаффорӣ, Ҳамдамҷон Мӯминҷонов, Абдуғаффор Шарифов, Муҳаммадқул Ҳазратқулов ва Додихудо Саймиддинов ёд кард.

Акнун ба асли мавзӯъ баргардем: Ҷамшед кист? Ҷавоби ин саволро аз сарчашмаҳо ва таҳқиқоти навтарин пайгирӣ менамоем. Он чи то имрӯз ба мо маълум шуда, ин аст ки муҳимтарин сарчашмаи таърихӣ, ки доир ба Ҷамшед баҳс мекунад, китоби «Вандидод» аст. Ба аҳли таҳқиқ маълум аст, ки китоби «Авесто» дар замони Сосониён аз 21 ҷилд (наск) иборат будааст. Бисёре аз ин ҷилдҳо аз байн рафтаанд. Хушбахтона, мо имрӯзҳо тарҷумаи форсии ҷилди 19 «Вандидод»-ро дар даст дорем. Ин китобро, ки ҳоло тарҷумаи форсии он дар 4 ҷилд дастраси хонандагон гардидааст, устод Ҳошими Разӣ аз матни авестоӣ ба форсӣ тарҷума

[50] Раҳмонов Э. Нигоҳе ба таърих ва тамаддуни ориёӣ. Душанбе, 2006;Мӯминҷонов Ҳ. Тӯрон – гаҳвораи тамаддуни ориёӣ. Душанбе, 2004; Ҳазратқулов М. Ориёиҳо ва тамаддуни ориёӣ. Душанбе, 2006: История таджикской философии с древнейших времен до XV в. -т.1. Душанбе, 2010.

кардааст.[51] Қадимтарин ва муфассалтарин маълумот доир ба Ҷамшед дар фаргарди (фасли) 2 ҳамин китоб бо номи «Достони Ҷам» омодааст. Доир ба арзиши ин китоб иқтибосро аз фаргарди 5, Яшти 2 ва Ясnoи 1 овардан ба мақсад мувофиқ аст:

«Зардушт пурсид аз Аҳуромаздо: Эй Додор (офарандаи адолат) чӣ андоза ҳаст бузургтар, беҳтар ва зеботари ин (Вандидод) **қонуни зидди дев**, ки зардуштӣ аст, нисбат ба дигар ойинҳо дар бузургӣ ва некӣ ва зебоӣ? Он гоҳ гуфт Аҳуромаздо: Эй Спитамани Зардушт, ин «Қонуни зидди дев»-и зардуштӣ (=Вандидод) нисбат ба дигар ойинҳо дар меҳӣ (бузургӣ) ва дар беҳӣ (хубӣ) ва дар зебоӣ, чун дарёи Фарохкарт аст нисбат ба дигар дарёҳо… Ин қонуни зидди дев, ки зардуштӣ аст, дар меҳӣ ва дар беҳӣ ва зебоӣ, чун бузургтарин обҳост, ки кӯчактари обҳоро бипӯшонад… чун бузургтарин дарахтест, ки кӯчактар дарахтҳоро бипӯшонад… чун Осмон аст, ки ин Заминро аз ҳар сӯ фаро гирад».[52]

Феҳристи фаргарди 2-уми Вандидод аз нуктаҳои зерин иборат аст: Ҷамшед ва гуфтугӯ бо Аҳуромаздо; Ҷамшед паёмбариро намепазирад; Ҳурмузд пешниҳод мекунад, ки вазъи моддии ҷаҳони ӯро (Ҳурмуздро) парвариш диҳад ва ӯро муҷаҳҳаз (омода) кунад; Ҷамшед зиндагии моддӣ ва Заминро мегустаронад (васеъ мекунад); Пешомади тӯфон ва моҷарои он.

Ҷумлаҳои аввалини «Достони Ҷам» дар Вандидод чунин сар мешаванд: «Пурсид Зардушт аз Аҳуромаздо: Эй Аҳуромаздо, эй минавӣ, эй поктарин, эй додори гетии астуманд (моддӣ), эй муқаддас, бо кӣ нахуст аз мардумон гуфтугӯ кардӣ, ту ки Аҳуромаздоӣ? – Ҷуз ман ки Зардушт ҳастам, киро [ба кӣ] омӯхтӣ дини аҳуроии зардуштиро? Он гоҳ гуфт Аҳуромаздо ба Ҷами зебои хубрама: эй Ашу-Зардушт. Бо ӯ нахуст аз мардумон гуфтугӯ кардами ман, ки Аҳуромаздо ҳастам ҷуз ту ки Зардушт ҳастӣ, ба ӯ омӯхтам дини аҳуроии зардуштиро.

---

[51] Вандидод (ҷилди аввал). Муқаддима, фаргардҳои (фаслҳои) 1-4. Тарҷума аз матни авестоӣ, муқаддима, татбиқ бо тарҷумаи паҳлавӣ. Тарҷумаи доктор Ҳошими Разӣ, чопи аввал 1376, [Минбаъд Вандидод, ҷ.1.].
[52] Вадидод, ҷ.1.-С.5.

Он гоҳ ба ӯ гуфтам, эй Зардушт, ман ки Аҳуромаздо ҳастам: Омода бош, эй Ҷами зебо, [некдидор] писари Вивангаҳон. Барои ман ба ёдсупоранда ва барандаи [интишордиҳандаи] дин бош. Он гоҳ ба ман посух дод Ҷами зебо эй Зардушт: ман барои дин наофарида шудаам ва на омӯхта ва ёдсупоранда ва на баранда [интишордиҳандаи] онам.

Он гоҳ ба ӯ гуфтам эй Зардушт мани Аҳуромаздо: Эй Ҷам, агар нестӣ омода ва ёддоранда ва барандаи [интишордиҳандаи] дини ман, пас ҷаҳони маро биболон [=шукуфо гардон]. Пас ҷаҳони маро фарох кун. Пас бош ҷаҳони маро парваранда ва нигаҳбон ва сардор. Он гоҳ ба ман инчунин посух дод Ҷами зебо эй Зардушт: Ман ҷаҳони туро биболонам. Ман ҷаҳони туро фарох кунам. Ман бошам ҷаҳони туро парваранда, нигоҳбон ва сардор. На андар шаҳриёрии ман бувад сардбод, на нармбод, на дард, на марг».[53]

Аввалан, бояд ба эътибор гирифт, ки Вандидод пеш аз ҳама китоби динӣ аст. Яъне ба саргузашти Ҷамшед аз нигоҳи ҷаҳонбинии зардуштӣ менигарад. Ҳамзамон ин достон аз нигоҳи имрӯз арзишманд ҳам ҳаст. Ба ин маъно, ки як пайғамбари дини тавҳидӣ, яъне Зардушт нисбат ба Ҷамшед чи назаре дорад. Аз ин гузашта, ин достон собит мекунад, ки Ҷамшед шахсияти таърихӣ буда, дар ташаккули андешаи динии ориёиён мақоми худро доштааст. Барои муҳаққиқи имрӯза ҷолиб аст, ки Ҷамшед дар гуфтугӯи Зардушт бо Аҳуромаздо тарафи сеюмро ташкил медиҳад. Яъне бо Зардушт ҳамвазн будани ӯ ба исбот мерасад.

Сониян, аз ин гуфтугӯ пайдост, ки Ҷамшед дорои шахсияти барҷастае аст. Аҳуромаздо ӯро ситоиш мекунад: «Эй Ҷами зебо, некдидор»… Бузургии шахсияти Ҷам буда, ки Аҳуромаздо ба ӯ пешниҳод намуд, то пайғамбариро қабул намояд. Аммо Ҷамшед рад кард ва гуфт, ки ман барои пайғамбарӣ офарида нашудаам. Ба фикри мо, дар ҳамин нукта андешаи миллӣ аз андешаи динӣ ҷудо мешавад. Ҷамшед дар ин гуфтугӯ бо Аҳуромаздо ҷаҳонро интихоб мекунад. Ҷаҳони моддӣ,

---
[53] Вандидод, ҷ.1.-С.249-250.

густариши он ва ҷомеаи дунявиро. Аз ин рӯ, Ҷамшед ба Аҳуромаздо ваъда медиҳад, ки ман ҷаҳони моддии туро шукуфон хоҳам кард.

Ин бисёр нуктаи ҷолиб ва ҳассос аст. Дар сарчашмаҳои дигар омада, ки Аҳуромаздо ба Зардушт гуфтааст: «Ҷамшед сахт зирак буд. Ва барои ҳамин ҳам рисолати пайғамбариро қабул накард. Ва гуфт, ки ман аз ӯҳдаи корҳои заминӣ бармеоям».[54] Ин андешаҳо гувоҳи онанд, ки дар фарҳанги бостонии мо тамоилоти воқеъбинӣ, реалистӣ, озодандешӣ ва равшанфикрӣ хеле қавӣ ва тавоно будаанд. Ин баъдҳост, ки бо пайдоиши сохторҳои сиёсии диктаторӣ ва динҳои дигари мутаассиб бар шохаи динии фарҳанги мо ғолиб омада, ҷараёнҳои озодандешии онро зери фишор қарор додаанд.

Гуфтаҳои болоро муҳаққиқон низ қайд намудаанд. Масалан, М.Ҳазратқулов муколамаи Зардушт бо Аҳурамаздаро роҷеъ ба расидани ваҳй аз Аҳуромаздо бо истинод ба Бобаки Олихонӣ чунин тасвир намудааст. «Зардушт аз Аҳуромаздо пурсид, ки ин динро нахуст ба чи касе намудӣ? Ҳурмузд гуфт:  Нахуст Каюмарс намудам. Зардушт гуфт: Чаро ин динро аз тариқи ваҳй ба Каюмарс намудӣ ва ба ман аз роҳи гуфтор илқо кардӣ? Ҳурмуз гуфт: зеро лозим аст, ки… зеро лозим аст, ки ту ин динро фаро гирӣ ва ба дигарон биомӯзӣ, ҳол он ки Каюмарс касе надошт, ки онро бипазирад, пас беҳтар аст хомӯш бошӣ, то ман сухан гӯяму ту бишнавӣ ва ту сухан бигӯй, то мардумон бишнаванду бипазиранд. Зардушт ба Ҳурмузд гуфт, ки оё ин динро пеш аз ман бар касе ҷуз Каюмарс намудаӣ?  Ҳурмузд гуфт: Оре, ин динро ба Ҷамшед намудам… Зардушт гуфт: чун медонистӣ, ки ин динро намепазирад, пас чаро онро бад-ӯ намудӣ? Ҳурмузд гуфт: агар инро бад-ӯ наменамудам, дин ба ту намерасид».[55]

Аз ин иқтибос маълум мешавад, ки се ваҳй аз Аҳуромаздо содир шудааст. Ваҳйи аввал ба Каюмарс расида, ки он ваҳйи шахсӣ ё худ инфиродӣ  будааст, чун Каюмарс ҳамчун аввалин кадхудои ҷаҳон ба

---

[54] Баҳор, Меҳрдод. Пажӯҳише дар асотири Эрон. Теҳрон, 1378.-С.37.
[55] Ҳазратқулов М. Ориёнҳо ва тамаддуни ориёӣ. Душанбе, 2006.-С.435.

мисли Абулбашар шахси ягона дар рӯи замин буд. Муҳаққиқон ин ваҳйро  ваҳйи пинҳонӣ ба қалам дода, Каюмарсро барои пайдоиши ин дин замина сохтааст. Ваҳйи дуюмӣ ба Ҷамшед расидааст ва аҷобати кор дар он аст, ки дар ин ҷо инҳироф аз таълимоти динӣ ба назар мерасад. Чун Аҳуромаздо метавонист ба онҳое, ки омода ба пазироии он нестанд, ваҳй иблоғ накунад. Вале ин ноҳамоҳангии динӣ минбаъд боиси ба вуҷуд омадани сулолаҳои шоҳони эрониуласл бо номҳои пешдодиёну каёниён мегардад, ки роҷеъ ба таърихи онҳо дар «Таърих»-и Табарӣ, «Форснома»-и Ибни Балхӣ ва бахусус дар «Шоҳнома» сухан рафтааст. Ҷои таамmулаcт, ки иқтибоси боло, аз як тараф, фикри баёншудаи моро тақвият мебахшад ва, аз тарафи дигар, агар Ҷамшед пайғамбариро қабул мекард, ӯ ҳамчун дорандаи дониши илоҳӣ ба худкомагӣ ва бузургманишӣ роҳ намедод ва пайдоиши сулолаҳо низ имконнопазир мегардид.

Аз давоми достон маълум мегардад, ки Ҷам ба ваъдаи додаи худ ба Аҳуромаздо вафо намуда, ҷаҳони моддӣ ва инсонҳоро аз мусибатҳои табиӣ наҷот додааст.

Бояд қайд кард, ки Ҷамшед ҳамчун як шахсияти таърихӣ пеш аз Зардушт зиндагӣ кардааст. Дар ҳамаи сарчашмаҳои мансуб ба анъанаи зардуштӣ аз Ҷамшед ёд кардаанд. Аз ин гузашта номи Ҷамшед дар китоби «Ригведа»-и ҳиндиён низ сабт шудааст.[56]

Ҳамаи ин далолат бар он мекунад, ки Ҷамшед  ҳамчун як шахси таърихӣ, дар маснади фарҳанги эронӣ ва ҳиндӣ қарор дорад. Дар ҳарду фарҳанг ба ҷиҳатҳои дунявӣ, воқеъбинӣ ва ғайридинии Ҷамшед таъкид шудааст. Дар ҳамин асос метавон ба ин натиҷа расид, ки асосгузори назари миллӣ ва озодандешии мардумони форсу тоҷик маҳз ҳамин Ҷам писари Вивангаҳон будааст.

Корнамоиҳои Ҷамшед дар ободии ҷаҳони моддӣ ва дар робита ба Варҷамкард (ғор ё макони амни Ҷам) дар дигар сарчашмаҳо низ зикр

[56] Ниг.: Ригведа. Мандалы  I-IV. Издание подготовила Т.Я.Елизаренкова. М. «Наука», 1989.-С45.

гардидааст. Масалан, дар «Минуи хирад» омада, ки «Варҷамкард дар Эронвиҷ, зеризамин сохта шудааст ва ҳамагуна тухм аз ҳамаи офаридагони Урмуздхудо, аз мардум, сутур, гусфанд, паранда, ҳарчи беҳтар ва гузидатар аст, бадонҷо бурда шудааст…». (Бахши 4, бандҳои 15-19) ҳамчунин дар «Ривоёти порсӣ» (бахши 48 банди 10), «Яштҳо» (Яшти 19), «Ясно» (8/32) ва ғайра роҷеъ ба фаъолияти Ҷамшед нукоти муҳиме ироа шудаанд.

Ҳамаи ин гувоҳи он аст, ки Ҷамшеди нимустуравӣ пуштибони ин ҷаҳон ва андешаи инҷоҳанӣ будааст, Зардушт бошад аз «он ҷаҳон» ва андешаҳои онҷаҳонӣ дифоъ мекард.

### § 3. Зардушт - асосгузори фалсафаи худшиносии динии халқҳои ориёинажод

Бояд ёдовар шуд, ки қариб ҳамаи муҳаққиқони гузаштаву муосири форсу тоҷик Зардуштро қаҳрамони яккатози майдони фарҳанги бостонии мо эътироф кардаанд. Ва гӯё касе дар баробари ӯ тоби муқовомат надорад. Ба назари мо, ин ақида бебаҳс нест. Аз ҷумла мо бар ин назарем, ки Ҷамшед ва адабиёти ҷамшедӣ дар тӯли таърих ҳамеша дар муқобили Зардушт ва андешаҳои зардуштӣ қарор дошт. Ҳоҷат ба такрор нест, ки Зардушт як пайғамбар, китобаш Авесто (Готҳо) ва парвардигораш Аҳуромаздост. Аммо Ҷамшед як шахсияти ақлгаро ва мухолиф ба ақидаҳои динӣ ва эътиқодӣ буд. Ҳошим Разӣ навишта аст, ки Зардушт паёмбари бузурги ориёӣ, яке аз ҷумлаи наводири андешамандони ҷаҳон аст. Дар бораи даврони зиндагии вай огоҳии дурусте дар даст нест, аммо он чи маълум шудааст он аст, ки донишмандон бар асоси пажӯҳишҳо (таҳқиқот) ва баррасиҳои анҷомшуда, замони зиндагии вайро аз 1500 то 3000 сол пеш аз мелод (5000 сол то замони мо) медонанд[57].

Омӯзиши фалсафа ва ҷаҳонбинии Зардушт аз ҳамон давраҳои куҳан мавриди таваҷҷӯҳи ҳакимон ва файласуфони бузурги ҷаҳон қарор

---

[57] Разӣ, Ҳошим. Ҳикмати хусравонӣ.-С.28.

гирифтааст. Андешамандони ҷаҳони бостон чун Пифагор, Арасту, Афлотун ва бисёр дигарон бо ифтихор ва ғурур аз Зардушт ва фалсафаи вай ёд кардаанд. Дар ҳикмати ишроқи Шаҳобуддини Сӯҳравардӣ (фалсафаи нур) аҳамияту эътибору дидгоҳҳои вай заминасози бисёре аз таҳаввулот дар фалсафа ва ҳикмат гардид. Фалсафаи амиқи Зардушт ҳакимонро аз Афлотун сар карда, то Гегел бо нуфузи ҷаззоби худ шодоб намудааст. Фридрих Нитше (1844-1900) абармардро [суперменро] дар вуҷуди ин бузургмарди таърих Зардушт дарёфта ӯро ба ҷаҳониён муаррифӣ кардааст[58].

Зардушт нахустин пайғамбаре буд, ки дар он даврони куҳан Худои воқеиро шинохт ва яктопарастиро пешниҳод кард. Дар фалсафа бар ин назар буд, ки ду гавҳари ҳамзод [ду субстансия] дар оғоз, дар олами тасаввур пайдоӣ ёфтанд, ки яке некӣ ва он дигаре бадӣ аст. Асоси ҳаракат, ҷунбиш ва зиндагӣ аз бархурди ин ду (гавҳар) мебошад. Дар ниҳоди одамӣ, ҳам хайр ҳаст ва ҳам шар. Парвардигор одамиро озод ва бо ихтиёр ва иродаи комил офарид. Фарди хирадманд бояд аз миёни нек ва бад, некро баргузинад, на бадро ва пайрави роҳи Спента-Майню бошад, на Ангра-Майню.

Зардушт бар зидди хурофот ва мавҳумоти давраи худ қиём кард. Қурбонӣ ва пешкаши назрҳо ва пардохти боҷу хироҷ ба коҳинон ва қабули зӯр ва бедод аз сӯи фармонравоёни худкома ва зӯҳду риёзатро напазируфт ва ин ҳамаро аз кирдори аҳриманӣ муаррифӣ намуд. Кору кӯшиш ва зиндагии хуб, солим, хуш ва неъмати аз роҳи дуруст ба дастомадаро сутуд. Ибодатро фақат хидмат ба мардум ва пайравӣ аз се асл: «Пиндори нек, гуфтори нек, рафтори нек» муаррифӣ кард. Бисёре аз табақот ва гурӯҳҳои ҷамъияти он рӯз, ки суд ва фоидаи худро дар хатар диданд, бар зидди пайғамбар қиём карданд, аммо Зардушт бо муқовимати сабурона истодагӣ кард ва дар анҷоми рисолати хеш комёб гашт.

---

[58] Ниг. Нитше Ф. Так говорил Заратустра. Соч. Т.II.М., 1990.-С.237.

Сурудҳои Зардушт, мавсум аст ба **госаҳо ё худ** «Готҳо» сурудест, ки бо садои хуш ва оҳангин хонда мешавад, иборат аз ҳафт-даҳ қитъа мебошад. Дигар ҳама бахшҳои [қисмҳои] Авесто баъдҳо ба ин андешаманду паёмбари куҳан нисбат дода шуд, ки тафовут дар сабк, маънӣ ва мафҳумҳо, ин мавридро комилан равшан мекунад»[59]

Муҳаққиқи эронӣ Фарҳангмеҳр доир ба паёмбарони пеш ва пас аз Зардушт мегӯяд: «Готҳо номи ҳеҷ паёмбареро наёвардааст. Вале Авесто аз Каюмарс ва Ҷамшед ба унвони «нимпаёмбарон»-е ки пеш аз Зардушт будаанд, ном мебарад. Бино ба асотири мавҷуд Каюмарс, ки нахустин инсон буд, аз сӯи Худо қонуне дарёфт ва Ҷамшед ба паёмбарӣ хонда шуд, вале чун ӯ аз нотавониҳои башарии худаш огоҳ буд ва медонист, ки ба анҷоми ин кори бузург муваффақ нахоҳад шуд, даъватро қабул накард. Ҳамчунин Готҳо дар айни ин ки намегӯянд, ки Зардушт охирин паёмбар аст, зуҳур ва пайдо шудани паёмбари дигареро ҳам пешбинӣ намекунад. Готҳо мегӯянд, ки дини Зардушт беҳтарин дин ва писандидатарин роҳи зиндагӣ аст. Ҳамин гуна дар Готҳо аз наҷотдиҳандаи (маҳдии) махсусе сухан нарафтааст».[60]

Дар бораи маҳалли таваллуди Зардушт ҳам ақидаҳои гуногун вуҷуд дорад. Бино ба гуфтаи Авесто маҳалли таваллуди Зардушт, соҳили рудхонаи Даитӣ дар Эронвиҷ буд. Маҳалли Эронвиҷ [Айрана ваеҷа] бо диққат дар рӯи нақшаи ҷуғрофиёӣ шаъин нашудааст. Агар манзур аз он сарзамине бошад, ки дар он фарҳанг ва забонҳои эронӣ нуфуз доштанд, ин минтақа, чуноне ки Пури Довуд овардааст, аз 16 кишвар иборат аст, ки аксари онҳо дар Эрони Шаркӣ ва Осиёи Марказӣ мебошанд.

Чанде аз донишмандон, аз ҷумла Бортолмей, Гилднер, Ҷексон Зардуштро аз шимолу ғарбии Эрон медонанд. Ҷексон, ӯро аз Озарбойҷони ғарбӣ ва Ҳертсфелду Ҳертел ӯро аз ғарби Эрон ба қалам додаанд. Аксари донишмандон ӯро аз шимоли шарқии Эрон донистаанд. Аз ҷумла Ниберг, Луммел, Мэри Бойс, Ҳантис, Зеҳнер ва Шаҳбозӣ ӯро

[59] Разӣ, Ҳошим. Зардушт паёмбари Эрони бостон.-С.5-6.
[60] Фарҳангмеҳр. Фалсафаи Зардушт. –С.39.

аз Осиёи Марказӣ (Хоразм ва Хева) ва шимоли Афғонистон, Милтон ва Гейгер Хуросон ва Сиистон ва Ҳайнинг, Ҳумбах, Кристенсен, Милз ватани Зардуштро шимоли шарқии Эрон хондаанд. Ин баҳсҳоро қариб дар ҳамаи таҳқиқоти муҳаққиқони ватанию хориҷӣ мушоҳида намудан мумкин аст.

Дар он замон, дар шарқу ғарби Эрон ду лаҳҷаи мухталиф вуҷуд дошт. Ва забони Готҳо лаҳҷа ва забони шарқи Эрон аст. Бинобар ин, бояд пазируфт ки: Ашу Зардушт аз шарқи Эрон ва дар маҳалли рудхонаи Сайҳун [Сирдарё] мутаваллид шудааст. Авесто аз рудхонаи «Даитӣ» ном мебарад, ки баъзеҳо онро имрӯз ҳамон Сайҳун тахмин кардаанд. Маҳали таблиғи дин ҳам дар Балх (Бохтар), шимоли Хуросон ва Афғонистон будааст. Ҳамаи ин манотиқ ҷузви Эронвиҷ будаанд.

Баъзе донишмандон назар додаанд, ки шаҳри Рай [Раға дар Авесто] наздикии Теҳрони имрӯза маҳалли таваллуди Зардушт будааст, ки дуруст ба назар намерасад. Баъзе шаҳри Райро маркази мазҳабӣ ва таблиғи дини Зардушт донистаанд, ки он ҳам далели мустанад надорад. Мутолиоти охири профессор Ричард Фрай ӯро мӯътақид кардааст, ки Ашу Зардушт аз Сиистон будааст ва дар Бохтар [Балх] ба таблиғи дин пардохтааст.[61]

Ашу Зардушт дар Балх ҳангоми саргарми парастишу ниёиш ба Аҳуромаздо буданаш дар оташкада ба дасти як бадхоҳи тӯронӣ бо номи Турбротруш кушта шуд. Ин пайғамбар дар сини 77 аз чаҳон даргузашт. Солҳо пеш дар яке аз мусофиратҳоям ба Афғонистон дар Мазори Шариф (ки машҳур ба Мазори Алӣ аст), аз як нафар шунидам, ки мегуфт, Мазори Шариф, Мазори яке аз бузургони пеш аз ислом будааст ва баъд аз тасаллути ислом, барои ҷилавгирӣ аз тахриб (харобӣ ва вайронӣ), онро Мазори Алӣ хондаанд, дар ҳоле ки маълум ва машҳур аст, ки оромгоҳи Алӣ воқеъ дар шаҳри Наҷафи Ироқ аст. Ин кор дар Эрон ҳам шудааст. Масалан, барои ҳифзи Оромгоҳи Куруш дар Дашти Мурғоби Форс онро «Мақбараи модари Сулаймон» хонданд ва барои

[61] Фрай, Ричард. Асри заррини фарҳанги Эрон. Теҳрон, 1997.С.128.

ҳифзи Оташкадаи Озаргуштасб онро «Тахти Сулаймон» ном ниҳодаанд. Аз ҳамон мавқеи боздид аз Мазори Шариф, ин фикр ки мумкин аст Мазори Шариф, Мазори Зардушти паёмбар бошад, ба андешаи ман роҳ ёфт ва ахиран дар Париж як нафар донишманди афғонӣ ҳадс ва тахмини маро таъйид [тасдиқ] кард.[62]

Доир ба табори Зардушт ҳамон гуна, ки пеш аз ин гуфтем, дар Готҳо ҷуз аз Зардушт ва ҳафт нафар нахустин шогирдон ва пайравонаш номи дигаре бурда намешавад. Ҳамчунин матлабе дар бораи табори ӯ ҷуз ишора ба хонадони «Спитамон» нест.

Фарҳангмеҳр меафзояд: «Он чи ки баъдҳо баъзе хаёлбофон навишта ва ӯро аз хонадони шоҳон донистаанд, далели мустанаде надоранд ва пазируфтанӣ нест. Зардушт худро Заотар мехонад, яъне рӯҳонӣ. Дар айни ҳол ӯ ба табақаи рӯҳонӣ мутлақан ишора намекунад ва дар Готҳо на аз АТРАВАН номе мебарад ва на аз Муғ. Вале дар Ҳафт ҳот ва дар дигар қисмати Авесто номи Атраван борҳо омадааст. Атраванҳо нигаҳбонони оташ будаанд. Вожаи (калимаи) МАГА, яъне бузург дар Ҳафт ҳот як бор ба сурати исми ом (умумӣ) ба кор бурда шудааст. Вале Муғ ба сурати номи гурӯҳи рӯҳонӣ наёмадааст. Шояд сабаб ин будааст, ки дар оғоз «МУҒОН» ки рӯҳониёни ғарби Эрон будаанд, бо Ашу Зардушт мухолифат меварзиданд ва Ашу Зардушт на танҳо аз онон ёд накардааст ва шояд ҳам Ашу Зардушт нахостааст зикри номи онҳоро барои ифроткориашон дар ташрифоти мазҳабӣ, ҷоиз надонистааст, ҳол он ки дар адабиёти динӣ муғҳоро ба «муғони килдонӣ», «муғони каппадокӣ» ва «муғони зардуштӣ» ҷудо намудаанд, ки ҳар гурӯҳ ба фаъолияти махсуси худ аз ҳам тафовут доштанд. Масалан, муғони килдонӣ бештар бо масоили тиб, ситорашиносӣ, соҳирӣ ва ғайра машғул буданд ва муғони зардуштӣ аксаран ташрифоти динӣ ва маросимиро анҷом медоданд[63].

---

[62] Фарҳангмеҳр. Фалсафаи Зардушт.-С.130.
[63] История таджикской философии с древнейших времен до XV в. Т.1.-С.68.

Дар Авестои мутааххир, ки ба василаи дигарон навишта шудааст, аз падар ва модари Зардушт-Пурушасп ва Дуғду ном мебарад ва мегӯяд, ки ҳарду аз хонаводаҳои арҷманд ва дар ашуӣ [покӣ] ва доноӣ, саршинос будаанд. Авестои мутааххир ҳамчунин мегӯяд, ки Ашу Зардушт дар сини 15 - солагӣ донишҳои замони худро фаро гирифта буд. Аз ҳамон замон буд, ки дар дурустии боварҳои [дину эътиқодоти] мардумон ва парастиши худоёни гуногун, шак ва тардид кард ва ба ҷустуҷӯи ҳақиқат бархост. Дар синни сисолагӣ ба паёмбарӣ баргузида шуд. Дар дувоздаҳ соли аввалияи таблиғаш, бо душманӣ ва мухолифати рӯҳониён ва шоҳзодаҳои маҳаллӣ рӯ ба рӯ шуд. Чун ҷонаш дар маърази хатар қарор гирифт, бо пайравонаш, дар синни чилу ду (42) солагӣ ба Балх муҳоҷират кард ва дар он ҷо буд, ки мавриди ҳимояти Гаштосб қарор гирифт ва ба тадриҷ тавонист пазирандагони дини худро афзоиш диҳад.

Авестои мутааххир ҳамчунин ҳамсари Зардуштро ба унвони яке аз пазирандагони дин зикр мекунад ва аз шаш фарзанди Зардушт – се писар ва се духтар ном мебарад. Се писар: Иствастра, Урватачина, Ҳварачитра ва се духтараш: Френӣ, Ситӣ ва Пручестӣ будаанд[64]. Муаллифи китоби «Ошноӣ бо адёни бузург» [Теҳрон, 1385 (2006 м.)-С.57-60] устод Ҳусайн Тавфиқӣ инқилоби динии Зардуштро аксуламале нисбат ба дин ва ойини муғони ғайриориёӣ дониста менависад:

«Қабл аз зуҳури Зардушт яъне пеш аз подшоҳии модҳо бумиён ва сокинони таҳҷоӣ ва ғайриориёии Эрон дине доштанд, ки ойини муғон номида мешуд. Калимаи Муғ (магуш) дар забони қадими Эрон ба маънои ходим будааст. Ба назар мерасад муғон сокинони бумӣ ва таҳҷоии Эрон будаанд ва монанди даровидони Ҳиндустон, пас аз вуруди ориёиён сарзамини худро таслими онон кардаанд. Вожаи (калимаи) **маҷус**, ки дар забони арабӣ ба зардуштиён итлоқ (мансуб) мешавад, аз ҳамин калимаи магуш меояд. Баъзе аз пажӯҳишгарон (муҳаққиқон) мӯътақиданд, ки санавият (дуализм), яъне имон ба Офаридагоре барои хубиҳо ва Офаридагоре барои бадиҳо дар дини зардуштӣ аз муғони

[64] Фарҳангмеҳр. Фалсафаи Зардушт.-С.127-130.

қадими Эрон гирифта шудааст ва аз китобҳои таърихӣ бармеояд, ки муғони қадим дугонапараст (дуалист) будаанд[65].

Баъди чанд садсола аз омадани ориёиён ба Эрон ин қавм тадриҷан ба шаҳрнишинӣ рӯй овард ва ин масъала дар ҷаҳонбинии онҳо таъсири амиқ гузошт. Дар он рӯзгор инсони ислоҳгаре бархост ва эрониёнро ба дини нав ва тозае даъват кард ва дини муғонро бекор намуд. Ин паёмбари муслиҳ (реформатор), ки худро фиристодаи Худои хубӣ ва рушноӣ мешиносонид, Зардушт ном дошт. Вай исбот мекард, ки дини худро аз Аҳуромаздо дарёфт карда, то ҷаҳонро аз тирагиҳо пок кунад ва онро ба сӯи некӣ ва рӯшноӣ раҳнамун созад. Зардуштиён ба номҳое чун маҷусӣ, габр ва порсӣ хонда мешаванд. Вожаи (калимаи) «Маҷус» фақат як бор дар ояти 17 сураи Ҳаҷ пас аз зикри чанд дини тавҳидӣ (яктопараст) ва пеш аз ишора ба мушрикон қарор гирифтааст. Аксари уламои ислом маҷусро аҳли китоб донистаанд ва ҳадисҳое низ дар ин боб вуҷуд дорад. Калимаи «габр» дар забони сирёнӣ ба маънои кофир аз ҷониби дигарон ба онон итлоқ шудааст. Ва «порсӣ» маъмулан ба зардуштиёни Ҳиндустон далолат мекунад[66].

Дар «Шоҳнома» омадааст, ки Эрониён дар он рӯзгор хироҷгузори турониён буданд. Зардушт ба подшоҳ Гуштосп, ки зардуштияро пазируфта буд, дастур дод, ки аз боҷ додан ба бегонагон худдорӣ кунад ва шоҳ ҳам қабул кард:

*Чу чанде баромад бар ин рӯзгор,*
*Хуҷаста шуд он ахтари шаҳриёр.*
*Ба шоҳи ҷаҳон гуфт зардушти пир,*
*Ки дар дини мо ин набошад ҳажир.*

*Ки ту бож бидҳӣ ба солори Чин,*
*На андархур ояд ба ойину дин.*
*Набошам бар ин низ ҳамдастон,*
*Ки шоҳони мо дар гаҳи бостон.*

---

[65] Тавфиқӣ, Ҳусайн. Ошноӣ бо адёни бузург. Теҳрон, 1387.-С.52; Ниг.низ:Дандамаев М.А., Луконин В.Г. Культура и экономика древнего Ирана. М., 1960.
[66] Ҳамон ҷо.-С.57.

*Ба туркон нададанд кас божу сов,*
*Ба Эрон набудшон ҳаме тушу тов.*
*Бипазируфт Гаштосб, гуфто, ки низ,*
*Нафармоямаш додани бож чиз*[67].

Албатта ин амал хашму ғазаби турониёнро барангехт. Онон аз Гуштосб хостанд, ки аз дини нав даст бардорад. Вале Гуштосб хоҳиши онҳоро қатъиян рад кард. Аз ин рӯ, ба Эрон тӯрониён лашкар кашиданд. Вале Гуштосб бар туроннён ғалаба кард ва ба ривоҷ додани дини Зардушт идома дод.[68]

Ин як назари суннатии (анъанавии) донишмандони муосири исломӣ  доир ба Зардушт ва дини ӯ буд. Донишмандони муосири Урупо низ доир ба Зардушт ақидаҳои ҷолибе баён намудаанд. Дар китоби Гео Виденгрен  дар боби шашум зери сарлавҳаи «Зардушт: шахсият ва таълимоти ӯ» чунин омада: «Агар аз хештан бипурсем, ки матолиби мувассақ (собитшуда ва дақиқ) барои донистаҳои худ дар бораи Зардуштро дар куҷо меёбем, он гоҳ ҷавоб метавонад чунин бошад: «Дар сурудҳои худи паёмбар, яъне Гоҳон». Ин сурудҳо ба куҳантарин бахшҳои Авесто тааллуқ доранд ва ба гӯиши [лаҳҷае] бисёр куҳан суруда шудаанд, ки ба лаҳҷаи Ведоии забони ҳиндии куҳан наздик аст. Эҳтимол, бояд инҳоро мушкилтарин матнҳое ба шумор овард, ки дар яке аз забонҳои ҳиндугерманӣ мавҷуд аст.[69]

Дар идомаи суханони худ Винденгрен қайд карда , ки ин мавзӯъро низ дар Гоҳон мебинем, ки бунёдгузори дини ҷадид бо рисолати худ ба мухолифати сарсахти адёни суннатӣ дучор шуда  ва ба ҳамин иллат мебоист, ӯ аз хонадони хеш бигрезад ва ба Гуштосб, шоҳи тоифае паноҳ барад, ки Кавӣ яъне шаҳриёри рӯҳонии хонадони Фриён буд. Мардоне, ки аз наздиктарин ёрони Кайгуштосб будаанд, Фаршуштар ва Ҷомосп ном доранд ва аз хонадони Ҳвогва ҳастанд. Дақиқан намедонем, ки

---

[67] Шоҳнома. Теҳрон. 1369-1990.-С.295.
[68] Тавфиқӣ, Ҳусайн. Ошноӣ бо адёни бузург.-С.58.
[69] Виденгрен, Гео. Ҷаҳони маънавии эронӣ аз оғоз то ислом. Теҳрон, 1381=2002.-С.123.

хонадони Фриёнро дар куҷо ҷустуҷӯ кунем, вале онро «туронӣ» гӯяд, яъне иқоматгоҳи ин хонадон бояд дар Ховари дур бошад.[70]

Аз тамоми матолиби гуфташудаи Г.Виденгрен чунин бармеояд, ки зуҳури Зардушт дар муҳити ориёии куҳан, ки ба вазъи ведоии ҳиндӣ шабоҳати бисёр дошт, тағйири комилан бузурге дар вазъи иҷтимоӣ ба бор овард. Зардушт дар мақоми намояндаи дини ҷадид бо динҳои куҳани ориёӣ ба мухолифат бархост; ӯ на фақат қурбонӣ ва нӯшидани «ҳаома»-и мастиоварро инкор кард, балки мавҷудоти минавиро бо номи Амшоспандон (Ameša Spentar) ҷонишини онҳо кард.

Дар ин ҷо зарурат дорад, ки китоби Авесторо аҳли илму фарҳанг ба дурустӣ бишносанд. Зеро Авесто яке аз аввалин китоби муқаддаси ҷаҳонист, ки қоидаҳои динсозӣ, пайғамбарӣ, шариатмадорӣ ва хушбовариро дар шакли том ва тамом ба ҷаҳониён арза доштааст. Пайғамбарони баъдина каму беш аз ин китоб тақлид кардаанд. Сониян, сабаби асосии ношинохта мондани Авесто шикасти сиёсии сулолаи Сосониён (225-651) буд. Қавмҳои ғолиби баъдина- арабҳо, румиҳо, юнониён дар адовати сахти сиёсӣ, динӣ ва фарҳангӣ нисбат ба эрониён қарор доштанд. Зеро онҳо то ҳуҷуми арабҳо ҳамагӣ ва бардавом зери нуфуз ва таҳдиди империяҳои эронитабор буда, баъди шикасти Сосониён бо ҳар василае аз эрониён қасос мегирифтанд.

Шикасти сиёсии Сосониён шикасти диниро ҳам дар бар дошт. Шогирдон ва пайравони пешинаи фарҳанги Эрон (яъне сомиҳо: арабу яҳуд) акнун ба мақоми устодӣ расида буданд. Шогирдоне, ки то тавонистанд аз устоди худ фосила гирифтанд, то асолати худро собит созанд. Шоир ва нависандаи маъруфи Ҳинд Робендронат Тагор мегӯяд, ки «акси садо (эхо) асли худро барои он масхара мекунад, ки то исбот намояд: «Ман асл ва асосам, на ту!!!»

[70] Виденгрен, Гео. Ҷаҳони маънавии эронӣ аз оғоз то ислом…-С.124.

Парокандагиҳои минбаъдаи сиёсӣ ва фарҳангии ориётаборон ба парокандагии осори динии онҳо низ сироят намуд ва китоби Авесто низ ба ин сарнавишт дучор гардид. Авесто номи умумии маҷмӯаи куҳантарин навиштори эрониён ва қадимтарин китоби динии маздопарастон (зардуштиён) аст, ки дар замонҳои қадим (ба ривояти «Динкард») 21 наск (китоб) дошта ва дар шакли имрӯзаи худ иборат аз шаш қисм: «Гоҳон», «Ясна», «Яштҳо», «Вандидод», «Виспарад» ва «Хурда-Авесто» мебошад.[71]

Авестои нав унвонест куллӣ барои бахшҳои панҷгонаи мутааххири (баъдинаи) Авесто (Ясна, Яштҳо, Виспарад, Хурда-Авесто ва Вандидод), ки дар давраҳои пас аз Зардушт ба нигориш даромадааст ва аз ҳарду дидгоҳ шеваи нигоришу ҷавҳари андеша, аз «Гоҳон»-и сурудаи Зардушт фарқ дорад. «Гоҳон» (= «Готҳо») номи куҳантарин бахши (қисми) Авесто, яъне сурудҳои панҷгонаи Зардушт аст.

Яке аз муҳаққиқони муосир Ҳошим Разӣ менависад: «Вожаи (калимаи) Авесто аз нигариши маънӣ  пас аз наздик ба ду асри ҷустуҷӯ ва таҳқиқ ҳанӯз ҳам мубҳам (норавшан) монда ва ё дастикам иттифоқи назаре ҳосил нашудааст. Сабаб он аст, ки ин калима на дар худи Авесто ва на дар забон ва гӯиши (лаҳҷаи) авестоӣ, балки дар ҳеҷ забон ва лаҳҷаи ҳинду эронӣ ва ориёӣ низ чунин калимае нест. Ба ҳамин ҷиҳат донишмандон барои асоснок кардани асли маънии он аз решаҳо ва калимаҳои ҳаммонанд баҳра бурда, ба маънӣ ва тафсири он пардохтаанд.[72]

Бо вуҷуди ин нобасомониҳо дар муайян намудани калимаи «Авесто» ва ноҳамоҳангиҳову тафовутҳо дар бархе аз масоили ҷаҳоншиносию космологӣ дар Авестои мутааххир нисбат ба Готҳо, сатҳи имрӯзаи омӯзиши Паёми Зардушт ва таълимоти оини зардуштӣ ба ҳар муҳаққиқ имкон медиҳад, ки барои мавзӯи дилхоҳи худ аз онҳо бардошт ва маълумоти дақиқу мӯътамади фарҳангӣ пайдо намояд.

---

[71] Авесто. Куҳантарин сурудҳо ва матнҳои эронӣ. Гузориш ва пажӯҳиши Ҷалили Дӯстхоҳ. Таҳиягар: Муаззами Диловар. Душанбе, чопи якум, 2001.-С.569.

[72] Разӣ, Ҳошим. Зардушт паёмбари Эрони бостон.-С.175.

Овардани маълумоти фавқ барои мо аз он ҷиҳат дорои аҳамият мебошад, ки он заминаи асосии фарҳанги миллии халқи форс-тоҷик мебошад ва дар тӯли хазорсолаҳо ташаккули маорифи динӣ ва инкишофи афкори маънавӣ ва фарҳангиро дар худ таҷассум намудааст. Он маънавиёти аҷдоди мо – ориёиҳо мебошад, ки дар байни тамаддунҳои ҳамҷавори худ дар аҳди қадим мақоми хосса пайдо карда, боиси арзи вуҷуд намудани ҳавзаҳои гуногуни маданию фарҳангӣ дар Шарқу Ғарб гардида буд. Таъсиру нуфузи он ба сарзаминҳои Осиёву Аврупо низ назаррас аст. Зеро ин тамаддунро ориёиҳо ҳамроҳи муҳоҷираташон ба мамолики Осиёи Ғарбӣ ва Урупо бо худ бурда буданд.

# БОБИ ДУЮМ
# ҶУНБИШИ ШУУБИЯ АЗ ДИДГОҲИ ГУНОГУН

## § 1. Ҳизбҳои шуубӣ: ҳизби арабӣ, ҳизби мусовот ва ҳизби шуубӣ

Пас аз реҳлати Расули Акрам (570-632) ва сипарӣ шудани рӯзгори хулафои рошидин (632-661), навбати ҳукумат ба хулафои умавӣ (661-750) ва Оли Марвон расид. Дар ин давра тағйироти зиёде дар асоси дини ислом ба вуҷуд омад. Мусовот ва бародарӣ, тақво ва парҳезкорӣ, ки аз муқаррароти ин дин аст, дар натиҷаи зуҳури хусусиятҳои миллатгароии арабӣ ва худхоҳию худкомагии дастгоҳи хилофат ва амирону волиёни он ба куллӣ аз миён рафт ва ҷои худро, ба зулму ситам, шиканҷаву озор, таҳқиру тавҳин ва билохира ҳазорон аъмоли нораво ва написанд нисбат ба миллатҳои мусулмон, махсусан ғайриараб (мавоӣ) дод. Эрониён, ки шукӯҳу азамати дерини худро аз даст дода буданд, дилхуш аз он буданд, ки баробари пазируфтани дини ислом ба мӯҷиби аҳком ва муқаррароти ин дини мубин аз мусовоти иҷтимоӣ бархурдор хоҳанд шуд, шарафу ҳайсият ва обрӯи онон маҳфуз хоҳад монд ва сайиди қурайшӣ бо сиёҳи ҳабашӣ тафовуте нахоҳад дошт. Аммо вақте ки аз Бани Умайя чунон диданд, умедашон якбора мубаддал ба ноумедӣ шуд ва ононро ба қиёму наҳзат (ҷунбиш) бар зидди араб водор кард.

Г.Э.фон Грюнебаум мӯътақид аст, ки ҳаракати шуубия аз замони пайдоиши хориҷиён дар аҳди Алӣ ибни Абутолиб шурӯъ шудааст. Зеро ӯ менависад, ки хориҷиён баробарии ахлоқию иҷтимоӣ ва сиёсии арабҳо ва ғайриарабҳоро эълон намуда буданд. «Онҳо аввалин шуубиёне буданд, ки дар байни пайравони Пайғамбар (с) ва Китоби муқаддас барои баробарии ҳамаи мусулмонон мубориза мебурданд. Ин ғояву амали онҳо дар байни мардуми ҷабрдида ва бовариашро аз дастдода, мавриди ҳимоят қарор мегирифтанд».[73]

[73] Грюнебаум Г.Э. Классический ислам.-С.59.

Вале дар охирҳои аҳди умавиён наҳзатҳои миллӣ, сиёсӣ ва мазҳабӣ шиддат гирифта, ҳар рӯз ба рангу бӯи хоссе зоҳир мешуданд. Мақсуди аслии ин ҷунбиш дар аввал барандохтани давлат ва ҳукмронии араб буд, на дини ислом. Қиёми Абумуслим агарчи ба салтанати Бани Умайя поён дод, вале натавонист, ки ҳукмронии арабро аз миён бубарад. Бузургтарин наҳзати мардуми ғайриараб, хусусан эрониён, ки сабаби завол ва шикасти давлат ва сиёсати Бани Умайя шуд, наҳзати шуубия буд. Ин наҳзат аз авоили қарни дуюми ҳиҷрӣ (VIII мелодӣ), балки пеш аз он шурӯъ ва дунболаи он то қарни шашуми ҳиҷрӣ (XII мелодӣ) кашида шуд. Пайдоиши маслаки шуубия ҷунбиши бузурге дар олами ислом ва араб эҷод кард ва тағйироти амиқе дар куллияи аҳволи сиёсӣ, фикрӣ ва адабии араб падид овард ва кор ба ҷое расид, ки ҷамъи зиёде аз ҳар табақа ва миллате ҳатто аз ҷинси араб ба ин фирқа пайвастанд. Ба гуфтаи Ҷалолиддини Ҳумой дар кутуби адаб ва таърихномаҳо бо номи бисёре аз донишмандони машҳур, шоирон ва нависандагони маъруф ва амирону вазирони номӣ бармехӯрем, ки дорои ақидаи шуубӣ ва аз ҳавохоҳони ҷиддии ин маслак буданд. Шуубия дар тамоми соҳаҳо ва куллияи қисматҳо ва фунуну маорифи исломӣ даст дошт ва дар ҳар қисмат осори бисёре аз ақоиди худ боқӣ гузорид.[74]

Шуубия касоне буданд, ки ба ислом гаравида, ба он дил баста буданд, вале ба бартарии араб, ки пас аз гузаштани давраҳои нахустини ислом тадриҷан ба назари умдае ба сурати аслии «муслим» даромада буд, гардан намениҳоданд. Мусаллам аст, ки яке аз корҳои судманди ислом бардоштани тамоми марзҳою унвонҳое буд, ки тӯдаҳои мухталифро аз ҳам ҷудо нигоҳ дошта буд ва аксаран бо якдигар ба душманӣ меандохт. Ин яке аз ҳақиқатҳои равшани ин дин буд. Вале он дер напоид ва пас аз гузашти пайғамбари ислом тадриҷан таассубҳои дерина бо шакли дигаре аз нав зинда шуд. Ҳангоме ки арабҳо хилофатро ба даст гирифта, ба

[74] Ниг: Ҳасаналии Мумтаҳан. Наҳзати шуубия. Теҳрон, 1992. – С. 188.

футуҳот ноил шуданд, нахостанд, ки худро бо дигар миллатҳои исломӣ ҳамсанг шуморида, хешро бо онҳо дар як радиф қарор диҳанд.

Дар давраи Умавӣ арабҳо соҳиби қудрати мутлақ шуданд. Ин боиси ба худпарастии шадид кашонда шудани арабҳо гардид ва кор ба дараҷае расид, ки ба мусулмонони ғайриараб ҳамчун бо банда менигаристагӣ шуданд ва даъвоҳои гуногуни бартарии хешро иброз медоштанд. М.Муҳаммадӣ зимни таҳқиқи ин масъала таъкид мекунад, ки «Шуубия ин даъвои бартариро аз аъроб намепазируфтанд ва динро аз ин гуна таассубҳо барканор медонистанд, барои мубориза ба мисли онҳо ҳам аз ифтихороти таърихӣ ва савобиқи дурахшони фарҳангии худ сухан меронданд ва бартарии эроиниёнро дар илму дониш, шоистагии эшонро дар мамлакатдорӣ ва ғайра ба рухи онҳо мекашиданд. Дар ҳифзу нигоҳдории осори фарҳангии Эрон, тарҷума кардан ба забони арабӣ ва мунташир сохтани онҳо дар миёни аъроб кӯшиши фаровон мекарданд. Бештари касоне, ки ба осори эронӣ дилбастагӣ нишон медоданд ва ё онҳоро тарҷума мекарданд, дар миёни аъроб ба шуубагарӣ муттаҳам буданд».[75]

Баҳсу таҳқиқ дар оини шуубия ва кашфи румузи сиёсӣ, фарҳангӣ ва илмии арбоби ин маслак барои таърихи умумии Эрон ва ислому араб беандоза муфид аст ва арзиши фидокориҳо, талошҳо ва аз худ гузаштагиҳои пешвоёни ин наҳзатро равшан ва ошкор хоҳад кард. Аз замони давлати Бани Умайя ва баъд аз лиҳози хубиҳову бадиҳои ақвом ва миллатҳои олами ислом се маслак ва ақидаи муҳим дар миёни мусулмонон падид омад, ки метавон онҳоро ба аҳзоби сегона таъбир кард. Ҳар як аз ин аҳзоб дар бораи бартарии миллате бар дигар миллатҳо ё баробарии қавму миллатҳо бо якдигар дорои афкор ва ақоиде махсус буд. Ин се маслак иборат аст аз (1) бартар шумoридани арабҳо бар тамоми милалу ақвоми олам ё худ «ҳизби арабӣ»; (2) мусовот ва баробарии миллатҳои олам бо якдигар ё худ «ҳизби

[75] Муҳаммадӣ, Муҳаммад. Фарҳанги эронии пеш аз ислом ва осори он дар тамаддуни исломӣ ва адабиёти арабӣ. Теҳрон, 1374-С.61.

мусовот» (баробарӣ); (3) бартарии аҷам бар араб ва таҳқири ҷинси араб ё худ «ҳизби шуубӣ».

Зуҳури се маслаки фавқ аз ҷиҳати таърихӣ ба тартиби зер зуҳур намуданд. Нахуст ҳизби арабӣ ё ақидаи бартарии араб бар соири миллатҳо ба вуҷуд омад ва сабабаш аз он иборат буд, ки араб дар аҳди Бани Умайя ба андозае мағрур шуд, ки фазоили ҳамаи миллатҳо ва тавоифи дигарро нодида гирифт ва худро аз назари нажод, аз ҳамаи ақвоми олам мумтоз шумурд. Дар муқобили ин ақидаи ифротӣ, ақидаи тафритии дигаре зуҳур кард, ки араб пасттарин миллати олам аст. Пайравони ин ақида бо далоиле, ки баён мекарданд, арабро вахшитарин ақвоми рӯи замин муаррифӣ мекарданд ва ӯро шоистаи риёсат ва ҳукумат намедонистанд. Ҳадди васату мобайни ин ду маслаки ифротӣ ва тафритӣ, ин ақида буд, ки ҳамаи ақвом ва миллатҳои олам бо якдигар баробаранд ва миллатеро бар миллати дигар фазилате нест. Пайравони ин дастаро «аҳлу-т-тасвия» (баробарихоҳон) мегуфтанд.

Арабистони Саудӣ, ки зодгоҳи нажоди араб аст, то имрӯз ҳам натавонистааст мардуми худро ба шоҳроҳи тамаддуни ҷаҳонӣ пайванд диҳад. Ба ҳар ҳол, ҳизби арабӣ, нахустин фирқае буд, ки дар аҳди Бани Умайя пайдо шуд. Ақидаи ин даста, чуноне ки қайд шуд, ин буд, ки насли араб бар тамоми миллатҳо ва ақвоми рӯи замин фазилат ва бартарӣ дорад. Тарафдорони ин маслак ғолибан ашрофи араб, бодиянишинон ва аҳёнан баъзе аз эрониён буданд, ки дини ислом ва дӯстдории араб дар онҳо таъсире тамом дошт. Ин даста барои пуштибонӣ аз ақоиди худ далоили зиёде меоварданд. Далели аввали онҳо аз он иборат буд, ки арабҳо дар давраи ҷоҳилият (пеш аз ислом) ба истиқлол зиндагонӣ мекарданд. Онҳо миёни ду империяи азими Эрон ва Рум қарор доштанд ва ин ду империя дорои қудрате фаровон буданд ва пайваста дар садади тасхири (забти) кишварҳо ва дастандозӣ бо шаҳрҳои дуру наздик буданд, вале натавонистанд истиқлоли арабро аз миён бибаранд, балки нисбат ба араб тамаллуқ гуфта, онҳоро ба кӯмаки хеш даъват мекарданд. Масалан, эрониён Бани Лахм ва румиён Бани

Ғассонро ба имдод талабиданд ва онҳоро молу маноли фаровон мебахшиданд, барои ин ки аз ғорат ва дастандозии аъроби нимҷазираи Арабистон ба кишварҳои худ ҷилавгирӣ кунанд.[76]

Касоне, ки ба ақидаи ҳизби арабӣ қоил буданд, ба ҳеҷ ваҷҳ намехостанд бовар кунанд, ки бепарвоии Эрону Рум нисбат ба тасарруфи мамолики араб ҳеҷ гоҳ аз бими шуҷоъат ва ҷасорати араб набуд, балки заминҳои хушки беобу алафи Ҷазират-ул-Араб, ки манбаи сарват набуд, шоистагии онро надошт, ки сипоҳи муназзами худро он ҷо бифиристанд ва дучори хароҷотҳои зиёд ва аз даст додани ҷону моли бисёр шаванд.

Вақте дини ислом дар миёни қавми араб зоҳир гардид ва пайғамбари ислом (с) аз араб буд, ба воситаи қиёми араб ба даъвати ислом ва бар асари фидокории ин қавм ойини поки ислом ривоҷ ёфт. Ба ҳамин восита қавми арабро бар умуми милали исломӣ миннатест, ки бо ҳеҷ чиз баробар натавон кард ва ҳеҷ кас қодир ба адои ҳаққи онон нест, зеро аъроб дигар ақвоми мусулмонро аз куфр берун оварда, ба тавҳид раҳнамоӣ карданд. Тарафдорони ин гурӯҳ бо истинод ба Ибни Муқаффаъ ривоят мекунанд, ки гуфт: «Оқилтарини миллати олам қавми араб аст».

Ҷоҳиз ба тарафдории ҳизби мазкур гуфта, ки дар рӯи замин сухане нест, ки судмандтар ва беҳтар, зеботар ва ширинтар ва болиғтар ва дилработар аз сухани аъроби хирадманд, фасеҳтар бошад.

Ин суханони Ҷоҳизро Муҳаммад ибни Идриси Шофеӣ, ки имоми яке аз мазҳабҳои фиқҳӣ мебошад, омӯхтани забони арабиро воҷиб дониста, онро забони ваҳйу танзил мешуморад ва мегӯяд, ки «алфозу луғоти забони арабӣ аз алфоз дар дигар забонҳои ҷаҳон бештар буда ва мо ғайр аз Пайғамбари ислом касеро намешиносем, ки ба ҷамеи алфозу луғоти ин забон иҳота дошта бошад».[77] Ӯ аз ин суханони худ боз ҳам фаротар рафта, таъкид мекунад, ки имкон надошт, ки Худованд барои ирсоли ваҳй ва нозил кардани Қуръон забони дигареро ғайр аз забони

[76] Амин, Аҳмад. Зуҳо -ул-ислом. Ҷилди 1. – С. 50.
[77] Ҳамон ҷо.-С.53.

арабӣ интихоб намояд. Зеро забони арабӣ комилтарин забони ҷаҳон аст…, ирсоли ваҳйу Қуръон дар қолаби ғайри забони арабӣ ғайриимкон мебошад».[78]

Аз ин суханони Имом Шофеӣ рӯҳи миллатгароии арабӣ ҳувайдост. Зеро маълум аст, ки ваҳйи илоҳӣ ба забони муайяне ихтисос надорад ва ин масъала дар яке аз оёти худи Қуръон ишора шудааст.[79] Гузашта аз ин, Абӯҳотами Розӣ дар «Аз-зинат фи-л-каламот-ил-арабият-ил-исломия» чандин забон (забони арабӣ, забони ибрӣ, забони суриёнӣ ва забони форсӣ)-ро ба унвони забони ваҳй ном будааст. Ин фикри андешманди исмоилиро дигар мутафаккирону муаррихони дин, аз ҷумла Ибни Ҳазм таъйид намудаанд.[80]

Аз тарафдорони «ҳизби исломӣ» боз ду нафарро номбар намудан мумкин аст, ки яке Абӯҷаъфар ибни Ҷарири Табарӣ ва дигаре Саолабӣ мебошад. Аввалӣ дар «Ҷомеъ-ул-баён фи таъвил-ил-Қуръон» забони арабиро бартар аз ҳамаи забонҳо қаламдод намуда, пайваста таъкид кардааст, ки ин забон салоҳияти онро дошта, ки ваҳйи илоҳӣ дар қолаби он нузул ёбад. Дуюмӣ дар «Фиқҳ-ул-луға» забони арабиро афзалтар аз дигар забонҳо дониста, чунин таъкид намудааст: «Касе, ки расули арабиро дӯст медорад, қавми арабро низ дӯст хоҳад дошт. Албатта, касе қавми арабро дӯст бидорад, забони арабиро низ дӯст медорад ва касе, ки забони арабиро дӯст дошта бошад, тамоми ҳиммати худро ба кор мебарад, то онро биомӯзад ва касе, ки Худованд ӯро ба дини ислом ҳидоят карда, динашро муншареҳ сохта бошад, мӯътақид хоҳад шуд, ки Ҳазрати Муҳаммад (с) беҳтарин расул аст, ислом беҳтарин дин буда, қавми араб низ аз беҳтарин ақвом ва миллатҳо ба шумор меравад».[81]

Далели дигари ҳизби арабӣ ин буд, ки арабҳо баъд аз ислом на танҳо истиқлоли худро ҳифз карданд, балки истиқлол ва азамати Эронро

---

[78] Динонӣ, Ғуломҳусайн Иброҳим. Дафтари ақл ва ояти ишқ. Ҷ.2. Теҳрон, 1381.-С.68.

[79] Қуръон. Сураи Марям, ояти 50. «Ва ба онон аз раҳмати хеш бахшидем ва барои онон овозае (забоне ростин ва баланд падид овардем». [Тарҷумаи Баҳоуддини Хуррамшоҳӣ].

[80] Ниг. Лонфод, Ҷон. Мин ал- Қуръон ила-л-фалсафат-л-лафзӣ лил-Форобӣ. Ал-лисон-ул-арабӣ ва такаввун-ал-қомус-ал-фалсафӣ. Тарҷимаи Ваҷеҳи Асадӣ. Сурия (соли нашр надорад).-С.134.

[81] Ҳамон ҷо.-С.134.

дар ҳам шикастанд ва эрониёнро мутеъ ва ғуломи худ карданд. Сипоҳиёни Румро низ пароканданд ва кишвари онҳоро забт намуданд. Агар дар араб лаёқати зотӣ ва кифояти фитрӣ набуд, ҳаргиз чунин фармонфармоӣ ва ҳукмронии ҷаҳонӣ насиби ӯ намешуд.

Тарафдорони ин ақида фазилати исломро ба ҳисоби араб мегузоранд, дар сурате ки ҳама ҷо бояд ҷанбаи исломро аз араб ҷудо кард. Зеро тавре ки баён доштем, ҳанӯз бисёре аз ақоид ва таассуботи беҷо дар қавми араб мавҷуд буд, ки ислом шадидан бо он мухолиф буд ва ояи «ал-аъробу ашадду куфран ва нифоқан» [82] гувоҳи ин маъност. Ва он гоҳе ингуна ҷаҳонгириҳо ва кишваркушоиҳо дар аҳди қадим байни аввалин империяҳо низ ҷой дошта ва муносибати ташаккулёфтаи анъанавии давлати ғолиб ба мағлуб боиси ба вуҷуд омадани чунин фикру ақидаҳо мегардиданд. Ба ин маънӣ, мавқеи ҳизби арабӣ фазилати зотии араб нисбат ба дигар миллатҳо намебошад. Ба ибораи дигар чунин муносибат собиқаи пешина доштааст.

Далели дигари ҳизби мавриди назар дар он зоҳир мешуд, ки арабҳо дорои сифатҳо ва ахлоқе буданд, ки ба онҳо мазийят ва бартарӣ дода буд. Онҳо меҳмондӯсту сахӣ ва боҳаммият (баномус) буданд. Касе ки беш аз як шутур дороӣ надошт, он шутурро барои пазироии меҳмон мекушт. Араб ҳамеша лаҷоми аспи худро ба даст гирифта, ҳар фарёд ё даъвате мешунид ба ҳимояту ёрии соҳиби садо мешитофт. Вафо ба аҳд ва анҷоми паймону мисоқ аз сифатҳои барҷастаи араб буд. Арабҳо худованди сухан ва соҳиби баёни ширин, каломи балиғ (баланд) ва маъниҳои дақиқу латиф буданд. Аъроб ансоб (насабномаи) худро ҳифз мекард ва ҳар як аз эшон метавонист номи ниёкони худро зикр кунад ва ба воситаи ҳифзи насабҳо ҳалолзода аз ҳаромзода фарқ карда шавад. Посухи ин далел дар зикри ақидаҳои фирқаҳои дигари ислом маълум хоҳад шуд.

Барои тақвияти фикри боло дар ин ҷо суханони муҳаққиқи эронӣ Муртазои Ровандиро нисбати ин ҳизб овардан бамаврид аст. Ӯ

[82] Қуръон, Сураи Тавба, ояти 97. Аъробиён куфрпешатар ва нифоқпешатар [аз дигаронанд] ва дар надонистани чуну чарои аҳкоме ки Худованд бар паёмбараш нозил кардааст, пештар [аз дигаронанд].

менависад: «Арабҳо мавқеияту пирӯзии худро мавлуди нубуғу шоистагии қавми араб медонистанд ва гумон мекарданд, ки хуни араб хунест ғайр аз хуни ғайри милали араб. Ва бинобар ин аъроб бар умуми ақвому милали ҷаҳон, ҳатто бар онҳо, ки дини исломро пазируфтаанд, раҷҳон ва бартарӣ доранд. Базри ин фикрро Умар кошт ва Бани Умайя бо аъмолашон беш аз дигарон дар тарғиби (ин) афкори ботил байни аъроб кӯшиданд. Махсусан эрониёнро, ки ба дӯстии Алӣ ва авлоди ӯ тазоҳур мекарданд, беш аз дигарон мавриди таҳқир қарор доданд. Аъроб милали ғайриарабро бандагон ё ба қавли худашон маволӣ хитоб мекарданд ва аз додани машоғили кишварию мазҳабӣ ба онҳо худдорӣ менамуданд..., ташйиъи (гусел ва видоъи) ҷанозаи маволиро нанг мешумориданд, бо маволӣ дар як саф роҳ намерафтанд».[83]

Ҳодисоти сиёсии асри XX бар он далолат мекунанд, ки дини ислом ва миллати араб бо душворӣ он ҷозибияти пешинаи худро дар даст нигоҳ медорад. Далелаш заъфу нотавонии илмӣ ва фарҳангӣ дар муқобили тамаддуни зӯровари Ғарб мебошад.

Аҳли «тасвия»-ро ҳизби мусовот (баробарӣ) меноманд ва пайравони он мӯътақид буданд, ки араб нисбат ба миллатҳо ва тавоифи дигар бартарӣ ва фазилат надорад, ҳамаи мардум аз як модда офарида шуда ва ҳама фарзанди Одаманд, фақат афрод нисбат ба якдигар фазилат доранд ва фазилати онҳо ҳам ба кирдору гуфтор ва хӯи неку шарофати зотӣ ва ҳиммати баланд аст, на ба насабу ҳасаб. Чунон ки агар касе аз ашрофи қабоили араб, зиштху ва фоқиди шарофату тақво бошад, ӯро пасту хор бояд шумурд ва билъакс афроди гумноми бофазилату тақво ва шарофатро бояд азизу мӯҳтарам дошт. Пайдоиши ин ҳизб пас аз ҳизби арабӣ буд ва ғуруру худписандиҳои араб мӯҷиб шуд, ки ин ҳизб ба вуҷуд омад.

Муҳимтарин далели аҳли «тасвия» аз он иборат аст, ки умуми афроди башар, аз як асл ва як реша ва ҳама зодаи як падару модаранд ва миёни тавоиф ва милали олам аз ин ҷиҳат бартарӣ ва тафовуте нест. Вале мумкин аст, порае аз афроди як синф беҳтар ё бадтар аз баъзе афроди синфи дигар

[83] Ровандӣ, Муртазо. Таърихи иҷтимоии Эрон. Теҳрон, 2536.-С.121.

бошад ва қазияи ҷузъӣ шарти ҳукми куллӣ нест. Пас, барои ҳеҷ миллате фазилати зотӣ нест ва ҳамагии умматҳо ва миллатҳои гетӣ бо якдигар мусовӣ ва баробаранд.

Ба шаҳодати Қуръон ва ҳадисҳои машҳур фазилат танҳо ба ҳусни ахлоқ ва парҳезгорӣ аст на чизи дигар. Қуръони маҷид дар ин бора тасреҳ карда мефармояд: «Ё айюҳа-н-носу инно халақнокум мин закарин ва унсо ва ҷаъалнокум шуубан ва қабоила литаъорафу инна акрамакум инда-л-лоҳи атқокум, инна-л-лоҳа алайҳим хабир».[84] Ва ҳадис мегӯяд: «Лайса ли-арабийин ало аҷамийин фазлун илло бит-тақво». Яъне: «Араб бар Аҷам бартарӣ надорад, магар аз роҳи парҳезгорӣ».

Низ дар ҳадисе омада: «ал-муъминуна татакофаъ димоуҳум ва ясъо би-зимматиҳим адноҳум ва ҳум ядун ало ман сивоҳум». Яъне: «Аҳли имон бо якдигар баробаранд ва хунбаҳои онҳо яксон аст ва тааҳҳуде, ки пастарини онҳо бикунад,  назди ҳамаи мӯъминон мавриди қабул аст, мӯъминон монанди як даст муттаҳид ва яксонанд».[85]

Ибни Аббос ривоят мекунад, ки яке аз бандагони озодшуда (мавло) аз тоифаи Бани Байёза зан хост, Пайғамбар (с) бадонҳо гуфт, ки тақозояшро пазиранд. Бад-ӯ гуфтанд: «Оё духтарони худро ба бандагони озодшудаи худ бидиҳем?» Дар ин ҳангом ояи «Ё айюҳа-н-носу инно халақнокум мин закарин ...» нозил шуд, ки дорои рад ва инкори ҳар гуна фазилату бартарӣ аст. Магар фазилате, ки аз ноҳияи тақво ва дурусткорӣ ҳосил шавад. Низ дар бораи нузули ин оят нақл мекунанд, ки Пайғамбар (с) ба Билол фармон дод, ки болои Каъба равад ва азон гӯяд. Ҳорис ибни Ҳишом ва Итоб ибни Асид чун ин бididанд, ҳашмгин шуданд ва гуфтанд: «Оё ин бандаи сиёҳ болои Каъба азон гӯяд?» Ин оят барои радди онҳо нозил шуд.[86]

Инчунин Муҳаммад ибни Яъқуби Кулинӣ – муҳаддиси машҳур ва бузурги шиъа (329 / 941) дар китоби «Кофӣ» ҳадисе нақл мекунад, ки

---

[84] Қуръон, сураи Ҳуҷурот, қисмате аз ояти 13.
[85] Ҳасан, Иброҳим. Таърихи сиёсии ислом. Ҷ.1. Теҳрон, 1338. – С. 186.
[86] Ҳамон ҷо. – С. 189.

хулосаи он чунин аст: Рӯзе Алӣ ибни Абутолиб дар як суханронии умумӣ гуфт: «Эй мардум! Аз одам касе барда ё каниз ба дунё наёмада, мардум ҳамагӣ озоданд». Он гоҳ шурӯъ ба тақсими динор кард. Ба марде аз ансор се динор дод. Сипас ғуломи сиёҳе омад, ба ӯ низ се динор дод. Марди ансорӣ гуфт: «Эй амир ал-мӯъминин! Ин бардае буд, ки дирӯз озодаш кардам, ману ӯро мусовӣ қарор додӣ?» Фармуд: «Ман дар Китоби Худо назар кардам ва касеро нисбат ба касе бартар наёфтам».[87]

Ва аз Маъмуни аббосӣ ин сухан ривоят шуда аст: «Насаб иборат аз шараф аст, ҳар ки аз арабҳо шариф бошад, бар фурӯмоягони аҷам муқаддам мешавад ва ҳар ки аз аҷам шариф бошад, бар ашхоси пасти араб бартарӣ дорад».[88] Дар воқеъ, ӯ дар амал низ ин гуфтаи худро нишон додааст. Вақте ӯ дар Бағдод «Байт-ул-ҳикмат»-ро таъсис намуд, аз ҳавзаи илмии Гундишопур беҳтарин олимону табибонро барои таъсис ва раҳнамоӣ ба Бағдод даъват кард ва сарпарастии ин марказро ба олиму табиби эронӣ Ҷирҷис вогузор намуд. Ибни Мусавейҳ, ки 30 сол дар дорухонаи бемористони Гундишопури Эрон фаъолият дошт, бо даъвати Ибни Маъмун ба Бағдод рафт ва бо писарони худ Ибни Мусавейҳи акбар, Ибни Мусавейҳи асғар ва Юҳанно ибни Мусавейҳ илми тиброро дар он «Байт-ул-ҳикмат» инкишоф дод.

Ибни Қутайбаи Динаварӣ пас аз ин ки аз араб дифоъ ва фазлу бартарии он қавмро нисбат ба соири миллатҳо баён мекунад, гӯё пушаймон мешавад, то ҷое, ки тамоми баёноти худро рад мекунад ва куллияи афроди башарро яксон мешуморад. Ӯ дар поёни китоби «Бузургии арабҳо»-и худ менависад: «Инсоф ин аст, ки ҳамаи мардум аз як падару модаранд, аз хок баромада ва бар хок бармегарданд». Ҳақ ин аст, ки Ибни Қутайба саранҷом таҳти таъсири таълимоти ислом сухани ҳақро бар қалам меоварад, ки он чи ӯ гуфта ва онро «аъдалу-л-қавл»

[87] Қофӣ. Ҷилди 8. - С. 469 (нашри Техрон).
[88] Муҳозирот -ул-удабо, Ҷилди 1. - С. 219.

(одилонатарин назар) дошта, мазмуни суханони пайғамбар (с) ва Алӣ ибни Абутолиб аст.[89]

Саид Муҳаммади Хотамӣ мусовотталабии мардум ва бедодситезии ононро дар наҳзати шиа хулоса намуда, ҳаракати мусовотталабӣ ва адолатхоҳиро дар асри имон ва ғалабаи диёнат як воқеаи муҳими иҷтимоию сиёсӣ ва фарҳангӣ медонад. Ба ин масъала муҳаққиқони дигар низ ибрози назар намудаанд ва бо истинод ба оятҳои Қуръону аҳодиси набавӣ моҳияти ҳизби мусовотро шарҳу тафсир додаанд. Яке аз муҳаққиқони эронӣ бо истинод ба Қуръон (сураи 49 ҳуҷарот, ояти 10 ва 13) кулли Бани Одамро аз назари ислом баробару мусовӣ ба қалам додаст.[90]

Ногуфта ҳам пайдост, ки ислому бузургони ислом ба ин мавзӯъ аз мавқеи адолати илоҳӣ баҳо медоданд. Вале дар зиндагии амалии мусулмонон ин баробарӣ ҳеҷ вақт амалан вуҷуд надоштааст. Далелаш ҳам характери консервативӣ доштани идеологияи динист, ки бо саволҳои нав ба нави зиндагӣ ҳамеша ҷавоби сазовор ва дурусти илмӣ пайдо карда наметавонад.

Ҳизби шуубӣ ё фирқае, ки маромашон таҳқири арабу тафзили аҷам буд, ба васоили гуногун дар барандохтани ҳокимияти араб мекӯшиданд. Таблиғи ақоид ва афкори ин фирқа дар шикастани қудрати араб аз ҳар шамшер коргартар ва аз ҳар инқилоб муассиртар буд. Асоси ҳукумати арабии Бани Умайяро қиёми Абумуслим ва ҷонбозиҳои эрониёни дигар аз реша барканд, вале ҷои онро ворисони дигари ин ҳукумат – Аббосиён ба даст гирифтанд. Дар нимаи дуюми асри Х1Х ва дар тӯли асри ХХ бо зуҳури ҳаракатҳои миллӣ-озодихоҳӣ дар сатҳи ҷаҳонӣ на танҳо ҳукумати миллати араб аз байн рафт, балки идеологияи исломии он низ ба куллӣ тағйири моҳият дод. Акнун миллатҳое, ки пештар дар ҳавзаи ҳокимияти динӣ ва дунёии арабӣ зиндагӣ мекарданд, соҳиби давлати мустақили миллии худ гардиданд ва ислом барои онҳо рукне аз рукнҳои асосии фарҳангу эътиқодоти миллӣ ба шумор меравад.

---

[89] Мумтаҳан, Ҳусайналӣ. Наҳзати шуубия. Ҷунбиши миллии эрониён дар баробари хилофати умавӣ ва аббосӣ. Теҳрон, чопи 2, 1370-1992. – С.194.
[90] Ровандӣ, Муртазо. Таърихи иҷтимоии Эрон.-С.122-123.

## § 2. Пайдоиши истилоҳ ва маслаки «Шуубия»

Калимаи шуубия ба таври умумӣ номи ҷунбишест, ки мӯътақид ба фазилат ва бартарии араб бар соири ақвоми олам нест ва ба таври хос иборат аз фирқаест, ки душмани аслу насаби араб аст ва ин қавмро пасттарин ақвоми олам мешуморад ва аслу насаби аҷамро бар араб афзалият медиҳад. Бинобар ин калимаи шуубия дорои се мавриди истеъмол аст,[91] ки дар боло онҳо номбар шуданд. Аз ин рӯ, таърифи истилоҳи шуубия дар адабиёти тафсирӣ ба таври гуногун шарҳу баён ёфтааст.

Масалан, дар «ал-Иқд -ул-фарид» чунин омада: «аш-Шуубияту ва ҳум аҳлу-т-тасвия». Яъне: «Шуубия аҳли мусовот ва баробарианд».

Дар китоби «Сиҳоҳ -ул-луға»-и Ҷавҳарӣ ва «Доират -ул-маориф»-и Бустонӣ зикр шудааст, ки «шуубия гурӯҳеанд, ки қоил ба бартарии араб бар аҷам нестанд».[92] Дар «Фарҳанги араб ва фаронса» таълифи Б.Казимирский низ дар бораи лафзи шуубия ҳамин маънӣ ба кор рафтааст. Дар «Фарҳанги Анандроҷ» навишта шудааст: «Шуубӣ ба ду замима, он ки арабро ба аҷам тафзил наниҳад ва он гурӯҳро шуубӣ гӯянд».[93] Ибни Ҳоҷиб дар китоби «ал-Изоҳ», ки шарҳи «ал-Муфассал»-и Замахшарӣ аст, дар таърифи калимаи «Шуубия» менависад: «Қавми мутаассибе ҳастанд, ки аҷамиёнро аз арабҳо болотар медонанд». Ибни Манзур чунин мегӯяд: «Шуубӣ касе аст, ки арабро ҳақир медонад ва барои ӯ бартарӣ нисбат ба дигарон қоил нест». Д.Б.Макдоналд ҳам дар «Доират -ул-маорифи ислом» таҳти унвони «Шуубия» ба гуфтаи Ибни Манзур истинод мекунад ва шуубияро гурӯҳе мешиносад, ки «худро дар баробари араб болотар ва бартар донистаанд ва нисбат ба араб тахфиф ва таҳқир намудаанд».

[91] Ҳумоӣ, Ҷалолуддин. «Шуубия» Исфаҳон, 1363 (1985). – С .67.
[92] Мумтаҳан. Наҳзати шуубия, ҳамон ҷо.-С.198.
[93] Фарҳанги Анандроҷ. Ҷилди 4. – С. 2634.//Иқтибос аз китоби Мумтаҳан, Ҳусайналӣ. Наҳзати шуубия.–Теҳрон, 1992.– С.195.

Ҷоҳиз ва амсоли ӯ, ғолибан калимаи шуубияро бар душманони араб итлоқ мекунанд. Бинобар ин лафзи шуубия аз ҷиҳати маънии аслии луғавӣ мутаносиби тасвия (баробарӣ) ё  инкори мутлақи фазилати араб аст. Ҳамон тавр душманони араб хоссатан онҳое, ки тавонистанд душмании худро ошкор кунанд, баъд аз аҳли мусовот зуҳур карданд. Номи шуубия ҳам, ки қаблан бар аҳли тасвия татбиқ мешуд, бар онҳо итлоқ гардид, ниҳоят ин ки чун дар замони Бани Умайя  арабҳо нерӯманд ва ғолиб буданд, он гурӯҳ аз мавлӣ, ки шуубимаслак буданд, ҷуръати изҳори ақида ва назар надоштанд ва ҳамин қадар мегуфтанд: «Мо толиби мусовот ҳастем».[94]Орзуи онҳо ҳам ҳамин буд, ки бо арабҳо яксон бошанд. Чун ҷидол ва кашмакаш байни онҳо сахт шуд ва эрониён дар асри Хорун ар-Рашид ва Маъмун қудрат ва эътибори зиёде ёфтанд, ақидаи саввум, ки иборат аз таҳқири арабҳои нажодпараст буд, комилан ошкор гардид ва номи шуубия, ки махсуси аҳли мусовот буд, бар ҳар ду даста (аҳли тасвия ва шуубия) ниҳода шуд нисбат дода шуд ва  иловатан  душманони араб низ бештар ба номи «шуубия» маъруф шуданд.[95]

Е.А.Беляев ҳаракати шуубияро муборизаи идеологии мардуми ғайриараб (асосан эронитаборон)-и музофотҳои шарқии хилофат ба муқобили арабҳо арзёбӣ карда, пайравони онро муборизони баробарии ҳуқуқӣ бо арабҳо ва хатто афзалтар аз онҳо дар мақому манзалати фарҳангӣ медонад.[96] Як қатор олимони дигари рус калимаи «шууб»-ро муштақ аз матни Қуръон (сураи XLIX, ояти 13) қаламдод намуда, онро ҷараёни оппозитсионии халқҳои ғайриараби зери тасарруфи хилофати арабҳо қароргирифта талаққӣ кардаанд.[97] И.П.Петрушевский шуубияро наҳзати зиддиарабӣ ва ҷунбиши фарҳангии эронпарастона медонад.[98]

Бо ба сари ҳокимият омадани туркҳо дар кишварҳои исломӣ ҳаракати шуубия бо тасаввуф омехта гардид. Дар зимни тасаввуф ҳаракати

---

[94] Филип Ҳетте.. Таърихи араб. Ҷилди 1. – С. 513.
[95] Амин, Аҳмад. Зуҳо -ул-ислом. Ҷ.1. Қоҳира, 1956. – С. 56.
[96] Беляев Е.А. Арабы, ислам и арабский халифат в раннее средневековье. М., 1966.-С.195.
[97] Пигулевская И.В., Якубовский А.Ю., Петрушевский И.П., Строева Л.В., Беленицкий А.М. История Ирана с древнейших  времен до конца XVIII века. Л., 1958.-С.77.
[98] Петрушевский  И.П. Ислам в Иране в VII-XV– веках. Л., 1966.-С.44.

шуубия худро бо истилоҳи «ринд» номгузорӣ кард. Истилоҳи «ринд» аз номи файласуф ва озодандеши Хуросон Ибни Ривандӣ гирифта шудаст, ки дар замони худ (асри VIII мелодӣ) ба муқобили Қуръон 114 китоб таълиф намуда буд. Дар сарчашмаҳои таърихӣ ӯро бо номи Ибни Ровандии мулҳид низ ёдоварӣ намудаанд. Риндӣ ва риндигарӣ ба ибораи дигар рийвандигарӣ мебошад.

Лафзи «шуубия» монанди «ровандия», «хуррамия», «қадария», «ҷаҳмия» ва амсоли онҳо, иборат аст аз фирқаи хос ва шакли занонаи калима ба муносибати фирқа ва ҷамоъат аст ва дар мавриди як нафар «шуубӣ» гуфта мешавад. Калимаи «Шуубӣ» - ба сиғаи ҷамъ ва бо тоъ-и нисбат – мансуб аст ба лафзи «Шууб», ки дар ин оят аз Қуръони Маҷид омадааст: «Эй мардумон! Шуморо аз марде ва зане офаридем ва ин ки шумо ба миллатҳо ва қабилаҳо тақсим шудаед, барои он аст, ки якдигарро бишносед (на барои тафохур ба нажод ва насаб), ҳамоно дар пешгоҳи худованд ҳар ки парҳезгортар аст, бузургвортар аст».[99] Низ мегӯянд, ки калимаи «шуубия» аз шууб, ки ҷамъи «шаъб» аст, гирифта шуда ва «Шаъаб» иборат аз гурӯҳ ё қавму миллат аст, ки миқдораш аз қабила, тоифа ва ашира бештар аст. Зубайр Ибни Баккор мегӯяд: «Аввал шаъаб аст, дуюм қабила, сеюм амора, чаҳорум батн, панҷум фахз, шашум фасила».[100]

Дар ин табақабандӣ навиштаҳои донишмандон ва луғатнависон бо якдигар ихтилоф дорад, лекин он чи ғолибан гуфтаанд, ин аст, ки лафзи «шаъаб» ба маънии қабилаи бузург ва ба таъбири Ҷавҳарӣ – соҳиби «Сиҳоҳ -ул-луға» абу-л-қабоил (падари қабилаҳо) аст, ки решаи ҳамаи қабилаҳо маҳсуб мешавад ва нисбати тамоми қабилаҳо бад-он мунтаҳӣ мегардад. Баъзе гӯянд, ки мақсуд аз «шууб» дар ояти мазкур тавоифи Аҷам (эрониён) ва мақсуд аз «қабоил» тавоифи араб аст ва чун ҳавохоҳони Аҷам, дар ҳақиқат ҳавохоҳи шууб ва мухолифи қабоили араб буданд, ба номи «шуубӣ» ва «шуубия» номида шуданд. Олими мисрӣ Аҳмад Амин ин таъбирро дуруст намешуморад ва менависад: «Ин тафсир дар назари мо

[99] Фахри Розӣ. Тафсири Кабир. «Мафотиҳ-ул-ғайб»,чопи Миср, бидуни зикри сол. Ҷ.7. – С.604-607.
[100] Амин, Аҳмад. Зуҳо -ул-ислом. Қоҳира, 1956. Ҷ.1. – С. 57.

саҳеҳ нест, зеро арабҳо ҳангоми нузули ин оят, бад-он таъбир таваҷҷӯҳ накарда буданд». [101]

Табарӣ бисёре аз ақоид ва ороъ, ки аз саҳоба ва тобеъин ривоят шуда аст, нақл карда ва ҳамаи онҳо гувоҳ ба ин аст, ки «шууб» иборат аст, аз насаби ниёгон ва қабоил ва бутун наздиктар аз он аст ва «шаъаб» гурӯҳи бузургтар ва қабила ҷамъоати камтар аст. Аз ин тафсир чунин бар меояд, ки шууб бояд аҷам ва қабоил бояд араб бошад ва ин сохтаи як нафар эронӣ аст. Мақсади ӯ бартарӣ додани эрониён бар арабҳо аст, аз ин роҳ, ки бо ин баён номи эрониён бар арабҳо дар Қуръон муқаддам (пештар) зикр шуда аст (шуубан ва қабоил). Ибни Қутайба мегӯяд: «Баъзе аҷамон лафзи «шууб»-ро дар ояти Қуръон ба тавоифи аҷам ва қабоилро ба тавоифи араб итлоқ карда мегӯянд: «Тақдим дар зикр далели фазилат ва тақаддуми рутбат аст. Ва чун «шууб» дар оят нисбат ба қабоил муқаддам омада, пас бояд эрониён муқаддам ва ё афзал бошанд. Ин далел аз ду назар саҳеҳ нест: яке ин ки муқаддам намудани лафз далел бар муқаддам будани рутбат нест, зеро дар Қуръони Маҷид чунин омада: «Ё маъшар-ал-ҷиннӣ ва-л-инсӣ» ва ҷинро бар инс (инсон) муқаддам дошта ва ҳол он ки инсон бартар ва болотар аз ҷин аст. Дуюм ин ки танҳо эрониён «шууб» нестанд. Балки ҳар қавмеро метавон шаъаб ва миллат гуфт ва арабҳо низ шуубанд».[102]

Пайдоиши истилоҳоти ҳамаи илмҳо дар ибтидо сабабҳо ва иллатҳои муайяне доранд. Вале равиши рӯзгор ва мухтавои ин ё он илм ба ин ё он истилоҳ маънои мушаххаси таърихӣ мебахшад. Истилоҳи «шуубия» низ тобеъи ҳамин қонуни умумии фарҳангӣ будааст.

Замзамаи ақоиди шуубия аз охирҳои аҳди Умавӣ аз ҳамон вақт, ки Исмоил ибни Ясор дар ҳузури Ҳишом ибни Абдумалик мафохири эрониёнро мешумурд, оғоз шуд, вале дар он мавқеъ шахси халифа ва ҳамчунин соири тарафдорони араб комилан огоҳ буданд ва ба васоили мухталиф ин садоҳоро хомӯш мекарданд. Бад-ин ҷиҳат буд, ки даъвати шуубия аз оғоз бисёр пинҳону розгуна буд ва таърихи пайдоиши маслаки

[101] Амин, Аҳмад. Зуҳо-ул-ислом. Қоҳира, 1956. Ҷ.1.-С.58.
[102] Ҳамон ҷо.-С.59.

шуубияро ба ҳамин давра нисбат додан мумкин аст, ки минбаъд он бе сару садо пеш мерафт. Ба ҳамин сабаб Ҳошими Разӣ мӯътақид аст, ки ҳаракати шуубия аз ҳамон қарни якуми ҳиҷрӣ шурӯъ шуд ва арабу мусулмон дар ду ҷабҳа ба унвонҳои «Панарабизм» ва «Панаҷамизм» мавзеъ гирифтанд. Онҳо барои исботи мавқеъҳои худ ба ҷаъл намудани ҳазорон ҳадису ривоят пардохтанд ва ҳар ду тараф бо истифода аз он мавҷудияти худро мустаҳкам намуданӣ мешуданд. Вале чун шуубия зери фишор буданд, онҳо дар бораи Зардушт, подшоҳон, бузургон, ҳамосаҳо, адабиёт, улуми эронӣ сухану ривоятҳои бисёре аз рӯи суханҳои ислом ва имомон сохтанд. Тарафи муқобил бошад, таблиғро то ба ҷое расонд, ки издивоҷ кардани мусулмонон (арабҳо) бо яҳудиёну масеҳиён раво аст, аммо бо зани маҷусия ҳаром аст.[103]

Аз оғози хилофати Бани Аббос кам-кам ин садо баланд ва таблиғоти шуубия ҷиддитар шуд. Дар замони Ҳорун ва Маъмун ин садо шиддат ёфт ва ба мунтаҳои шиддати худ расид. Дар аҳди Аббосиён – аз хилофати Саффоҳ то поёни аҳди халифа Мӯътасим тарафдорони маслаки шуубия аксар эронӣ буданд. Онҳо бо ниҳояти шӯру алоқа машғули таблиғи мароми худ буданд ва то ҳадде, ки имкон дошт, пешрафт карданд. Аз аҳди Мӯътасим ба баъд зиддият бо араб, ки рӯҳи ақоиди шуубия буд, тарафдорони бисёр дошт ва туркон низ дар тарафгирии ин маслак камтар аз эрониён набуданд. Минбаъд суриёниён ва ҳатто худи арабҳо низ ба он дохил шуданд.

Ҳоло бояд дид лафзи шуубия аз чӣ мавқеъ истеъмол шуда ва шӯҳрат пайдо кардааст? Қаблан баён шуд, ки маслаки шуубия ба маънии умумӣ пеш аз аҳди Аббосиён, яъне қабл аз солҳои 750 пайдо шуд, аммо барои ин мавзӯъ, ки лафзи шуубия аз чӣ таърих ва чӣ вақт ба маънои мухолифи араб истеъмол шудааст, далели қатъӣ дар даст нест ва зоҳиран миёни солҳои (750-833), яъне дар аввали давраи Аббосӣ паҳн шуда аст. Дар ин бора чанд далел вуҷуд дорад, ки дар зер баён мешавад:

---

[103] Разӣ, Ҳошим. Ҷашнҳои об. Теҳрон, 1384.-С.216.

Далели аввал аз он иборат аст, ки мӯътақидон пеш аз пайдоиши қувва ва қудрат наметавонистанд душмании худро бо араб ошкор кунанд. Ононе, ки арабро ҳақир мешумурданд, пеш аз ёфтани неру ва қудрат ному нишоне надоштанд ва гумном ба сар мебурданд. Ҳар чи дар роҳи пешрафту мақсуди худ раво медиданд, комилан пинҳону махфӣ буд ва агар изҳори вуҷуде мекарданд, фавран онҳоро хомӯш ва саркӯб мекарданд.[104] Бар хилофи ин дар асри Аббосиён, ки комилан мақсадҳои худро ошкор карданд, ин наҳзат сурати ҳизбӣ пайдо кард. Бадеҳист, то ақидае ба сурати маслаки гурӯҳе ё мароми ҳизбе дарнаёяд, номи махсусе пайдо нахоҳад кард.

Далели дигар ишора ба он мекунад, ки то ба ҳол муайян нашуда, ки касе дар замони Бани Умайя ин номро ба худ ё ба дигарон ниҳода бошад ва аммо ин ки Абулфараҷи Исфаҳонӣ дар китоби «ал-Ағонӣ» Исмоил ибни Ясорро шуубӣ мехонад, манзур ин аст, ки Исмоил муосири Ҳишом ибни Абдумалики Умавӣ (723-743) ошкоро бо ашъори шеваю дилнишинаш маҷду азамати ниёгони худро карда, мафосиди ахлоқии аъробро нишон дода буд, ба ҷурми ҳақгӯӣ шиканҷаи фаровон дид. Чуноне ки Салмони Форсиро сӯфӣ мехонанд ва ҳол он ки ҳеҷ кас наметвонад иддаъо кунад, ки дар замони Салмон тасаввуф буда ва лафзи сӯфӣ ба маънии машҳур ва мутадовили имрӯз дар он аср маъмул бошад.[105]

Масруқ, ки аз тобеъин буда ва дар замони Бани Умайя мезиста аст, ривоят мекунад, ки «марде аз шуубия ислом пазируфт, пеш аз он аз ӯ ҷизя мегирифтанд. Умар фармон дод, ки дигар аз ӯ ҷизя нагиранд». Ибни Асир қавли Масруқи тобеъиро чунин тафсир карда аст: «Мурод аз шуубӣ эрониёнанд». Аҳмад Амин менависад: «Бо вуҷуди ин мо онҳоро баъид медонем, мумкин аст, мақсуди Масруқ ин бошад, ки марде аз шууб яъне ғайр аз араб ислом пазируфт».[106]

---

[104] Ад-Дуврӣ, Абдулазиз. «Решаҳои таърихии шуубия». Бейрут, 1962. – С. 28-29. (Минбаъд ад-Дуврӣ. Решаҳои таърихии шуубия). [Ал-Ҷузур ат-таърихия лил-шуубия].

[105] Ҳумой. Ҷалолуддин. Шуубия. Исфаҳон, 1363. – С.68.

[106] Ҳамон ҷо. Ҷ.1. – С. 58.

Ҷалолуддини Ҳумоӣ дар ин маврид менависад: «Аҳмад Амин дар китоби «Зуҳо-ул-ислом» ривояти Масруқ ва гуфтори Ибни Асир ва соҳиби «Лисон-ул-араб»-ро нақл карда ва билохира худ ин гуна изҳори ақида мекунад, ки муроди Масруқ аз «раҷулан мин аш-шууб», яъне марде аз миллатҳои ғайриараб аст. Бинобар ин лафзи шууб дар тавоифи ғайриараб истеъмол шудааст. Дар сурате, ки ҳамин муаллиф дар сафҳаи дигари китоби худ менависад: «Ин ки шуубро дар оят ба тавоифи аҷам ва қабоили араб тафсир карданд, ба назари мо носавоб аст ва далели возеҳаш ин аст, ки араб дар ҳангоми нузули оят чунин маъное аз он намефаҳмид ва зоҳир ин аст, ки тафсири «шууб» ба аҷам сохтаи худи аҷамиҳои шуубӣ бошад».[107] Ин ду гуфтор зоҳиран бо якдигар носозгор аст, агар араб аз лафзи «шууб» миллатҳои ғайри арабро намефаҳмид, чи гуна Масруқи тобеъӣ чунин ривояте аз кирдори Умар барои араб нақл кард ва агар ин тафсир сохтаи аҷамиён аст, чӣ гуна худ ба ин маънӣ гаравида гуфтед: «Мо бар ин ақидаем, ки Масруқ мардеро дар назар доштааст, ки аз халқҳои ғайри араби мусулмон будааст».

Ҷалолуддини Ҳумоӣ сипас чунин менависад: «Нигоранда эҳтимол медиҳад, ки лафзи «Шууб» аз ҷиҳати мафҳуми луғавӣ шомили ҳамаи ақвом ва миллатҳои олам аз арабу аҷам аст валекин ҷое, ки дар муқобили қабоил афтода (монанди оят) ё тахсис ба зикр ёфта (монанди ривояти Масруқ) мансубият ба қабоили ғайриараб пайдо мекунад ва агар дар амсоли ривояти мазкур мурод ақвоми ғайриараб набошад, қайди «мина аш-шууб» фоида нахоҳад дошт ва низ эҳтимол медиҳад, ки маънии мазкур ибтидо бо қарина фаҳмида мешуда, ба тадриҷ ҳукми «маҷози машҳур» пайдо карда аст; ва агар маънии ҳақиқии «шууб» тавоифи аҷам ва маънии аслии қабоил, тавоифи араб буд, мебоистӣ зидди шуубиро «қабоилӣ» ҳам биноманд, бо ин ки чунин истилоҳ ҷое ба назар нарасидааст. Мо мункири шакли истеъмоли «шуубӣ» барои ин,

---

[107] Амин, Аҳмад. Зуҳо -ул-ислом.Ҷ.1. – С. 58.

ки истидлол ба ояи «шуубан ва қабоил» мекарданд, нестем, чӣ ин маънӣ мусаллам аст, бо мафҳуми луғавии шууб кор дорем».[108]

Далели дигаре барои ин ки лафзи «шуубия» дар аҳди Умавӣ ба фирқаи махсуси зиддиарабӣ гуфта намешуда, ин аст, ки ағлаби мазҳабҳое, ки дар замони Бани Умайя пайдо шуда буд, бидуни «ё»-и нисбат буд, монанди хаворич, шиъа, мурчиъа, мӯътазила. Нисбат бо «ё» (монанди шуубия) дар авоили замони Бани Аббос маъруф шуд, монанди чаҳмия, қадария, ровандия, хуррамия, шуубия. Саид Муҳаммади Хотамӣ масъалаи истилоҳ ва амали наҳзати шуубияро ба таври хеле дақиқу равшан муайян кардааст. Ӯ дар ин бора менависад: «Шуубигарӣ, ки мутфаи он дар дили сиёсати табъизи нажодии Умавиён баста шуд ва бисёре аз норозиёнро дар баробари ҳукумат гирди ҳам овард ва дар даврони Аббосиён қавом ёфт ва ба сурати порае аз наҳзатҳои неруманд худнамоӣ кард…»[109]

Қадимтарин китобе, ки дар он лафзи шуубия ба маънии фирқаи махсус ба кор бурда шудааст, китоби «ал-Баён ва-т-табйин»-и Чоҳизи Басрӣ (775-840) аст ва аз замони Чоҳиз ва баъд дар навиштаҳои муаррихон ва адибон истилоҳи шуубия ба маънои махсуси «ҳизбӣ» истеъмоли фаровон дорад, чунон ки дар китоби «ал-Икд -ул-фарид» таълифи Ибни Абдураббиҳи ва «ал-Ағонӣ» таълифи Абулфарачи Исфаҳонӣ ва баъзе аз осори Ибни Қутайба дида мешавад. Ба назари баъзе аз муҳаққиқони наҳзати шуубия аз қарни дуввуми ҳичрӣ (VIII мелодӣ) оғоз ва дунболаи он то қарни шашуми ҳичрӣ (XII мелодӣ) кашид шуд ва аз он таърих ба баъд ҳизби шуубӣ дар паси пардаи дигар аҳзоби сиёсӣ ва мазҳабӣ нопадид гардид.

Баъзе мӯътақиданд, ки суқути Бағдод ва шикасти хилофати Аббосӣ дар соли 656/1258 ба дасти Ҳалокухон ва таҳрики уламои шиъа, яке аз мазоҳири наҳзати шуубия будааст. Пешоҳангони ҳизби шуубия, ки асосан мардуми эронитабор буданд, дин ва идеологияи исломиро дар

[108] Ҳумоӣ, Чалолуддин. Мачаллаи «Меҳр». Соли дуюм. (Теҳрон,1936). – С.1261.
[109] Хотамӣ, Саид Муҳаммад. Оину андеша дар доми худкоманӣ.-С.29.

идеологияи қавмӣ ва миллӣ ғарқ карданд. Акнун қавму миллат монеъаи роҳи озодии маънавӣ ва сиёсии онҳо (шуубия) шуда монд. Барои аз байн бурдани идеологияи маҳдуди миллӣ онҳо тасаввуфро ба худ ниқоб карданд. Зеро ҳаракати шиа ва тасаввуфро аз худи ҳамон аввали хилофати Умайя ҷараёнҳои оппозитсионӣ нисбат ба хилофат медонистанд. Тасаввуф акнун давомдиҳандаи бевоситаи идеологияи шуубӣ шуд. Танҳо бо ин тафовут, ки ба ҷои қавму миллати ягона ҳақиқати ягонаро парастиш менамуданд. Бо эҳёи навини наҳзатҳои миллӣ-нажодӣ дар асрҳои XVIII-XIX дар ҷаҳон тасаввуф ҳам мақоми худро аз даст дод ва идеологияҳои миллатгароӣ ва нажодпарастӣ ба сиёсат ва фалсафаи давлатӣ мубаддал шуданд.

Зикр намудани чунин нукта дар ин ҷо зарурист, ки вақте ду маслаки мухолифи якдигар ташаккул меёбад, пайравони яке аз он ҳарду даста бар зидди гурӯҳи дигар ба далелҳое даст мезананд, ки ба ҷои истидлол ва мантиқ моҷарои тарафҳо ба мадди аввал мебарояд. Ба ибораи дигар, таассуби хушк ҷои ҳуҷҷату бурҳонро мегирад, калимоти зананда ва нописанд миёни ҳарду гурӯҳ мубодала мешавад ва гоҳе истидлолҳои сусту хандаовар ҷонишини матолиби далелноку саҳиҳ мегардад. Миёни шуубия ва дастаи мухолиф (тарафдорони араб) низ ҳамин ҳолат дида мешавад. Далоили шуубия баъзе мусбат яъне мустақиман барои исботи фазилати аҷам бар араб аст ва порае манфӣ ва суст аст, ки барои ҷавобгӯӣ ва рад намудани далоили мухолифон иқома шудааст, ки дар ин ҷо ба зикри баъзе аз онҳо пардохта мешавад.

Аҳли шуубия мегуфтанд, ки дини мубини ислом ҳеҷ миллатеро бар миллати дигар зотан фазилат наниҳода ва мояи фазилат ва кароматро дақиқан тақво ва парҳезгорӣ шумурда аст: «Инна акрамакум инда-л-лоҳи атқокум» [110] ва чун арабҳо аз ҳар қавми дигар аз тақво дуртар ва дар куфру нифоқ шадидтаранд, Худованд дар бораи он қавм мефармояд: «ал-Аъробу ашадду куфран ва нифоқан»[111] Арабҳо дар кофирӣ ва

[110] Қуръон, сураи Ҳуҷурот, ояти 13.
[111] Қуръон, сураи Тавба, ояти 97.

фитнаангезӣ аз дигар миллатҳо дида сарсахттаранд. Ва дар ҷои дигар мефармояд: «Дар зоҳир изҳори имон мекунанд, вале имон дар дилҳои онон ҷойгузин нашуда аст».[112]

Ҷазо ва савоб дар дини ислом рӯи кирдори баду нек бино шуда, на рӯи шахс ё нажод. Мумкин аст, бандаи зархариди ҳақир агар дорои имон бошад, назди худо беҳтарин ва арҷмандтарин дараҷоти биҳиштро ишғол кунад ва хоҷаи ҳамон банда бо доштани молу ҷоҳ ва насабу хонавода дар сурати куфр дар пасттарин нуқоти ҷаҳаннам қарор гирад.

Таълимоти ислом ҳама бар асоси адл ва бар зидди худхоҳии араб буд ва шуубия ҳам дар оғози амр ин маъниро бузургтарин аслиҳаи худ дар муқобили аслу насаби араб қарор доданд ва дар оғоз бо ҳамин силоҳ барои барқарор кардани мусовот миёни тавоиф ва миллатҳои мусулмоншудаи олами ислом кӯшиданд ва чун дар пешрафти мақсуд тавфиқ ёфтанд, ба тадриҷ қадам фаротар гузориданд, арабро ҳақиртарин миллати рӯи замин шумурданд ва бо тамоми мазоҳири араб душманӣ варзиданд.

Ислом дар ибтидо, чуноне ки гуфта шуд, барои шуубия танҳо баҳона буд. Зери ниқоби адолати исломӣ миллатҳои дигар худро дар баробари араб ҷой доданд. Баъди ин марҳалаи дигар марҳалаи нишон додани бартарии миллӣ ва фарҳангии худ оғоз гардид. Ин марҳала дар фаъолияти миллатҳои ғайриараб то охири асри XX давом кард ва ҳоло ҳам идома дорад. Акнун эътибороти динӣ мақоми худро то андозае аз даст додаанд ва ҳамаи миллатҳои ҳавзаи тамаддуни исломӣ дар талоши он ҳастанд, ки қуввияти миллӣ ва фарҳангии худро дар бозори арзишҳои ҷаҳонӣ ба намоиш гузоранд.

Шуубия мегуфтанд: «Ҳар миллате дорои навъе азамат ва бузургӣ аст, ки бад-он ифтихор мекунад, чуноне ки румиён бо салтанати азим, фузунии мамолик , шаҳрҳо, ободии кишвар ва тамаддуни бостонии худ менозанд. Ҳиндиҳо бо ҳикмату фалсафа ва тиб, фузунии мардум ва зиёдии дарахту ҷангал, мева, доштани руду дарё ва ободиҳои дигар

[112] Қуръон, сураи Ҳуҷурот, ояти 14.

сарфарозанд. Чиниҳо дорои санъату фунуни нақшу нигор ва ҳунарҳои дигаранд. Низ ҳар қавмеро мояи ифтихорест, аммо арабҳо ба ҳеҷ чиз мумтоз нестанд, саҳрои бе обу алаф ва зиндагонии талхи бадавӣ ва дурушт доранд, дар ҷоҳилият фарзандони худро аз бими фақру тангдастӣ мекуштанд ва ба сабаби қатлу ғорату таҷовузи якдигар ором набуданд. Агар аҳёнан ба касе эҳсоне кунанд ё ситамдидаеро фарёдрас бошанд, дунёро пур аз фахр ва тазоҳур мекунанд ва ҳама ҷоро аз назму наср пур ва мудом ифтихор менамоянд, ки ба фалонӣ таъом додем, ё фалон касро ёрӣ кардем. Дар сурате ки ин қабил ёриҳо хоси ҳамаи қавму миллатҳои бодиянишин ва дур аз тамаддун мебошад. Чун мардуми дур аз фарҳанг дар ҳама кор ифрот мекунанд ва ҳадди эътидолро намешиносанд. Пас саволе ба миён меояд, ки арабҳо шояд ба вуҷуди анбиё меболанд? Ҳамаи пайғамбарон ғайр аз нажоди араб буданд ва танҳо чаҳор тан (Ҳуд, Солеҳ, Исмоил, Муҳаммад) аз миёни араб бархостаанд. Оё шеърро мояи бартарии худ медонанд? Араб танҳо шеър намегӯяд. Юнониён ва румиён дорои шеъри мавзун ва таъсирбахш мебошанд. Оё ба илми хитоба, сухан ва баён ифтихор мекунанд? Ирониён ва румиён хитобаи балиғ ва сеҳромез доштанд. Пас мояи ифтихори онҳо чист?[113] Ин назари шуубия аст. Аз инсоф ба дур набошем. Нажоди араб ҳам дар ҳудуди имкониятҳои ҷуғрофиёӣ ва фарҳангии худ талошҳое дар роҳи тамаддун намуда, ки наметавон онҳоро нодида гирифт. Низ шуубия мегуфтанд: «Арабҳо ба чанд чиз менозанд, аз ҷумла он ки вафову карам доранд, дигар он ки насабномаи худро ҳифз мекунанд, сеи дигар он ки оини поки ислом дар миёни эшон зоҳир гардида аст. Аммо дар караму вафодорӣ кирдорашон камтар аст аз идаояшон, ба эҳсоне хурду ночиз ва вафое андак зиёд аз ҳад худро меситоянд ва онро бисёр бузург нишон медиҳанд.

[113] Амин, Аҳмад. Зуҳо -ул-ислом. Ҷ.1. – С.55.

## §3. Мавқеъ ва моҳияти ҳизби шуубӣ

Дини ислом оини умумӣ аст ва ихтисос танҳо ба араб надорад, ҳамаи мардум аз ҳар миллату тоифае аз неъмати пайравии ин дин баҳраманд ва дини ислом худ аз душманони таассуби ҷоҳилияи араб аст. Пайғамбари ислом пайваста бо таассуботи ҷоҳилонаи араб дар ҷанг буд ва танҳо миқёси бузургворӣ ва шарофатро тақво ва диндорӣ қарор додааст, бинобар ин дин насиби дигарон шудааст.

Вале дар ин ҷо зикри ин нукта басандааст, ки ҳамаи динҳои ҷаҳон ин даъворо доранд, ки рисолати онҳо ба тамоми аҳли башар равона карда шудааст. Вале дар амал ин таълимотҳо мавриди судҷӯии пайравони мутаассиби онҳо қарор мегиранд. Зеро, ки қонунҳои зиндагӣ дақиқ ва мушаххасанд ва тоби қоидаҳои умумӣ ва муғлақро надоранд. Ҳеҷ гоҳ нерӯе сиёсӣ наметавонист вуҷуд дошта бошад, магар ин ки созмони муташаккили яке аз табақоти ҷомеа бо ҷаҳонбинӣ ва ҳадафе муштарак пушти сари он мавзеъ гирифта бошад. Ҳамон тавре ки ҳар давлати ҳокиме шомили як нерӯи сиёсӣ аст, наҳзати мухолифи он низ як нерӯи сиёсии дигар дорад, вагарна наметавонад, дар баробари давлати ҳоким пойдорӣ ва мубориза кунад.

Чунончи, дар ин баҳс наҳзати шуубия бо номи ҳизб унвон шуда, аз он рӯст, ки хислати сиёсии табақаи иҷтимоии мумтози Эронро дар бар дорад ва бо ин нерӯ тавониста қарнҳо дар шаклу намудҳои гуногун гоҳ бо қудрату шакибоӣ ва гоҳ бо заъфу ноумедӣ арзи вуҷуд кунад. Гарчи дар ҳеҷ яке аз манобеи таърихии ин ҳаракат наҳзати шуубияро ҳизб нанавиштаанд, вале мӯҳтавои онҳо бо мафҳуми нерӯи сиёсӣ бар ҳамин маънӣ далолат дорад. Ҳизби шуубия муташаккил буд аз ашроф, феодалҳо ва нухбагону (баргузидагон) хирадмандони эронӣ ба сифати як нерӯи миллӣ ва сарвари дигар наҳзатҳои мардумӣ, ки бар зидди тасаллути сиёсии араб ва дигар бегонагони мутаҷовиз мубориза мебурд.

Бо ин ки шакли созмонӣ ва сохтории ин ҳизб ба мо маълум нест, вале қадри мусаллам он аст, ки афрод ё аъзои он дар саросари кишвар бо

шаклҳои мухталиф мисли гирд омадан дар маҷолис ва маҳофили маҳаллӣ ва ҷашнҳову меҳмониҳои хусусӣ ва фиристодани пайкҳое аз маҳалле ба маҳфили маҳаллии шаҳр ё ноҳияи дигар ба ҳам иртибот доштанд ва бо васоил ва иқдомоти гуногун ҳадафе воҳидро пайгир буданд. Бо ҳар навъ ҷунбиши мардумӣ, дар ҷиҳати расидан ба истиқлол ва ҳадафҳои миллӣ кӯмакҳои молӣ ва моддӣ мерасонанд, аз боло дар он ба суди табақаи худ, эъмоли нуфуз ва назорат менамуданд ва аз шоироне, ки дар танқиди арабҳо ва мадҳи эрониён шеър месуруданд, пинҳонӣ ва ё ошкоро пуштибонӣ мекарданд ва ба василаи шахсиятҳои вобастаи мавҷуд дар маснадҳои ҳокимият ба онон мукофотҳои чашмгир мебахшиданд ва риҷолу хирадмандоне аз худ ё вобаста ба худро ба олитарин мақомоти давлатӣ мегумориданд.

Ҳизби шуубия на фақат аз ҳар гуна наҳзати иҷтимоӣ мисли хориҷиён, алавиён, сиёҳҷомагон, сурхҷомагон ва ба маснади хилофат расонидани мардони муқтадири эронӣ мекӯшиданд, балки аз ҳаргуна наҳзати фикрӣ, миллӣ ба мисли шиӣ, маътазилӣ, зиндиқӣ ва фалсафии беҳофариде, ки бунёди фарҳанги эронӣ дошт ва бар зидди тасаллути сиёсии хориҷӣ равона шуда буд, ҳимоят мекард.

Идеологияи динӣ дар асрҳои миёна ҳамаи табақаҳои ҷомеаро дар фаҳмиши миллат ва ғояҳои миллӣ мадҳуш ва тахдир намуда буд. Вале зулми ҳукумати қавми биёбонгард ва дур аз тамаддуну фарҳанг миллатҳои дигарро ба сутӯҳ овард ва онҳо маҷбур шуданд, ки дар доираи имкониятҳои маҳдуди замон аз шахсият, зот ва ҳувияти миллии худ ба дифоъ бархезанд. Шуубия яке аз василаҳои дифоъ аз ҳувияти миллии қавмҳои ғайриараб буд.

Ҳар мухолифат ва ҳар ҷунбиш як вокуниш дар баробари кирдорҳои ҳокими давр, эътироз ба нобаҳинҷорӣ ва худкомагии табақаи ҳоким мебошад, ки он тадриҷан ба ҳамин восита аз марги пешинаи худ бордор мешавад. Ҳамон тавр, ки табақае бо баҳракашӣ аз табақаи дигар ва миллате ба воситаи ғорати миллати дигар ҷомеаро бадушманию пайкор барои манфиатҳои худ бармеангезонад, зулму тааддӣ ва таҳқири Бани

Умайя нисбат ба миллатҳои дигар, махсусан эрониён боиси муттаҳидӣ ва ба пайкор бархостани ҳамаи табақоти миллати Эрон бар зидди арабҳо гардид. Албатта, ин пайкор дар ибтидо хуруҷи озод набуд ва бештар хусусияти маънавӣ ва фарҳангӣ дошт, ки баъдтар ба ин масъала таваққуф хоҳем кард.

Ҳар қадар ситам зиёдтар бошад, аксуламали муқовиматии он низ шадидтар мегардад. Агар арабҳои Бани Умайя дар он ҳад идаои бартарӣ наменамуданд, бидуни шак абзору асбоби шикастро бар зидди худ фароҳам намеоварданд ва боиси таъну мазаммати на фақат эрониён, балки дигар миллату қавмҳо қарор намегирифтанд. Зеро вокуниш ба дараҷае буд, ки ҳар қавм ва ҳар мардуме ҳар қадар ҳам, ки паст бошад, боз ҳам аз араб болотару волотар шинохта мешуд.

Ғурури барбарию бартарӣ ва худкомагӣ, таҳқири миллатҳои дигар, қатлу ғоратҳои сардорони араб мисли Ҳаҷҷоҷ ибни Юсуф, Язид ибни Муҳаллаб ва Қутайба ибни Муслим, гирифтани молиёти сангини куллӣ, илова бар он молиёти сарона ба номи ҷизя аз аҳли зимма дар тамоми шаҳрҳо ва рустоҳо, маволӣ ва ғулом шумурдани миллатҳои дигар, ки ба маънии асирон ва бардагони озодшудае вобаста буд ва тасаррруфи ниме аз кормузди рӯзонаи онон, пиёда ба дунболи худ бурдани маволӣ ба ҷанг ё ба ҳар кори дигар дар ҳоле, ки худ савор буданд, канизони худ шумурдани хоҳарон ва духтарони маволӣ, маҳрум кардани маволӣ аз ҳақи доштани куния ва махсус ба худ донистани ҳукумат чунон ки Ҳаҷҷоҷ ибни Юсуф мегуфт - «маснади ҳукумату қазоват фақат сазовори араб аст» - ҳама ва ҳама сиёсатҳое буд, ки вокуниши шадиди бартарии аҷам бар арабро аз пай овард.

Абулфараҷи Исфаҳонӣ илова бар мавориди боло менависад: «Вақте зани араб бо марде аз маволӣ (эронӣ) издивоҷ кард, ҳокими Мадина маъмуре фиристод ва он занро маҷбур кард аз шавҳараш талоқ бигирад. Сипас фармон дод ва ба он мард дусад тозиёна заданд, ки бимурд».

Дар Хуросон ду қабила аз араб буданд, яке «Ямонӣ» ва дигаре «Музар», ки ба навиштаи Ибни Абулҳадид ва Ибни Халдун ва дигар муаррихон, ҳар гоҳ ҳар як қабила ба ҳукумат мерасид, на фақат мардум,

балки дигар қабоили арабро ҳам таҳқир мекард ва мавриди ситам қарор медод ва ғайр аз афроди қабилаи худ дигареро ба фармонравоии шаҳрҳо намефиристод.[114]

Чун мавориди сабабҳои зуҳури ҳизби шуубия он қадар зиёд аст, ки овардани тамоми онҳо дар ин ҷо берун аз ҳадди ин мавзӯъ аст, мо ба ҳамин ишораи мухтасар иктифо намуда, ба таърихи пайдоиши ҳизби шуубӣ мепардозем. Нахустин ҳизб дар таърихи Эрон баъд аз ислом ҳизби шуубия буд, ки бар роҳбарии ашроф ва табақаи мумтози кишвар ба сифати маркази қудрати иттиҳоди миллӣ барои истиқлол ташаккул ёфт.

Аз садри ислом, ҳамон замони Умар, бо пайдо шудани робита ва иттиҳоди пинҳонӣ миёни иддае аз шахсиятҳои соҳибмақоми эронӣ, ки дар Мадина ба асорат мезистанд, нахустин зербинои шуубия гузошта шуд ва шояд қатли Умар ба дасти Абулулуъ (Фирӯз) нахустин сӯиқасди сиёсии он бошад. Гарчи пас аз он чанд тан, аз ҷумла Ҳурмузон – сардори маъруфи эронӣ - дар баҳои хуни халифа кушта шуданд, вале самароти қатли Умар ҳар чи бештар ташаккули шахсиятҳои эрониро ошкор сохт.

Созмонҳои оғозини пинҳонӣ, ки баъдан ба ҳизби шуубия мубаддал гаштанд, бар ивази кушта шудани Ҳурмузон ва чанд эронии дигар ба баҳонаи хуни Умар ва ҳамчунин ба сабаби юриши арабҳо ба Эрон дар замони хилофати ӯ тухми кинаи Умарро дар дилҳои эрониён кошт ва сипас таи қарнҳо онро парваронид.

Ба назар чунин мерасад, ки наҳзати шуубия пас аз ба сари кор омадани Бани Умайя ташаккули пурраи худро ба сурати ҳизб пайдо карда буд. Ширкати васеи эрониён дар хуруҷи Мухтор ва дигар наҳзатҳои хавориҷ дар саросари кишвар ва музокироти зарурии бузургон ё намояндагони онҳо бо Зайд ибни Алӣ барои қиём, метавонад далеле бар вуҷуди фаъолияти ин созмони пинҳонӣ бошад. Тавре, ки аз манбаъҳои замони Бани Умайя бармеояд, нахустин ҷомеае, ки ба

[114] Ибни Халдун. Муқаддима. Теҳрон, 1345 хуршедӣ. Ҷ.2. – С. 97.

назароти эътирозӣ ба унвони мухолифони Бани Умайя сар бардоштанд, «аҳлу-т- тасвия» (баробариталабон) ном доштанд, ки ин ном худ сурати ошкори амалиёти махфии шуубияро нишон медод.

Доираи таркиботи иҷтимоии ин ҳизб дар оғоз илова бар эрониён ва ағлаби шуаро, нависандагони маъруф, шахсиятҳои хирадманди онҳо, арабҳои норозиро ҳам ба сӯи худ ҷалб намуд. Онҳо чунон ки гуфта шуд, тамоми шуришҳои хавориҷ ва дигар мухолифони Бани Умайяро дар ҳар ҷо ёрӣ медоданд ва роҳнамоӣ мекарданд. Аз ҷумла, бино ба иттилооти Эдуард Браун, дар охирҳои қарни аввали ҳиҷрӣ донишманди забоншинос бо номи «Бушкаст», ки исмаш комилан иронӣ ба назар мерасад, дар Мадина рӯзгор мегузаронд ва бо тадриси илми наҳв иштиғол дошт. Вай дар туғёни хавориҷ нақши муҳим дошт ва дар натиҷаи ин фаъолиятҳо маъмурони Марвон, халифаи Умавӣ, ӯро дастгир карда, ба қатл расониданд.[115]

Ҳамчунин аз шоирони маъруф, ки дар танқиду таҳқири араб дар муқобили худбартарангории арабҳо барои нахустин бор вокуниши фарҳангии эрониёнро намоиш дод, Исмоили Ясор буд, ки шеъре саросар дар ситоиши эрониён ва фурӯмоягии арабҳо дар ҳузури Ҳишом ибни Абдумалик (халифаи Умавӣ) хонд ва он халифа ба хашм омада, аз шиддати асабият ва ғазаб гуфт, ки сазои он кас, ки ба подшоҳони кофири худ ифтихор намояд, марг аст ва бифармуд то ӯро дар об андохта, буғӣ кунанд.[116]

Маъмулан ин гуна далериҳо ва ҷон ба марг супурданҳо ҷуз ба нерӯи ормон ва ангезаи ҷамоат хеле кам маҷоли зуҳур дорад ва камтар мумкин аст аз касе худ ба худ иқдоми фардӣ дар ҷиҳати манофеи иҷтимоӣ сар бизанад, ба ағлаби эҳтимол ин иқдоми ҷонбозонаи Ясор аз ҷониби ҳизби шуубия илҳом ва нерӯ мегирифт. Иллати ин ки чаро ҳизби шуубия дар давраи Бани Умайя мисли давраи Бани Аббос ошкоро вориди майдони мубориза нашуд ва бо равишҳои мулоим ва бо номи

[115] Браун, Эдуард. Таърихи адабии Эрон. Теҳрон, 1335 ҳ.ш. Ҷ.1. – С.514.
[116]Исфаҳонӣ, Абулфараҷ. Ал-Ағонӣ. Миср, 1285 ҳ.қ. Ҷ.14. – С.120.

«тасвия» барномаҳо ва андешаҳои худро ба пеш мебурд, он буд, ки эрониён ҳанӯз аз зарбаи шикасти ғайри мунтазира аз арабҳо ба худ наёмада ва даст ба мубориза набурда буданд.

Барои нишон додани як ҳодисаи иҷтимоӣ, ки байни эрониён маъмул буд, ба гуфтаи яке аз муҳаққиқон муроҷиат менамоем. Ҳошими Разӣ таъкид мекунад, ки Салмони форс азамату асрори маънавии Наврӯзро ба имомон гӯшзад карда буд ва онон дар Наврӯз ба гунаи шоҳони сосонӣ асҳобро ба ҳузур мепазируфтанд. Вале баъдтар ин суннат дар ибтидо аз сӯи «Панарабизм»-и Умарӣ – Умавӣ ба шиддат мамнӯъ ва маҳкум гардид, то он ҷо ки эрониёни мусулмон ва ғайримусулмон барои баргузории он боҷу хироҷ ва ҷизя медоданд. Ҳаҷҷоҷ ибни Юсиф аз эрониёни мусулмон дар Наврӯз боҷ мегирифт ва номи онро ҳадоёи наврӯзӣ мегузошт.[117]

Ҳизби «тасвия» (баробарӣ) барои расво кардани худбартарангории араб, дар ҳам кӯбидани асоси давлати Бани Умайя ва ҷалби мусулмонони арабу ғайриараб ба тарафи худ ақоид ва андешаҳои худро мувофиқ бо баъзе оёти Қуръон сохта ва тарвиҷ мекарданд ва мегуфтанд: «Мутобиқи ҳадиси набавӣ араб ҳеҷ бартарӣ нисбат ба аҷам надорад, магар ба парҳезгорӣ» («Лайса ли арабийин ало аҷамийи фазлун илло би тақво») ва мегуфтанд, ки дар Қуръон омада: «Агар мардум зану мард ба вуҷуд омадаанд ва ба миллатҳо ва ақвом ҷудо шудаанд, аз барои он аст, ки аз якдигар маърифат бигиранд ва ҳеҷ касе назди Худо ба дигаре бартарӣ надорад, магар ба тақво».[118]

Ривоҷи ном ё шиори «тасвия», ки ба маънии баробар сохтан, яксон ва ҳаммонанд кардан ва дуруст аз кор даровардан бошад, сабаб шуд, ки мардуми норозии миллатҳои ғайриараб ва мавolӣ дастовезе барои ибрози ақоиди худ пайдо кунанд ва бад-он васила ба мухолифат бо давлати Бани Умайя бархезанд ва ҳамчунин бар онон ҷуръат дод, то қадаме аз ин доира фаротар ниҳода, на фақат иддаои бартарии арабро

---

[117] Разӣ, Ҳошим. Чашмаҳои об.-С.218.
[118] Қуръон, сураи Ҳуҷурот, ояти 13.

ба масхара бигиранд, балки барои миллатҳои дигар нисбат ба онон бузургӣ қоил шаванд ва бигӯянд, ки арабҳо аз ҳар қавми бадавӣ ҳам пасттаранд. Ҳизби шуубия бо ворид шудан бо чунин мавқеияте матлуб ва дарки шароити мусоид барои барпо кардани наҳзати зидди Бани Умайя илова бар шӯҳрати аҳли «тасвия» шояд бо таҷдиди созмон ба номи «аҳли тафзил» низ маъруф шуданд, ошкоро забон ба танқид ва таҳқири Бани Умайя кушуданд ва бо ташаббус ба пештар будани калимаи «шуубан» аз калимаи «қабоил» дар Қуръон гуфтанд: «Худованд бо муқаддам шумурдани шууб, яъне мардуми мутамаддин бо қабоили чодарнишин эрониёнро бартар аз арабҳо хонда аст».[119] Бад-ин шева худбартарангории арабро мухолифи дини ислом ва Қуръон эълон карда, онро мардуд шумурданд.[120]

Аҳли тафзил, ки аз қолаби аҳли тасвия қадаме бурунтар ниҳода буданд, бо унвон кардани муқаддамии калимаи «шууб» аз «қабоил» то поёни давраи Бани Умайя бо ҳамин унвон ба мубориза идома дода ва аз шахисят ва ифтихороти миллии худ дифоъ мекарданд. Фаъолиятҳои махфии ҳизби шуубия таҳти унвонҳои аҳли тасвия ва аҳли тафзил дар поёни давраи хилофати Бани Умайя дар саросари сарзаминҳои исломӣ шиддат гирифт ва бо омода шудани созмонҳои сиёсӣ ва равнақи равобити ташкилотӣ назми инқилобӣ пайдо кард, шииёни Бани Ҳошим мавриди ҳимояти ҳизби шуубия қарор гирифтанд ва Бани Умайя маҳкум ба нобудӣ шуданд.

Қиёми миллии эрониён бо сардории Абумуслим ва шикасти арабҳоро дар Зоб ва инқирози Бани Умайя ва афтодани зимоми дунёи ислом ба дасти вазирон ва риҷоли иронӣ бо имомати динии Аббосиён, муборизоти маҳрамонаю пинҳонии ҳизби ашроф ва хирадмандони Эронро зери унвонҳои аҳли тасвия ва аҳли тафзил ва билохира шуубия ба авҷи пирӯзӣ расонид ва ин ҳизб дар ҳамон авоили хилофати Аббосиён бо шиддати болидан ба азамат ва ситоиши фарру ҷоҳи ниёгони худ, расман

---

119 Қуръон, сураи Ҳуҷурот, ояти 12.
120 Ибни Абдурраббиҳ. ал-Икд-ул-фарид. - Қоҳира 1345. Ҷ.2. – С.86.

мансуб ба шууб ва маъруф ба шуубия шуд.[121] Чунон ки дар «ал-Икд -ул-фарид»-и Ибн Абдуррабиҳ омада: «шуубия, ки ҳамон аҳли тасвия бошанд – аш-шуубияту ва ҳум аҳлу-т-тасвия».

Қадимтарин китобе, ки дар он лафзи шуубия ба маънии фирқаи махсус ба кор бурда шуда, китоби «ал-Баён ва-т-табйин»-и Ҷоҳизи Басрӣ (159/775-255/896) аст. Баъдтар муаррихону адибон ва сиёсатмадорону бузургони эронӣ истилоҳи шуубияро ба маънои махсуси «ҳизбӣ» истифода бурдаанд. Шиорҳои шуубиён намоишгари хостаҳои миллии ашроф, феодалҳо ва то андозае шаҳриён буд. Нерӯҳои ҳизби шуубия пас аз барандохтани Бани Умайя ба ормонҳо ва рамзҳои эронӣ ошкор шуданд. Ва муҳимтарин шуъуни давлати махлуқи худ, яъне Бани Аббосро дар кафи иқтидори худ дароварданд ва барои исботи бартарии шахсияти эронӣ дар умури сиёсӣ ва тамаддун бар араб шурӯъ ба тарвиҷи фарҳангу кутуби эронӣ дар миёни арабҳо карданд.

Агар бузургони Эрон барои барандохтани Бани Умайя аз Бани Ҳошим ва сипас барои решакан кардани қудрати хулафои Бани Аббос аз алавиён, ки аз авлод ва аъқоби Алӣ шумурда мешуданд, ҳимоят мекарданд, барои он буд, ки аввалан худро алоқаманд ба дину хонадони пайғамбар бишиносонанд, дуюм касе ҳам, ки баъдан ӯро ба хилофат ё имомат мерасонанд, дастнишонда бошад ва фақат ба сурати пешвои динӣ бишиносандаш, то худ битвонанд фориғ аз султаи араб, ҳукумат кунанд.[122]

Аз муҳимтарин нишонаҳои пешрафти ҳизби шуубия дар қарнҳои дуюм ва сеюм аз байн рафтани таассуби хулафои Аббосӣ нисбат ба араб буд, ки дигар ҳеҷ гоҳ худро бартар аз эрониён намепиндоштанд ва ҳамчунин эрониён бо ба сари кор овардани вазирону соҳибмақомон ва баландпоягони эронӣ хулафоро таҳти нуфузи худ гирифта, кишварҳоро ба ақли хеш идора мекарданд. Нахустин шахси эронӣ Абусалмои Ҳилол вазири Саффоҳ буд, ки вазири Оли Муҳаммад лақаб дошт, пас аз вай

[121] Инсофпур, Ғуломризо. Раванди наҳзатҳои миллӣ ва исломӣ дар Эрон. Теҳрон, 1359.-С.54.
[122] Инсофпур, Ғуломризо. Раванди наҳзатҳои миллӣ ва исломӣ дар Эрон.-С.55.

Абуаюби Муриёнӣ вазири Мансури Давоникӣ ва низ Яъқуб ибни Довуд вазири Маҳдӣ ва ҳамчунин Холиди Бармакӣ ва Яҳё писари Холид ва Ҷаъфар писари Яҳё аст, ки ҳама эронӣ буданд. Пас аз хонадони Бармак хонадони Фазл ибни Саҳл ва бародараш Ҳасан ба вазорат расиданд, ки вазири ахир баъдан Аҳмад ибни Юсуф ва пас аз ӯ Яҳё ибни Ясори Розиро ба мақоми вазорат баргузид. Ин вазирон табъан ағлаб муовинон, коргузорон, дабирон ва хидматгузорони девони хилофат, ҳамчунин волиён, қозиён ва маъмуриёни хироҷро аз миёни эрониён ба кор мегумоштанд.

Дар таърихҳои баъд хилофати Бани Аббос ҳама ҷо зода ва махлуқи Эрон ё эронӣ хонда шудааст. Масъудӣ менависад: «Абуҷаъфари Мансур халифаи аббосӣ ба эрониён гуфт: «Шумо шиа ва ёру ёвари мо ҳастед, давлати мо ба воситаи шумо мунташир шуд».[123] Ва Ҷоҳиз менависад: «Давлати Бани Аббос эронии хуросонӣ, вале Бани Умайя арабии бадавӣ аст». Ҷаҳшиёрӣ менависад: «Наъим ибни Ҳозим яке аз бузургони араб дар ҳузури Маъмун бо Фазл ибни Саҳл мунокиша кард ва ба ӯ гуфт: «Ту мехоҳӣ давлатро аз Бани Аббос ба авлоди Алӣ интиқол диҳӣ ва давраи кисроҳо ва императории Сосониёнро таҷдид кунӣ».[124]

Дар соли 198/814 сипоҳиёни Маъмун, ки ҳама эронӣ буданд, бо сардории Тоҳири Ҳусайн ба Бағдод рӯй оварда, он ҷойро фатҳ ва Муҳаммад Аминро кушта, сарашро ба Хуросон барои Маъмун фиристоданд. Ин пирӯзӣ, ки дар ҳақиқат ғалабаи эрониён бар зидди арабҳо буд, сабаб шуд, ки Фазл ибни Саҳли Хуросонӣ ба вазорати Маъмун баргузида шавад ва бо лақаби «зу-р-риёсатайн» (соҳиби шамшеру қалам), яъне зимоми неруҳои сипоҳӣ ва зимоми девонҳоро ба даст бигирад ва бародараш Ҳасан ибни Саҳл низ ба ҳукумати Ироқайн ва Форсу Ҳиҷозу Яман гуморда шавад ва маркази ҳукмронии худро шаҳри Бағдод қарор диҳад. Дар замони Абдулло ибни Тоҳир, эрониён нуфуз ва қудрати фаровон ёфтанд ва корҳои муҳим ба дасти унсури

[123] Инсофпур, Ғуломризо. Раванди наҳзатҳои миллӣ ва исломӣ дар Эрон.-С.56-57.
[124] Ҳамон ҷо.-С.56.

эронӣ идора мешуд. Дар ин мавқеъ буд, ки бар хилофи гузашта, арабҳо худро ба эрониён мебастанд ва нажоди худро ба Кисро мепайвастанд, мудаии интисоб (ҳамнасабӣ) бо эрониён мешуданд. Ҷаҳта дар ин бора гӯяд: «Тамоми деҳнишинон муддаъии нисбат доштан ба Кисро ҳастанд. Пас кадомашон набатианд? (Шеъри арабӣ ба ин маъно): «Ва аҳлу-л-қуро куллуҳум янтамуна ли-Кисро иддиоъан, фа-айна-н-набиту?».[125]

Муҳаққиқи олмонӣ Бартолд Шпуллер менависад: «Тасмими Ҳорунаррашид ба ин ки сарзаминҳои шарқиро ба писари худ Маъмун, ки аз модари эронӣ буд, вогузор кунад, мумкин буд то ҳадде мубтанӣ бар қабули ин нукта бошад, ки қавми эрониро дигар наметавон бе восита аз Бағдод идора кард. Мабодии наҳзати шуубия акнун дар тақозоҳои эрониён, ки на фақат мусовот ба аъробро талаб мекарданд, балки толиби он низ буданд, ки ҳукуматро худ ба даст бигиранд, феълан ҷанбаҳои амалӣ меёфт. Маъмун ҳам ба зудӣ ба ҳамин ангезаи фикрӣ буд, ки пас аз истиқрор дар Бағдод, Хуросонро ба Тоҳири Ҳусайн дод ва Тоҳир ҳам чанде баъд бо худдорӣ аз зикри номи халифа дар хутба муқаддаматан Эрони Шарқиро мустақил аз пойтахти хилофати эълом кард.[126]

Аҳмад Амин дар китоби худ комилан дуруст қайд мекунад, ки «Шуубия танҳо «табақаи авбош ва ашхоси ҳақир!» набуданд, балки ишон аз бузургон ва ашрофе ташкил мешуданд, ки ба воситаи доштани мақомоти баланд наметавонистанд тазоҳур ба шуубӣ будан бикунанд ва ҳамчунин табақаи мумтоз ва таҳсилкарда, ки зимоми умурро ба даст доштанд, низ шуубӣ буданд».[127] Абулфараҷи Исфаҳонӣ навиштааст: «Тоҳир Ҳусайн он қадар зидди араб буд, ки ба Аллони шуубӣ ба подоши навиштани китобе дар нуқсонҳо ва айбҳои араб сӣ ҳазор динор бахшид!»

Аз ахбори муррихони бармеояд, ки сардорон ва зимомдороне ҳамчун Абумуслими Хуросонӣ ва Тоҳир Ҳусайн ва вазирону бузургоне монанди Абусалмои Ҳилол ва Бармакиён ва хонадони Саҳл ва хонадони Навбахтӣ,

[125] Мумтаҳан, Ҳусайналӣ. Наҳзати шуубия.-С.173.
[126] Инсофпур, Ғуломризо. Раванди наҳзати миллӣ ва исломӣ дар Эрон.– С. 56-57.
[127] Амин, Аҳмад. Зуҳр-ул-ислом. Ҷ.1.- Қоҳира, 1355. – С. 64.

ки ба тартиби маҷолиси баҳсу тарҷума ва интишори кутуб ва тарвиҷи фарҳанги Эрон ва фалсафаи Юнон ҳиммати пайваста доштанд, ҳама дар ботин шуубӣ буданд.

Аъзои як шохаи ҳизби шуубия, ки аз табақаи миёнаи таҳсилкарда ва хирадгаро буданд, гарчи ба зоҳир худро мусулмон мехонданд, вале дар ботин эътиқоди камтар ба дин доштанд ва дунболи илм буданд ва фалсафа мутолиа мекарданд. Ба фарҷом, равиши ин гурӯҳ ба ҷое кашид, ки шуубия ба ду даста тақсим шуданд. Яке миллиҳо, ки аз табақаи мумтоз ё вобаста ба он буданд ва ба тақозои эҳсосоти ватанпарастӣ ба нуфузи сиёсии давлати хилофат мубориза мекарданд ва ба шеваи ҳамранги ҷамоат шудан, пинҳонӣ ба дастгоҳҳои хилофат нуфуз кардан ва дар ниҳоят ба берун овардани зимоми давлат аз дасти ҳокимони араб ақида доштанд ва дигар он таҳсилкардаҳо ва хирадгароёни табақаи миёна, ки ба воситаи изҳори ақоиди фалсафӣ, зиндиқ хонда мешуданд ва дар мубориза шиддати амал ва тундравӣ нишон медоданд.[128]

Шуубиёни дастаи аввал, ки муҳофизакор ва миёнарав буданд, ҳар наҳзати зиддиарабӣ ва миллиро хуш мепазируфтанд ва пайваста мардум ва шииёнро бо зикри фоҷиаҳои Бани Умайя ва кушта шудани Ҳусайн ибни Алӣ ва Зайд ибни Алӣ ба василаи Бани Умайя ва зикри қатли ноҷавонмардонаи Абусалмаи Ҳилол ва Абумуслим ба василаи Бани Аббос бар зидди арабҳо ва дастгоҳи хилофат бармеангехтанд. Бо ин ки гурӯҳи миёнарави шуубия ҳам бо ислом мувофиқ набуданд ё даст кам бо он мухолифате надоштанд, вале ба хотири масолеҳи миллӣ ва барандохтани Бани Умайя ва Бани Аббос ва бозгардонидани Эрон ба азамат ва шукӯҳи пешин аз лиҳози динӣ бо шиъа ва мардуми авоми мусулмон иштироки назари комил доштанд.

Пажӯҳишгарон ва исломшиносони ғарбӣ ҳам дар ин бора ҳамақидаанд, ки наҳзатҳои хавориҷ, ки он ҳама ҷангҳои бузург ва фарсоянда бо Бани Умайя карданд ва ҳамчунин мӯътазила, ки бо

---

[128] Инсофпур, Ғуломризо. Раванди наҳзатҳои миллӣ ва исломӣ дар Эрон.-С.56-57.

кашидани усулу мантиқ ва маводи илмӣ, ақлӣ ва фикрӣ дар мабоҳиси исломӣ бунёди ваҳдати ақидаи арабиро парешон карданд, дар зоҳир наҳзатҳое ҷудо аз якдигар буданд, вале дар ботин дар ҳар замон, ин гуна наҳзатҳо ба василаи ҳизби шуубия идора мешуданд.

Ҳизби шуубия, ки дар мароҳили аввалия таблиғоти худро бар асоси дини ислом пеш мебурд ва аъзои он дам аз мусовот мезаданд, чун тарафдорони зиёд пайдо карданд ва то ҳадди мумкин зимоми давлати Аббосиро ба даст гирифтанд, бинои сухан аз бартар шинохтани худ аз араб ва мухолифат ба исломро гузоштанд.

Бад-ин равиш ононе, ки ба дин мӯътақид буданд, ки на фақат аз қабули даъвати онон сар боз заданд ва бо ақида ва маслакашон ҳамдостон нашуданд, балки бинои душманӣ ба ҳизби шуубия ниҳоданд ва маслаки шуубиро боби куфру илҳод шумурданд. Ба ҳамин сабаб аст, ки Ҷоҳизи Басрӣ дар бораи шуубия менависад: «Шояд душмании онон ношӣ аз таассуб бошад, зеро тамоми касоне, ки дар ислом шак бурдаанд, аз рӯи ақоиди шуубия бо ислом душман шуданд, чаро ки ҳар кас аз касе мутанаффир бошад, аз он чи ҳам, ки бад-он кас интисоб дорад, мутанаффир мешавад. Аз араб мутанаффир ҳастанд, аз Ҷазират ул-араб низ бармеояд ва бо ин танаффур, ки рӯз ба рӯз шиддат меёбад, аз ислом хориҷ мешаванд, зеро дини ислом ба араб мансуб аст».[129]

Ин нафрат нисбат ба нажод ва дини араб бо гузашти айём шаклу намудҳои гуногун ба худ гирифт. Ислом дар асрҳои миёна ба сифати идеологияи тоталитарӣ ҳамаи қавму миллатҳои ҳавзаи худро бо шиорҳои бародарии исломӣ ба сулҳу салоҳ мехонд. Ин даъватҳо зоҳиран аз ҷониби оммаи мардум қабул мешуданд. Вале дар асл ва дар матни ҷомеаи исломӣ низоъҳои қавмӣ ва нажодӣ ҳамвора аз вуҷуди худ дарак медоданд. Ин низоъҳои миллӣ дар он замонҳо шаклҳои мазҳабу фирқаҳои динӣ ва ғайридиниро ба худ мегирифтанд.

[129] Ҷоҳиз.Китоб -ул-ҳайвон. Ҷ.7.– С. 68. Ба нақл аз Мумтаҳан, Ҳусайналӣ «Наҳзати шуубия».-С.208-209.

Яке аз ин фирқаҳо дар асрҳои миёнаи исломӣ фирқае ба номи «зиндиқон» буд. Худбартарангории шуубия, ки аз маниши ашрофии онон ношӣ мешуд, ба андозаи ҳамин хислат дар арабҳои Бани Умайя зишт буд. Нуктаи заъфе буд, ки неруи шуубияро суст намуда, ду натиҷа ва асароти амалкардаашро дар миёни арабҳо ба ҳадди ақал расонид ва аз нуфузе ҳам, ки дар тӯдаҳои ҳамватан дошт, коста кард. Зеро парокандагӣ дар ҳизби шуубия мисли худбартарангорӣ ва ғурур яке аз намудҳои такомули ҳар наҳзат аст, ки дар тамоми дунё ва дар ҳар давраи таърих монанди аҷали муаллақ ба мавқеъ бар сари қурбонии худ ҳозир мешавад.[130]

Аз манбаъҳо ва ахбор дар бораи шуубия бар меояд, он ҷомеъаҳои ҳизби шуубия, ки аз табақаи миёна ва хирадгаро буданд, аз ҳамқадамии табақаи мумтози ин ҳизб ва бе натиҷа будани равиши муҳофизакоронаи онон дар ҷиҳати ормони наҳзати миллӣ, қатъи умед карданд ва ба фалсафае даромехта, бо ирфони Монавӣ рӯй оварданд ва дар созмони ҷудогона ба равиши дигар ба таври пинҳонӣ ба мубориза идома доданд. Инон ҳам то онҷое, ки фурсат ва имкон меёфтанд, барои пешбурди назароти худ дар дастгоҳҳои давлатӣ ворид шуда, мақомотеро ишғол мекарданд ва он гурӯҳ табақаи мумтози шуубияи қаблӣ ҳамчунон барои расидан ба ҳадаф нақши худро бо шеваи Афшин ва Бармакиён ва хонадони Саҳлу хонадони Навбахтӣ идома медоданд.

Ҳизби тундрави зиндиқиёни шуубӣ аз замони хилофати Маҳдӣ қуввату вусъат гирифт ва ин халифа бо ҷонишинонаш барои барандохтани онон сарҳои бисёреро аз дами теғ гузаронданд. Дар ин бора Табарӣ менависад: «Рӯзе халифа Маҳдӣ ба утоқи Мусо писари худ ворид шуд ва яке аз зиндиқиёнро дид, ки назди ӯ нишастааст. Бе диранг ҳамон ҷо фармон дод то он зиндиқро аз хонаи писараш берун карданд ва сар аз танаш бардошта, ҷасади ӯро ба дор овехтанд. Он гоҳ пас аз бадгӯйии фаровон аз зиндиқиён ба Мӯсо гуфт: «Ту бояд барои истеҳкоми мансаби худ ҳар ҷо, ки яке аз ононро ёфтӣ, бо тозиёна аз худ дур кунӣ ва

[130] Мумтаҳан, Ҳусайналӣ. Наҳзати шуубия.– С. 216-223.

ё бо шамшер сар аз тани ӯ баргирӣ. Чун ман бобокалонат «Аббос»-ро дар хоб дидам, ки маро супориш ба бастани ду шамшер кард ва ба куштори пайравони нуру зулмат (зардуштиён) фармон дод. Мӯсо даҳ моҳ пас аз ин васият тасмим ба қатли оми зиндиқиён гирифт ва бисёр хунҳо рехт».[131]

Ҷаҳшиёрӣ менависад: «Маҳдӣ зиндиқиёнро таъқиб мекард ва ононро сахт дар фишор мегузошт. Ба соли 166/782 гурухе аз ишонро назди ӯ бурданд. Абдулло ибни Абуубайдулло ва Ваҷҷоҷ аш-Шарвӣ низ дар миёни ишон буданд. Маҳдӣ аз Абдулло пурсид: «Оё ту зиндиқ ҳастӣ?» Гуфт: «Оре». Зеро зиндиқиёни тундрав мӯътақид буданд, ки мард набояд ақидаи худро инкор кунад ва тақияро ҷоиз намедонистанд. Маҳдӣ ба ӯ гуфт: «Бихон». Он гоҳ чунин хонд: «Таборакту ва олимука би-азми-л-хулқ». Сипас Рабиъ ба Маҳдӣ гуфт: «Аз падараш бихоҳад ӯро бикушад». Падари ӯ ба ларза афтод. Пас Маҳдӣ ба дигаре фармон дод, ки гардани ӯро зананд.

Аз ҷумлаи зиндиқиҳо, ки дастгир шуда буданд, яке аз писарони Абӯаюб – вазири эронии Мансур Сулаймон ибни Аюб буд, ки ба зиндиқ будани худ эътироф кард. Ҳар гоҳ ба Маҳдӣ хабаре аз зиндиқе медоданд, фавран кас мефиристод ва ӯро мекуштанд. Чунон ки ҳангоми вурудаш ба Басра Ҳамудия ба ӯ буд. Гуфтанд, ки ин мард зиндиқ аст. Маҳдӣ бидуни таҳқиқ фармон дод Ҳамудияро чандин тозиёна зананд, ки ба ҳоли марг афтод».[132] Ҳамудия аз бузургони зиндиқиён буд ва пас аз марги ӯ Умари Кулвозӣ ки Соҳиб уз-занодиқа (сарвари зиндиқиҳо) ном дошт, ҷои ӯро гирифт. Вай ба шарофати мақоми баланд, ки дар дастгоҳи хилофат дошт, то он ҷо, ки тавонист аз ёрӣ додан ба ҳаммаслакони худ кӯтоҳӣ накард. Маҳдӣ ду бор яке дар соли 163/778 дар Бағдод, боре ҳам дар соли 169/785 дар Макка бисёре аз ин ҷамоъатро бикушт.

Пеш аз ҳама аз замони Мансур саркӯбӣ ва таъқиби зиндиқиён маъмул будааст. Дар «ал-Ағонӣ» омада: «Вақте, дар Мадоин иддае аз

[131] Инсофпур, Ғуломризо. Раванди наҳзатҳои миллӣ ва исломӣ дар Эрон.-С.59.
[132] Исфаҳонӣ, Абулфараҷ. Ал-Ағонӣ. Ҷ.3. – С. 73.

зиндиқиёнро боздошта, онҳоро дар пеши чашми мардум дар кӯча ва бозори шаҳр мегардониданд, дар байни ин зиндиқиён писари Ибни Муқаффаи маъруф низ будааст».[133] Маъсудӣ нависад: «Маъмуни халифа даҳ тан аз мардуми Басраро ба тӯҳмати зиндиқия бигирифт ва муҳокима кард ва аз онон хост, ки ба рӯи тасвири Монӣ оби даҳон бияндозанд ва ӯро инкор ва лаънат кунанд ва онон фармони ӯ нашниданд, итоат накарданд ва Маъмун бифармуд, то ҳамаро бикуштанд».[134]

Бо вуҷуди ин зиндиқиён дар давраи хилофати Маъмун зиёд ба андозаи даврони дигар хулафо таҳти фишор набуданд. Дар ин давра эрониён, ки Маъмунро бар сари кор оварда буданд, дар дастгоҳ ва давлати хилофат нуфузи зиёд доштанд ва дарбори халифаро марказ ва майдони бархӯрди ақоиди муътазилӣ, фалсафӣ ва зиндиқӣ ҳамчунин ақоиди динӣ сохта буданд. Ҷон бар сари ормон ниҳодани эрониёни бузург чун забоншиноси маъруф Бишкаст, шоирони номӣ монанди Исмоили Ясор, Башшор ибни Бурд, Абунувос; фалсафагароёне ба пояи Ибни Муқаффаъ ва хирадмандону андешамандоне ҳамчун Абулатоба, Ҳамудия, Ҳаммоди Аҷрад, Яҳё ибни Зиёд, Мутеъ ибни Иёс, Юнус ибни Қирда, Язид ибни Файз ва бисёр бузургмардони дигар, ки дар манбаъҳои таърихии баъд аз ислом ахбори онон омада, ҳама намудори вусъат ва азамати ҷунбиши бузурги ҳизби шуубии зиндиқону ғайризиндиқон аст.

Абулалои Мааррӣ дар «Рисолат -ул-ғуфрон» менависад: «Диъбили шоир, Абунувос, Солеҳ ибни Абдулқуддус, Абумуслими Хуросонӣ - муассису асосгузори давлати Аббосӣ, Бобак, Афшин, Ҳаллоҷи сӯфӣ ва ғайра аз зиндиқиёнанд».[135] Ба ақидаи Аҳмад Амин «дар он аср равнақу ривоҷи шеваи зандақа яке аз муқтазаёти рӯзгор буда, зеро гуруҳе монанди ниёгони худ ҳанӯз ба дину ойини маҷус мӯътақид буданд ва одату русуми худро барои фарзандон ҳам ба ирс мегузоштанд. Зодагони

---

[133] Ҳамон ҷо.-С.51.
[134] Масъудӣ. Муруҷ -уз-заҳаб». Миср, 1304. Ҷ.8. – С. 392.
[135] Амин, Аҳмад. Зуҳо -ул-ислом.Ҷ.1.Қоҳира, 1956. – С.161.

Аҷам чун диданд, ки дар ислом мақомоти арҷманд ва мансабҳои олӣ бисёр аст ва расидан бад-он мақомот бидуни қабули ислом муяссар намешавад, ногузир исломро ба зоҳир мепазируфтанд, вале дар ботин ба дини худ боқӣ мемонданд ва ҳар гоҳ ба ҳамкешони худ мерасиданд, ҳамон оини деринро изҳор мекарданд ва ҳар вақт метавонистанд ба ислом ва араб душманӣ менамуданд ва ҳамкешонро ба шуубия даъват мекарданд».[136]

Аз он замон то ба имрӯз дар минтақаи форсизабонон ва ориёнитаборон ҷунбише ба шиддати он замони ҳизби зиндиқӣ арзи вуҷуд накард. Истибдоди арабӣ ва туркӣ, ки ҳарду қавме бодиянишин ва аз ҷиҳати фарҳангӣ ноогоҳтарин халқи худо буданд, зери ниқоби ислом ва диёнати исломӣ қавму миллатҳои мутамаддини дигарро дар ин муддати чаҳордаҳ аср ба сарҳади ҷунун ва бегонагии қавмию фарҳангӣ расониданд.

Аз дидгоҳи фалсафаи муосир ин тантанаи миқдор ба сифат буд ва ҳоло ҳам вазъият то андозае ба шакли пешинааш боқӣ мондааст. Агар ба масъалаи зиндиқ аз ҷиҳати забонӣ назар андозем, метавон гуфт, ки шакли ҷамъи арабии он занодиқа аст, ки муштақ аз калими «занд»-и Авестост. Масъудӣ мӯътақид аст, ки ин калима аз замони Монӣ маъмул гашта ва ба пайравони Монӣ итлоқ мешудааст. Ба мӯҷиби ривоёти китоби «Минуи хирад», «зиндиқ» дар охирҳои аҳди Сосониён ба касоне мегуфтанд, ки бо таври куллӣ ба худо ва биҳишту дӯзах ва рӯзи растохез ва кулли мабодӣ ва мабонии дин, усул ва фуруи он мӯътақид набуданд. Аз ин китоби куҳан бармеояд, ки дар охирҳои аҳди Сосониён афкори фалсафӣ дар Эрон ривоҷ гирифта ва ақоиди монавӣ, ки тарафдорони он, яъне зиндиқон, ба ағлаби эҳтимол ҳизбе ва ё ҳавзае ҳам доштанд, он қадар такомул ёфта буд, ки аз сурати дин берун омада ва муҳтавои фалсафӣ пайдо кардааст.[137]

Содиқи Гавҳарин менависад: «Дар аҳди ислом калимаи «зиндиқ» аввал ба касоне итлоқ мешуд, ки ба дини муқаддаси ислом эътиқоде

[136] Амин, Аҳмад. Зуҳо -ул-ислом.Ҷ.1. – С.162.
[137] Ниг.:Заходер Б.Н. Иран при Сасанидах//Исторический журнал, 1938, №12.

надошта ва бо таблиғоту ташкилоти мунтазами худ саъй мекарданд, ки мусалмононро аз ин ислом хориҷ кунанд, вале кам-кам доманаи ин лафз вусъат ёфт ва ба ҳар кас, ки андак мухолифате бо дини ислом менамуд, итлоқ мешуд. Дар қарни сеюм ва чорум лафзи зиндиқ ба ҳар кас, ки пайрави адёни қадим буд ва ё усулан ба ҳеҷ мазҳабе эътиқод надошт, ё аз назари доштани афкори фалсафӣ зери бори дин намерафт, гуфта мешуд ва доманаи ин нисбат ба ҳар кас ба ҳадде васеъ шуд, ки ҳатто шииёни имомия ва исмоилияро низ гоҳе ба ин лафз мехонданд, вале ба таври куллӣ калимаи «зиндиқ» нишонае буд барои пайравони Монӣ ва марруқиюн ва Ибни Дайсон ва гоҳе дар «Самания», ки ба ихтисор ба шарҳи зер ба онҳо ишора мешавад. Марруқӣ яке аз донишмандони масеҳӣ аст, ки дар қарни дуюми мелодӣ мезистааст ва ба иллати доштани эътиқоде нав аз ҷомеъаи масеҳият ронда шуда буд. Ӯ ба санавият, яъне асли нур ва зулмат мӯътақид буд ва дар пайравӣ аз монавиён мегуфт, ки ду асл ба иллати тазодде, ки бо ҳам доранд, боиси вуҷуди олам шудаанд ва бо вуҷуди солисе (сеюме) низ мӯътақид буд, ки мекӯшид байни нур ва зулмати оштинопазирро оштӣ диҳад. Марруқӣ қисмати умдае аз Таврот ва Инҷилро мункир буд ва мегуфт, ки он қисматҳо осмонӣ нестанд ва худо инсонро бо сурати худаш офаридааст.[138]

Ибни Дайсон аз эрониёни масеҳӣ буд ва баъдан аз он дин хориҷ шуд ва бидъат овард. Ӯ марде мунаҷҷим ва шоир буд ва ба санавият яъне ду асли нуру зулмат ва кашишу кӯшиш ва ҷангу ҷидоли ин ду асли мутазод бо якдигар эътиқод дошт ва аввалиро омили хайру некӣ ва дуюмиро омили шарру фасод медонист. Монӣ аз усули ақоиди ӯ (Дайсон) ва Марруқӣ бисёр истифода бурдааст, ки нақли он аз мавзӯи мо хориҷ аст.

Самания аз мазҳабҳои ҳиндӣ аст, ки пайравони он ба таносух ва бозгашти рӯҳ ақида доштанд. Оламро низ қадим медонистанд ва ба

[138] Нигр: Шаҳристонӣ: «Ал-Милал-ва-н-ниҳал». Ҷ. 2.

истидлолу мантиқ ва асолати ақл мӯътақид набуданд ва мегуфтанд, ҷаҳонро фақат бояд бо ҳамин ҳисҳои зоҳирӣ дарк кард вагарна, роҳи дигар барои дарки ҷаҳон вуҷуд надорад. Дар манбаъҳои асрҳои миёнаи эронию арабӣ робитаи даҳрия бо фирқаи «самания»-и ҳиндӣ, ки аз ҳамон таълимоти локаята ғизои маънавӣ гирифта буд, зикр шудааст. Масалан, Абдулқоҳири Бағдодӣ дар «Фарқ байн-ал-фирақ» дар ин бора маълумот оварда навиштааст, ки «фирқаи самания ба қадим будани олам мӯътақид будааст».[139]

Монавия ба пайравони Монӣ итлоқ мешуд, ки аз чаҳор қарн пеш аз ислом ба вуҷуд омада буд ва дар қарни ҳафтуми хиҷрӣ пайравоне пайдо кард, ки дар саросари Осиё ва Урупо пароканда буданд. Монӣ низ ба ду усули нуру зулмат, ки аввалӣ сарчашмаи хайру дуввумӣ маншаи шарраст, мӯътақид буд, ба имтизоҷи ин ду сарчашмаи некӣ ва зиштӣ дар олами модда эътиқод дошт ва ба низои ин ду асл, ки саранҷом бо пирӯзии нур поён хоҳад пазируфт, мӯътақид буд. Мувофиқи таълимоти Монӣ ин ду қувва, ки яке неруи фаъолу дигаре неруи инфиол аст, ишора ба ду қувваи муҷаззо ва мабдаи мустақил мекунад, ҳам дар ҷамодот, ҳам дар наботот ва ҳам дар инсон мавҷуд аст. Вале ин вазъ ҳамин хел давом намекунад. Инсон дар замони оянда аз зиндони зулмонии худ озод шуда, батадриҷ унсурҳои шарро аз худ дур мекунад ва ба саодати абадӣ ноил мегардад.[140]

Ин мазҳабу фирқаҳои динӣ ба шарҳе, ки дар таърихи қарни сеюм ва чоруми ҳиҷрӣ бояд дид, дар мамолики исломӣ ва ғайриисломӣ монанди Мисру Шом ва Эрону Чин ва Ҳинд ривоҷи комил дошт ва ба иллати тарҷумаи улум ва фалсафа иддае пайдо шуданд, ки мазҳаби ақлиро ба мазҳаби нақлӣ (динӣ) тарҷеҳ доданд ва зери бори ҳеҷ кешу дине намерафтанд. Инон, ки ба тамомӣ ба номи зиндиқон машҳур буданд, таваҷҷӯҳе ба иллатҳои нокомиҳои худ намекарданд. Иллат ул-илали (сабаби асосии) хама маҳрумиятҳои онон дини ислом буд.

[139] Бағдодӣ, Абдулқоҳир. Фарқ байн-ал-фирақ. Теҳрон, 1333.-С.178.
[140] История таджикской философии с древнейших времен до XV в. Т.1. Душанбе, 2010.-С.434.

Бинобар ин мекӯшиданд бо нашри ақоиди худ ва тарҷумаи кутуби илмӣ ва фалсафӣ ва равшан кардани зеҳнҳои тӯдаҳои мардум бо мақсуди аслии худ ноил гарданд.[141]

Ҷараёни зиндиқиён аслан ақидаҳои баланди фалсафиро дар сатҳи мардумӣ ташвиқ менамуданд. Сабаби нобарории кори онҳо ин буд, ки мардуми рӯзгор ба ҳукми бесаводӣ ва дурӣ аз фарҳанги миллии худ ин маъниҳои борикро дарк карда наметавонистанд.

---

[141] Гавҳарин, Саид Содиқ. Ҳуҷҷат-ул-ҳақ Абӯалӣ ибни Сино. Теҳрон, 1313. – С. 380.

# БОБИ СЕЮМ
# ТАЪРИХИ МУБОРИЗАҲОИ ҶУНБИШИ ШУУБИЯ

## § 1. Муборизаҳои миллӣ ва сиёсии шуубиён

Дар хомӯшӣ, торикии ваҳшӣ ва хунолуде, ки дар ин рӯзгорон наздики ду қарн бар таърихи Эрон соя афканда буд, беҳуда аст, ки муҳаққиқ дар паи ёфтани баргаҳое ва саҳифаҳое аз шеъри форсӣ барояд. Зеро муҳити он замона ҳеҷ барои парваридани шоири просигӯй муносиб набуд. Он чӣ араб дар он давра аз шеър дарк мекард, қасидаҳое буд, ки арабон дар ситоишу накӯҳиши бузургони рӯзгори хеш месуруданд ё қитъаҳое ки ба номи раҷаз мегуфтанд ва аз шӯру ҳамосаи ҷангӣ оганда буд. Албатта, ҳеҷ як аз ин ду гуна шеър дар чунон рӯзгорон дар забони форсӣ маҷоли зуҳуру сабаби вуҷуд надошт. Дар он замоне ки қавми эронӣ мағлуби тозиён гашта буд ва ҷуз нақши маргу шикаст ва фирор дар пеши чашм надошт, ҳамосаи ҷангию паҳлавонӣ ё қаҳрамонӣ надошт, ки бо усули раҷаз бисарояд.

Дар чунон ҳангомае, ки дар шаҳрҳои Эрон аъроб ҳукумат мекарданд ва халифаи араб дар Шом ё Бағдод менишаст, аз эрониён касе майл надошт, ки халифа ё умоли ӯро ба забони форсӣ биситояд. Мавзӯъҳои динӣ ва ахлоқӣ низ на дар шеъри он рӯзгорон, чандон маълум буд ва на эрониёни мусулмон, агар андешаҳое аз ин гуна доштанд, нақли онҳоро ба забони форсӣ судманд мешумурданд. Эрониёни номусулмон низ маҷоле ва фароғе барои ин гуна суханон камтар меёфтанд. Ситоиши зан ва шароб низ ки моддаю мавзӯи ғазал метавонист бошад, таҷовузе ба ҳурмат ва ҳарами мусулмонон буд ва ҳаргиз мавриди писанди тозиён воқеъ намегашт. Бо ин ҳама агар суханоне аз ин гуна ба василаи зиндиқон ва озодандешони он рӯзгор гуфта мешуд, аз анҷуман берун намерафт ва байни худи қавм мондагор мешуд ва инъикосе ба берун намеёфт. Шояд бо ҳамин сабаб агар чизҳое ҳам аз ин гуна ба форсӣ ва ҳатто тозӣ гуфта мешуд, боқӣ намемонд ва аз миён мерафт. Ҳаҷву шикоят низ, ки аз умдатарин мояҳои шеър аст, дар

ин давра маҷоли зуҳур намеёфт. Ҳар эътирозе ва ҳар шикояте дар чунон рӯзгор хафа мешуд. Хулафо, борҳо шоирон ва гӯяндагонеро, ки ба забони тозӣ аз мафохири Эрон ва аз таърихи гузаштаи ниёгони хеш сухан ёд мекарданд, озору шиканҷа медоданд.[142]

Ҳукумати бани Умайя барои озодагон ва бузургзодагони Эрон қобили таҳаммул набуд, зеро бунёди онро ба кӯчакшумории аҷам ва бартарии араб ниҳода буданд. Табақоти поёнтар низ ба сахтӣ метавонистанд, зулми арабҳоро таҳаммул намоянд. Зеро онҳо на аз халифа ва умоли ӯ навозишу ва осоише дида ва на таассуботи динии деринаро фаромӯш карда буданд. Аз ин рӯ, ки ҳар ҷо шӯрише ва ошӯбе бар зидди дастгоҳи бани Умайя рух медод, эрониҳо дар он дахолат доштанд.

Хушунату бераҳмии араб нисбат ба мағлубшудагон бе андоза буд. Бани Умайя, ки асабияти (=таассуби)арабиро фаромӯш накарда буданд, ҳукумати худро бар асли «сиёдати (ҳукмронии) араб» ниҳода буданд. Араб бо худписандии кӯдаконае, ки хоси ҳар фотеҳе мебошад, мусулмонони дигарро мавлоӣ ё бандагони хеш мехонд. Таҳқир ва носазое, ки дар ин номи нораво вуҷуд дошт, кофӣ буд, ки ҳамвора эрониёнро нисбат ба араб бадхоҳ ва кинатуз нигаҳ дорад.[143]

Аммо маҳдудиятҳо ва ҳудуди ҷобиронае, ки бар онҳо таҳмил мешуд, ин кина ва нафратро бештар бедор мекард. Бедодгариву фишори дастгоҳи ҳукумат сахт мояи нигаронӣ ва норизоии мардум буд. Низоми ҳукумати ашрофи бани Умайя озодагон ва нажодагони (=асилзодагони) Эронро монанди бандагони дирамхарид аз тамоми ҳуқуқу озодиҳои маданӣ ва иҷтимоӣ маҳрум медошт ва бад-ин гуна таҳқир ва ҳамагуна ҷавру истибдод бо номи мавлоӣ пайваста буд. Мавлоӣ наметавонист ба ҳеҷ кори обурӯманд бипардозад. Ҳақ надошт салоҳ бисозад ва бар асп биншинад.[144]

[142] Исфаҳонӣ, Абдулфараҷ. Агонӣ. Ҷилди1.-С.423.
[143] Инсофпур, Ғуломризо. Сохти давлат дар Эрон аз ислом то юриши муғул.-С.144.
[144] Инсофпур, Ғуломризо. Раванди наҳзатҳои миллӣ ва исломӣ дар Эрон, 1981.-С.50-67.

Ҳукумат ва қазоват низ ҳама ҷо махсуси араб буд, ҳеҷ мавлое бо ин гуна маносибу мақомот намерасид. Ҳаҷҷоҷ ибни Юсуф ба Саъид ибни Ҷубайр, ки аз порсотарин ва огоҳтарини мусулмонони асри худ буд, миннат мениҳод, ки ӯро бо он ки аз мавлӣ аст, чанде ба қазои Кӯфа гумошта аст; назди онҳо иштиғол ба мақомот ва маносиби ҳукумат дархури мавлӣ набуд; зеро ки бо асли сиёдати фитрии нажоди араб мунофот (мухолифат) дошт. Аммо ин тартиб наметавонист давом дошта бошад. Зеро араб барои кишвардорӣ ва ҷаҳонбонӣ ба ҳеҷ ваҷҳ завқу истеъдод ва таҷрибаи кофӣ надошт.

Пас, чаро ҳукумати сосонӣ бо ин ҳама таҷрибаи чандинасраи ҷаҳондории худ дар назди ин мардуми биёбонӣ сар фуруд овард? Империяҳо аз ҷумла (Сосониён) низоми истибдодии худро кишвардорӣ ва сиёсатмадорӣ меномиданд. Дар ҳолате ки кишвардорӣ чунин нест. Онҳо мардумро аз аввалин ниёзҳои  зиндагӣ маҳрум карда буданд. Аз озодиҳои иҷтимоӣ, ақидатӣ ва донишмандӣ. Ҳамаи ин озодиҳоро гӯё худашон соҳибӣ мекарданд. Вале ин аз хаёл бештар набуд. Низоми шӯравӣ ҳам гумон дошт, ки ҷомеаи баробар ва бародар месозад. Вале зиндонҳои баробаре барои қавму миллатҳои СССР сохт. Барои таърих ҳоло аҳамияте надорад, ки ин корро қасдан кард ва ё низоми сиёсиаш ба ин натиҷа расонд. Аз назари имрӯз низоми шӯравӣ низоми гумоштагони худкомаи хориҷӣ ва дохилӣ будааст. Ҳамон таърихе, ки солҳои 60 пешопеш эълон намуданд, ки насли ҳозираи одамони шӯравӣ дар давраи коммунизм (шурӯъ аз соли 1980) зиндагӣ хоҳад кард, як навъ истеҳзо ва ришханд нисбат ба ҷомеаи ҷаҳонӣ ба ҳисоб мерафт. Ин соли арзёбишуда соле буд, ки на ғалаба, балки шикасти онро пешбинӣ намуда буданд. Ин низом бо рафтори инқилобомези Горбачевии соли 1985 аз ҳам пошид. Низоми Сосониёнро низ  на гумоштагони бегона, балки мӯъбадон ва давлатмардони «худӣ»-и худкомаи зардуштӣ аз байн бурданд. Халқҳои Осиёи Миёнаву Эронро дар тӯли таърих чунин сарнавиште таъқиб мекардааст.

Достонҳое, ки дар китобҳо дар ин боб нақл кардаанд, шигифтангез аст ва басо, ки мояи ҳайрату тааҷҷуб мебошад. Навиштаанд, ки фотеҳи Сиистон Абдураҳмон ибни Самра, суннате ниҳод, ки «Росу (муш) ва ҷужро (хорпуштро) набояд кушт.[145] Аммо гӯё бо сусморхорони гурусначашм аз хӯрдани носу ва хорпушт низ наметавонистанд худдорӣ кунанд. Дар фатҳи Мадоин низ арабон намунаҳое аз соддагӣ ва аблаҳии хеш нишон доданд.

«Гӯянд шахсе порае ёқут ёфт дар ғояти ҷавдат (покӣ) ва нафосат ва онро намешинохт, дигаре ба ӯ расид, ки қиммати ӯ медонист, онро аз ӯ ба ҳазор дирам бихарид. Шахсе ба ҳоли ӯ воқиф гашт, гуфт он ёқут арзон фурӯхтӣ. Ӯ гуфт агар бидонистаме, ки беш аз ҳазор ададе ҳаст, дар баҳои он талабидаме. Дигареро зари (тиллои) сурх ба даст омад, дар миёни лашкар нидо мекард, сафроро ба байзо ки мехарад? Ва гумони ӯ он буд, ки нуқра аз зар беҳтар аст. Ва ҳамчунин ҷамоъате аз ишон анбоне (халтае) пур аз кофур ёфтанд, пиндоштанд, ки намак аст, қадре дар дег рехтанд, таъми он талх шуд ва асари намак падид наёмад хостанд, ки он анбонро бирезанд, шахсе бидонист, ки он кофур аст ва аз ишон онро ба карбос порае, ки ду дирам арзидӣ, бихарид».[146]

Аммо ваҳшонияти табиӣ ва тундхуии фотеҳон вақте бештар маълум гашт, ки зимоми қудратро дар кишвари фатҳ шуда ба даст гирифтанд. Зимни фармонравоӣ ва коргузорӣ дар билоди фатҳшуда буд, ки забунӣ, нотавонӣ ва дар айни ҳол баҳонаҷӯӣ ва дарандахӯии арабон ошкор гашт. Ривоятҳое, ки дар ин боб дар китобҳо нақл кардаанд, тамаъварзӣ, тундхӯии ин фотеҳонро дар муомила бо мағлубон нишон медиҳад. Бисёре аз ин достонҳо, шояд афсонаҳое беш набошад, аммо дар ҳар ҳол рафтори масхараомез ва девонавори қавми фотеҳ, аммо орӣ аз таҳзибу тарбиятро бо хубӣ баён мекунад. Менависанд: «Араберо бар вилояте волӣ карданд, ҷуҳудонро ки дар он ноҳия буданд, гирд овард ва

[145] Таърихи Сиистон. Ба тасҳеҳи Маликушшуарои Баҳор. Теҳрон, 1314.-С.85.
[146] Ибни Тиқтақӣ. Таҷоруб-ус-салаф дар таворихи хулафо ва вузарои эшон. Тарҷимаи Ҳиндушоҳ ибни Санҷар ибни Абдуллоҳи Соҳибии Нахҷувонӣ. Ба тасҳеҳи Аббос Иқбол. Теҳрон, 1313.-С.30.

аз онҳо дар бораи  Масеҳ пурсид. Гуфтанд ӯро куштем ва ба дор задем. Гуфт оё хунбаҳои ӯро низ пардохтед? Гуфтанд, на. Гуфт ба Худо савганд, ки аз ин ҷо берун наравед, то хунбаҳои ӯро бипардозед…Абулоҷ бар ҳаволии (атрофи) Басра волӣ буд, мардеро аз тарсоён назди ӯ оварданд, пурсид номи ту чист? Мард гуфт: «Бандод Шаҳри Бандод. Гуфт се ном дорӣ ва ҷизяи як тан мепардозӣ? Пас фармон дод то ба зӯрӣ ҷизяи се тан аз ӯ биситонданд.[147]

Аз ин гуна достонҳо дар китобҳои қадим намунаҳои бисёр метавон ёфт. Аз ҳамаи инҳо бо хубӣ бармеояд, ки араб барои идораи кишваре, ки кушуда буд, то чӣ андоза оҷиз аст. Бо ин ҳама дере напоид, ки муқовиматҳои маҳаллӣ низ аз миён рафтанд ва араб бо ҳама нотавонӣ ва дармондагӣ, ки дошт, бар авзоъ мусаллат гашт ва аз он пас меҳробҳо ва манораҳо, ҷои оташкадаҳо ва парастишгоҳҳоро гирифтанд. Забони паҳлавӣ ҷои худро ба луғати тозӣ дод. Гӯшҳое, ки бо шунидани замзамаҳои муғона ва сурудҳои хусравонӣ унс гирифта буданд, бонги такбир ва танини садои муаззинро бо ҳайрат ва таассури  тамом шуниданд. Касоне, ки муддатҳо аз таронаҳои тарабангези Борбад ва Накисо лаззат бурда буданд, рафта – рафта бо бонги Ҳудо (ҳаракат) ва занги шутур одатӣ шуданд. Зиндагии пур зарқу барқ, аммо сокину ороми мардум, аз ғавғо ва ҳаёҳуи бисёр оганда гашт. Ба ҷои бо бирсиму густӣ, ҳуму замзама, намозу ғуслу рӯза ва закоту ҳаҷ ба унвони шаъоири (маросими) динӣ ривоҷ ёфт.[148]

Мардуми Эрон ҷуз онон, ки бо шиддат таҳти таъсири таъолими ислом воқеъ гашта буданд, нисбат ба аъроб бо назари кина ва нафрат менигаристанд. Аммо дар он миён, сипоҳиён ва ҷангчӯён ба ин кина ҳисси таҳқир ва кӯчак шумориро низ афзуда буданд. Ин ҷамоат, арабро пасттарин мардуми дунё  мешумурданд. Иборати зайл, ки дар китобҳои тозӣ аз қавли Хусрави Парвиз нақл шудааст,  намунаи фикри саворон ва ҷангҷӯёни эронӣ дар бораи тозиён маҳсуб мешуд. Хусрав мегӯяд:

---

[147] Динаварӣ, Абу Муҳаммад Абдуллоҳи Муслим ибни Қутайба. -Уюн-ул-ахбор. Қоҳира 1343. Ҷ.1.- С.76-77.
[148] Ибн Абдураббиҳ. Ал–Икд-ул-фарид. Қоҳира, 1359-1372 (7 ҷилд). Ҷ.2.-С.5.

«Арабро на дар кори дин ҳеҷ хислати некӯ ёфтам  ва на дар кори дунё; онҳоро на соҳиби азму тадбир дидам ва на аҳли қуввату қудрат. Он гоҳ гувоҳи фурумоягӣ ва пастҳимматии онон ҳамин бас, ки онҳо бо ҷонварони газанда ва мурғони овора дар ҷой ва макон баробаранд; фарзандони худро аз роҳи бенавоӣ ва ниёзмандӣ мекушанд ва якдигарро бар асари гуруснагӣ ва дармондагӣ мехӯранд; Аз хӯрданиҳо ва пӯшиданиҳо ва лаззатҳо ва комрониҳои ин ҷаҳон яксара бебаҳраанд. Беҳтарин хӯроке, ки сарватмандонашон метавонанд ба даст оваранд, гӯшти шутур аст, ки бисёре аз дарандагон, онро аз бими дучор шудан ба бемориҳо ва бо сабаби ногуворӣ ва сангинӣ намехӯранд…».[149] Касоне, ки дар бораи аъроб бадингуна фикр мекарданд, табиатан наметавонистанд, зери бори тасаллути онҳо бираванд. Султаи араб барои онон ба ҳеҷ ваҷҳ қобили таҳаммул набуд. Хосса ки истилои араб бидуни ғорат ва вайронкорию куштор анҷом наёфт.[150]

Дар бораи сели ҳуҷуми тозиён, шаҳрҳо ва қалъаҳои бисёр вайрон гашт. Хонадонҳо ва дудмонҳои зиёд бар бод рафт. Неъматҳо ва аъмоли тавонгаронро тороҷ карданд ва онро ғанимат ном ниҳоданд. Духтарон ва занони эрониро дар бозори Мадина фурӯхтанд ва ғуломон ва асирон хонданд. Аз пешаварон ва бузургон, ки дини мусулмониро напазируфтанд, боҷу хироҷи гарон ба зӯр гирифтанд ва ҷузя ном ниҳоданд. Ҳамаи ин корҳоро низ арабон дар сояи шамшер ва тозиёна, вале бо номи «фи сабиллуллоҳ», анҷом медоданд, ҳаргиз дар баробари ин корҳо, ҳеҷ кас ошкоро ёрои эътироз надошт.

Шаллоқу сангсору қатл ва ба оташ афкандан, танҳо ҷавобе буд, ки араб, хосса дар аҳди умавиён бо ҳаргуна этироз медод. Ба ин гувоҳии сарчашмаҳо ва таҳлили муҳаққиқони муосир инро боз бояд афзуд, ки арабҳо ҳам қудрати ҷангҷуӣ доштанду ҳам ғояи муттаҳидкунанда дар симои дини ислом. Аммо империяи сосонӣ, баръакс, дар тӯли зиёда аз чаҳорсад сол, ҳам ғояи муттаҳидкунандаи  худро аз даст дод ва ҳам

---

[149] Инсофпур, Ғуломризо. Сохти давлат дар Эрон, аз ислом то юриши муғул.-С.106-136.
[150] Ҳамон ҷо.-С.136.

артиши муназзам ва тамриндида созмон дода натавонист. Вақти заволи он расида буд. Дини зардуштӣ ҳамаи империяро фаро намегирифт. Байни мӯъбадони зардуштӣ ва сарварони сиёсӣ, якдигарфаҳмӣ набуд.

Дар бораи сабабҳои таназзули давлати Сосониён дар китобҳои таърихӣ суханҳои бисёре гуфта шуда, ки ҳоҷат ба такрори суханҳои онон нест, вале дар мавриди баҳси мо бояд чунин нуктаро хотирнишон сохт, ки Осиёи Миёнаву Эрони аҳди сосонӣ «майдони бузурги динҳо, боварҳо ва кашмакашиҳои поённопазири андешаҳо чун мӯриёна пояҳои бунёдии онро соиданд ва саранҷом дини поки зардуштӣ ва замзамаҳои осмонии дилнишини онро бо падид овардани нобовариҳо, дудилиҳо ва гумонбарҳо онро аз пой даровcovered (афтонданд), ки ангезаи барҷаста ва поёнии шикасти давраи 400-солаи империяи сосонӣ, шӯрбахтию дарбадариҳо, нобасомониҳо ва вайрониву нобудии Эрон, мардуми он ва ниҳоят пирӯзии тозиён дар Эрон гардид».[151]

Маълум аст, ки иттиҳоди минбару меҳроб оқибат ба кашмакашии онҳо оварда мерасонад ва вақте ин нобасомонӣ ба авҷи аълояш расид, империяи сосониро бо тамоми маъно фалаҷ кард.

Ҳуҷуми араб ҷуз баҳонае беш набуд, ки ин империяи фалаҷшударо ба таври ниҳоӣ аз байн бубарад. Империяи Рим, ки идеяи муттаҳидкунанда (масеҳият) ва артиши озмуда дошт, арабҳо дар нисбати онҳо кореро анҷом дода наметавонистанд.

Дар чунин шароит агар чизе гуфта мешуд, басе намепойид ва бо осори дигари шуубиён аз миён мерафт ва агар садое ба эътирозу шикоят бармехост, инъикосаш дар ҳилоли қарнҳо маҳв мегашт. Дар баробари бедодиҳо ва зулмҳое, ки арабон дар шаҳрҳо ва рустоҳо бар мардум раво медоштанд, ҷои эътироз набуд. Ҳар кас дар муқобили ҷафои тозиён нафсе бармеовард, кофир ва зиндиқ шумурда мешуд ва хунаш ҳадар мегашт. Шамшери ғозиён ва тозиёнаи ҳокимон ҳар гуна садои эътирозеро билофосила хафа ва хомӯш мекард.

---

[151] Санъатӣ, Ишқӣ. Барге аз зарринбаргҳои таърих//маҷаллаи Эронзамин. Канада, 2000, №10.-С.20.

Агар садое бар меомад, фарёди дарднок, аммо заъифи шоире буд, ки бар вайронии шаҳру диёри хеш навҳа мекард ва монанди Абу Янбағӣ, як амирзодаи барфарҷом, андӯҳ ва шикояти худро ба ин гуна месуруд:

*Самарқанди кандманд,*
*Ба-зинат кӣ афканд?*
*Аз Шош ту беҳӣ,*
*Ҳамеша ту чеҳӣ.*[152]

Ё нолаи ҷонсӯзи зардуштии Эрондӯсте буд, ки дар зери фишори ранҷҳо ва шиканҷаҳо орзу мекард, ки як дасти худоӣ аз остини ғайб барояд ва кишварро аз ҷамъи тозиён бираҳонад ва бо интизори зуҳури ин мавъуди ғайбӣ ба забони паҳлавӣ месуруд:

*Кай бошад, ки пайке ояд аз Ҳиндустон,*
*Ки омад он шоҳ Баҳром аз дудаи Каён.*
*К-аш фил ҳаст ҳазору бар саросар ҳаст филбон,*
*Ки ороста дирафш дорад, ба ойини Хусравон.*

*Пеши лашкар баранд бо сипоҳ сардорон,*
*Марде гусел бояд кардан зирак тарҷумон.*
*Ки раваду бигӯяд ба ҳиндувон,*
*Ки мо чи дидем аз дашти тозиён.*

*Бо як гурӯҳ дини хеш пароканданду бирафт,*
*Шоҳаншоҳии мо ба сабаби эшон.*
*Чун девон дин доранд, чун саг хуранд нон,*
*Бистонданд подшоҳӣ аз хусравон.*

*На ба ҳунар, на ба мардӣ, балки ба афсусу ришханд,*
*Бистуданд ба ситам аз мардумон.*
*Зану хостаи ширин, боғу бӯстон,*
*Ҷизя барниҳоданду пахш карданд бар сарон.*

*Бо аслик бихостанд совгарон,*
*Бингар, то чи бадӣ дарафканд ин дурӯғ ба кайҳон.*
*Ки нест, аз он бадтар чизе ба ҷаҳон.*[153]

---

[152] Зарринкӯб, Абдулҳусайн. Ду қарни сукут. Саргузашти ҳаводис ва авзои таърихӣ дар ду қарни аввали ислом. Теҳрон, чопи нуздаҳум: 1384.-С.122. Минбаъд «Ду қарни сукут».
[153] Ҳамон ҷо.-С.122.

Ин фарёду муқовиматҳои маҳаллӣ ғолибон беш аз як ҳамлаи девонавори асабонӣ набуд. Пас аз он суқути муҳибу даҳшатнок, ки дастгоҳи ҳукумат ва созмони ҷомеаи эрониро дар ҳам фурӯ рехт, ин изтиробҳо ва ҳаракатҳо лозим буд то бори дигар аҳволи иҷтимоӣ устуворӣ ёбад ва таодули худро ба даст оварад.[154] Рай пас аз суқути Наҳованд ба дасти арабон афтод. Мардум чандин бор бо фотеҳон сулҳ карданд ва паймон бастанд. Аммо ҳар чанд гоҳ, ки амир тағйир меёфт, сар ба шӯриш бар меоварданд. Муддатҳо баъд, яъне дар замони ҳукумати Абу Мӯсо Ашъарӣ бар Куфа ва аъмоли он буд, ки вазъи Рай орому қарор ёфт. Абу Мӯсо вақте ба Исфаҳон расид, мусулмонӣ бар мардум арза кард. Пазируфтанд, аз онҳо ҷузия хост, қабул карданд ва шаб сулҳ афтод, аммо чун рӯз шуд, ғадр ошкор карданд ва бо мусулмонон ба ҷанг бархостанд. То Абу Мӯсо бо онҳо ҷанг кард. Чунин хабарро дар боби аҳли Қум низ овардаанд. Дар солҳои 28 ва 30 ҳиҷрӣ тозиён ду дафъа маҷбур шуданд, Истахрро фатҳ кунанд. Дар дафъаи дуюм муқовимати мардум чандон бо рашодат ва густохӣ мақрун буд, ки фотеҳи арабро аз хашму кина девона кард. Навиштаанд, ки чун Абдулло ибни Омир фотеҳи мазкур аз паймон шикастани мардуми Истахр огоҳ шуд ва донист, ки мардум бар зидди арабон ба шӯриш бархостаанд ва омили вайро куштаанд, «Савганд хӯрд, ки чандон бикушад аз мардуми Истахр, ки хун биронад. Ба Истахр омад ва ба ҷанг бастанд… Ва хуни ҳамагон мубоҳ гардонид ва чандон ки мекуштанд, хун намерафт, то оби гарм бар хун мерехтанд. Пас бирафт ва адади куштагон, ки номбардор буданд, чиҳил ҳазор кушта буд, берун аз ношинохтаҳо».[155]

Муқовиматҳои мардуми диловари Осиёи Миёнаву Эрон бо чунин бераҳмӣ ва ҷинояте дар ҳам шикаста мешуд, аммо ин сахткӯшиҳо ҳаргиз наметавонист ирода ва рӯҳи он нафаронеро, ки дар роҳи дифоъ аз ёру диёри хеш, хуну умри зиндагии худро нисор мекарданд, яксара хафа ва табоҳ кунад. Аз ин рӯ, ҳар ҷо ки мумкин буд, норозиён дар баробари

[154] Инсофпур, Ғуломризо. Сохти давлат дар Эрон, аз ислом то юриши муғул.-С.21-32.
[155] Ибни Балхӣ. Форснома. Бо тасҳеҳи Листронг ва Райнолд Николсон. Кембриҷ, 1921.-С.116.

фотеҳон даристоданд. Ҳар шаҳр, ки як бор ислом оварда буд ва таслим шуда буд, вақте норозиён дар он шаҳр, дубора маҷоли саркашӣ меёфтанд, дар шикастани паймоне, ки бо арабон баста буд, дигар лаҳзае тардиду диранг намекарданд. Дар таърихи кишваркушоии ислом дар Осиёи Миёнаву Эрон, муқаррар ва борҳо ба ин гуна саҳнаҳо метавон бархӯрд. Дар соли сиюми ҳиҷрӣ, мардуми Хуросон, ки қабули ислом карда буданд, муртад шуданд ва Усмон халифаи мусулмонон Абдулло ибни Омир ва Саъид ибни Осро фармон дод, ки ононро саркӯб намоянд ва барои дуюм бор арабон маҷбур шуданд Гургону Табаристон ва Тамишаро фатҳ кунанд. Сиистон дар рӯзгори хилофати Усмон фатҳ шуд; Аммо вақте хабари қатли Усмон он ҷо расид, мардум густох шуданд ва касеро, ки аз ҷониби арабон бар он ҷо ҳукумат мекард, аз Сиистон биронданд.[156] Марзбони Озарбойҷон, ки дар Ардабил қароргоҳ дошт, бо арабон сахт ҷангид ва пас аз ин ҷангҳои хунин бо Ҳуҷайфа ибн-ул-Ямон бар ҳаштсад ҳазор дирам сулҳ кард. Аммо вақте Умар-халифаи дувум, Ҳуҷайфаро аз Озарбойҷон боз хонд ва дигареро ба ҷои ӯ гумошт, мардуми Озарбойҷон бори дигар баҳонае барои шӯриш ва саркашӣ ба даст оварданд.[157]

Тибқи маълумоти Наршахӣ ва Балозурӣ соли 673 Убайдулло ибни Зиёд аз руди Ҷаҳун гузашта ба Бухоро ҳуҷум кард ва баъдтар Саид ибни Усмон Бухорову Самарқандро фатҳ намуд. Соли 680 Хоразм, Суғду Самарқанд, Бухоро ва Хуҷандро арабҳо ғорат намуда, солҳои 705-715 Мовароуннаҳрро комилан ба даст даровbooарданд. Иттиҳоди ҳарбию сиёсии маликони Деҳистону Ҷурҷон, Бодғису Балх, Суғду Чоч ва Фарғона барои озодӣ ва истиқлолияти давлатӣ дар муқобили неруи Қутайба ибни Муслим муқовимат карда натавонистанд. Муборизаи Деваштиҷу Афшинҳои Уттрушан низ ба муқобили арабҳо натиҷае набахшид.[158]

---

[156] Ибни Асир. «Ал-Комил фи таърих». Табъи Нюренберг-Лейден. 1866 то 1876 (13 ҷилд).Ҳодисаҳои соли 29.
[157] Балозурӣ, Аҳмад ибни Яҳё. Футуҳ-ул-булдон. Миср, 1932.-С.362.
[158] Таърихи халқи тоҷик. Душанбе, 2003.-С.250-256.

Ин муқовиматҳо ва шӯришҳо барои бозгашти давлати Сосониён набуд. Барои он буд, ки мардум ба арабон сар фурӯ наёваранд ва ҷузяи сангинро ки бар онҳо таҳмил мешуд, напазиранд. Ин пархошҷӯӣ бо араб на фақат дар касоне, ки дар шаҳрҳои Эрон монда буданд, ба шиддат вуҷуд дошт, балки дар касоне низ дида мешуд, ки ба миёни арабҳо дар Ироқ ва Ҳиҷоз иқомат доштанд. Мо ҳатто имрӯзҳо фикр мекунем, ки чаро ин муқовиматҳои Хуросониён бардавом рӯ ба шикаст будаанд. Воқеан чаро? Ба фикр муаллифи ин сатрҳо он чанд сабаб дошт.

Сабаби аввали он надоштани идеологияи муайян ва муттаҳидкунанда. Аз идеологияи пешин (зардуштӣ) чизи мушаххасе боқӣ намонда буд. Шакли сосонии дини зардуштӣ аз асли пешинаи худ ба дур рафта буд. Мӯъбадан ва муғони сосонӣ шакли таҳрифшудаи дини зардуштиро тарғиб мекарданд. Ин шакли таҳрифшуда аз ҷониби пешвоёни диние ба дини зардуштӣ таҳмил шуданд, ки аслан худ ориёӣ набуданд ва асрҳо пеш аз дигар навоҳӣ ба Хуросони бузург кӯч баста буданд. Ба ин маънӣ, эрониён аз решаҳои аслии дини миллии (зардуштии) худ дур афтода буданд. Бе дини миллӣ ҳаракати мардумӣ имкон надошт. Ҳаракатҳои сиёсӣ муваққатӣ ва гузарандаанд. Аммо дин – идеология аст. Он ғоя ва ҳадафу ормон аст. Тавоноии араб дар ҳамин идеологияи динии ӯ буд. Ин идеология (ислом) қабилаҳои парокандаи арабро муттаҳид намуд. Ба онҳо роҳи наҷот нишон дод. Барои зиндагии заминӣ ва ухравӣ онҳоро ҳидоят кард ва масъалаҳои дигар (сиёсӣ, иҷтимоӣ, фарҳангӣ) барои араб масъалаҳои ҷузъӣ ба шумор мерафтанд.

Ба ҳар ҳол, шак нест, ки Абӯмуслим эронӣ буда. Шояд ҳам ба оини дерини хеш алоқаи тамом меварзида аст. Аммо дар сарзамини хеш ҳама ҷо бо бедод ва озори марвониён рӯ ба рӯ мегардид. Хуросон ва Ироқро диёри ниёгони худ медидааст, ки аз бедоду ҷафои тозиён арсаи вайрон ва парешонӣ гаштааст. Ошуфтагӣ ва шӯридагии рӯзгореро, ки дар он муште аз фурӯмоягон қудрат ва шукӯҳи худоён ёфта будаанд, ба чашми хеш медида ва таассуф мехӯрдааст. Навмедӣ ва вомондагии мардуми Эронро, ки ҳар рӯз бо бӯи раҳоӣ бо ҳар ҳодисаҷӯие ҳамроҳ мешуданд ва

ба орзуи хеш намерасиданд, бо дидаи ибрат менигариста ва мутаассир мешудааст. Ҳақ он аст, ки таърихи рӯзгори ӯ аз парешониҳову саргаштагиҳо ва низ аз дурӯғҳо ва тазвирҳо оганда буд. Дунёи ӯ дунёе буд, ки аз ошубҳо ва дардҳо моломол буд.

Орзуҳои шариф мурда буд ва оро ва ақоид ҳама ҷо ранги тазвиру риёро дошт «Дин баҳонае буд, ки зиёни касон аз пайи суди хеш биҷӯянд». Он соддагӣ ва озодагӣ, ки ислом ҳадя оварда буд, дар давлати Марвониён ҷои худро ба ситамкорӣ ва ҷаҳонҷӯӣ дода буд. Ҳар рӯз дар Ироқ ва Хуросон ва дигар ҷойҳо фирқаи тозае ба вуҷуд меомад ва даъвати тозае оғоз мегашт. Кайсониҳо зуҳури имоми худро, ки дар кӯҳи Разавӣ зиндааш мепиндоштанд, интизор мекашиданд. Хориҷиҳо бо теғи кашида ҳамон уммоли ҳукумат, ки молу ҷони мусулмононро низ ҳамвора ғорат менамуданд, таҳдид мекарданд».[159] Мурҷиа ба поси ҳурмати хулафо мӯҳри сукут бар даҳон мезаданд ва ба шеваи шаккокон аз ҳар гуна доварӣ дар боби кирдору рафтори ситамкорон ҳарф намезаданд. Давлати Бани Умайя бо сабаби ғаразҳо ва ихтилофҳо, ки падид омада буд, рӯй ба таназзул дошт. Ҳамаи аҳзоб ва ҳамаи фирқаҳо низ, ки дар ин рӯзҳо падид меомаданд ё худ падид омада буданд, ҷуз ба даст овардани хилофат андешаи дигаре надоштанд. Хилофат муҳимтарин масъалае буд, ки дар он рӯзгор ҳама ҷо забонзади хосу ом буд. Шииён онро ҳаққи фарзандони Алӣ медонистанд ва хориҷиҳо мӯътақид буданд, ки ҳар мусулмони парҳезкоре метавонад ба хилофат бинишинад. Аз ин мусулмонони парҳезгор низ ҳама рӯза шохаҳое дар ҳар гӯша аз кишвари мусулмонӣ падид меомаданд.

Ба ҳар ҳол нафрат ва кинае ки эрониён нисбат ба араб доштанд, ононро дар ҳар ҷараёне, ки ранги шӯриш ва исён бар зидди хулафо дошт, ворид мекард. Наҳзати Устод Сис дар миёни сели хун фурӯ нишаст. Аммо муқорини ҳамин айём низ мардуми Толиқон ва Дамованд шӯриданд. Халифа сардореро бо номи Умар ибни Алоъ барои

[159] Арринкӯб, Абдулҳусайн. Ду қарни сукут.-С.130.

саркӯбияшон гусел кард. Ӯ шӯришиёнро саркӯб намуд. Шаҳрҳои онҳоро кушуд. Идаи бисёре аз мардуми Дайлам дар ин моҷаро ба асорат рафтанд. Қабл аз ин таърих ва баъд аз он низ борҳо мардуми Табаристон дар баробари фоҷеаҳо ва зулми тозиён қиём карданд. Дар ин наҳзатҳо на фақат нажоди араб мардуд буд, балки дини мусулмонӣ низ мавриди хашму кина қарор гирифта буд.[160] Як муаррихи мутакаллими мусулмон мегӯяд: «Эрониён бар асари вусъати кишвар ва тасаллут бар ҳамаи ақвом ва миллатҳо аз ҳайси азамат ва қудрат, ба манзалате буданд, ки худро озодагон ва дигаронро бандагон мехонданд, вақте ки давлаташон бо дасти арабон сипарӣ гашт, чун арабро пасттарин мардум мешумориданд, кор барояшон сахт гашт ва дарду андӯҳи онҳо ду чандон, ки мебоист гардид, аз ин рӯ борҳо сар баровarданд, ки магар бо ҷангу ситез хештанро аз чанги ислом раҳоӣ бахшанд».[161]

Бад-ин гуна бештари ин шӯришҳо ранги зидди динӣ низ касб карда буд. Дар Табаристон ба соли 141 як бор Сипаҳбуд Хуршед ҳукм кард, ки ҳамаи арабро ва ҳатто ҳамаи эрониёнеро, ки ба дини аъроб даромадаанд, бикушанд. Шӯриши сахте бар зидди араб рӯй дод, ки арабонро бо хушунат ва қасоват фурӯ нишониданд. Сипаҳбуд Хуршед низ, ки худро мағлуб медид, захр аз нигини ангуштарӣ бармакид ва даргузашт. Ин ҳама қасоват ва хушунате, ки аъроб дар дафъи шӯришҳо нишон медоданд, эрониёнро аз идомаи мубориза боз намедошт. Заҷру қатлу зиндон ва таъбид (бадарға), фақат иродаи онҳоро қавитар ва азмашонро сахттар мекард. Ҳатто хуруҷи ӯ қиёме, ки туркон ва тозиён бар зидди дастгоҳи хилофат мекарданд, мавриди ташвиқ ва ҳимояти Эрониён қарор мегирифт. Вақте Юсуф ибни Иброҳим маъруф ба Барам, ки аз маволии Сақиф буд, дар Бухоро қиём кард, дар миёни мардуми Хуросон ёрон ва ҳамроҳони бисёр ёфт ва Суғду Фарғонаро низ дучори шӯришу ошӯб намуд.[162]

[160] Инсофпур, Ғуломризо. Раванди наҳзатҳои миллӣ ва исломӣ дар Эрон.-С.142-145.
[161] Ибни Ҳазм. Ал-Фисал. Миср 1347-1348 дар (5 ҷилд). Ҷ.2.-С.91.
[162] Зарринкӯб, Абдулҳусайн. Ду қарни сукут.-С.157.

Хуручу шуришҳо, дар маҷмӯъ, чун идеяи муттаҳидкунанда надоштанд, бо вуҷуди ба онҳо ҳамроҳ шудани худи арабҳо ва туркҳо ва ба муқобили хилофат бархостани онҳо, натиҷаи матлубе надод. Хилофат бошад ба як қабилаи хеле тавонои сиёсӣ, ҳарбӣ ва идеологӣ мубаддал шуда буд. Қавму қабилаҳои дигар аз нигоҳи сиёсӣ ва динӣ хеле заъиф ва пароканда буданд. Ислом – моли араб буд. Миллат дар он замон мақоми ҳаллу фаслкунанда надошт. Идеологияи динӣ-исломӣ ҳукмфармо буд. Шӯришиён созмони динию сиёсии устувори худро надоштанд. Аз ин рӯ, маҷбур буданд, ки ба идеологияи динии хилофати ҳукмрон рӯй биоваранд ва аз ночорӣ баъзе нукоти онро ба манфиати худ таъбиру таъвил намоянд. Вале хилофат, шӯришиёнро чун душманони дин ва ойини расмии мусулмонон маҳкум мекард. Мухолифони ислом ва хилофат дар асрҳои миёна бо ҳамин сабаб ҳамеша ба бунбаст рӯ ба рӯ мешуданд. Ин бунбасти динию идеологии ҷомеаи исломӣ дар он замон сабаби асосии шикасти ҳамаи мухолифон ва шӯришиён мегардид. Шуришиёни эронӣ мебоист довталабона дар атрофии дини милли худ муттаҳид мешуданд. Вале натавонистанд.

Аммо таронаи кӯдакони Хуросон достони дигаре бо номи суруди Балх дорад. Дар соли 119 ҳиҷрӣ сардори араб, Асад ибни Абдулло Қусарӣ, аз Хуросон ба ҷанги Хатлон рафт. Аммо коре аз пеш набурд ва пас аз дидани ранҷҳои бисёр шикастаю ноком бозгашт ва ба Балх расид. Мардумони Балх дар ҳақи ӯ сурудаҳо гуфтанд, таънаомез ва талх ба форсӣ, ки кӯдакони шаҳр мехонданд ва ин аз кӯҳнатарин сурудаҳои кӯдакон аст, ки дар таърих сабт шудааст.

*Аз Хуталон омадия,*
*Ба рӯ табоҳ омадия.*
*Обора боз омадия,*
*Хушку низор омадия.*[163]

[163] Табарӣ, Абдуҷаъфар Муҳаммад ибни Ҷарир. Таърих -ул-умам ва-л-мулук. Нашри Лейден, 1876-1901. Ҳодисаҳои соли 108 ҳиҷрӣ (727 мелодӣ). Ба нақл аз «Ду қарни сукут»-и Зарринкӯб.-С.126.

Аз ин пасо то поении қарни дигар, ҳеҷ садое дар ин тирагӣ ва хамӯшӣ инъикос наёфт ва ҳеҷ суруде ва замзамае барнаёмад, ки он сукути сарди оҳанинро бишканад. Забони омма форсӣ- дарӣ буд ва дар ниҳон низ, китобҳои динӣ ва каломӣ ба паҳлавӣ навишта мешуд. Аммо ба забони дарӣ ошкоро на шоире суруде гуфт ва на гӯяндае китобе таълиф  кард. Боз наздики як қарн интизор лозим буд, то завқу қариҳаи хомӯши Эрон, «забони гумшудаи» хешро биёбад ва бадон нағмаҳои ширини ҷовиди худро оғоз кунад.[164]

Хуруҷи сиёҳҷомагони Абӯмуслимро (ваф.754) метавон оғози растохези Эрон шумурд. Наҳзати ин сиёҳҷомагон аз хашму нафрат нисбат ба марвониён ва арабон моя мегирифт. Агар шӯри ватандорӣ ва эҳсосоти қавмию миллӣ муҳаррики ин қавм набуд, бешубҳа нафрат нисбат ба ситамгарони араб дар ин наҳзат ва хуруҷ, сабаби  қавӣ ба шуморо меомад ва Оли Аббос, ки аз авохири даврони Бани Умайя орзуи хилофат дар сар мепарвариданд, аз ин ҳисси бадбинӣ ва кинатузӣ, ки хуросониён нисбат ба араб доштанд, истифода карданд ва онҳоро бар зидди хилофати марвониён  барангехтанд.[165] Аз ҳамин роҳ буд, ки гӯянд: Иброҳим Имом вақте Абумуслимро ба Хуросон ҷиҳати нашру даъвати хеш фиристод, ба ӯ навишт, ки дар Хуросон агар битавонӣ ҳар касеро, ки ба тозӣ сухан мегӯяд, бикушу аз арабҳои музирӣ кас бар ҷой магузор. Аз ин сухан пайдост, ки муҳаррики умдаи ин сиёҳҷомагони Абумуслим, душманӣ бо ситамкорони араб буда аст. Ва Иброҳим Имом ва соири Оли Аббос низ аз ҳамин роҳ ононро ба ёрии хеш водоштаанд. Аммо ин ки дар ин наҳзат омили мазҳабӣ, асари қавӣ дошта  бошад, ба назар мушкил меояд. Дар ҳар ҳол мусаллам аст, ки Абумуслим ва ёрони ӯ аз нусрат ва дастгирии Аббосиён ҷуз барандохтани Марвон ғарази дигар надоштаанд ва мушкил ба назар меояд, агар Абумуслим кушта намешуд ва сиёҳҷомагон фурсат меёфтанд, давлат ва хилофатро бар Бани Аббос боқӣ мегузоштанд.

---

[164] Зарринкӯб, Абдулҳусайн. Ду қарни сукут.-С.126.

[165] Динаварӣ,  Ибни Қутайба. Уюн-ул-ахбор. Ҷ.1.-С.204

Ҳар чӣ ҳаст, ҳадаф ва ғарази Абумуслим ба дурустӣ аз таърихҳо барнамеояд. Аз ин рӯ, дар боби ӯ байни нависандагони ахбор ихтилофи зиёде мавҷуд аст. Баъзеҳо саъй кардаанд, ки ӯро шиаи Оли Алӣ ба қалам диҳанд. Беэтиноии ӯро нисбат ба Мансур низ, ки саранҷом муҷиби ҳалокаташ гашт, аз ҳамин роҳгузар медонанд.[166] Аммо он чи аз ин нишонаҳо бармеояд ин пиндорро ба шиддат рад мекунад; Ризоият ва ҳатто иқдоми ӯ дар қатли Абусалмаи Ҳилол, ки ба ташайюъ муттаҳам буд, низ то андозаи зиёде эҳтимоли шиа буданашро зери шубҳа мегузорад. Оё Абумуслим тамоилоти зардуштӣ дошта аст? Дар ин боб ҷои андеша ва тааммул ҳаст. Бо ин ки дар табору нажоди ӯ ихтилоф кардаанд ва ӯро баъзеҳо курд ва баъзеи дигар араб навиштаанд, аз шаҳодати ривоят хуб пайдост, ки эронӣ будааст. Номашро Беҳзодон ва номи падарашро Вандод Ҳурмузд сабт кардаанд. Насабномае, ки барояш навиштаанд, ӯро аз нажоди Шайдуш писари Гударз ё Руҳом писари Гударз муаррифӣ мекунад. Баъзе низ ӯро аз фарзандони Бузургмеҳри Бахтакон шумурдаанд. Зиндагии кӯдакии ӯ дар торикии пиндорҳо ва афсонаҳо фурӯ рафта аст. Афсонаҳо ӯро хоназоди Исо ибни Маъқили Иҷлӣ шумурдаанд ва шояд тасаввури шиӣ буданаш низ, аз ҳамин ҷо сарчашма гирифта бошад. Дар Абумуслимномаҳои аҳди сафавӣ нисбати ӯро ба авлоди Алӣ (с) расонидаанд ва ин ҳама қатъиян бофтаю сохта аст. Нуктаи муҳиме дар ин ҷо ниҳон, ки алоқа бар Эрон ва оини қадими он, ба тавре аз кардаҳо ва гуфтаҳои ӯ бармеояд, ҳар насабу пиндорро дар ин бора суст ва заъиф ҷилва медиҳад. Кӯшише ки ӯ дар барандохтан Беҳофарид ва пайравони вай кард, ба назар меояд, ки барои маҷусон беш аз мусулмонон судман будааст, ҳамдардии шигифтангезе, ки дар фоҷеаи писари Синбод дар Нишопур ба зиёни арабон нишон дод, аз иртиботи ӯ ба оини габрон ҳикоят дорад. Шӯришҳо ва саркашиҳоеро низ касоне чун Синбод ва Исҳоқи турк барои хунхоҳии ӯ барпо карданд,

[166] Инсофпур, Ғуломризо. Раванди наҳзатҳои миллӣ ва исломӣ дар Эрон.-С.227-254.

баъзеҳо гувоҳи ин донистаанд, ки Абӯмуслим зоҳиран ба оини маҷус тамоил ва пайванде доштааст.[167]

Дар Хуросон кори Абӯмуслим пешрафти зиёд ёфт. Дар муддати кӯтоҳ ҳамаи норизоён, ҳамаи ҷабрдидагон, ҳамаи фиребхӯрдагон, дар зери ливои ӯ гирд омаданд, зеро ки рафтори кормандони араб ҳамаро аз ҳукумати марвониён ба сутӯҳ оварда буд. Гузашта аз он дар миёни арабон низ ситеза ва дурӯӣ бо шиддат даргирифта буд. Дар он рӯзгорон, Хуросон ҷузъи Басра буд. Волии он ҷо бар ин вилоят фармон меронд. Аз арабҳое, ки ҳангоми фатҳи ислом ба ин сарзамин омада буданд, ҳар тоифае дар шаҳру диёре сукунат доштанд ва байни ин тавоиф аз мурда реги (мероси) аҳди ҷоҳилӣ таассуб ва ихтилофи сахте бозмонда буд. Масалан, Бани Тамим, аз тавоифи  Мазарӣ аз оғози футӯҳи Эрон ба Хуросон омада буданд, бо Аздиҳои Ямонӣ, ки дертар ба ин сарзамин сукунат гузиданд, дар ҷангу ситеза буданд. Дар  ин айём, ки ямониҳо ва мазариҳо ба ҳам дарафтода буданд, Хуросон дар оташи нифоқ ва ҷидоли онҳо месӯхт. Ҳар як аз  ин ду қабила вақте ба ҳукумат мерасид, фақат афроди қабилаи худро ҳимоят мекард. Муддате ки Муҳаллаб ибни Аби Сафра ва фарзандонаш дар Хуросон ҳукумат мекарданд, ямониҳо дар авҷи қудрат буданд. Чун Қутайба ибни Муслим ва Наср ибни Сайёр ба ҳукумат расиданд, мазариҳо ғолибият ёфтанд. Ин ихтилоф байни арабони Ямонӣ ва Мазарӣ, ҳамвора фузунӣ меёфт ва ҳукумат ба ҳар кадом мерасид, дигареро хору забун месохт.[168] Дар Шому Ироқ ва дигар ҷойҳо низ дар ҳамин замон маҳалгароӣ ва ихтилофи дерини арабон таҷдид гашта буд ва хулофаи Димашқ низ, дастхуши ин аҳзоб ва ихтилофот буданд. Дар Хуросон Наср ибни Сайёр, ки худ вазъи собите низ надошт, бо мухолифатҳои шадид рӯ ба рӯ буд. Вақте фитнаи Ибни Тамимро  ки ба ёрии Ҳорис ибни Сурайҷ бархоста буданд, фурӯ нишонд, гирифтори фитнаи Кирмонӣ шуд. Ва ин ихтилоф чандон бикашид, ки дигар ҳеҷ яке аз ӯҳдаи фурӯ нишониданаш барнаёмаданд ва Абӯмуслим

---

[167] Зарринкӯб, Абдулҳусайн. Ду қарни сукут.-С.130.
[168] Ҳамон ҷо.-С.133-134.

фурсати нигаҳдошт ва дар рӯзгоре, ки арабҳои Хуросон бо ҳам дарафтода буданд ва касеро парвои хилофат набуд, кори хуруҷи хешро созмон дод. Ҳангоме ки ҳукумати Умавӣ дар хоби ғафлат ва ғурур, масти ба амал баровардани орзую ормонҳои хаёлии хеш буд ва арабҳои Хуросон саргарми ситезаҳо ва душманиҳои қабилаи худ буданд. Абӯмуслим ба даъват бархост. Ҳамзамон бо наҳзати сиёҳҷомагони ӯ, Наср ибни Сиёр саъй кард, арабҳои Мазарӣ ва Ямониро оштӣ диҳад ва ихтилофи онҳоро аз миён бардорад. Аммо вақт гузашта буд. Тадбиру заковати Абӯмуслим монеъ аз он гашт, ки байни арабҳо тавофуқи назар ҳосилояд ва ҳангоме ки арабон ҳанӯз саргарми ҷидол ва низоъ буданд, даъвати ӯ ба самар расид.

Абӯмуслим нахуст мардуми Хуросонро бе он ки номи Имоми хосеро зикр кунад, ба яке аз бани Ҳошим даъват мекард.[169] Ин гуна даъватро дар он замон даъват ба ризо мехонданд. Мардум байъат мекарданд, ки бо ҳар кас ки аз бани Ҳошим ҳамагон бар ӯ иттифоқ карданд, ҳамдостон бошанд. Дар ин маврид нуктаи ҷолибе ба назар мерасид. Менависанд, дар насабномаи сохта ва бофтае, ки Абӯмуслим барои худ сохта буд, хештанро аз хонадони Аббосӣ ва аз фарзандони Салит ибни Абдуллоҳ мехонд. Яке аз гуноҳоне, ки Мансур барои қатли Абӯмуслим баҳонаи хеш кард, ҳамин насабнома буд. Ин насабномаро Абӯмуслим барои чӣ сохта буд? Шояд барои он ки агар фурсате ба даст ояд, роҳи расидан ба хилофат барои ӯ масдуд ва баста набошад. Оё наметавон тасаввур кард, ки сардори сиёҳҷомагон дар ҳоле ки насаби худро ба Салит ибни Абдулло мерасонида аст, бо ин гуна даъвати ниҳонӣ, даъват ба ризо, барои пешрафти кори хеш мекӯшида аст? Дур нест, ки Абӯмуслим барои интиқом аз араб ва эҳёи ҳукумати Эрон беҳтар медидааст, ки ҳукуматро бо номи хилофат ба даст оварад. Бо ҳамин сабаб буд, ки Мансур, халифаи зираку ҳушёри Аббосӣ ҳатто қабл

[169]Ибни Халликон. Вафаёт-ул-аъён. Нашри Қоҳира, 1367 ҳиҷрӣ. Ҷ.1.-С.104.

аз он ки ба хилофат бирасад, аз ин ҷоҳталабии Абӯмуслим нигарон буд ва ҳамвора дар ҳалоки ӯ саъй менамуд.

Абӯмуслим дар Хуросон дар муддати кӯтоҳ тавонист тамоми норизоёнро дар зери ливои (байрақи) хеш ҷамъ оварад. Ҷунбиши зидди Бани Умайя, ки аз муддатҳои пеш дар Хуросон  решае гирифта буд, бо ҳиммати ӯ ҳама ҷо нашр ёфт. Навиштаанд, ки дар як рӯз аз шаст деҳ аз деҳаҳои  ҳудуди Марв, мардум ба ёрии ӯ пайвастанд ва албатта саъйу ҳиммату тадбири ӯ ҷалодати ӯ дар нашри ин даъват тасири тамом дошт. Мардум гурӯҳ-гурӯҳ аз ҳар сӯй ба сӯи ӯ рӯй меоварданд. Аз рӯзе, ки ӯ дар қарияи Сафеданҷи Марв дирафши (байрақи) сиёҳи хеш барафрохт, то ҳафт моҳ баъд, ки ҳамаи норозиён бадӯ пайвастанд, бо таҷҳизи сипоҳ пардохт. Дар ин муддат мардум аз ҳамаи шаҳрҳо ва рустоҳои Хуросон ба ёрии ӯ бархостанд ва бадӯ пайвастанд. Вақте ёрони Абӯмуслим дар Хуросон омодагии кори хеш мекарданд, араб ҷуз ба ситезаҳо ва асабиятҳои дерини хеш намеандешид. Дар зимистони соли 129 ҳиҷрӣ вай даъвати хешро расман эълон кард ва тамоми душманони Бани Умайя ба ӯ пайвастанд. Ҳатто ямониҳо низ бар хилофи мазариён ба ёрии ӯ шитофтанд, валекин баъдҳо, пас аз он ки наҳзати сиёҳҷомагон қуввати тамом гирифт, онҳоро дар канор гузоштанд. Беш аз ҳама дар ин миён маволӣ ба он наҳзат алоқа нишон доданд. Дар замоне андак, мардум аз Ҳироту Пушанг ба Марвруд ва Толиқону Марву Нишопур ва Сарахсу Балх ва Чағониёну Тахористон ва Хатлону Кешу Нахшаб ба сипоҳи ӯ пайвастанд.[170]

Бо фаророрасии замони ҳассосе барои хилофат ҳукуматдорони он дастхуши ҳарҷу марҷ ва низои Ямониҳо ва Мазариҳо[1] гашт. Зеро Мазариҳо  низ чанде пас аз марги Язид ки беш аз шаш моҳ хилофат накард, Марвон ибни Муҳаммадро ба хилофат бардоштанд ва бори дигар Ямониҳоро забун сохтанд.

[170] Зарринкӯб, Абдулҳусайн. Ду қарни сукут.-С.136.
[1] –Номи ду қабилаи фаъоли араб дар сиёсати он замон.

Ин ҳарҷу марҷ мояи заъфи давлати Бани Умайя гашт. Хосса ки дар Хуросон маркази даъвати аббосиён низ бар асари ин низоъ ва таассуб Бани Умайя дар садади саркӯбии мухолифони хеш омодагӣ медиданд. Шайпури инқилоб танин афканда буд ва душманон, ки қаблан ҳар чанд сол дар гӯшае аз мамлакат қиём мекарданд, ҳоло омодагии куллӣ барои муборизаи ошкоро ба муқобили хилофат доштанд ва эмин буданд, ки суқути Бани Умайя қатъӣ ва ҳатмист.

Хуросон гаҳвораи афсонаҳои паҳлавонии корномаҳои қаҳрамонони Эрон, ки аз маркази ҳукумати арабӣ дуртар буд, беш аз ҳар ҷо барои қиёми эрониён муносибтар менамуд. Ба ҳамин ҷиҳат вақте қудрати Бани Умайя рӯ ба таназзул ва шикаст мерафт, даъвати Аббосиён дар он ҷо тарафдорони бисёр пайдо кард. Даъвати Абӯмуслим дар он замон бо шӯру алоқаи хосе қабул гашт. Касоне, ки аз ҷавру таҳқир ва бедоди арабон ба сутӯҳ омада буданд, ин наҳзатро муждаи раҳоии хеш қабул карданд. Наср ибни Сайёр ки дар Хуросон шоҳиди ин аҳвол ва авзоъ буд, дар поёни номае, ки ба Марвон, охирин халифаи Умавӣ фиристод, изтироб ва нигаронии худро аз тавсияи наҳзату ҷунбиши Абӯмуслим ошкоро баён мекард ва аз ҳайрату хашм мегуфт ва менавишт, ки ман дурахшидани пораҳои оташро дар миёни хокистар бар аён мебинам ва зуд бошад, ки пораҳои оташ афрӯхта гардад. Ду пора чӯб, оташро бармеафрӯзад ва ҳамеша сухан муқаддимаи амал қарор мегирад. Ман аз сари таъаҷҷуб ҳамвора мегӯям, ки кош медонистам Бани Умайя бедоранд ё хоб?[171] Аммо бани Умайя воқеан дар хоби ғафлат рафта буданд. Хоби ғафлату ғуруре, ки ҳамеша давлатҳои худкома ва ситамкорро то канори партгоҳи суқут мекашонад. Қиёми Абӯмуслим буд, ки ононро аз ин хоби хуш барангехт ва бунёди хилофати Умавиро яксара барандохт.

Муҳаққиқони таърихи фарҳанг бар ин назаранд, ки ҷомеаҳои бадавӣ ва қабилавӣ, чун қоида, ҳамеша дар чангу кашмакаш байни

---

[171] Яъқубӣ, Ибни Возеҳ.Таърихи Яъқубӣ. Ҷ.3.Лейден, 1883.-С.79.

ҳамдигар мебошанд. Ва оқибат рӯзе фаро мерасад, ки ин қабилаҳо дар рӯ ба рӯи хатари хориҷӣ қарор мегиранд ва зарурати иттиҳоди қабилавӣ пайдо мешавад. Ин ҳолатро муҳаққиқон маҷмаъулқабоил (иттиҳоди қабилавӣ) номидаанд. Ин иттиҳод дар аввал бо шӯру шарри фаровон кишваркушоӣ, мекунад давлати мутамарказ созмон медиҳад ва ё империя месозад. Вале баъди фурӯ нишастани ин ҳавову ҳавасҳои умури кишвардорӣ мехоҳад ҷомеаи худро дар қатори ҷомеаи мутамаддину фарҳангӣ қарор диҳад ва баъди талошҳои сарсахтона ва бераҳмона, оқибат ба шикаст ва заволи худ таслим мешаванд. Ҳукумати Умавӣ намунаи даҳҳо ҳукуматҳои қабилавӣ буд, ки омаданду рафтанд. Вале барои таърих, ба ҷуз бадномӣ ва зулму истибдод, чизи ҷолибе боқӣ нагузоштанд.

## § 2. Муборизаҳои динӣ ва ғоявии шуубиён

Ин «нажоди бартар»-и арабҳо, ки майдони фикру амали ӯ ҳаргиз аз ҷавлонгоҳи «аспҳо ва шутуронаш» таҷовуз накарда буд, барои идораи кишварҳои васее, ки ба дасташ афтод, наметавонист ба куллӣ аз маволӣ сарфи назар намояд. Ночор дер ё зуд бартарии «маволӣ»-ро бояд эътироф макард. Бесабаб нест, ки як халифаи худхоҳи мағрури баландпарвози Умавӣ маҷбур шуд, ки ибороти маъруфро ба забон орад: «Аз ин эрониҳо шигифт дорам, ҳазор сол ҳукумат карданд ва соате ба мо мӯҳтоҷ набуданд ва мо сад сол ҳукумат кардем ва лаҳзае аз онҳо бе ниёз нашудем».[172] Аммо ба рағми касоне, ки наметавонистанд ин маволиро дар сари корҳои ҳукумат бубинанд, дере нагузашт, ки Эрониён дар қаламрави дин ва илм ҷойгоҳи шоистае барои худ ба даст оварданд.[173]

Дар поёни давраи Умавӣ бештари фақеҳону қозиён ва ҳатто гурӯҳи зиёде аз кормандон аз маволӣ буданд. Маволӣ бар ҳамаи шууни ҳукумат истило доштанд. Бад-ин гуна ҳушу нубуғи маволӣ батадриҷ корҳоро қабза кард. Аммо араб бидуни кашмакашиҳои шадид ҳозир нашуд ба фузунӣ ва бартарии бандагони дирамнахаридаи хеш таслим шавад. Дар

[172] Зарринкӯб, Абдулҳусайн. Ду қарни сукут.-С.93.
[173] Ҳамон ҷо.

ин кашмакашҳо эрониён маҷоле ёфтанд, ки бартарии маънавӣ ва моддии худро бар фотеҳон таҳмил намоянд. Онҳо на фақат ба рағми афсонаи «сиёдати араб» дар заминаи умури идорӣ бар фотеҳони худ бартарӣ ёфтанд. Балки дар қаламрави ҷангу сиёсат низ бартарии худро исбот карданд.[174]

Аммо аз ҳамон бомдоди ислом, мардуми эронитабор нафрат ва кинаи шадиди худро нисбат ба душманон ва боҷситонони худ ошкор намуда буд. На фақат як эронӣ, дар соли 25 ҳиҷрӣ Умар ибни Хаттоб халифаи дуюмро бо ханҷар аз по даровард, балки аз он пас низ ҳар фитна ва ошӯбе, ки дар олами ислом рух дод, эрониҳо дар он омили умда ва асосӣ буданд. Нафрат аз араб ва норизоӣ аз бадрафторӣ ва таассуби нажодии бани Умайя онҳоро водор мекард, ки дар наҳзати зидди хилофат ширкат намоянд. Бист ҳазор тан аз онон ки ба номи Ҳамрои Дайлам дар Куфа мезистанд, дар соли 64 ҳиҷрӣ даъвати Мухторро ки бар зидди ибни Умайя қиём намуд, иҷобат ва қабул карданд.

Дар қиёми Мухтор эрониён фурсати муносибе ҷиҳати хуруҷ бар зидди Бани Умайя ва арабон ёфтанд. Дар он замон Куфа аз марокизи умдаи эрониён ва шииёни Алӣ, ки бо Бани Умайя адовати сахт доштанд, маҳсуб мешуд. Ин шаҳр маркази хилофаи Алӣ буд ва аз ин рӯ, иддаи бисёре аз пайравон ва ҳавохоҳони ӯ дар ин шаҳр маскан гузида буданд. Иддае (гурӯҳе) аз саворони эронӣ низ аз бозмондаи «Ҷунди шаҳаншоҳ», пас аз шикасти Қодисия дар ин шаҳр боқӣ мода буд. Инон дайламиҳое буданд, ки дар сипоҳи Эрон хидмат мекарданд ва баъд аз ҷанги Қодисия ислом оварда буданд ва дар Куфа ҷой доштанд.[175] Ба илова Куфа дар ҳудуди Ҳира бино шуда буд ва чунон ки маълум аст, ин диёр аз қадим таҳти ҳимояти подшоҳони сосонӣ қарор дошт. Хотираи қасри Хуварнақ ва моҷарои Нуъмон ва Мунзир ҳанӯз дар дили эрониён, ки дар ҳудуди Куфа мезистанд, гарму зинда буд. Аз ин рӯ, Куфа барои эҷоди як

[174] Мумтаҳан, Ҳусайналӣ. Наҳзати шуубия.-С.175-180.
[175] Балозурӣ, Аҳмад ибни Яҳё. Футуҳ-ул-булдон.-С.280.

«конуни (бунёди) тӯғён» бар зидди тозиён ҷои муносибе ба назар мерасид.

Чанд сол пас аз фоҷеаи Карбало, чанде аз шииёни Куфа ба раёсати Сулаймон ибни Сирди Хузоӣ ва Мусайаб ибни Нуҷбат-ул-Физорӣ дар ҷое бо номи «Айнулварда» ба хунхоҳии Ҳусайн ибни Алӣ алайҳиссалом бархостанд. Аз тақсире ки дар ёрии Имом карда буданд, тавба карданд ва худро «таввобин» ном ниҳоданд. Аммо коре аз пеш набурданд ва ба дасти Убайдулло ибни Зиёд пароканда ва табоҳ шуданд.

Мо маълумотҳои сарчашмаҳоро қабул дорем. Вале саволе ба миён меояд, ки мардуми эронитабор бо вуҷуди ин бартариҳо дар тӯли зиёда аз ҳазор сол то имрӯз натавонистаанд худро аз ғуломии маънавии дини арабӣ наҷот диҳанд. Ҳатто давлатҳои бо ном миллии онҳо низ аз қабили Тоҳириён, Саффофиён ва Сомониён аз нигоҳи идеологӣ боз пойбанди дини ислом буданд. Бартариҳои шумурдашуда дар ҳақиқат вуҷуд доштанд, вале ҳалкунанда набуданд.

Муҳаққиқони муосири мо бар ин назаранд, ки: (1) агар эрониҳо баъди шикаст аз тарафи арабҳо метавонистанд дар атрофии дини миллии худ зардуштия – муттаҳид шаванд, он гоҳ имкон дошт, ки дар ягон қисмате аз қисматҳои бузурги Хуросон истиқлоли сиёсии пешинаро ба даст оваранд; (2) диёнати зардуштӣ аз айёми Хушоёршоҳ сар карда, ба инҳироф ва каҷравиҳои ҷиддӣ ва сарнавиштсоз дучор гардид. Барои намуна рӯҳониён ва муғҳои Келдонӣ, ки аслан сомӣ ва аз Байнаннаҳрайн ба Эрон кӯчида буданд, дар дастгоҳи рӯҳонияти зардуштӣ ба қудрат расиданд ва ҷараёни асосии дини зардуштиро ба бероҳа бурданд; (3) таассуби ашрофият ва шоҳпарастӣ дар империяҳои эронӣ як нуқси доимӣ барои робитаи шоҳ бо мардумро ташкил медод. Эрониҳо дар тӯли таърих ба ҷои тавҳиди мазҳабӣ ва идеологӣ бештар ба тавҳиди шоҳӣ ва истибдодӣ рағбатмандӣ нишон додаанд. Ин истибдоди шоҳӣ, ашрофӣ ва сиёсӣ баъди ҳуҷуми арабҳо низ монеаи асосии роҳи ваҳдати ҳақиқии мардум дар атрофии дини миллии худ гардида буд. Ин ҳолат ҳоло ҳам давом дорад.

Давраи ҳукумати хунолуд ва ваҳшатангези Ҳаҷҷоҷ дар Ироқ яксара пур аз фоҷеаҳо буд. Достонҳо ва ривоёти ҳавлноки аз даврони ҳукумати ӯ нақл кардаанд, ки мояи нафрат ва ваҳшати табъи одамӣ аст. Гӯянд: «Дар зиндони ӯ чанд ҳазор кас маҳбус буданд ва фармуда буд, то эшонро оби омехта бо намак ва оҳак медоданд ва ба ҷои таъом саргин омехта бо гамизи хар.[176] Ҳукумати ӯ дар Ироқ бист сол тӯл кашид. Дар ин муддат касоне, ки ӯ кушт ҷуз онон, ки дар ҷанг бо ӯ кушта шуданд, агар битавон қавли таърихнависонро бовар кард, болиғ бар як саду бист ҳазор кас буд. Навиштаанд, ки вақте вафот ёфт, панҷоҳ ҳазор марду си ҳазор зан дар зиндони ӯ буданд. Шояд ин арқом аз иғроқ ва муболиға холӣ набошад. Аммо ин андоза ҳаст, ки давраи ҳукумати ӯ дар Ироқ барои ҳамаи мардум, хосса барои мавлоӣ бадбахтии бузурге будааст.

Дар бораи Ҳаҷҷоҷ қиссаҳои шигифтангез ва ҳавлноки бисёр нақл кардаанд. Аз ҷумла навиштаанд, ки аввал муаллими мадраса будааст, баъд дар ҷанги Ироқ ба халифа пайваст ва онқадр корнамоӣ нишон дод, то волии Маккаву Мадина гардад. Пас аз муддате ба ҳукумати Ироқ фиристоданд ва Ироқ дар он ҳангом аз фитнаи хавориҷ даме осуда набуд. Бо ин хавориҷ, норозиён ва алалхусус мавлоӣ ғолибан ҳамроҳ буданд. Касоне, ки ҳанӯз дар ислом ба чашми оштӣ наменигаристанд.[177] Хеле зуд мумкин буд, фирефтаи даъвии касоне шаванд, ки халифаро ноҳақ медонистанд ва молиёт додан ва ӯро дар ҳақиқат ба мусобаи (ҷои) ҳимоят ва тақвияти ӯ мешумурданд. Ҳукумати Ҳаҷҷоҷ дар Ироқ бо қасовату бераҳмие бе назир тавъам (ҳамроҳ) буд ва истилои ӯ бар мардум ба манзалаи (ҷои) тозиёнаи уқубат ва шиканҷа буд.[178] Дар вуруд ба Басра хутбае хонд, ки аз қасоват ва салобати ӯ ҳикоят мекард. Ҳаҷҷоҷ бо он ки хориҷиёнро молиши сахт дод, аз бас бедод мекард, хашму нафризи мусулмонон ҳамроҳ дар паи ӯ буд. Вай сиёсати хушуни таассуби

[176] Ибни Тиқтақӣ. Таҷоруб-ус-салаф. Тарҷимаи Ҳиндушоҳ Соҳибии Нахҷавонӣ, Тасҳеҳи, Иқбол Аббос, Теҳрон, 1313 ҳ.ш.-С.75.
[177] Ҳамон ҷо.-С.75.
[178] Рафеъ. Абдурафеъи Ҳақиқат. Таърихи ҷунбишҳои мазҳабӣ дар Эрон. Ҷилди аввал.Теҳрон, 1375-1997.-С.218-223.

нажодии Бани Умайяро бар зидди мавол̣ӣ дар давраи ҳукумати худ бо хушунат ва қасовати бисёр дунбол мекард.

Ҳамин амр мӯҷиби норизоии шадиди мардум аз дастгоҳи ҳукумати ӯ буд. Дар рехтани хун ва бахшидани мол ба қадре ифрот ва исроф кард, ки Абдулмалик халифаи Умавӣ аз Шом бадӯ нома навишт ва ин рафторашро маломати бисёр кард. Ҳукумати ӯ барои касби қудрат, ба сахтӣ мухолифонро аз миён мебардошт ва дӯстону ҳаводорони худро ҳимоят ва тақвият мекард. Барои ин мақсад лозим буд, ки аз рехтани хун ва аз гирифтани моли онҳо худдорӣ накунад ва бо ҳамин чиҳат дар ҷамъи хироҷ ва ҷузия тундхӯӣ ва саткашӣ пеш гирифт.[179]

Ҷизяи молиёти сарона ва хироҷи молиёти арзӣ буд, ки зиммиҳо (ғайри мусулмонон) модом, ки мусулмон нашуда буданд, тибқи қавонини хоссе мебоист бипардозанд. Чун рафта-рафта, мизони ин молиётҳо боло мерафт ва қудрати пардохт дар мардум нуқсон меёфт, барои он ки аз пардохти ин боҷҳо осуда шаванд, ислом меоварданд ва киштзорҳои хешро фурӯ гузошта, ба шаҳрҳо рӯй меоварданд. Бо ин ҳол Ҳаҷҷоҷ ҳамчунон ҷизя ва хироҷро аз онҳо мутолиба мекард. Коргузорони Ҳаҷҷоҷ ба ӯ навишта буданд, ки «молиёт рӯ ба костӣ гузошта аст, зеро аҳли зимма мусулмон ва шаҳрнишин шудаанд». Ҳаҷҷоҷ барои он ки «даромади байтулмоли ислом» нуқсон напазирад, фармон дод, ки касеро раҳо накунанд, то аз деҳ ба шаҳр кӯч намояд ва низ амр кард, ки аз нав мусулмонон ҳамчунин ба зӯр ҷизяро биситонанд. Рӯҳониёни Басра аз ин рафтори ӯ ба қаҳру ғазаб омаданд ва ба хории ислом гиристанд. Аммо на ин чораҷӯиҳои Ҳаҷҷоҷ давлати Умавиро аз шикаст мераҳонид ва на гиряи рӯҳониён хашму нафрати маволиро – фурӯ менишонид. Ин фишору шиканҷа, ки аз ҷониби Ҳаҷҷоҷ ва гумоштагони ӯ бар маволӣ ворид меомад, ононро ба интиқомҷӯӣ бармеангехт.

Дар ин ҳангом фитнаи Абдурраҳмон ибни Муҳаммад ибни Ашъас, ки бар зидди зулми Ҳаҷҷоҷ қиём карда буд, рух дод. Маволӣ ва

[179] Ибни Халликон. Вафаёт-ул-аъён. Ҷ.2.Қоҳира, 1367.-С.277.

навмусулмонон, ки аз ҷавру бедоди Ҳаҷҷоҷ ба ҷон омада буданд, берун мешуданд ва мегиристанд ва бонг мекарданд, ки «Ё Муҳаммадо, ё Муҳаммадо» ва намедонистанд чӣ кунанд ва куҷо бираванд. Ночор ба мухолифи Ҳаҷҷоҷ ба Ибни Ашъас пайвастанд ва ӯро бар зидди Ҳаҷҷоҷ ёрӣ карданд. [180]

Ҳаҷҷоҷҳо ҳамеша буданд ва ҳастанд. Вале зуҳури онҳо ба зуҳури низомҳои давлатие вобаста аст, ки ба чунин Ҳаҷҷоҷҳо эҳтиёҷ доранд.

Худи Ҳаҷҷоҷҳо аз нигоҳи навтарин таҳқиқотҳои равоншиносӣ мавҷудоте ҳастанд, ки аз сатҳи маънавиёти замони худ пасттар буда, вале рӯзгор мақомеро насиби онҳо мегардонад, ки аз салоҳияти онҳо болотар аст.[181] Онҳо барои ноил шудан ба ҳадафҳои шахсии худ аз ҳеҷ зулму ҷинояте даст бардоштанӣ нестанд. Ҷаҳони мо дар асри XX дар шахси Гитлер, Сталин, Мусолинӣ, Франко, Пол Пот, Мао Цзе-дун… намунаҳоеро ба таърих арза кард, ки Ҳаҷҷоҷҳои асрҳои миёна дар муқоиса бо онҳо аз авбошҳои кӯчагӣ беш нестанд. Вале решаи пайдоиш ва омилҳои зуҳури чунин Ҳаҷҷоҷҳо ҳоло ҳам дар илми муосир мавриди баҳсу баррасӣ мебошад.

Бо ҷуз зулму тааддӣ ба мардум Ҳаҷҷоҷҳо ба маънавиёти маволӣ низ ба таҳқир муносибат мекарданд. Дар ҳуҷуми тозиён бисёре аз китобҳо ва китобхонаҳои Эрон дастхуши осеби фано гашта буд. Ин даъворо аз таърихҳо метавон ҳуҷҷат оварад ва қароини бисёр низ аз хориҷ онро тасдиқ мекунад. [182] Бо ин ҳама баъзе аз аҳли таҳқиқ дар ин боб тардид доранд. Барои араб, ки ҷуз каломи Худо ҳеҷ суханро қадр намедонист, китобҳое, ки аз они маҷус (зардуштиён) буд, аксаран аз даст рафтанд. Дар байни мусулмонони он рӯзгор, ошноӣ ба хату китобат бисёр нодир буд ва пайдост, ки чунин қавме то чӣ ҳад метавонист ба китоб ва китобхона алоқа дошта бошад. Тамоми қароин ва шавоҳид нишон медиҳад, ки араб аз китобҳое назири он чӣ имрӯз аз адаби

[180] Таърихи Сиистон.Техрон, 1314.-С.114.
[181] Эрик Фром. Гурез аз озодӣ. Техрон, 1370=1992.-С.37-49.
[182] Инсофпур, Ғуломризо. Сохти давлат дар Эрон, аз ислом то юриши муғул.-С.434-446.

паҳлавӣ боқӣ мондааст, фоидае набурда аст. Дар ин сурат ҷои шак нест, ки дар он гуна китобҳо бо дидаи ҳурмат ва такрим наменигариста аст.

Гузашта аз ин, дар даврае, ки донишу ҳунар ба тақриб дар дасти мӯъбадон ва бузургон буда аст, аз миён рафтани ин ду табақа, ночор, дигар муҷибе барои бақои осор ва китобҳои онҳо боқӣ намегузошта аст. Магар на ин буд, ки дар ҳамлаи тозиён, мӯъбадон беш аз ҳар табақаи дигар, мақом ва обрӯ ва нуфузи хешро аз даст доданд ва торумору куштаву табоҳ гардиданд? Бо кушта шудан ва пароканда шудани ин табақа пайдост, ки дигар китобҳо ва улуми онҳо низ, ки ба дарди тозиён ҳам намехӯрд, муҷибе (зарурате) барои бақо надошт. Номи бисёре аз китобҳои аҳди сосонӣ дар навиштаҳое сабт шуд, ки ному нишоне аз онҳо боқӣ нест. Ҳатто тарҷумаҳои онҳо низ, ки дар авоили аҳди аббосӣ шудааст, аз миён рафтааст. Пайдост, ки муҳити мусулмонӣ барои вуҷуд ва бақои чунин китобҳо муносиб набудааст ва сабаби нобудии он китобҳо низ ҳамин аст.[183]

Боре аз ҳамаи ин нишонаҳо пайдост, ки дар ҳамлаи араб бисёре аз китобҳои эрониён аз миён рафтааст. Гуфтаанд, ки вақте Саъд ибни Ваққос бар Мадоин даст ёфт, дар он ҷо китобҳои бисёр дид. Нома ба Умар ибни Хаттоб навишт ва дар боби ин китобҳо дастуре хост. Умар дар посух навишт, ки он ҳамаро ба об афкан, ки агар он чӣ дар он китобҳо ҳаст, роҳнамоии инсон аст, Худованд барои мо Қуръон фиристода аст, ки аз онҳо роҳнамояндатар аст ва агар дар он китобҳо ҷуз мояи гумроҳӣ нест, Худованд моро аз шарри онҳо дар амон дошта аст. Аз ин сабаб он ҳама китобҳоро дар об ё оташ афканданд. Дуруст аст, ки ин хабар дар китобҳои кӯҳнаи қарнҳои аввали исломӣ наёмада аст ва ба ҳамин ҷиҳат баъзе аз муҳаққиқон дар он дучори тардид гаштаанд. Аммо ба мушкил метавон тасаввур кард, ки арабҳо бо китобҳо рафторе беҳтар аз ин карда бошанд.

Ба ҳар ҳол аз вақте ҳукумати Эрон ба дасти тозиён афтод, забони эронӣ низ забуни тозиён гашт. Дигар на дар дастгоҳи фармонравоён ба

[183] Зарринкӯб, Абдулҳусайн. Ду қарни сукут.-С.117.

кор меомад ва на дар кори дин суде медошт. Дар нашру тарвиҷи он низ эҳтимоме намерафт ва ночор ҳар рӯз аз қадру аҳамияти он мекост. Забони паҳлавӣ андак-андак маҳдуд ба мӯъбадон ва беҳдинон гашт.[184] Китобҳое низ агар навишта мешуд, бо ҳамин забон буд. Аммо аз бас хатти он душвор буд, андак-андак навиштани он мансух ва бекор гашт. Забонҳои суғдӣ ва хоразмӣ низ, дар муқобили сахтгириҳое, ки тозиён карданд, рафта-рафта матрук мегашт. Ин забонҳо на бо дини тозӣ ва зиндагии тоза созгор буданд ва на ҳеҷ асари тозае бадонҳо падид меомад. Аз ин рӯ, вақте забони тозӣ овоз баровард, забонҳои Эрон як чанд дам даркашиданд. Дар ҳоле ки забони тозӣ, забони дин ва ҳукумат буд, паҳлавӣ, дарӣ, суғдӣ ва хоразмӣ ҷуз дар байни омма боқӣ намонд. Дуруст аст, ки дар шаҳрҳо ва рустоҳо мардум бо хештан ба ин забонҳо сухан меронданд. Аммо ин забонҳо ҷуз ин чандон фоидаи дигар надошт. Бо ҳамин сабаб буд, ки забони Эрон дар он давраҳои сукут ва бенавоӣ, таҳти ҳукмронии забони тозӣ даромад ва бадон омехта гашт ва алалхусус андак-андак луғатҳое аз мавзӯҳои динӣ ва идорӣ дар забони форсӣ ворид гашт.

Ин қашшоқии маънавӣ ба дараҷае буд, ки наҳзатҳо ва қиёмҳое, ки пас аз марги Абӯмуслим барои хунхоҳии ӯ рух доданд, тобиши динӣ гирифтанд: Синдбод оҳанги вайрон кардани Каъбаро дошт; Устод Сис даъвои пайёмбарӣ мекард ва Муқаннаъ даъвои худоӣ менамуд.[185] Ҳамаи ин наҳзатҳо бо ҳар шиоре ки буд, ҳадафи воҳиде дошт: раҳоӣ аз ин юғи гарони дардноке, ки ҳама чун забунӣ ва парешониро бар эрониён таҳмил мекард. Ин раҳоӣ муҳаррике буд, ки ин қавми ситамдидаи фиребхӯрдаи кинаҷӯйиро ба зидди ситамкорони фиребандаи хеш дар перомуни сардорони далери худ гирд меовард.

Маркази ин қиёмҳо ва шӯришҳо Хуросон буд. Зеро Хуросон парваришгоҳи паҳлавонон ва маҳди хотираҳо ва афсонаҳои паҳлавонии куҳан буд ва диловарони он ҳанӯз рӯзгорони гузаштаро аз ёд набурда

[184] Вандидод. Тарҷумаи Ҳошим Разӣ. Ҷилди 1. Теҳрон.-С.42-51.
[185] Зарринкӯб, Абдулҳусайн. Ду қарни сукут.-С.144.

буданд. Дар аксари шӯришҳо низ хуни Абӯмуслим баҳона буд. Ин сардори номдори хуросонӣ назди ҳамаи мардуми ин диёр гиромӣ ва парастиданӣ ба назар меомад. Бисёре аз мусулмонони Эрон ӯро ягона имоми воқеии худ мешумурданд ва мақоме шабеҳ ба маҳдавият ва ҳатто улуҳият (Худоӣ) барои ӯ қоил буданд. Аз ин ҷиҳат буд, ки вақте ӯ ба қатл расид, ёрони ӯ ва доиёнаш дар атрофи шаҳрҳо пароканда гаштанд ва мардумро бо номи ӯ даъват мекарданд. Масалан, шахсе аз онҳо бо номи Исҳоқи Турк ба Мовароуннаҳр рафт ва дар он ҷо мардумро ба Абӯмуслим хонд ва даъво мекард, ки Абӯмуслим дар кӯҳҳои Рай пинҳон аст ва чун ҳангоми зуҳур фароз ояд, берун хоҳад омад.[186]

Дӯстӣ ва дилбастагии эрониён бад-ин сардори далер то андозае буд, ки муддатҳо пас аз ӯ «қавме аз эшон» ӯро зинда мепиндоштанд ва мӯътақид буданд, ки аз таколиф (воҷиботи динӣ) ҳеҷ чиз ҷуз шиносоии имом, ки Абӯмуслим аст, воҷиб нест. Ин мояи меҳру алоқа, неруе буд, ки ҳамвора метавонист дастгоҳи хилофати аббосиёнро таҳдид кунад. Аз ин рӯ буд, ки ҷунбишҳои шуубии эрониён бо хотираи ин сардори рашид ҳамроҳ ва якҷоя гардида буд.

Ба ин назари муҳаққиқон инро меафзоем, ки даъвогарони пайғамбарӣ ва худоӣ дар асрҳои миёнаи исломӣ бо чандин сабабҳои айнӣ ва зеҳнӣ (объективӣ ва субъективӣ) натавонистанд ҷои идеологияи расмии исломиро ишғол намоянд:

Яке аз сабабҳои парокандагии мазҳаби пешинаи хуросониён - дини зардӯштӣ, аз он иборат буд, ки он аз назари дини ислом мазҳаби ботил ба шумор мерафт. Дар сурате ки яҳудият ва масеҳиятро диёноти осмонӣ ҳисоб мекард. Агар дини зардуштӣ аз назари ислом ба мақоми динҳои осмонӣ мерасид, ҳатман дар давраи исломӣ, зардуштиён метавонистанд, ки давлатҳои мустақили миллӣ ва зардӯштимазҳаб таъсис диҳанд. Дар сурате ки дини Зардушт ба куллӣ аз байн нарафта буд ва ҳоло ҳам дар ҷаҳон амал мекунад. Арабҳо маҳз аз тарси дини зардуштӣ ва миллати

[186] Зарринкӯб, Абдулҳусайн. Ду қарни сукут.-С.144.

Эрон дар идеологияи худ ва махсусан дар Қуръон ин қавмҳои эронӣ ва динашонро (зардуштияро) ба дидаи беэътиноӣ ва таҳқир нигаристанд. Ва нисбат ба дигар динҳои мавҷуда дар он замон, ба муқобили зардуштия муборизаи сарсахтона ва кинатузона мебурданд.

Аз тарафи дигар, сатҳи пасти маънавияти замон, ин имконро намедод, ки қавмҳои мазлум ба худшиносии миллӣ бирасанд ва дину идеологияи наверо эҷод кунанд. Қавму миллатҳои кишварҳои исломӣ ҳоло ҳам аз истифодаи чунин имкониятҳое тақрибан маҳруманд. Бо ин вазъе, ки доранд рӯз ба рӯз рӯ ба  шикаст меоваранд ва аз қофилаи тамаддуни ҷаҳонӣ дуртар мешаванд.

Абӯмуслим ёрони хешро фармуда буд, то сиёҳ пӯшиданд ва нома навишт ба шаҳрҳои Хуросон, ки ҷомаи сиёҳ пӯшед, ки мо сиёҳ пӯшидем ва наздики шикаста шудани мулки Бани Умайя аст ва мардумони Нисо, Бовард, Марвруд ва Толиқон ҳама ҷома сиёҳ карданд, бо фармони Абӯмуслим, Мадоинӣ гӯяд, ки ҷома аз баҳри он сиёҳ пӯшиданд, ки дар азои Зайд ибни Алӣ буданд ва хабари дуруст дар ин бора он аст, ки Бани Умайя ҷомаи сабз бипӯшандӣ ва байрақи сабз доштанд ва Абӯмуслим хост, ки ин расм бигардонад. Ғуломеро бифармуд, ки аз ҳар ранге ҷома бипӯшад ва амома (салла) ба сар бандад. Вақте ӯ ҷомаи сиёҳ пӯшид ва амомаи сиёҳ ба сар баст, Абӯмуслим гуфт, ҳеҷ ранге ба ҳайбаттар аз сиёҳ нест, пас мардумонро фармуд, ки ҷомаҳо ва аламҳо (байрақҳо) сиёҳ карданд. [187]

Ин сиёҳҷомагон[188] баъзе асп доштанд ва баъзеи дигар бар хар нишаста буданд ва бар харони хеш бонг мезаданд ва Марвон хитоб мекарданд. Охир Марвон ибни Муҳаммад, ки халифаи Димашқ буд, ҳимор («хар») лақаб дошт. Бадингуна Абӯмуслим бо сипоҳе чунин, диловару густох ва даст аз ҷон шуста, бо пирӯзӣ ба Марв омад ва арабҳо, ки худ дар чаҳорчӯби ситезҳои бефарҷоми хеш дасту по мезаданд, бо ӯ баробар шуда наметавонистанд. Аз он ҷо сипоҳи ӯ андак-

[187] Динаварӣ, Абуҳанифа. Ахбор-ут-тивол.Лейден, 1888.-С.307.
[188] Инсофпур, Ғуломризо. Раванди наҳзатҳои миллӣ ва исломӣ дар Эрон.-С.230.

андак бо ҳама ҷо пароканда гашт ва Марвониёнро дар ҳама ҷо дунбол кард. Сиёҳҷомагони Абӯмуслим, сипас роҳи Ироқро пеш гирифтанд. Саранҷом бо вуҷуди муқовимати марвониён, Куфа таслим шуд ва ба хилофат бар Абу Аббоси Саффоҳ, ки нахустин халифаи Аббосӣ буд, салом кард.[189]

Саранҷом хашму нигаронии Мансур, чунон ки дар таърихҳо овардаанд, доми фиребе дар пеши роҳи Абӯмуслим ниҳод ва ӯро бо найранг ҳалок кард. Достоне, ки таърихнигарон дар ин боб овардаанд, ҳикоят аз соддадилӣ ва хушбоварии ин сардори далели густох дорад.[190] Менависанд, ки Мансур, Абӯмуслимро ба исрор назди хеш хонд, Абӯмуслим «чун ба Мансур расид, хидмат кард. Мансур ӯро икром кард, он гоҳ гуфт, боз гард ва имрӯз биосой, то фардо ба ҳам расем. Абӯмуслим боз гашт ва он рӯз биёсуд. Мансур рӯзи дигар чанд касро бо силоҳҳои махфӣ дар марофиқи (назди) мақоми худ бидошт ва бо ишон нақшаи куштани Абӯмуслимро кашид. Он гоҳ ба талаби ӯ фиристод. Чун Абӯмуслим дар маҷлис рафт, Мансур гуфт, он шамшер, ки дар лашкари Абдулло ёфтӣ куҷост? Абӯмуслим шамшере дар даст дошт, гуфт ин аст. Мансур шамшер аз дасти ӯ бистуд (гирифт) ва дар зери мусалло ниҳод ва бо ӯ сухан оғоз кард ва ба тавбиху таҳқир машғул шуд ва як-як нигоҳи ӯ мешумурд ва Абӯмуслим узр мехост ва ҳар якеро ваҷҳе мегуфт. Дар охир гуфт ё амир ал-мӯъминин бо мисли ман ин чунин суханҳо гӯянд бо заҳмате, ки чиҳати давлати Шумо кашидаам. Мансур дар хашм шуд ва ӯро дашном дод ва гуфт, он чӣ ту кардӣ, агар канизи сиёҳ будӣ, ҳамин тавонистӣ кард. Абӯмуслим гуфт, ин суханонро бигузор, ки ман ҷуз аз Худо аз каси дигар натарсам. Мансур дастҳо бар ҳам зад. Он ҷамоат берун ҷастанд ва шамшер дар Абӯмуслим ниҳоданд.[191]

Бад-ин гуна буд оқибати кор ва фарҷоми умри Абӯмуслим, фарҷоми марде, ки хилофат ва ҳукумати азими бани Умайяро барандохт ва қабл аз он ки битавонад давлате ва салтанатеро, ки худ орзу дошт,

---

[189] Инсофпур, Ғуломризо. Раванди наҳзатҳои миллӣ ва исломӣ дар Эрон.-С248-254.
[190] Ҳамон ҷо.-С.248-254.
[191] Ибни Тиқтақӣ.Таҷоруб-ус-салаф.-С.114.

бунёд ниҳад, ба ғадру хиёнат кушта шуд. Дар боби ӯ овардаанд, ки: «Марде буд кӯтоҳболо, гандумгун, зебо, ширин ва покизарӯй, сиёҳчашм, кушодапешонӣ, рише дошта неку ва пурпушту гесувони дароз, ба тозӣ ва форсӣ сухани хуб мегуфт, ширинсухан буд,  шеъри бисёр ёд дошт, дар корҳо доно буд, ҷуз ба вақт намехандид ва рӯй турш намекард ва аз ҳоли хеш намегардид». [192]

Абӯмуслим чӣ мехост ва чӣ хаёле дар сар мепарваронид?  Ин ро аз манобеъ ва асноди мавҷуди имрӯз бо дурустӣ наметавон донист. Зоҳиран бим ва нигароние, ки Мансур аз ӯ доштааст, пур беҷо набуда аст. Ба ҳар ҳол, хуруҷи ӯро оғзи растохези Эрон метавон ба шумор овард. Дар ҳақиқат Абӯмуслим бо барандохтани ҳукумати ҷаббори бани Умайя рӯёи бартарии нажоди арабро пеши чашмони хоболудаи тозиён маҳв кард ва барои ҷилваи завқу ҳуши эронӣ дар созмони сиёсӣ ва иҷтимоии ислом роҳҳои тоза бикушуд ва бадингуна агар орзуҳои баланди Абӯмуслим ҳама барнаёмад «қисмате аз он ҷомаи амал пӯшид. Оё метавон гуфт, ки шикасти Наҳовандро эрониён дар воқеъаи «Зоб» ҷуброн кардаанд? Саволи ҷолибе аст, дар воқеъ бо шикасти Марвони ҳимор дар «Зоб» бунёди давлати ситамкори бани Умайя барафтод ва ин худ аз орзуҳои ниҳонии Абӯмуслим буд. Дере барнаёмад, ки дар наздикии харабаҳои Тайсафун, Бағдод бино шуд ва хилофати тозае ба дасти эрониён ба рӯи кор омад, ки дар он ҳама чиз ёдовари даврони бошукӯҳу тарабангези Сосонӣ буд. Аммо орзуе, ки Абӯмуслим дар ин бора дошт, зоҳиран аз ин бартар буд. Дар ҳар ҳол ин хулафои Бағдод, ба қавли Дармиститер, сосониёне буданд, ки  хуни тозӣ доштанд. Ва бо ин ҳама ин сосониёни тозинажод дар ҳоле, ки худро мағлуби нерӯи маънавии эрониён ва мадюниноймардиҳои онон медонистанд, аз ин нерӯи шигарф норозӣ буданд. Аз ин рӯ, барои раҳоии хеш аз ин ҷозибаи азим, ҳар замон, ки маҷоле ёфтанд, абас ва беҳуда кӯшише карданд.

Найранги норавое, ки Абӯҷаъфари Мансур, бадон васила Абӯмуслим соҳиби даъватро ба қатл овард, намудоре аз ин кӯшиши

---

192 Инсофпур, Ғуломризо. Раванди наҳзатҳои миллӣ ва исломӣ дар Эрон.-С.227-2230.

нораво буд. Кушта шудани Абӯсалмаи Хилол, вазири Оли Мухаммад ва барафтодани хонадони бармакиён низ, намунаҳои дигар аз ин нақшаи хиёнатомез ба шумор меравад.[193] Аз баррасии таърихи иҷтимоии давраи Сомониён чунин маълум мегардад, ки подшоҳони Сомонӣ дар давраи қудрати худ бисёре аз одоб ва расмҳои дерини эрониёнро, ки дар Хуросон ва Мовароуннаҳр боқӣ монда буд, бори дигар эҳё карданд.[194] Бо забони форсӣ ва назму наср алоқаи фаровон нишон доданд ва китобҳои гаронбаҳо ва судманде назири «Таърихи Табарӣ», «Тафсири Табарӣ» ва «Калима ва Димна»-и Ибни Муқаффаъ ба дастури онон аз арабӣ ба форсӣ тарҷума шуд. Ва илова бар ин сарони ҳукумат бо озодманишӣ ба милал ва мазоҳиби мухталиф менигаристанд чунон ки дар дарбори онон пайравони динҳои мухталиф дар канори ҳам ба озодӣ зиндагӣ ва кор мекарданд ва ҳеҷ кас дар даврони Сомониён бо ихтиноқ ва фишорҳое, ки дар давраи ғазнавиён ва салҷуқиён падид омад, рӯ ба рӯ нагардид ва ин равиши озодманишонаи сарони ҳукумати Сомонӣ баривоҷи илму адаб ва фалсафа дар он рӯзгор кӯмаки шоёне кард: Мақдисӣ дар васфи дарбори Сомониён чунин менависад: «Возеҳ аст дар дарборе ки подшоҳон… ҳамвора дар андешаи он бошанд, ки бар шумори донишмандон бияфзоянд, то чи ҳад мардон ба сӯи дониш мегироянд, яке аз оини дарбори Сомониён он буд, ки донишмандонро ба заминбусӣ, худ раво намедоштанд ва эшонро маҷлисе шабона буд. Дар ҳузури подшоҳ донишмандон мунозира мекарданд ва подшоҳ худ боби мунозираро мекушуд. Бо зердастони худ кушодарӯй ва меҳрубон буданд. Вазирони эшон ба корҳо мерасиданд ва чун касеро бармеоварданд, бо худ ба хон менишониданд ва бо сафирон пурсиш аз муҳимот мекарданд ва ҳар кас дар Бухоро дар донишу озодагӣ бартар аз дигарон буд, вайро бармекашиданд ва аз ӯ рой меҷустанд ва корҳо ба қабули ӯ мекарданд».[195] Ба андешаи мо ин назари муҳаққиқон то андозае воқеият дорад, ба ин маъно, ки Сомониён чун собиқаи дурахшони таърихӣ

---

[193] Зарринкӯб Абдулҳусайн. Дур қарни сукут.-С.144.
[194] Рафеъ, Абдурафеъи Ҳақиқат. Таърихи наҳзатҳои миллии Эрон.Теҳрон, ч.2, 1354.-С.149-150.
[195] Ҳамон ҷо.-С.149.

доштанд, баъди ба истиқлол расидан, таҷрибаи давраи сосонии худро мавриди татбиқ қарор доданд.

Гироиши Амир Насри Сомонӣ бо фирқаи ботиниён (исмоилиён) ғуломони мутаассиби турк ва руҳониёни суннимазҳабро бар зидди ӯ барангехт ва онон бо кӯмаки гордҳои (низомиёни) турк барои куштани Амир Наср сӯъиқасд карданд, вале писараш Нӯҳ аз сӯъиқасде, ки бар зидди Наср ва ёрони ҳамфикраш тартиб дода шуда буд, огоҳ гардид ва ба падар тавсия кард, ки раис ва сарвари сӯъиқасдкунандагонро назди худ бихонад ва сари ӯро бибурад.[196] Пас аз анҷоми ин амал Амир Наср ба иттифоқи Нӯҳ ба маҳали ҷашн ҳозир шуд ва эълон кард, ки аз тасмиму ҳадафи сарони сипоҳ огоҳ аст ва дастур дод, сари раиси сӯъиқасдкунандагонро дар муқобили онон гузоштанд, сипас эълон дошт, ки ба нафъи писарам Нӯҳ аз салтанат канора мегирад, чун касе Нӯҳро ба тамоилоти ботини (исмоилӣ) муттаҳам намекард. Сарон сипоҳ, ки аз ин ҷараёни ғайри мунтазира ҳайрон шуда буданд, дар муқобили пешниҳоди Амир Наср таслим шуданд. Пас аз он ки Нӯҳ ибни Наср расман ба салтанат расид, Нахшабӣ (Насафӣ) пешвои зирак ва пурибтикори ботиниёни Хуросонро маҷбур кард, ки бо фақеҳони исломӣ ба баҳс пардозад. Бадеҳист, ки дар ин баҳс пирӯзӣ насиби мухолифони Нахшабӣ шуд. Бо ҳамин баҳона пас аз чанд рӯз тибқи дастури Нӯҳ ибни Наср фармонравои ҷадиди сомонӣ Нахшабиро муттаҳам карданд, ки чиҳил хазор динор аз пуле, ки барои халифаи Фотимӣ аз бобати дияи (хунбаҳои) хуни амир Ҳусайни Марврудӣ дода шуда буд, ҳайф ва майл карда аст. Ва саранҷом Нахшабиро дастгир карда ва дар (соли 332 ҳиҷрӣ) (=944 мелодӣ) дар майдони Бухоро ба дор овехтанд. Бадин тартиб аз ин замон ба баъд мубориза бо исмоилиён (ботиниён) шиддат гирифт, ба тавре ки ҳар як аз тарафдорони ин фирқа ба дасти намояндагони давлати Сомонӣ ва халифаи Аббосӣ меафтод, сахт шиканҷа шуда ва ё ба қатл мерасид ва дороии ӯ низ забт ва мусодира

[196] Инсофпур, Ғуломризо. Сохти давлат дар Эрон.-С.543.

мешуд, бо ҳамин ҷиҳат фаъолияти фикрӣ ва сиёсии ботиниён дар Эрон ба сурати созмони сиррӣ (махфӣ) даромад. Аввалин иқдоми ин созмони муташаккил рабудани ҷасади Муҳаммад ибни Аҳмади Насафӣ (Нахшабӣ) пешвои ботиниёни Хуросон буд, ки дар майдони Бухоро ба дор овехта шуда буд. Бадеҳӣ аст, ки анҷоми ин кори қобили таваҷҷӯҳ ва иқдомоти намоёни баъдии ботиниён кормандони давлати Аббосиро беш аз ҳадди интизорӣ мутаваҷҷеҳи хатари ҷиддии ватанпарастони эронӣ кард, ки бештари онон аз баҳри касби истиқлоли фикрӣ ва сиёсии кишвари худ дар созмони махфии ботиниён ба талошу кӯшиши хастанопазир машғул шуда буданд.

Дар давраи Амир Насри Сомонӣ ҳаракати шуубӣ дар либоси исмоилигарӣ ба авҷи аълои худ расида буд. Нуфузи он дар байни давлатмардон ба хубӣ эҳсос мегардид ва дар асрҳои IX-XI ҳаракати ин ҷараёни динӣ чашмгир буд. Беҳуда нест, ки бисёр муаллифони асрҳои миёна (Ибни Надим, Абдулқоҳири Бағдодӣ, Ибни Ҳазм, Низомулмулк) исмоилияро душмани сарсахти дини ислом эълон намуда буданд. [197]

Муҳаққиқони муосир бар ин назаранд, ки дар давраи ҳукумати Нӯҳ ибни Насри Сомонӣ (331-343 ҳиҷрӣ=943-955 мелодӣ) нишонаҳои муқаддамотии суқути (шикасти) ҳукумати Сомониён бо вузуҳи тамом ошкор гардид. Ин суқут дар дараҷаи аввал бастагии мустақиме бо равиши ҳукумати Нӯҳ дошт.[198] Пас аз хомӯш шудани ҷунбиши ботиниён (исмоилия) Нӯҳ, Абулфазл Муҳаммад ибни Аҳмади Фақеҳро ба вазорати худ баргузид. Абулфазл қисмати бештар аз вақти худро ба намоз ва ибодат мегузаронид ва алоқае ба идораи мамлакат надошт. Дар ин давра давлати Сомониён дучори камбуди молии шадиде шуд ва ин ҳолат пас аз шӯрише, ки дар соли 342 ҳиҷрӣ (=955 мелодӣ) ба вуқӯъ пайваст ва дар ҷараёни он хазонаи Сомониён ғорат шуд, ба вуҷуд омад. Давлати Сомониён барои наҷоти худ аз вазъи буҳрони молӣ, фармон дод, ки аҳолӣ молиёти саронаи худро қабл аз муддати муқарраршуда

[197] Додихудоев Хаёлбек. Философия крестьянского бунта. Душанбе, 1987.-С.21.
[198] Рафеъ, Абдурофеъи Ҳақиқат. Таърихи наҳзатҳои миллии Эрон, ҷ.2.-С.144-148.

бипардозанд. Ин амал анҷом шуд, вале давлат дар соли баъд молиётҳои пардохтии мардумро ба ҳисоб наёвард ва ҳамин ҳодиса муҷиботи норизоии мардумро фароҳам кард. Камбуд ва норасоии молӣ бо қадре шадид буд, ки ҳатто гордҳои (гвардияҳои) салтанатӣ муддатҳо ҳуқуқ нагирифта буданд. Дар адабиёти ин давра шикоятҳои фаровоне аз сарони девони муставфӣ (=вазорати молия) ва хазона мушоҳида мешуд. Амир барои ин ки бегуноҳии худро собит кунад, вазири худро муттаҳам кард ва дастур дод, ӯро эъдом кунанд.[199] Солҳои охир ҳукумати Нӯҳ ибни Наср ба саркӯбии мухолифон гузашт. Пас аз марги Нӯҳ пасари бузургаш Абдулмалик ба салтанат расид (343-350 ҳиҷрӣ). Дар давраи аморати Абулмалик рӯз ба рӯз аҳамияти фармондеҳони гвардияҳои турк бештар шуд ва тақрибан тамоми корҳои ҳукуматӣ ба дасти онҳо афтод. Аз назари сиёсӣ дар ин замон нақши Алптегин, ки яке аз сардорони пурқудрати турк буд, хеле ҳассос ва пураҳамият ҷива кард ва ӯ ба мақоми ҳоҷиби кул (пардадор) расид ва раиси гвардияҳои турк шуд. Абдулмалики Сомонӣ барои ин ки аз нуфузу қудрати туркон бикоҳад, дар садад баромад, ки Алптегинро[200] аз пойтахт (Бухоро) дур кунад ва барои ин манзур ӯро ба ҳукумати Хуросон мансуб кард. Ва яке аз сардорони собиқи Алптегинро ба мақоми ҳоҷиби кул баргузид. Абдулмалик писари Нӯҳ 7 солу 6 моҳ фармонравоӣ кард. Марги Абдулмалик шӯришҳои ҷадиде ба вуҷуд овард. Аҳолии пойтахт, қиём карданд ва қасри амирро ғорат карда ва оташ заданд. Баъд аз Абулмалик бародараш Мансур фарзанди Нӯҳи аввал ба подшоҳӣ расид. Мансур нуфуз ва эътибори силсилаи Сомониёнро ба воситаи ситонидани боҷ аз дайламиён таҷдид намуд, пас аз вай фарзандаш Нӯҳ ибни Мансур соли 957 ба тахт нишаст. Бештар шӯҳрати ин подшоҳ аз инҷост ки Абу Алии Сино ҳаким ва файласуфи бузурги эронӣ вайро муолиҷа кардааст; Ин подшоҳ дар муддати салтанати кӯтоҳи худ дучори ҳаводис ва пешомадҳои зиёде гардид. Бадин маънӣ ки ашрофзодагони мамлакат бар

[199] Инсофпур, Ғуломризо. Сохти давлат дар Эрон. Теҳрон, 1977.-С.646.
[200]Фрай, Ричард. Асри заррини фарҳанги Эрон. Теҳрон, 1997.-С.230-248.

зидди ӯ созиш карданд ва Буғрохонро аз Кошғар, ки пойтахти ӯ буд, бар як идда қабоил ва ашоири муттаҳидаи турк фармонравоӣ мекард, даъват намуданд, то ба сарзамини Сомониён ҳамла кунад. Буғрохон Бухороро мутасарриф шуд, вале тӯле накашид, ки аз дунё рафт ва Нӯҳи фирорӣ дубора ба пойтахти хеш баргашт ва нуҷабо ва аъёни кишвар ки бо Буғрохон ҳамдаст шуда буданд, ба тарафи Хуросон фирор карданд ва аз амири Дайламӣ ёрӣ хостанд. Нӯҳ дар ҳоли навмедӣ аз Сабуктегин, ки ҳукумате дар Ғазна аз мустамликоти Сомонӣ таъсис карда буд, кӯмак хост. Сабуктегин лашкаре ба кӯмаки Нӯҳ ибни Мансур фиристод, ки дар наздикии Ҳирот фатҳи қатъӣ ҳосил кард. Ҷанги мазкур бештар аз ин ҷиҳат қобили мулоҳиза аст, ки Маҳмуд писари  Сабуктегин ва подшоҳи муқтадириояндаи давлати ғазнавиён дар он майдон ҷангид ва Нӯҳи ҳақшинос низ ба расми подош ва инъом ҳукумати вилояти Хуросонро ба ӯ дод ва пирӯзиҳои дигаре ҳам яке дар Тус ва они дигар дар Нишопур насиби вай гардид (=995). Дар ин замон Абу Алии Симҷур аморати мағриби Хуросонро дошт. Чун дар ҷангҳое, ки миёни Нӯҳ ва Буғрохон даргирифт, номбурда Нӯҳро мусоидат  накарда буд. Подшоҳи сомонӣ Сабуктегини ғазнавиро ба дафъи вай фиристонд.[201]  Абу Алӣ дар ин ҷанг мағлуб шуд (=960). Ва ба Фахр -уд-давлаи Дайламӣ паноҳанда шуд, вай бори дигар бо сипоҳе озими (равонаи) Хуросон гардид ва дар соли 995 дар Тус бо Сабуктегин ҷанг кард, вале мағлуб гардида ва ба Калот фирорӣ шуд ва пас аз он дастгир ва маҳбус гардид. Баъд аз Нӯҳи дуюм фарзандаш Мансури дуюм ҷонишини вай шуд ва қариб ду сол салтанат кард (997-999). Мансури дуюм дорои табъи мавзуни шоирӣ буд ва қитъаҳое аз ӯ маҳфуз монда, ки аз ҷумла яке ин аст, ки вақте аз вай пурсиданд, ки чаро ҳеҷ вақт подшоҳ либоси размро аз худ дур намекунад, дар ҷавоб гуфта аст:

*Гӯянд маро чун салаби хуб насозӣ,*
*Маъвогаҳи ороставу фарши мулавван.*
*Бо наъраи гурдон чи кунам лаҳни муғанӣ,*
*Бо пуяи аспон чи кунам маҷлиси гулшан.*

[201] Рафеъ, Абдурафеъи Ҳақиқат. Таърихи наҳзатҳои миллии Эрон.-С.148.

*Ҷӯши майю нӯши лаби соқӣ ба чӣ кор аст?*
*Ҷӯшидани хун бояду бар айбаи ҷавшан.*
*Асп асту силоҳ аст маро базмгаҳу боғ,*
*Тор асту камон аст маро лолаву савсан.*[202]

Ин подшоҳи размҷӯ ва ҷангҷӯ дар ҳаёт набуд, ки заволи силсилаи бо ифтихори худро бо чашм бубинад. Лекин ҷонишини вай Абдулмалики дуюм писари Нӯҳ, ки охирин подшоҳи ин силсила аст, бо дасти Эликхон, аз силсилаи туркон, ки дар боло зикр шуд, дастгир ва соли 999 зиндонӣ гардид, бо дастгирӣ ва фавти Абулмалики дувум дар зиндон, силсилаи Сомониён пас аз 125 соли ҳукумронӣ дар машриқи Эрон, нопадид гардид. Ҳар чанд Абу Иброҳими Мунтасир, фарзанди Нӯҳ то соли 1005 дар талаби мулки аз даст рафта кӯшиш ва талош кард, вале аз ин фаъолият натиҷае ҳосили вай нагардид. Саранҷом худи ӯ низ аз таҳрики Султон Маҳмуди Ғазнавӣ ба дасти чанде аз арабҳо кушта шуд. Аммораи Марвазӣ (Абу Мансур Аммора ибни Муҳаммад) шоири асри Сомониён дар марсияи ин шоҳзодаи меҳандӯст чунин суруда аст:

*Аз хуни ӯ чу рӯи замин лаълфом шуд,*
*Рӯи вафо сияҳ шуду чеҳри умед зард.*
*Тегаш бихост хӯрд ҳаме хуни маргро,*
*Марг аз ниҳеби хеш мар он шоҳро бихӯрд.*

Подшоҳони Сомониро 9 тан навиштанд ва шеъри зер низ бо ҳамин муносибат суруда шудааст:

*Нӯҳ кас буданд аз Оли Сомон мазкур,*
*Доим ба вилояти Хуросон машҳур.*
*Исмоилеву ва Аҳмадеву Насре,*
*Ду Нӯҳу ду Абдулмалику ду Мансур.*[203]

Рӯиҳам рафта, ихтилофи сардорони сипоҳи Сомониён ва нуфузи туркон дар дастгоҳи ҳукумат ва қудрат ёфтани ғазнавиён дар машриқи Эрон (Афғонистони феълӣ) мӯҷиботи шикасти давлати Сомониро

[202] Рафеъ, Абдурафеъи Ҳақиқат. Таърихи наҳзатҳои миллии Эрон.-С.148.
[203] Рафеъ, Абдурафеъи Ҳақиқат. Таърихи ҷунбишҳои мазҳабӣ дар Эрон. (Аз куҳантарин замони таърихӣ то асри ҳозир). Дар чаҳор ҷилд. Техрон. Интишороти Кумиш, 1375, ҷилди аввал.-С.149.

фароҳам сохт. Ба назари мо сабаби шикасти давлати Сомониён аз он амиқтар буданд. Барои мисол, низомҳои сиёсии хонаводагӣ, ки миллатҳои гуногун дар чорсад соли ҳукумати арабӣ ба мерос гирифта буданд, уфуқи фикрии ин миллатҳоро хеле танг ва маҳдуд намуд.

Сомониён дар мавзӯъҳои сиёсат ва фарҳанг дар сатҳи фаромиллӣ меандешиданд. Бештар ба илму дониш ва маънавиёт таваҷҷӯх доштанд. Вале ҳамзамонон ва ҳамсояҳои саҳронаварди онҳо аз ҷумлаи арабу турк пойбанди фарҳанги таҳоҷум ва зулму ғорат буданд. Чун тамоили умумии давлати Сомониён ба сӯи фарҳанг ва гуманизм равона буд, ҳамзамонони онҳо ин роҳи пешгирифтаи Сомониёнро барои худ хатарнок мешумориданд. Ва оқибат арабу турк ҳарду даст ба дасти ҳамдигар дода, силсилаи Сомониёнро аввал заъиф сохта ва баъд онро ба таври куллӣ аз байн бурданд.[204]

Дар сарчашмаҳои асримиёнагии исломӣ истилоҳи арабии «шуубия»-ро бо калимаи форсии «Озодмардия» тарҷума намудаанд. Ин тарҷумаи таҳтуллафзӣ нест, балки тарҷумаи маъноӣ ва истилоҳӣ аст. Чун дар гузашта мардуми форсу тоҷик худро аз қавми озодагон меномиданд. Пас аз истилои тозиён, Эрон ҳамаи фаъолияту нуфузи пештараи худро аз даст дод. Вале Бани Аббос чун аз фаъолияти хулафои қабл аз худ  ба танг омада буданд ва ба онҳо эътимод надоштанд, худро дар оғуши эрониён андохтанд ва аз фазлу даҳову  сафои сардорони эронӣ барои пешрафти кори хеш баҳра баргирифтанд. Бинобар ин дар аҳди Бани Аббос гуфтугӯ ва мушоҷираи шуубия ҳаводорони (Аҷам) ва мухолифони онҳо ҳаводорони қабоили (Араб) дар гирифт ва шояд гоҳ ба гоҳе аз тарафи дарбори хилофат ҳам ин мушоҷара ва муфохара нерӯ гирифта, ба мукобара (фазлфушӣ ва худситоӣ) пайваста бошад.

Тарафайн барои исботи мароми хеш мақолот, рисолаҳо ва китобҳо таълиф карданд ва дар натиҷаи ин ҷанҷоли азим ду илм тараққӣ кард,

---

[204] Бахши таърихи давлати Сомониён, тавсифи шахсияти Исмоили Сомонӣ ва тарзи давлатдории Сомониён, ки яке аз саҳифаҳои дурахшони таърихи халқи форс-тоҷик мебошад, дар таҳқиқотҳои Н.Неъматов (Давлати Сомониён: Тоҷикон дар асрҳои  IX-X. Душанбе, 1989; Таджикский феномен: Теория и история. Душанбе, 1997), Ҳасани Султон (Саргузашти Исмоили Сомонӣ. Душанбе, 1998). Сомониён ва эҳёи тамаддуни форсӣ- тоҷикӣ. Душанбе, 1998 ва бисёр дигар асарҳои тадқиқотӣ мавриди таҳлилу баррасӣ қарор гирифтаанд. Мо дар матн аз дидгоҳи мавзӯи интихобшуда ин давраи таърихи халқамонро мавриди арзёбӣ қарор додем.

яке улуми арабӣ ва сарфу наҳви луғат, ки ҳаводорони араб аз барои пешрафти забони араб дар таълифу нашри китобҳои мазкур бе ихтиёр буданд ва низ шуубия дар тарҷумаи китобҳои паҳлавӣ ва ҳиндӣ ва юнонӣ ва нашри таърихи миллатҳои пеш аз ислом ва афсонаҳои қадим, ки гувоҳе аз азамат ва ҳушу заковати миллатҳои ғайриараб буд, саъй мекарданд ва метавон тарҷумаҳои Ибни Муқаффаъ ва муҷалладоти таърихи Табарӣ, Масъудӣ, Ҳамза, Сияр-ул-мулук, Уюн-ул-ахбор ва Ғурар ахбор мулук-ул-фурс»-и Саолабӣ ва ғайраро аз корҳои шуубия шумурд.

Ин ду ҳизб, ки дар ҳар ду тараф аз Араб ва Аҷам омехта шуда ва монанди ақидаи илмӣ на як мароми нажодӣ аз ҳар ҷинс дар он ду ҳизб мавҷуд буд, солиёни дароз дар заду хӯрд буданд ва шояд баъд аз канор кашидани эрониён аз дарбори хилофат ва рӯи кор омадани туркон қадре ва то андозае дар мамолики арабинишин тахфиф ва сустшуда бошад, лекин дар мамолики Эрон, хоса дар подшоҳии Тоҳириён, Лайсиён ва Сомониён ба қуввати худ боқӣ буд ва яке аз авомили бузурги эҳёи забони форсӣ , тамаддуни эронӣ ва ба вуҷуд омадани шоҳкорҳо ба мисли Шоҳнома ва амсоли он дар Хуросон, натиҷаи таъсири шуубия ва озодмардони эронӣ будааст.[205]

Аз ҷумлаи муаллифони шуубӣ аз Абу Усмон Саъид ибни Амиди Бахтакон аз наҷибзодагони эронӣ, муаллифи китобӣ: (Интисор-ул-Аҷам мин-ал-Араб) ва (Фазл-ул-Аҷам ала-л-Араб ва ифтихоруҳо) аз Ҳайсам ибни Удай муосири Мансур, Маҳдӣ, Ҳодӣ ва Ҳорун соҳиби китоби «Ал-Масолиб-ус-сағир», китоби «Ал-Масолиб-ул-кабир», китоби «Масолиб»-и Рабиъа, «Ахбори Фурс» ва ғайра, Саҳл ибни Ҳоруни Даштмишонӣ муосири Маъмун ва раиси «Байт-ул-ҳикма», ки чанд китоб дар зикри «Масолиби араб» дошта. Аллони шуубӣ-соҳиби «Китоб-ул-майдон фи-л-масолиб», Абуубайда Муаммар ибни ал-Мусанно-муаллифи китоби «Лусус-ул-араб» (Дуздони араб) ва «Фазоил-ул-фурс» (Фазилатҳои форсҳо) ва бисёре дигарро метавон ном бурд.

[205] Баҳор, Маликушшуаро. Сабкшиносӣ ё таърихи татаввури насри форсӣ, ҷ.1. Теҳрон, 1321.-С.150.

Доир ба андешаи ин муаллифон ин чанд нуктаро ҳам метавон афзуд, ки масъалаи миллат ва миллатгароӣ дар асрҳои миёнаи исломӣ ҳамчун масъалаи иҷтимоӣ ва идеологӣ аз дин ва сиёсати замон ҷудо ва мустақил набуд. Ҳарчанд вуҷуди мардум ва миллатҳо масъалаи решагӣ ва асосӣ буд. Вале идеология ва сиёсати замон идеяи миллиро таҳтушшуъои худ қарор дода буданд. Дар асрҳои XIX ва XX идеяи миллӣ ва ғояи ватандӯстӣ бар динҳо ва идеологияҳои анъанавӣ ғолиб омад ва сабаби пайдо гардидани давлатҳои мустақили миллӣ дар сатҳи ҷаҳонӣ гардид. Аз ин ба баъд, фалсафаи худшиносии миллӣ он ҷаҳонбиниеро ташаккул медиҳад, ки сарнавишти садҳо қавму миллатҳои ҷаҳонро муаяйн хоҳад кард. Боривоҷу равнақи рӯзафзуни худшиносии миллӣ дину эътиқодот ва идеологияҳои суннатӣ камрангтар мешаванд. Зеро ки худшиносии миллӣ илми решагӣ буда, ба амиқтарин бунёдҳои зиндагии инсонӣ: биология, антропология, таърих, этнография, мифология, фарҳанг, фалсафа ва маънавиёти башарӣ робитаи бевосита дорад.

# БОБИ ЧОРУМ
# МУБОРИЗАҲОИ ФАРҲАНГИИ ШУУБИЁНИ ФОРС-ТОҶИК

## § 1. Адабиёт ва шоирони шуубӣ

Чашмгиртарин соҳаи муборизоти ҳизби шуубия майдони муборизаи фарҳангии он буд, ки ба ашколи мубоҳасоти маҷлисӣ, тарҷума, таълифи китоб ва интишори ашъори киноядор ва нағзи зиддиарабӣ ва зиддиисломӣ пеш мерафт.

Аъзои ҳизби шуубия дарёфта буданд, ки шикасти як миллат ба сокит шудани як давлат ва аз ҳам пошидани нерӯи низомии он нест, балки ба нобуд шудани арзишҳои фарҳангии он низ мебошад. Ибтидо шурӯъ ба тарвиҷи осори таърихӣ, падидаҳои фикрӣ, одобу манишҳои миллӣ, ёдгориҳои суннатӣ ва оинҳои эронӣ карданд, то навбат ба рукни муҳими фарҳангии дигар - эътилои муҷаддад (мақоми нав) бахшидан ба забон низ бирасад. Дар он давра чун навиштан ба забони форсӣ гуноҳ шумурда мешуд ва нависанда таҳти назорат қарор мегирифт ва аз тарафе ҳам забони арабӣ дар саросари кишварҳои исломӣ роиҷ буд, шуубиён ба ночор ормонҳо ва падидаҳои фикрӣ ва фарҳангии эронӣ ва ҳамчунин осори қабл аз исломро ба забони арабӣ менавишта ё тарҷума мекарданд.

Ҳизби шуубия, ки баъд аз барандохтани Бани Умайя ба дасти Абумуслим ва бар сари кор овардани вазирон ва шахсиятҳои эронӣ ба имомати хулафои Аббосӣ, ҳанӯз мамлакату миллатро дар асари ғалабаи фарҳанги динии арабҳо бо талхкомиҳое мувоҷеҳ дид ва беҳтарин роҳи муборизаро дар тарвиҷи фарҳангу тамаддуни эронӣ дар миёни арабҳо шинохт.

Шуубиён на фақат аз миллати худ, балки аз тамоми миллатҳо дар баробари тозиён дифоъ мекарданд ва фалсафаву донишҳои башариро, ки арабҳо чизе аз онҳо намефаҳмиданд, ба рӯяшон мекашиданд ва дар муқобили онон, ки мегуфтанд, чун ислом дар Арабистон пайдо шуда, пас араб миллате бартар ва Арабистон сарзамине назаркарда аст, бо истинод ба ашъори шоирони худи арабҳо ҷавоб медоданд, ки чун араб

на ҳунар ва на фарҳанг дорад, ҳақи ҳеҷ навъи ифтихор ҳам надорад. Монанди гургони хунхор тоифа ба тоифа ба ҷони ҳам меафтанд ва хуни ҳамро мерезанд, занон ва мардони якдигарро ба асорат гирифта ва дар бозори бардафурӯшон ба фурӯш мегузоранд». Чунин мегуфтанд, ки араб хирад намешиносад, ҳама асабият (қабилапараст) аст, барои ҷамъ овардани ғанимат бар миллат ва номуси худ низ тараҳҳум намекарданд. Дар ҷавоби бартару назаркарда будани Арабистон мегуфтанд: «Арабистон сарзамине хушку беҳосил аст ва мардуме фақир ва чодарнишин дошта. Инҳо кучҷову шукуҳу азамати Эрон куҷо?»[206] Дар мавриди дини ислом мегуфтанд: «Ислом дини Худо аст, ки Худо барои мӯъҷизанамоӣ онро дар пасттарин сарзамин ва дар миёни пасттарин мардум пайдо карда ва ба араб ҳеҷ ихтисос надорад. Ва агар пайғамбар дар миёни ин мардум бар намесохт, ҳеҷ гоҳ растагор намегаштанд, чаро ки омада: «ал-Аъробу ашадду куфран ва нифоқан», («Арабҳо аз дигар миллатҳо дида бештар ба куфу нифоқ машғуланд»).[207]

Ҷоҳиз менависад: «Зиндиқон оёти Қуръонро мардуд мешумурданд ва ахбори пайғамбарро такзиб мекарданд. Сухан аз мӯъҷизоти ӯро ба масхара мегирифтанд ва ҳар гоҳ касе дар маҷолисашон аз фазоили Қуръон ё ҳадиси Мустафо сухан мегуфт, бар сабукии ақли ӯ ишора менамуданд ва дар чунон маҷолисе аз сиёсати Ардашери Бобакон ва тадбири Анушервон сухан меронданд».[208]

Аз муборизоти дигари шуубиён бо мақсади хароб кардани асоси дини ислом, ҷаъли (бофтани) садҳо ҳазор ҳадиси зидду нақиз буд ба суди эрониён ва ба зиёни араб ва ворид кардани онҳо дар китобҳо ва асноду ахбори мӯътабар, ки шарҳи он батафсил дар китобҳои дигари таҳқиқӣ оварда шудааст.

Аз бузургтарин ва муассиртарин юришҳои фарҳангии ҳизби шуубия бар зидди олами бадавии арабҳо таълиф, тарҷума ва интишори китоб буд.

---

[206] Шаҳристонӣ. Ал-Миллал-ва-н-ниҳал.Ҷ.2. Ал-Қоҳира, 1961. – С. 52.
[207] Ҳамон ҷо.– С. 52.
[208] Ҷоҳиз. Расоили Ҷоҳиз. Нашри Бейрут. [Ба нақл аз Мумтаҳан Ҳусайналӣ. Наҳзати шуубия. – Теҳрон, 1992.- С. 220-221].

Аз муҳимтарини онҳо, аз як тараф, китобҳои эронӣ буд, мисли китобҳои «Ойинннома», «Худойнома», «Тоҷ», «Корванд», «Амсоли Бузургмеҳр», «Аҳди Ардашер», «Ҷовидон хирад», «Вис ва Ромин», «Фаҳлавиёти ҳазор афсона», «Калила ва Димна», таронаҳои хусравонӣ, Аҷовили маздон. Аз тарафи дигар таълифи китобҳое, монанди «Таърихи Табарӣ», «Мурӯҷ уз-заҳаб», «Уюн -ул-ахбор» ба тартиб аз Ҷарири Табарӣ, Масъудӣ ва Ибни Қутайбаи Динаварӣ ва ҳамчунин «Синий мулук -ул-арз» аз Ҳамзаи Исфаҳонӣ, ки фазои равшану шигифт аз таърихи тамаддун ва фарҳангии пуршукӯҳи эрониёнро пеши рӯи арабҳо кушуд.

Бар ин ҷумла китобҳоеро, ки Аллони шуубӣ, Саъид ибни Ҳамиди Бахтакон, Ҳайсами Аддӣ дар ради ислом ва масолибу айбҳои арабҳо навиштанд, бояд афзуд. Аз ин китобҳо ҳеҷ як ҳанӯз ба дасти мардуми имрӯз нарасида, шояд ҳам мутаассибон тамомии онҳоро нобуд карда бошанд. Вале дар бораи онҳо дар китобҳои: «ал-Ағонӣ», «ал-Икд -ул-фарид, «Хутат»-и Мақризӣ, «Муруҷ -уз-заҳаб», «ал-Феҳрист» ва «ал-Баён ва-т-табийин» сухан рафтааст.

Ибни Муқаффаъ яке аз бузургтарин ва номдортарини шуубиён аст, ки ончи тавонист аз китобҳои эронӣ ба арабӣ баргардонид. Илова бар ин ба манзури истеҳком бахшидан ба мабонии фикри шуубӣ ва ҷаҳонбинии фалсафии он китобҳои Ибни Дайсон (донишгаройи муртадди масеҳӣ) ва Маррукиюн (хирадманди мантиқгаройи муртадди масеҳӣ) ва Монии ҳакимро ба забони арабӣ баргардонид ва ба қавли Абурайҳони Берунӣ боби Бурзувайҳи ҳакимро ба қасди таблиғи дини Монӣ, ки худ ба кеши ӯ буд, барои шак андохтан дар дили мусулмонон дар аввали китоби «Калила ва Димна» афзуд.

Ибни Муқаффаъ бо ин равиш ҳам мусулмонони арабро бо арҷмандии шахсияти эрониён ошно кард ва ҳам эрониёнро ба ёди даврони шукуҳманди ҷаҳондорӣ ва тамаддуну фарҳанги ниёгони худ андохт ва рӯҳи паҳлавонӣ ва ишқ ба оинҳои деринро дар дилҳои эшон дамонд ва бо тарҷума ва интишори китобҳои Арасту барои нахустин бор ба забони арабӣ фанни истидлолро ривоҷ дод ва то ҷое дар интишори

кутуб пеш рафт ва осоре ба ҷой гузошт, ки Маҳдӣ - халифаи Аббосӣ - мегуфт: «Ман ҳеҷ китоби зиндиқонае надидам, ки асли он аз Ибни Муқаффаъ набошад». Бо ҳамин сабаб буд, ки он марди бузург ба туҳмати шуубӣ будан ба ишораи халифа бо кинакашии ваҳшиёна пора-пора ва дар оташ сӯзонда шуд.

Аҷобати кор дар он буд, ки беҳтарин намояндагони фарҳангии миллати Эронро, ки арабҳо онҳоро «шуубия» мехонданд, аксаран хидматгузорони фарҳанги исломӣ ва поягузорони илму адаб дар забони арабӣ будаанд. Ҳақиқати ҳол ин аст, ки эрониёни мусулмон аз ҳамон оғози кор байни таассубҳои нажодии арабӣ, ки ба баҳонаи пешгомӣ дар ислом ё баҳонаҳои дигар зоҳир мешуд, миллати Эрон нахустин миллате буд, ки хориҷ аз Ҷазират-ул-араб ба нашру басти маорифи исломӣ пардохт ва гузашта аз ин, фарҳанги эронӣ низ нахустин фарҳанги хориҷие буд, ки бо адабиёти арабӣ пайванд ёфт ва муқаддамоти рушду нумӯи онро фароҳам сохт. Касоне, ки дар адабиёти арабӣ таҳқиқ карда, кӯшидаанд омилҳои боиси таҳаввулу пешрафти он дар асри аббосиро ба даст овардаанд, ҳама мӯътақиданд, ки ин таҳаввул дар натиҷаи пайванди адабиёти арабӣ бо фарҳанги миллатҳои дигар, ки дар раъси онҳо ду миллати Эрону Юнон будаанд, ба вуҷуд омадааст. Бидуни шак, фикру фалсафаи юнонӣ таъсире дар фикри арабӣ ва фалсафаи исломӣ карда, вале омили муассир дар адабиёти арабӣ яъне омиле, ки асари маҳсус (эҳсосшаванда) ва қобили таваҷҷӯҳе аз худ ба ҷо гузошта ва боиси ташаккулу пешрафти он шуда, адабу фарҳаги эронӣ будааст.[209]

Мисоли равшани онро дар шеваи гузориши Ибни Муқаффаъ дида метавонем. Яке аз бартариҳое, ки Ибни Муқаффаъро дар фанни китобат машҳур карда, истифодаи мавзӯъҳои тоза ва ворид кардани маъною афкор ба забони арабӣ мебошад. Ин шеваи рафтори Ибни Муқаффаъ на танҳо дар рисолаҳои девонии дорои умури сиёсию идорӣ, балки дар қисмате аз навиштаҳои ӯ дар бахши мавзӯъҳои адабиву ахлоқӣ ва

---

[209] Муҳаммадӣ, Муҳаммад. Фарҳанги эронӣ пеш аз ислом ва осори он дар тамаддуни исломӣ ва адабиёти арабӣ. Теҳрон, 1374.-С.34.

афкори маънавӣ бо мушоҳида мерасид, ки иллати асосии ин ҳодиса ошноии ӯ бо фарҳанги васеътару афкори амиқтари ниёгони пешазисломии Ибни Муқаффаъ буд.[210]

Абуубайда Муаммар ибни Мусанно мутавалид ба соли 111/ 729 ё 116/734 аз шуубиён ва муаллифи китоб аст. Ибни Халликон аз қавли Ҷоҳиз менависад: «Ҳеҷ кас дар рӯи замин хоҳ аз хориҷӣ ва хоҳ иҷмоӣ (ду фирқа аз мусулмонон) аз лиҳози иҳота ба улум монанди Абуубайда нест. Ва Ибни Абуубайдаи шуубӣ арабҳоро хуш намедошт ва аз онон мутанаффир буд ва китобҳо дар масолибу айбҳои онон навишт. Аз таълифоти Абуубайда китоби «Фазоил -ул-Фурс» ва китоби «Ахбор -ул-Фурс» аст, ки дар онҳо дар бораи подшоҳони давраи Эрони қадим ва одобу русум, ободиҳо, пулҳо, шаҳрҳо сухан мегӯяд. Вай китобҳои бисёр дорад.[211]

Хайсам ибни Аддӣ аз мубориони номдори ҳизби шуубия аст, ки бо Мансур, Маҳдӣ, Ҳодӣ ва Ҳорун муосир ва муошир буд. Вай ки аз уламои машҳури ривоёт ва ҳадис аст, чанд китоб дар айбҳои араб ва таъни хусусиятҳои он таълиф кард, ки ба тамомӣ таҳвин ва таҳқир аст, мисли «Китоб масолиб -ул-кабир», «Китоб масолиб -ус-сағир», «Китоб масолиб Рабиъа», «Асмо бағоё Қурайш ул-ҷоҳилия» («Номи фоҳишаҳои қабилаи Қурайш пеш аз ислом») ва «Асмо ман валадна («Номи фоҳишаҳои Қурайш дар ҷоҳилият, ки ҳаромӣ зоидаанд»).

Абуусмон Саъид ибни Бахтгон аз ашрофзодагони эронӣ, пешравони бузурги ҳизби шуубия ва аз шуарои забардасте буд, ки эҳсосот ва таассуботи шадиди зидди арабӣ доштанд. Аз ҷумлаи китобҳои ӯ «Фазл -ул-Аҷам мин ал-араб» аст. («Бартарии Аҷам нисбат ба Араб»). Абуубайдаи Ровия донишманд, муҳаддис ва фақеҳи бузурги Бағдод, рақиби Асмаъӣ, аз ҷумлаи машоҳир ва муаллифони шуубӣ буд. Вай дар асри Ҳорун ар-Рашид мезист ва китобҳо дар мазаммати арабҳо

---

[210] Муҳаммадӣ, Муҳаммад. Фарҳанги эронӣ пеш аз ислом ва осори он дар тамаддуни исломӣ ва адабиёти арабӣ. Теҳрон, 1374.-С.34.
[211] Ибни Халликон. Вафаёт -ул-аъён. Теҳрон, 1284. Ҷ.2. –С.155.

нигошт. Мутаассифона, бар асари таассуби арабӣ ва ин ки таълифоти шуубияро осори куфру илҳод муаррафӣ карданд, тамоми онҳо аз миён бурда ва нобуд шуд.[212]

Аллони шуубии маъруф аз ҷумлаи касоне буд, ки дар китобхонаи бузурги Аббосиён ба навиштан ва истинсохи кутуб машғул буд ва аз аҳди Ҳорун ар-Рашид ва Бармакиён то замони Маъмун ба ин шуғл иштиғол дошт. Вай низ бисёр китобҳое дар масолиби араб дорад, мисли «ал-Майдон фи масолиб» ва Тоҳир Ҳусайн барои навиштани яке аз ин навъ китобҳо буд, ки си ҳазор динор ба Аллони шуубӣ подош дод.

Саҳл ибни Ҳорун аз муосирони Маъмун ва соҳиби китобхонаи Бағдод ва аз бузургони шуубия буд. Ибни Надим дар бораи ӯ менависад: «Ӯ ҳаким, балиғ ва шоири эронинажоди шуубимаслак ва сахт зидди араб буд. Ва дар мазаммати араб чандин китоб таълиф кард».[213] Сухан дар бораи ҳамаи муаллифон ва котибони шуубӣ ва ҳарчанд мухтасар овардан дар ин ҷо мумкин нест ва ҳамин қадар, ки омад, метавонад намудори равиши мубориза ва кайфияти осору нақши иҷтимоъии дигар ҳамкешони эронӣ бошад.

Дастгоҳи хилофат, ки дар муқобили ин ҳама осори дигаргункунандаи шуубӣ ҳеҷ гоҳ наметавонист бекор бинишинад, ғайр аз куштану ба зиндон андохтан ва дигар кайфарҳо (ҷазоҳо) – касоне аз котибон ва шоирони арабро водор ба сурудан ё навиштани рад бар онон мекард. Аз ҷумла Ҷоҳизро, ки ба гуногунмизоҷӣ маъруф буд, ба навиштани китоби «ал-Баён ва-т-табийин» бар зидди шуубиён водошт ва Асмаъиро бар зидди Абуубайда ба муҷодала барангехт.

Ҳизби шуубия ва шаклҳои муборизоти он аз ҷумла равиши муборизаи муаллифон ва шоирон дар аз даст доштани зимоми ҳукумати ислом аз араб ва бар курсии фармонравоӣ нишастани вазирон ва зимомдорони эронӣ ва зуҳури давлатҳои эронии Тоҳириён, Саффориён, Сомониён, Дайламиён ва ғайра нақши асосӣ ва таъинкунанда доштааст.

---

[212] Амин, Аҳмад. Партави ислом. Теҳрон, 1337. – С.115.
[213] Ибни Надим. Ал-Феҳраст. Миср, 1348.-С.120.

Аз даврони ҳузури эрониён дар дастгоҳи хилофати аббосӣ, хусусан дар замони Ҳорун Рашиду Ибни Маъмун амалан низоми сиёсӣ ба ҷониби суннату сирати кишвардории эрониёни пеш аз ислом будааст ва сохтмони шоҳаншоҳӣ ба сурати хостанитарин намунаи сиёсат даромада буд. Қавмҳои эронитабор ё вобаста ба фарҳанги эронӣ – Тоҳириён, Саффориён ва Сомониёну Бувайҳиён қудратмандони воқеӣ дар бахшҳои муҳиме аз сарзаминҳои исломӣ буданд. Худи ба вуҷуд омадани «Сиёсатнома»-и Низомулмулк далели равшани ҳаракати шуубиён дар соҳаи сиёсат буд, ки он пешинаи таърихӣ дар осори Форобиву Ибни Сино дошт.[214]

Ҳизби шуубия аз ин замон бо қуввати тамом расид ва бо ба сари кор овардани давлатҳои мустақили эронӣ аз авҷи худ гузашт ва рафта-рафта рӯй ба сайри нузулӣ ниҳод, зеро ба ҳадафи худ, – истиқлоли Эрон ва маҳдуд кардани хилофати Аббосиён - расида буд. Бо рӯи кор омадани давлатҳои эронӣ, ҳизби шуубия чун дигар даъвоҳои навидбахше надошт, нуфузи худро рӯи мардуми заҳматкаш, ки ба хостаҳои худ расида буданд, аз даст дод ва аз тарафе ҳам табақаи мумтоз, ки бо мақсуди худ расида буд, дигар бо имконоти моддӣ ва нақши роҳбарии худ ба ҳимоят аз он ҳизб идома надод. Ва фақат равшанфикрони хирадгаро ва аҳли фалсафа аз табақаи миёна боқӣ монданд, ки бидуни созмони иҷтимоии муассиру тавоно ва бидуни марказияти қобили сиёсӣ, ки ҳаводисе ҷадид мисли наҳзатҳои зангиён, қарматиён ва исмоилиён рӯ ба рӯ ва дар он ҳал шуданд.

Аз он ҷо, ки ба қавли маъруф ҳеҷ гоҳ рӯи замин бидуни ҳуҷҷати ҳақ намемонад, хирадгароён ва равшанфикрон дар ҳар давра ҳамчунон барои растагории мардум аз асорати табақаи ҳокимони ситамгар ба наҳзатҳои дигар мисли зангиён ва қарматиён мепайвастанд. Аз ҷумла замоне расид, ки созмони «Ихвон -ус-сафо» ба саҳнаи мубориза баромад ва бидуни ҳар

[214] Хотамӣ, Саид Муҳаммад. Оину андеша дар доми худкомагӣ.-С.327.

гуна моҷарову ҳою ҳуй панҷоҳу ду рисола дар мавзуоти мухталифи илмӣ бо забони содда бе нишон додани ному нишоне таълиф намуд. Онҳо китобҳоеро, ки дорои матолибе зидди ҷаҳонбинии динии халифаҳои Аббосӣ буд, мунташир карданд, то бад-он васила мардумро ба фарҳанг ва дониши иҷтимоии хеш бедор кунанд ва бар зидди душманонашон барангезанд.

Дар асри дувоздаҳум Замахшарӣ дар муқаддимаи китоби «ал-Муфассал» дар наҳв навишта, ки «шуубия моил ба равнақи забони арабӣ нестанд, вале ман ин китобро менависам, то Худоро хуш ояд ва бинии душманони араб ба хок молида шавад».[215] Ин гуфтаи Замахшариро тақвият дода, мо бо камоли боварӣ аксари осори каломию фалсафӣ ва ирфонии мутафаккирони форс-тоҷикиро, ки дар давраи исломи ибтидоӣ (фон Грюнебаум онро то асри XII медонад) ба забони арабӣ таълиф шудаанд, ба ҳаракати шуубия мансуб медонем. Зеро аксари олимони соҳаҳои гуногуни илму фалсафа дар ин давра эронӣ ва эронитабор буданд, онҳо заминаи пешинаи илмию эҷодии худро доштанд. Ба забони ғайри модарии худ таълиф намудани асар дар соҳаҳои гуногуни улуму фалсафа ва афкори ҷаҳоншиносӣ равнақ додани фарҳанги волои ориёӣ мебошад, ки дар он давру замон бо тамаддуни исломӣ омезиш пайдо карда буд.

Тарафи дигари масъала низ дар ҳамин бахши эҷодӣ вуҷуд дорад, ки он аз навиштани осори форсӣ-тоҷикӣ бидуни истифодаи калимаҳои арабӣ барои пос доштани забони модарӣ мебошад. Маликушшуарои Баҳор ё Ҷалоли Ҳумоӣ ва баъзеи дигар аз устодон Фирдавсиро шуубӣ ва сурудани «Шоҳнома»-ро ба ташвиқи шуубиён донистаанд, барои он буда, ки дар он замон ҳанӯз осори фикрӣ ва ақидатии шуубӣ, яъне ҳисси ватанпарастӣ ва эрондӯстӣ дар миёни тамоми табақоти мардум, хоса деҳқонон ва ровиён, ки аз марочеъ ва маъхазҳои кори бузурги Фирдавсӣ буданд, ба қуввати тамом вуҷуд дошта аст.[216] Вале қабл аз Фирдавсӣ як силсила пешвоёни

---

[215] Инсофпур, Ғуломризо. Раванди наҳзатҳои миллӣ ва исломӣ дар Эрон.-С.71.
[216] Ҳамон ҷо.– С. 63-71.

наҳзати адабии шуубия фаъолият доштанд, ки ба баррасии ақоиди баъзе аз онҳо пардохтан аз аҳамият холӣ нест.

Исмоил ибни Ясори Нисоӣ дар ҷунбиши адабии шуубия саҳми арзанда дошт. Ҳамчунон ки араб ба шеъру адаб ба ҳифзи ансоб мубоҳот мекард, эрониёни шуубӣ низ шурӯъ ба сурудани шеъри арабӣ карданд ва фахр ба ансобро дар ашъорашон ҷой доданд. Ҳамосиёти шуарои шуубии эронӣ ба забони тозӣ аз ҷумлаи дилкаштарин осори фикри эронӣ ва намояндаи ҳиссиёти олии ватанпарстии эрониёни он рӯзгор ба шумор мерафт.[217]

Нахустин касе, ки ин садоро баланд кард ва қоиду пешвои наҳзати адабии шуубия дар асри Бани Умайя ба шумор омад, ҳамин Исмоил фарзанди Ясори Нисоӣ буд. Ӯ, мутобиқи он чи ривоят кардаанд, умри тӯлонӣ дошта, дар даврони охирини халифаи Умавӣ Марвон ибни Муҳаммад иқомат доштааст. Дар ваҷҳи шӯҳрати Нисоӣ сухани бисёр гуфта шуда ва ба иллати фурӯши лавозими арӯсӣ ба «нисоӣ» (тоҷири молҳои занона) машҳур шудааст. Аз маволии Бани Тамим ва аз махсусини Оли Зубайр буд. Исмоил баъди ба хилофат расидани Марвон ба хидмати ӯ шитофт, вай ва хулафои баъдии ӯро ба зарурати вақт мадҳ мегуфт, вале ботинан душманаш медошт.

Абулфараҷи Исфаҳонӣ ривоят мекунад, ки «Исмоил ибни Ясор рӯзе ба зарурате ба мулоқоти Ғамар ибни Язид ибни Абдулмалик рафт ва соате маътал шуд, то иҷозаи ҳузур ёфт. Чун ба ҳузур расид, барои ҷалби таваҷҷӯҳи ӯ ба адои ҳоҷати хеш худ ва падари худро Марвонӣ хонд. Чун аз назди Ғамар берун омад, шахсе ба дунболи ӯ шитофта ба вай гуфт: «Вой бар ту эй Исмоил! Чӣ гуна ту ва падарат Марвонӣ шудаед?» Исмоил гуфт: «Мо ин гуна Марвонӣ ҳастем, ки Оли Марвонро душман медорем, занам муталлақа бод, агар дурӯғ бигӯям. Модарам ҳама рӯзи бомдод ба ҷои ҳамд ва тасбеҳ Марвон ва Оли Марвонро лаънат мекунад ва ба падарам ҳангоми супоридани ҷон гуфтанд, ки «Ло

---

[217] Сафо, Забеҳулло. Ҳамосасароӣ дар Эрон. - Теҳрон, 1324. – С.137.

илоҳа илла-л-лоҳ» бигӯяд, гуфт: «Худо Марвонро лаънат кунад» ва маҳзи ризои худо нафринро ивази калимаи шаҳодат ба забон овард, зеро лаънат хондани Марвонро монанди калимаи тавҳид медонист».[218]

Ин худ намунае аз эҳсоси эрониён нисбат ба Бани Умайя ва Оли Марвон буд ва бар ин қиёс, навъе аз эрониён дар он замон ҳокимон ва хулафои Умавиро душман медоштанд ва дар натиҷа нахустин наҳзат ва ҷунбиши худро ба сурати муфохарат бар араб ошкор карданд. Бани Умайя ба ҳар васила, ки мешуд, ин садоҳои ҳақталабонаро бо қаҳру фишор ва озор хомӯш мекарданд ва гулӯи соҳибони ин нағмаҳоро бераҳмона мефишурданд. Чунон ки Исмоил ва бародаронаш Муҳаммад ва Иброҳим, ки ҳар се шоир ва дорои ғурури миллӣ буданд, ҳамвора бо бечорагӣ зиндагӣ мекарданд, дар амон аз таъқиб ва шиканҷаи азоби Бани Умайя набуданд.

Абулфараҷ менависад: «Рӯзе Исмоил ибни Ясор бар Ҳишом ибни Абдулмалик ворид шуд ва ин қасидаро, ки дар мафохири насабии худ суруда буд ва далоили маҷду азамати Эронро дар бар дошт, барои ӯ хонд: «Инний ва ҷаддика…» (ҳашт байт ба забони арабӣ). Мазмуни ин адабиёт буда: «Қасам ба ниёят, ҳангоми дифоъ сусту забун нестам, касе қодир нест ҷойгоҳ ва манзиламро вайрон кунад. Нажоди ман некӯ ва азамати қавми ман бо мафохири ақвоми дигар қобили муқоиса нест. Забоне дорам, ки монанди теғ заҳрогин аст ва бо ҳамин забон аз азамати миллати худ, ки дорои макориму фазилатҳои бисёр аст, дифоъ мекунам ва подшоҳонеро, ки ҳама тоҷдор ва кишваркушо ҳастанд бо забон ҳифз мекунам. Онҳо карим, оқо, сафедрӯ, марзбон, наҷиб, чобук, сахӣ ва меҳмоннавоз буданд, оё касе дар азамат ва муфохарат монанди Хусрав ва Шопур лашкаркаш ва ҳармазон (ҳоким) ҳаст? Онҳо ҳангоми ситез, агар ҳамла кунанд, чун шерони лашкаранд, ҳамон қавме, ки турку румро хор карданд. Ҳама бо аслиҳа ва зиреҳҳои ба ҳам пайваста монанди шерони дарранда ва хашмгин роҳ раванд. Он ҷост, ки агар бипурсӣ ба ту

---

[218] Исфаҳонӣ, Абулфараҷ. Ал-Ағонӣ. Ҷ.4. – С.125.

хабар диҳанд, ки дорои аслу нажоде ҳастам, ки иззати тамоми нажодҳоро поймол кардааст».[219]

Ҳишом аз шунидани ин ашъор ба хашм шуд ва гуфт: «Бар ман муфохарат мекунӣ ва мадоиҳу маноқиби ниёгони хешро дар ҳузури ман мехонӣ?» Пас фармон дод, ки ӯро дар ҳавзе андохтанд, ба тавре ки наздик буд, хафа шавад. Он гоҳ амр кард, вайро берун кашиданд ва ба Ҳиҷоз табъидаш (бадарға) карданд.

Исмоил дар бораи азамати ниёгони худ дар 10 мисра шеър ба забони арабӣ чунин гуфта: «Ман чандин доии (тағои) тоҷдор ва амми (амакҳои) покнажод дорам. Номи фаворис (саворон) барои ин аз моддаи «фурс» (эрониён) гирифта шудааст, то бо интисоб ба нажоди арҷманди мо бартарӣ ёбанд. Инак эй имом! Тафохур макун ва ситам ба мо раво мадор ва ба мо ба ростӣ ва савоб сухан бигӯ, агар ҳам аз гузаштаи мо (ирониён) ва шумо (аъроб) дар рӯзгорҳои пешин бехабарӣ, бипурс то бидонӣ мо ва шумо чӣ гуна будем. Мо духтарони худро тарбия мекардем ва шумо духтарони худро зинда ба гӯр мекардед».*

Исмоил ибни Ясор монанди ин ашъор ҳамаҷо месуруд ва бидуни парво, шарофат, ҳасабу насаби худро зикр мекард ва ошкоро арабро таҳқир менамуд. Абулфараҷ дар бораи ӯ менависад: «Исмоил ба таассуб ва эрондустӣ ва тафохуру муҳобот ба эрониён машҳур буд, таассуби ӯ мӯҷиби бадбахтӣ ва дарбадарӣ ва зарбу тарди ӯ шуда буд».[220]

Аз ҷумла чунин шоирон яке дигар Башшор ибни Бурди Тахористонӣ мебошад, ки қабалан ба шеъри ӯ ишора шуда буд. Ин шоири шуубӣ аз мардуми Тахористон ва аз бузургони шуарои тозигӯи садаи дуюми ҳиҷрист. Ибни Қутайба ӯро аз маволии Бани Ақил ё Бани Садус медонад. Кунияи ӯро Абумуоз ва лақабашро Муръис (гӯшворадор) зикр мекунад ва ӯро дар зумраи зиндиқон мешуморад.

---

[219] Амин, Аҳмад. Зуҳо-ул-ислом.Ҷ.2. – С.49.

* Ҳамаи шеърҳои арабии иқтибосшуда аз рӯи китоби Мумтаҳан «Наҳзати шуубия». – Теҳрон, 1992 нақл шудаанд.

[220] Исфаҳонӣ, Абулфараҷ. Ал-Ағонӣ. Ҷ. 4. - С. 86. Ба нақл аз Мумтаҳан, Ҳусайналӣ. Наҳзати шуубия. Теҳрон, 1370.-С.228.

Башшор дар Басра нашнунамо ёфт ва дар замони Мансури Аббосӣ ба Бағдод рафт ва дар авоили давраи аббосӣ аз бузургтарин шуарои замони худ буд. Вафоташ ба соли 168/785 иттифоқ афтод. Дар бораи марги ӯ гӯянд, чун вайро ба зандақа мансуб карданд ва ба фармони Маҳдии Аббосӣ ва ба василаи Ҳамдавия (соҳибу-з-занодиқа) ҳафтод тозиёна ба ӯ зада шуд ва бар асари ҳамин зарб буд, ки дори фониро видоъ гуфт. Баъзе гӯянд, чун Башшор ба ҳаҷви Маҳдии Аббосӣ пардохт ва аз тарафе кор ҷуз майхорагӣ ва лаҳву лаъаб надошт, ба фармони Маҳдӣ дар об хафааш карданд. Башшор нобино ба дунё омад. Вай дар асри умавӣ ва аббосӣ зиндагӣ дошт. Ӯ оташро бар хок бартар мешумурд ва мегуфт: «Хок торик асту оташ равшан, оташ аз вақте, ки вуҷуд дорад, парастида мешавад».

Мақсуд он аст, ки оташ (унсуре, ки назди эрониён муҳтарам буд) бар хок бартарӣ дорад. Башшор ба ақидаи худ, Иблисро бар Одам низ фазилат додааст, ба ин маъно, ки ӯ аз оташи тобнок офарида шуда, дар ҳоле, ки Одам аз хоки тира аст. Гӯяд: «Иблису хайрун мин абийкум Одамун…» Ва ду байт ба арабӣ мегӯяд, ки мазмунаш чунин аст: «Иблис аз падари Шумо ҳазрати Одам беҳтар аст. Ба ин маънӣ таваҷҷӯҳ кунед, эй ҳаромзодагон. Иблис фитраташ аз оташ аст ва фитрати Одам аз хок мебошад. Ва хок ҳеҷ гоҳ аз оташ болотар буда наметавонад». Башшор қасоид ва ашъори бисёре дар мадҳи эрониён ва тафзили Аҷам бар Араб суруда, ки ағлаби онҳо аз миён рафта, фақат мухтасаре аз ашъори ӯ дар китоби «Вафаёт-ул-аъён»-и Ибни Халликон ва «Китоб -ул-ағонӣ»-и Абулфараҷи Исфаҳонӣ ва ғайра дида мешавад. Башшор ба эронӣ будани худ ифтихор мекард ва дар ҳақиқат муборизаи Исмоил ибни Ясори Нисоиро дунбол менамуд. Ӯ дар мадҳи эрониён чунин мегӯяд: «Нубиъту қавман биҳим ҷиннатун…» (шаш мисраъ ба забони арабӣ), ки чунин мазмун доранд: «Ба ман хабар додаанд, ки гурӯҳе девона мепурсанд: «Ин Башшор кист?» Ман маъруф ва ангуштнамо ҳастам. Эй ки мепурсӣ ва мекӯшӣ, ки маро бишносӣ бидон, ки ман сарҳалқаи карам ҳастам. Ман дар қабилаи Бани Омир, ки қавме кариманд, парвариш ёфтам ва аслу нажоди

ман аз Қурайши Аҷам аст». Башшор гоҳе ба Хуросон ифтихор мекард ва мегуфт:

«Ва ҳаҷони маъшарун…» (се байт ба забони арабӣ). Яъне: «Гурӯҳе маро носазо гуфтаанд, ҳама аҳмақанд, ҳамоқати онҳо ҳамеша бошад гуноҳе надорам, ки сазовори носазо бошам. Онҳо аз ин хашмгинанд, ки шарафи ман офоқро фаро гирифта, ва овозаи шӯҳратам аз Хуросон аст, хонадони ман баланд ва сарфарозанд ва ман, ки фаръе аз он асли арҷмандам, ба воситаи кӯшиш ва сайъи худ сарафрозӣ ёфтаам».

Башшор шеъри мазкурро дар ҳузури Маҳдии Аббосӣ суруд. Маҳдӣ ӯро монанди Ҳишом – ки Исмоили Ясорро озор дод – сарзаниш накард, балки аз ӯ пурсид: «Аз кадом қисмати Аҷам ҳастӣ?» Посух дод: «Аз ҷое, ки саворҳои бисёр дорад ва аҳолии он дар корзор пойдоранд, аҳли Тахористон».

Башшор баъдан аз робита ва дӯстӣ бо аъроб дурӣ ҷуст ва хитобкунон ба худ гуфт: «Асбаҳта мавло зил-ҷалолӣ…» (шаш мисраъ ба забони арабӣ). Яъне: «Ту, эй Башшор, бандаи Худои зулҷалол ҳастӣ. Баъзе аз мардум бандаи урайб (арабакҳо, арабчаҳо) ҳастанд. Ту ба ин фазилат биноз ва фахр кун, ки хоҷаи ту аз қабилаи Тамим, ки мардони коранд ва низ аз Қурайш, ки аҳли маъшар (макони муқаддас) ҳастанд, каримтар аст. Ту ба мавлои худ, ки Худо бошад, бидуни тарс ва мамонияти дигарон паноҳ бубар, муназзаҳ аст Мавлои ту, худованди аҷҷал ва акбар».[221]

Башшор ҳамватанони эронии худро ба тарки муволот ва пайвастагӣ бо араб ва бозгашт ба нажоду миллати худ даъват ва ташвиқ мекард, чунон ки Абулфараҷи Исфаҳонӣ менависад: «Марде аз бани Зайд ба ӯ гуфт: «Эй Башшор! Ту маро кӯчак мекунӣ ва маволиро бар мо мешӯронӣ, ки тарки дӯстии мо бигӯянд ва ба аслу насаби эронии худ баргарданд, дар ҳоле ки ту худ нажоди пок ва асли маъруф надорӣ». Башшор гуфт: «Ба худо савганд, нажоди ман аз зари ноб поктар ва беҳтар аст ва аслан аз кирдори некон ва парҳезкорон покизатараст. Рӯи

[221] Амин, Аҳмад. Зуҳо-ул ислом. Ҷ.2.Қоҳира, 1356. – С. 62.

замин саге нест, ки орзӯи пайвастан ба нажоди туро дошта бошад».[222] Араби дигаре ба Башшор гуфт: «Маволиро бо шеъру шоирӣ чӣ кор аст?» Башшор барошуфт ва дар ҳаҷву мазаммати он араб чунин гуфт: «А ҳийна касийта баъдал-уро…» (дувоздаҳ мисраъ ба забони арабӣ). Яъне: «Он гоҳ ки пас аз лухтиву бараҳнагӣ ҳақ пӯшидӣ ва бо озодагон дар бодагусорӣ надиму ҷалис шудӣ, асли худро фаромӯш кардӣ ва оғози тафохур бо озодагон намудӣ. Эй шубонзода! Туро ҳамин нанг ва хусрон бас бошад. Бо ҳилаву найранг мехоҳӣ азамати маволиро дарҳам шиканӣ, дар ҳоле ки шикори муш макрамату некиро аз ёди ту бурдааст. Ту бо саг дар як зарф об менӯшидӣ ва ҳангоми бомдод ба шикори хорпуштон мепардохтӣ ва аҷлат ба шикори дурроҷ намерасид, пӯшиши ту боди шимолу корат бузчаронӣ ва галладорӣ дар биёбони фақр буд».[223]

Бино ба маълумоти Ҷурҷӣ Зайдон, Башшор соҳиби завқи саршор ва табъи латиф буд, мактаби ҷадиде дар таснифҳо ва ғазалҳои ошиқона ба худ овард, ба тавре ки ғазалҳои ӯ миёни бонувон ва канизон тарафдорони зиёде пайдо кард ва кор ба ҷое расид, ки Маҳдии Аббосӣ Башшорро аз сурудани ғазал манъ кард. Башшор дар ин бора мегӯяд: «Сумма наҳони ал-маҳдийю…» (чаҳор мисраъ ба забони арабӣ). Яъне: «Маҳдии халифа баъдан маро (аз сурудани ғазал) наҳй кард ва ҷони ман наҳйи ӯро чун инсони муваффақи нуктапазир, бипазируфт. Бори Худои бечунро сипос, ки ҳеҷ чиз ба рӯзгор боқӣ нахоҳад монд, (ҳам ғазал ва ҳам ғазалсаро ва ҳам зеборӯй, ки ғазал барояш сурудаанд, ҳама фонӣ мешаванд ва роҳи фано месупуранд)». Бо ин ҳол гуфтаанд, ки махфиёна тағаззул (шеърсароӣ) мекард. Башшор бо ин ки нобино будааст, аз зебоии канизҳо ёд карда мегӯяд: «Ҳиҷонун алайҳо…» (як байт ба арабӣ), яъне: «Канизони ҳаҷини (омехтанажоди) сафедрӯ, ки сурхӣ ба рухсораи онҳо намоён аст, чашмро хира мекунанд, зеро ҳусну ҷамол дар ранги сурх аст».

---

[222] Исфаҳонӣ, Абулфараҷ. Ал-Ағонӣ. Ҷ. 4. 86. – С.51.
[223] Амин, Аҳмад. Зуҳо -ул-ислом. Ҷ.1. – С.39.

Башшор дар бораи канизи сиёҳи худ, низ ки мавриди алоқа ва муҳаббаташ буда, чунин гуфта буд: «Ва ғодатун савдоун барроқатун…» (чор мисраъ ба арабӣ). Яъне: «Душизае нозукбадан ва сиёҳе барроқ (ҷилвагар), ки дар хубӣ ва нармӣ монанди оби равон аст. Касе, ки ӯро ба даст оварда, анбаре меёбад, ки ба мушк омехта шуда бошад».

Башшор аз лиҳози сурудани таснифу ғазал қоиду пешрави навоварони он давра буд. Ҳар ки бо ғазал тараннум мекард, хоҳ марду хоҳ зан – ашъори Башшорро ҳифз мекард ва ба хотир месупурд. Башшор барои ҷалби занон мегӯяд: «Усру-н-нисои ило муёсаратин» («Нармӣ ва гармӣ ва чарбзабонӣ ва исрор сахтии занонро осон мекунад»). Чун дар ин ҷо мақсуд ташреҳи ақоиди сиёсӣ ва миллии Башшор буд, бо ҳамин андоза иктифо шуд ва ишорате, ки иҷмолан ба хусусиёти равонӣ ва завқии ӯ шуд, аз ин назар буд, ки муаррифии беҳтаре аз ин шоири миллӣ ва гаронмояи эронӣ шуда бошад.

Ҳасан ибни Ҳонии Ҳакамӣ маъруф ба «Абу Нувос» дар Аҳвоз ба дунё омад ва дар Куфа назди Абузайди Ансорӣ шогирдӣ кард. Абу Нувос аз шуарои машҳури асри Аббосиён аст, ки мақому манзалати фаровоне дар дастгоҳи Ҳорун ар-Рашид ва Амину Маъмун дошт. Дар лаҳву лааб (шӯхӣ) исроф мекард, то ҷое ки «шоир -ул-хамра» (шоири майпараст) лақаб ёфт. Дар охири умр тавба кард ва аз шаробхорӣ даст кашид ва ба тақво ва парҳезкорӣ пардохт. Девони шеъри ӯ борҳо дар Миср ба нашр расидааст. Абу Нувос дар сурудани ғазал маҳорати фаровон дошт, чунон ки дар васфи маҳбубаи худ гӯяд: «Ли-л-ҳусни фи ваҷанотиҳи…» (як байти арабӣ). Яъне: «Дар чеҳраи ӯ аз зебоӣ бадоеъе вуҷуд дорад, ки хонандаи онҳо аз гирифтани дарси ин ҳусн хаста ва малул нашавад».

Абу Нувос нақши муҳиме дар интиқоли услуб, овозҳо ва нағамоти қадими эронӣ ба араб дар давраи Аббосиён дорад. Ашъор ва ғазалиёти ӯ ривоҷи фаровоне дошта, иддаи зиёде аз ашъори ӯ ҷонибдорӣ кардаанд.

Дар «Таърихи араб»-и Ф.Ҳете омада аст: «Абу Нувос (ҳудуди 195 ҳ.қ.=810 м) нажоди эронӣ дошт ва надими Ҳорун ва Амин буд ва қитъаоти вай дар тағаззул ва васфи шароб аз беҳтарин намунаҳои шеъри ҷадид ба

шумор аст. Номи Абу Нувос то рӯзгори мо ба ҷаҳони араб муродифи ханда ва шӯхсарӣ аст. Дар ҳақиқат дар миёни шоирон касоне, ки ба эҳсосоти ошиқона таъбири фасеҳ ва алфози хушоҳанге ҳамсанги ӯ тавонанд шуд, фаровон набудаанд. Бегуфтугӯ Абу Нувос дар шеъри ғиноӣ (лирикӣ) ва хамриёт (васфи май) бузургтарин шоири ҷаҳони ислом аст. Ашъори фаровоне, ки ба васфи содда ва бода суруда, вазъи ин шоири бепарворо дар дарбори Аббосиён нишон медиҳад ва ҳам зиндагии ашрофи он асрро намудор мекунад. Ашъори Абу Нувос мавриди алоқаи касоне аст, ки ба шеъри хуб ва шароб дилбастагӣ доранд. Вай дар қитаоти тағаззулӣ ва ошиқона, ки маъмулан аз панҷ то понздаҳ байт аст, услуби нағмасароёни қадими Эронро, ки ин навъ шеърро муддатҳо пеш аз он ки арабон бо он ошно шаванд, ба камол расонида буданд, пайравӣ кардааст». Ва боз ба нақли ҳамин муаллиф аз «ал-Ағонӣ» Амин, халифаи Аббосӣ, шабе ба амаки худ Иброҳим ибни Маҳдӣ, ки ҳирфаи ӯ нағмагарӣ буд, баъзе ашъори Абу Нувосро накӯ хонда буд, 300 ҳазор динор бахшид.[224]

Абу Нувос дар сурудани тасниф ва ғазал аз Башшор пайравӣ мекард ва як наҳв адаби ҳамроҳ бо ваҷду тараб ва айшу нӯш падид овард ва чунон ки дар бораи Башшор гуфтаанд, боиси тарвиҷи фисқу гуноҳ мешуд. Шояд ин ҳам яке аз роҳҳои амали бархе аз шуубия, буд, ки дар муҳити исломӣ мункиротро, яъне корҳои ғайри шаръиро ривоҷ диҳанд – дар васфи шароб гӯяд:

*«Фа-ин қолу ҳаромун қул ҳаромун,*
*Ва лакин ал-лазозата фи-л-ҳароми».*

(«Агар гӯянд бода ҳаром аст, бигӯ ҳаром аст, вале лаззат дар ҳаром мебошад»).

Ва дар байти дигар мегӯяд: «Ало фасқини хамран…» («Аз шурби шароб дар ниҳон сероб намешавам, магар ин ки ошкоро бинӯшам»).[225]

Дар бораи асабияти эронпрастии ӯ нисбат ба эрониён Аҳмад Амин менависад: «Абу Нувос, ки дар мавриди эрониҳо мутаассиб буд,

[224] Филип Ҳетте. Таърихи араб. Ҷ.1. Табрез, 1344.– С. 384.
[225]Амин, Аҳмад. Зуҳо -ул-ислом. Ҷ.1.Қоҳира, 1954. – С.125.

Абуубайдаро бар Асмаъӣ муқаддам медошт ва мегуфт: «Абуубайдаро агар озод бигузоранд, ахбори аввалину охиринро ривоят мекунад, дар ҳоле, Асмаъӣ фақат булбули хушилҳон аст».[226] Мақсудаш ин аст, ки Асмаъиро наметавон ҷузъи табақаи донишманд ва фозил ба шумор овард. Абу Нувос бо хонадони Бармак иртибот ва ба онон муҳаббат дошт. Вай дар ҳаққи Бармакиён ва тамаддуни шукӯҳманди Сосониён дар ашъори худ борҳо ишора намудааст.

Абуисҳоқ Исмоил ибни Қосим (Абулатоҳия) шоири гаронмояи асри аввали аббосӣ дар замони Ҳорун ва Маъмун мезист ва ба зуҳду тақво ва фазлу камол машҳур буд ва назди хулафои Аббосӣ мақоме бас арҷманд дошт. Ҳамон тавр, ки Абу Нувоси танзгӯ ва бепарво, нимрухи сабуксар ва хандони дарбори аббосиро намудор мекард, ҳамасри ӯ Абулатоҳия, ки сафолгар буд, дар ашъори худ афкори зоҳидонаро, ки аз бадбинӣ ва андешҳои марбут ба фано ва марги инсон моя мегирифт, нишон медод. Бо он, ки Ҳорун солона 50,000 дирам маош бад ӯ медод, вай либоси дарвешон ба тан мекард ва зуҳдиёти худро месуруд. Абулатоҳия аз маволии эронӣ ва мунтасиб ба Анза ибни Асад ибни Рабиа буд.[227]

Дар мадҳу ғазал ва ваъз устод ва аз касоне аст, ки дар тасвияи мафоҳиму мазомини шеъри араб бисёр муассир будааст. Абулатоҳия дар Куфа нашъунамо ёфт ва аз интисоб ба қавми араб дурӣ мекард ва тарафдори эрониён буд ва ба нажоди худ мубоҳот мекард. Чунон ки аз Волиба ибни Ҳубоб (Абуусома), ки аз маволии эронӣ буд ва даъвии интисоб ба араб мекард, интиқод карда, дар борааш чунин гуфт: «А Волибу анта фи-л-араби…» (Шаш мисраъи арабӣ). Яъне: «Эй Волиба! Ту дар миёни араб монанди хурмои норас дар миёни ратаб (расида) ҳастӣ. Назди маволӣ, ки бузургвор ва асиланд, биё то дар осоиш бошӣ. Ба Худо савганд, ту ба мо шабеҳтарӣ то ба араб».[228]

[226] Амин, Аҳмад. Зуҳо -ул-ислом. Ҷ.1.Қоҳира, 1954. – С.75.
[227] -Мумтаҳан, Ҳусайналӣ. Наҳзати шуубия.-С.237.
[228] -Ҳамон ҷо.-С.238.

Дар ҳоле, ки Башшор ибни Бурд марде шӯх ва базлагӯ ва бо нишоту тарафдори зану шароб буд, Абулатоҳия марде порсо ва тарафдори тақво ва тоат буд. Ӯ дар асре мезист, ки фисқу фуҷур ва маҷолиси базм, айшу нӯш дар гӯшаву канори кишварҳои исломӣ – хоса шаҳри Бағдод – ривоҷи фаровон дошт ва хулафову вазирони аббосӣ низ дар ташкили маросими шабнишинӣ ва лаҳву лаъаб саромади дигарон буданд. Бағдод пойтахти империи ислом - дар базму ишратҳо фурӯ рафта ва аз тарафи давлат доруғае (полисе) барои зинокорон таъин шуда буд, то ашхос дар мавқеи лозимӣ ба ӯ муроҷиат кунанд ва ба мақсуди худ бирасанд.

Мардуми порсо ба бадгӯӣ ва интиқод аз авзоъ пардохтанд. Бишр ибни Ҳорис гуфт: «Бағдод барои парҳезгорон танг аст ва ҳеҷ мӯъмине набояд дар он шаҳр зист кунад». Гурӯҳе аз порсоёни ислом бадхоҳи Бағдод буданд ва иллати танаффури онҳо мушоҳадаи фисқу фуҷур ва зулму таъадӣ буд.[229] Баъзе аз онон ҳангоми зикри Бағдод ба ин шеър ишора мекарданд: «Қул ли ман азҳара…» (Се байт ба забони арабӣ). Яъне: «Бигӯ онро ки дар миёни мардум ба порсоӣ шинохта шуда ва дар шумори зоҳидон ба ҳисоб аст, канореро бигузин ва дар он ҷо ба ибодат пардоз, ки Бағдод ҷои обидон нест. Бағдод ҷойгоҳи шоҳон аст ва иқоматгоҳе аст барои қуръонхононе, ки он китобро василаи сайди мардум қарор додаанд».

Дар чунин шароит ва аҳвол буд, ки Абулатоҳия ҷониби мустамандон ва мискинон гирифт ва аз гаронӣ ва сахтии маишати Бағдод, ки бар асари хушгузарониҳо ва исрофу табзирҳои риҷоли аббосӣ ба вуҷуд омада буд, сахт интиқод кард ва чунин гуфт: «Ман мублағун анний…» (Даҳ мисраъ ба забони арабӣ). Яъне: «Кист, ки андарзҳои паёпаи маро ба халифа бирасонад? Қиматҳоро бисёр гарон ва касбҳоро каму кост ва ниёзмандиҳоро ҳамагир ва фаровон мебинам. Ғамҳои

[229] Мумтаҳан, Ҳусайналӣ. Наҳзати шуубия.-С.237

рӯзгор субҳу шом мерасанд ва ятимону бевазанон дар хонаҳои тиҳӣ ба сар мебаранд».[230]

Ба сабаби интиқодҳои шадид Абулатоҳия аз фасоди дарбори аббосӣ ва беадолатиҳое, ки нисбат ба мардум мешуд, Ҳорун ӯро ба зиндон афканд ва касеро маъмур кард, то гуфтор ва кирдори ӯро зери назар бигирад ва ба халифа гузориш кунад. Рӯзе ба Ҳорун иттилоъ дода шуд, ки ашъоре рӯи девори зиндон нигошта, ки тарҷумааш чунин аст: «Ба Худо савганд, ситамгарӣ зишт аст ва ситамгар ҳамеша сарзаниш мешавад. Ба зудӣ назди Кирдугор хоҳем рафт ва он ҷо додрасӣ мешавад». Ҳорун бисёр гирист ва ӯро бо бисёр эҳсони фаровон озод кард. Абулатоҳия марде ошкорбаён ва беперво ва дар ақоиди худ устувор ва побарҷо буд. Бо тазоҳур ва тамаллуқ, ки шеваи маъмули он аср буд, сахт мухолифат мекард ва шояд ба иллати ҳамин сифот буд, ки ӯро аз  боби тамасхур ё кинтӯзӣ «Абулатоҳия» (камақл) куния (лақаб) доданд. Ҷурҷӣ Зайдон менависад: «Мавқеъе Ҳорун хони пурнеъмате густурда, базми бошукӯҳе фароҳам карда буд, Абулатоҳияро ҳозир кард, то дар васфи он маҷлис шеъре бигӯяд. Абулатоҳия байте чанд суруд, ки тарҷумааш чунин аст: «Акнун бо парирӯён дар коххои ороста хуш бош, вале он ҳангом, ки ҷон ба синаат расад, хоҳӣ донист, ки худписанд будаӣ». Ҳорун аз шунидани он гирист. Фазл ибни Яҳёи Бармакӣ шоирро мавриди итоб қарор дод, ки чаро дар чунин маҷлисе бадингуна сухан гуфтӣ ва хотири халифаро мукаддар сохтӣ? Ҳорун гуфт: «Абулатоҳияро вогузоред, ӯ маро дар курӣ дид ва дилаш наёмад, ки гумроҳии ман афзун шавад».[231]

Ҳиндушоҳ ин матлабро чунин менависад: «Ҳорун бинои азим месохт ва чун тамом шуд, бифармуд то фаршу зарфҳо биёварданд ва он хона биоростанд ва таъоми муносиб тартиб карданд, он гоҳ бори ом бифармуд ва Абулатоҳияи шоирро талабид. Ӯ бо ҷамъе даромаданд. Рашидро чун чашм бар ӯ афтод, гуфт: «Эй Абулатоҳия! Шеъре иншо кун,

---

[230] Амин, Аҳмад. Зуҳо-ул-ислом. Ҷ.1.-С.133.
[231] Зайдон,  Ҷурҷӣ. Таърихи тамаддуни ислом. Ҷ.2. Миср, 1939.-С.96-97.

ки муштамил бошад, бар васфи ҳоли мо». Гуфт: (Шеърест ба арабӣ ва иборат аз ҳашт мисраъ ба маънои зер): «Дар паноҳи кохҳои рафеъ он тавр, ки дилхоҳи туст, бо саломатӣ зиндагӣ кун!» Рашид гуфт: «Аҳсанта! Байти баъд аз ин чист?» Абулатоҳия: «Дар ҳоле, ки аз бомдод то шом он чи бихоҳӣ барои ту фароҳам мекунанд». Рашид гуфт: «Некуст, дигар чӣ?» Гуфт: «Аммо дар дамҳои вопасини зиндагӣ, ки нафасҳо ба шумора меафтанд, дар он ҳангом яқин хоҳӣ кард, ки ту ғарқ дар ғурур ва фиреб будаӣ!». Рашид бигирист. Фазли Рабеъ ба Абулатоҳия гуфт. «Амир ал-мӯъминин туро хондааст, то сухане гӯӣ, ки аз он хуррам шавад, ту чизе мегӯӣ, ки Амир-ул-мӯъминин ғамнок гардад»! Ҳорун гуфт: «Бар ӯ эътироз макун, дидаи басирати моро дар нобиноӣ мебинад, намехоҳад ғаме бияфзояд».[232]

Абулатоҳия, чунон ки гуфта шуд, ба зуҳду порсоӣ машҳур буд. Арабҳо ӯро ба воситаи абёти зайл ба зандақа муттаҳам карданд, дар ҳоле ки намехостанд бидонанд, ки миёни тоату зуҳд бо зандақа ва куфр муносибате нест. (Чаҳор мисраи арабӣ ба ин маъно): «Гӯйи Атоба (номи маъшуқа) аз зебоӣ, арӯсаки тарсоест, ки дил аз кашиши рӯҳонӣ бурдааст. Парвардигоро! Агар бо он чи дар биҳишт аст, ӯро аз ёди ман бубарӣ, ман фаромӯшаш нахоҳам кард».

Абулфараҷи Исфаҳонӣ менависад: «Чун Абулатоҳия дар ашъори худ аз марг ёд мекард, бидуни ин ки аз биҳишту ҷаҳаннам номе барад, аз ин рӯ ба зандақа муттаҳам шуд».[233]

Обон ибни Абдулҳамид ибни Лоҳиқ ибни Уфайр ( дар «Феҳраст»-и Ибни Надим: Абдулҳумайд) аслан эронинажод ва аз шоирони қарни дувуми ҳиҷрӣ ба шумор меравад. Ӯ аз маддоҳони хонадони Бармак буд ва ба ин хонадон меҳр меварзид ва ашъори бисёре дар маноқиби Бармакиён ва асолати шарафу насаби онон бисуруд. Ӯ нахустин касе буд, ки китоби «Калила ва Димна»-ро аз паҳлавӣ ба назми арабӣ даровард. Гӯянд Яҳё ибни Холиди Бармакӣ майл дошт «Калила»-ро ҳифз кунад,

---

[232] Ибни Тиқтақӣ. Таҷоруб-ус-салаф.-С.136.
[233] Исфаҳонӣ, Абулфараҷ. Ал-Ағонӣ. Ҷ.3.Миср, 1285. – С.151.

вале ин кор барои ӯ душвор буд. Обони Лоҳиқӣ онро манзум сохт, ки ҳифзи он барои Яҳё осон гардад. Баъзе навиштаанд, ки ин амрро ӯ бо амри Яҳё барои писари ӯ ба назм даровард, Яҳё бениҳоят моил буд, ки фарзандаш Ҷаъфар он китобро ҳифз кунад. Нусхаи манзуми Обони Лоҳиқӣ аз миён рафтааст, вале маъдуде аз ашъори он дар даст аст, ки дар Миср ба чоп расидааст.

Обон гузашта аз «Калила ва Димна» китобҳои зиёде аз паҳлавӣ ба назми арабӣ даровардааст, монанди китоби «Сирати Ардашер» ва «Сирати Анушервон» ва китоби «Блуҳар ва Будосф» ва китоби «Синдбод». Ӯ шеъри бисёр дошт ва бештари ашъораш муздавиҷ (маснавӣ) ва мусаммат буд.

Аз хусусиёти қарни савуми ҳиҷрӣ (IX м.) он аст, ки шуарои шуубӣ дар ин аср фузунӣ ёфтанд ва махсусан чанд тан пайдо шуданд, ки саромади гӯяндагони арабизабон буданд ва мароми шуубияро бо садои баланд таблиғ мекарданд ва дар таҳқири шаъни араб ва тафохур ба насабу иззати эрониён мекӯшиданд ва ашъори бисёре дар ин қарн Абдуссалом ибни Рағбон аз шуубиёни шиаи Шом маъруф ба Дик -ул-ҷин аст, ки ғолибан муқими шаҳри Ҳимс буд ва дар миёни шоирони қарни савум бад-ин ҷиҳат имтиёз дошт, ки барои касби мол мадҳи хулафо ва умаро намегуфт ва ҳар чӣ дар марсияи аҳли байти Расули акрам (с) ва дар мафохири эрониён месуруд, аз рӯи имон ва ақидаи қалбӣ буд, на барои хушомади ину он. Аз ҷумла асари муҳими ӯ «ал-Мароси фи мақтал -ил-Ҳусайн» аст, ки ақида ва имони росихи ӯро нисбат ба мабонии ислом ва мазҳаби шиа нишон медиҳад. Дик -ул-ҷин дунболаи маслаки Башшор ибни Бурдро гирифт, ҳамчунон ки Башшор дунболаи маслаки шуубии Исмоил ибни Ясорро гирифта буд ва ҳамон тавр ки Башшор пешвои наҳзати адабии шуубия дар қарни дуввуми ҳиҷрӣ буд, Дик -ул-ҷин дар қарни саввум пешвои ин фикр ба шумор мерафт. Абулфараҷи Исфаҳонӣ дар бораи ӯ менависад: «Ӯ дар зиддият бо араб сахт мутаассиб буд ва ҳамеша нисбат ба онҳо дар ашъори худ носазо мегуфт». Ӯ чунин талқин мекунад: «Арабҳо нисбат ба мо ҳеҷ фазилат ва бартарӣ надоранд, мо ва онҳо аз насли Иброҳим ҳастем, онҳо

агар ба ислом меболанд, мо ҳам мусулмон ҳастем, балки дар ислом росихтарем. Худо ҳам онҳоро бар мо тарҷеҳ надода аст, чи ҳар ки аз онҳо як нафар аз моро бикушад, ӯро ба қасос мекушанд».[234]

Яке дигар аз шоирони машҳури тозигӯи эронии қарни саввуми ҳиҷрӣ, ки мансуб ба шуубия буд, Абуяъқуб Исҳоқ ибни Ҳассон ибни Қавсӣ Хураймии Суғдӣ аст, ки дар асри Ҳорун ар-Рашид ва Маъмун мезист. Ӯ дар ашъор ва осораш ба насаби эронии худ муҳоботи бисёре мекард ва арабро ҳақир мешумурд, чунон ки барои шиносондан ва муаррифии худ чунин мегӯяд: «Ман марде аз бузургони Суғдам ва рагу пӯстам аз нажоди поки эронӣ аст».[235]

Ибни Қутайбаи Динаварӣ шарҳи ҳоли ӯро навишта, аз ҷумла даҳ мисраъ шеъри арабии ӯро меорад, ки мазмунаш чунин аст: «Оё Суғд айбе дорад, ки арабон аз рӯи нодонӣ ва сафоҳат маро сарзаниш мекунанд. Болотарин мояи муфохарат диндорӣ ва хирадмандӣ аст, на чизи дигар. Мардум дар зиндагонӣ бо якдигар баробаранд ва пас аз марг низ гӯре бар гӯри дигар фазилат надорад. Ман аз ин ки қабоили араб (Яҳобир, Ҷарм ва Уқл) маро аз худ намедонанд, боке надорам. Агар иззату азамати деринро ба василаи иззат ва азамати ҷадид нигоҳ надорӣ, азамати дерин ба кори ту нахоҳад омад. Яъне агар хулафо ва ворисон худ ботинан дорои азамат ва бузургворӣ набошанд, болидани онон ба гузаштагон бенатиҷа аст».

Низ дар бораи ҳасабу насаб ва бузургвории ниёгони худ гӯяд: «Нодайту мин Марвин ва Балхин…» (Чаҳордаҳ мисраъ ба забони арабӣ). Ва хулосаи он абёт чунин аст: «Саворони асилу наҷиброро аз Марву Балх хабар додам. Ҷои таассуф аст, ки сарзамини ёрон ва хешонам наздик нест, вагарна бар теъдоди ёрон ва вобастагонам афзуда мешуд ва мӯҷиби хушвақтии ман буд. Ман аз насли Сосон ва Кисро зодаи Ҳурмуз ҳастам ва кош медонистӣ, ки Хоқон ҳам хеши ман аст. Пеш аз ислом молик -ур-рикоби (сарвари) дунё будем ва ҳамагӣ фармони моро гардан ниҳоданд

---

[234] -Маҷаллаи «Меҳр», соли дуввум. Теҳрон, 1313 ҳ.ш.-С.160.Мақолаи Ҷалолуддини Ҳумоӣ.
[235] -Ибни Қутайба. Аш-Шеър ва-ш-шуаро. Қоҳира, 1364-1369 ҳ.-С.542.

ва мутеъу мунқоди (фармонбардори) мо шуданд. Мо шумо, арабонро азоб медодем ва ҳар гуна ки мехостем, бар шумо фармонравоӣ доштем. Аммо чун оини ислом падидор шуд ва дилҳо барои пазируфтани он кеш омода гардид, мо пайрави пайғамбари худо шудем ва гурӯҳе фаровон падидор шуд ва чандон мардумони мо бисёр шуданд, ки гӯё осмон ба ҷои борон, марди мусулмон борид».[236]

Хураймӣ дар дастгоҳи Оли Бармак нуфузи фаровон ва эҳтироми бисёр дошт ва аз базлаву бахшишҳои он хонадон баҳраманд мешуд. Аз муаллафоти ӯст «Қасидатун фи таърихи Бағдод». (Қасидае андар таърихи Бағдод).

Абуисҳоқ Иброҳим ибни Мамшоди Исфаҳонӣ (Мутаваккилӣ) аз мардуми Ҷайи Исфаҳон буд, ки муддате симати дабирии халифа ал-Мутаваккили Аббосиро бар ӯҳда дошт ва аз надимони ӯ ба шумор меомад. Дар китобати арабӣ дар аҳди худ беназир ва дар фасоҳат мавриди масал будааст. Мутаваккилӣ баъд аз марги халифа аз мусоҳабати фарзанди ӯ канора гирифт ва ба Яъқуб Лайси Саффор пайваст. Баъзе гуфтаанд, ки дар айёми ал-Мӯътамид ба унвони рисолат назди Яъқуб рафт ва Яъқуби Лайс ӯро назди худ нигоҳ дошт. Бинобар ривояти машҳур Мутаваккилӣ аз ҷониби Яъқуб қитъаи зайлро, ки дар бораи ифтихор ба нажод ва нисбати эронӣ ва таҳқири араб буд, барои халифа фиристод, ки як байташ ин аст:

*«Ано ибну-л-акорими мин насли Ҷамин,*
*Ва ҳоизу ирси мулуки-л-Аҷами…»*

(Ин қитъаи шеърӣ арабӣ дорои ҳаждаҳ мисраъ буда, тарҷимаи таҳтуллафзии он ба забони имрӯзаи тоҷикӣ чунин аст: «Ман зодаи бузургон аз дудмони Ҷаму вориси тахту тоҷи Аҷамам. Ман зиндакунандаи он иззатам, ки аз даст рафта ва рӯзгори куҳан осори онро аз миён бурдааст. Ман ошкоро кинахоҳи онҳо ҳастам ва толиби интиқомам. Агар ҳар кас аз ҳаққи онон бигузарад, ман нахоҳам гузашт.

236 -Мумтаҳан, Ҳусайналӣ. Наҳзати шуубия.-С.246.

Дирафши Ковиён ҳамроҳи ман аст, ки бо он бар ҳамаи миллатҳо умеди сарварӣ дорам. Ба Бани Ҳошим[237] бигӯ: «Пеш аз он ки пушаймон шавед ба истеъфои худ иқдом кунед. Зери найзаву шамшери мо буд, ки шуморо ба давлат расонид, падарони мо шуморо соҳиби давлат ва салтанат карданд, шумо поси хидмати онҳоро нигоҳ надоштед ва шукри неъмат ба ҷой наёвардед.  Аз ин пас ба Ҳиҷоз сарзамини аслии худ баргардед ва ба хурдани сусмор ва чарондани гӯсфанд бипардозед, ба зудӣ ба зӯри теғ ва нӯги хома бар тахти подшоҳон хоҳам нишаст».[238]

Наҳзати шуубия, чунон ки баён шуд, то поёни асри Аббосӣ 227/ 842 бо ниҳояти шиддат ва шур идома дошт. Аз аҳди халифа ал-Мӯътасим ба баъд зиддият бо араб, ки асоси ақоиди шуубия буд, тарафдорони бисёр дошт ва туркон низ дар тарафдорӣ ба ақоиди шуубия дасти каме аз эрониён надоштанд. Ҳангоме ки эрониён ба мақсуди аслии худ, ки ба даст овардани қудрат ва шикастани ҳукумати араб буд, нисбатан тавфиқ ёфтанд, сару садои зиддият бо араб ва ҷунбиши озодихоҳон аз авохири қарни саввуми ҳиҷрӣ (IX мелодӣ) бо тадриҷ шиддати худро аз даст дод, лекин ба куллӣ аз миён нарафт, чунон ки дар қарни панҷуми ҳиҷрӣ боз Абулҳасан Меҳёр ибни Марзуяи Дайламиро мебинем, ки бо вуҷуде ки василаи Сайиди Разӣ (Абулҳасан Муҳаммад ал-Мусавӣ – гирдоварандаи «Наҳҷ -ул-балоға») дар соли 394 /1004 ислом овард ва аз дини Зардушт даст кашид, асабияти эронии худро аз даст надод ва тафохур ба аслу насаби худ намуд ва гуфт: «Қуми иставлу ала-д-даҳри…» Ин даҳ мисраъ ба забони арабӣ чунин мазмун доранд: «Тоифаи ман аз оғоз бар даҳр ғолиб  омаданд ва гом бар сари қарнҳо мениҳоданд. Сари онон аз ифтихор ба Хуршед мерасид ва хонаҳояшон дар баландии шахобҳо бино мешуд. Тоқи падарам Кисро сар бар фалак афроштааст. Куҷост дар миёни мардум падаре монанди падари ман? Ман бузургвориро аз падар

---

[237] Мақсуд Оли Аббос ва хулафои Бани Аббос аст, чунон, ки сипас мегӯяд, падарони мо шуморо ба давлат расониданд, ки ишора аст ба инқирози Бани Умайя  ва рӯи кор омадани Бани Аббос, ки аз ҷумлаи авомили муассири он икдомоти Абумуслими Хуросонӣ буд.

[238] Ҳамавӣ, Ёқут. Мӯъҷам -ул- удабо. Ҷ. 1. – С. 323. Ба нақл аз Мумтаҳан. Ҳусайналӣ. Наҳзати шуубия. - С. 246-247.

ба даст овардаам ва динро аз беҳтарин пайёмбар гирифтам ва ифтихорро аз ҷонибҳои мухталифи он гирд овардам: сиёдати форсҳо ва дини араб».

## §2. Олимон ва адибони машҳури шуубӣ

Дар авоили қарни IX дар ҳавзаи ислом се нафар ба луғатдонӣ ва шеъру улуми араб машҳур буданд ва бештари осоре, ки феълан дар даст аст, аз онҳо ривоят шудааст. Илова бар ин осори онҳо манбаъи иттилоот ва сарчашмаи ривоёти адабӣ ва таърихии он аср ба шумор мерафтанд. Бино бар навиштаи «ал-Музҳар» ин се тан иборат буданд аз Абуубайда Муаммар ибни Мусанно (Абуубайдаи Ровия), Асмаъӣ ва Абузайди Ансорӣ. Абузайд бештар ба ҳифзи наводири луғот ва алфози мушкил ва таҳқиқ дар илми наҳв шӯҳрат дошт ва камтар дар маъракаи кашмакаш миёни шуубия ва араб дохил мешуд. Вале Абуубайда ва Асмаъӣ бо якдигар мухолифати сахти маслакӣ доштанд ва дар шӯҳрат ва тафаввуқи илмӣ бо ҳам рақобат мекарданд. Абуубайда бузургтарин намунаи шуубӣ ва Асмаъӣ болотарин мазҳари ҳизби арабӣ буд. Абуубайда аз маволии эронинажод ва аслан яҳудӣ буд.[239] Ӯ ба соли 110 ё 114 ҳиҷрӣ дар Басра ба дунё омад ва назди уламои маъруфи он замон чун Абуамр ибн -ул-Ало ва Юнус ибни Ҳабиб шогирдӣ кард. Фазл ибни Рабиъ ӯро аз Басра ба Бағдод хост. Аз ин пас, рӯз ба рӯз бар шӯҳрат ва эътибори Абуубайда афзуда шуд. Касоне ки мехостанд афкори Абуубайда ва ақоиди шуубияро ривоҷ диҳанд, ба ҳар васила ки метавонистанд, аз ӯ тарафдорӣ ва ҳимоят мекарданд ва Асмаъиро, ки рафиқи Абуубайда ва аз тарафдорони мутаассиби араб буд, таҳқир мекарданд. Исҳоқ ибни Иброҳими Мавсилӣ, мусиқидони машҳури эронинажоди асри аббосӣ ба Фазл ибни Рабиъ чунин гуфт: «Хираду дониш махсусан назди Абуубайда аст ва ту агар илму дониш мехоҳӣ, ӯро бар Асмаъӣ афзалтар шумор ва бузина зодаи бузинаро (мақсуд Асмаъӣ аст) тарк гӯй». Абулфараҷи Исфаҳонӣ навиштааст: «Исҳоқи Мавсилӣ айбҳои Асмаъиро барои Ҳорун баён кард ва ӯро пасту хор ва бахилу бадхӯ хонд ва гуфт: ӯ қадри эҳсони халифаро намедонад. Он гоҳ

[239] Браун, Эдуард. Таърихи адабии Эрон. Ҷ.1. Теҳрон, 1335 ҳ.ш.-С.405.

Абуубайдаро ба фузунии илму сидқи ривоят ва ростӣ ва караму сахо ва гузашт васф кард. Ҳамчунин назди Фазл ибни Рабиъ барои дур кардани Асмаъӣ ва наздик намудани Абуубайда кӯшид ва чунон гуфт, то он ки Асмаъиро аз эътибор ва эҳтиром андохт ва ӯро аз мартабаи худ соқит кард».[240]

Қаблан мутазаккир шудем, ки Абу Нувос низ барои таҷлил аз Абуубайда ҷониби ӯро мегирифт ва бар Асмаъӣ муқаддамаш медошт ва мегуфт: «Абуубайдаро агар озод бигзоранд, ахбори аввалину охиринро ривоят мекунад, дар ҳоле, ки Асмаъӣ фақат булбуле хушилҳон аст». Мақсудаш ин буд, ки илму дониш дар шаъни Асмаъӣ нест, балки ӯро дар шумори хонандагони хушлаҳҷа бояд маҳсуб кард. Абуубайда дар фununи адаб ва таърих муддатҳо ранҷ бурда ва дониши комиле ба даст оварда буд ва ҳар чӣ мегуфт, аз рӯи таҳқиқ ва баррасии комил буд. Аз ин рӯ мардум бештар дар нақлу ривоёти адабӣ ва таърихӣ ва одобу русуми гузаштагон, эътимод ба ақволу ривоёти ӯ доштанд. Эдвард Браун менависад: «Гольдциер шарҳи муфассале дар бораи яке аз бузургтарин донишмандони эрондӯст маъруф ба Абуубайда Муаммар ибн -ул-Мусанно ихтисос дода аст. Ин шахс, ки донотарини уламои забоншиносӣ ва фиқҳи луғат ба шумор мерафт ва аз номдорони шуубия буд, ҳамеша ба тазаккури ин маънӣ шавқу рағбате дошт, ки ҳатто он чиро араб бештар махсуси қавми худ ва аз ибтикороти хоси худ медонист ва бад-он ҷиҳат азиз ва гиромӣ мешумурд, дар воқеъ ҳамон низ то чи ҳад вобастаи қавмҳо ва соири миллатҳо будааст. Ин шахс, масалан, нишон додааст, то чӣ андоза шеъри арабу илми маънӣ ва баёни араб, ба тақлиди форсӣ аст ва маълум кардааст, кадом достони арабӣ аз манобеъи форсӣ гирифта шуда ва ҳоказо…[241]

Мутолаа ва баррасӣ дар таърих ва тамаддуни миллатҳои қадим, махсусан эрониён ин ақидаро дар Абуубайда эҷод карда буд, ки натанҳо араб бар соири ақвом бартарӣ ва фазилат надорад, балки аз ҳамаи

---

[240] Исфаҳони, Абулфараҷ. Ал-Ағонӣ. Ҷ.5. Миср, 1285 ҳ.-С.107.
[241] Браун, Эдуард. Таърихи адабии Эрон. Ҷ.1. – С.390.

миллатҳо ва тавоифи башар пасттар ва фурӯмоятар аст! Дар натиҷа ҳар ҷо аз масолиб (нуқсонҳо) ва матоъини (айбҳои) араб мавзӯе ба даст меовард, мунташир мекард ва гоҳе ҳам бино ва таассуби маслакӣ шоху баргҳое ба он меафзуд ва дар баъзе мавқеъҳо оёти Қуръонро мутобиқи ақида ва назорати хеш тафсир мекард. Аз ин ҷиҳат Асмаъӣ нисбат ба баъзе аз аҳвол ва ривоёташ интиқод мекард ва мехост гуфтаҳои ӯро аз эътибор бияндозад, лекин нуфузи мусаллами илмии Абуубайда, маҷоле барои пешрафти суханони Асмаъӣ намегузошт. Асмаъӣ гарчи ҳофизаи қавӣ, баёне ширин ва лаҳҷаи хуш дошт, вале дар заминаи улум ва адабиёт хосса таърих ва ривоят ба пои Абуубайда намерасид, чунон ки Ҷоҳиз менависад: «Дар рӯи замин ҳеҷ кас хоҳ аз хориҷӣ ва хоҳ аз иҷмоӣ (ду фирқа аз мусулмонон) дар ҷамъу иҳота ба улум, монанди Абуубайда нест».[242] Ибни Халликон менависад: «Абуубайда арабҳоро хуш намедошт ва аз ин ҷинс мутанаффир буд ва китобҳо дар масолибу нуқсонҳои онон навишт».[243]

Баъзе аз удабо ва наққодон дар мақоми муқоисаи Абуубайда ва муосиронаш гуфтаанд: «Абуубайда аҷмаъ (ҷомеътар) ва Асмаъӣ аҳфаз (пурҳофизатар) ва Абузайд авсақ (боварбахштар) будааст».[244] Абузайди Ансорӣ чун дар саҳнаи сиёсат ва таассуб дохил набуд ва назари рақобат ва ҳамчашмӣ надошт, камтар гирди ҷаъли ривоёт (ривоятбофӣ) ва ихтилоқи ҳикоёт (ҳикоятбофӣ) мегардид ва аз ин ҷиҳат вайро бештар мавриди эътимод ва вусуқ (боварӣ) қарор доданд. Аз осори Абуубайда китоби «Фазоил -ул-фурс» ва китоби «Ахбор -ул-фурс» дар бораи подшоҳони бостонии Эрон баҳс мекунад ва аз одобу русум, ободиҳо, пулҳо, шаҳрҳо, коҳҳо ва соири навгониҳои қадими Эрон сухан мегӯяд. Ва таърихи ҳар кадом аз силсилаҳои бостонии Эрон, марзбонон ва шаҳриёронро бо имтиёзот ва ситоиши фаровон нақл мекунад. Дигар китоби «Лусус -ул-араб» («Дуздони араб» ва китоби «Адъиё -ул-араб» («Ҳаромзодагони араб» аст, ки дар он ду китоб аз зиштиҳо ва бадиҳои

[242] Ибни Халликон. Вафаёт -ул-аъён. Ҷ.2.Қоҳира, 1367 ҳ.– С.155.
[243] Ҳамон ҷо.-С.155.
[244] Маҷаллаи «Меҳр» соли сеюм. – Теҳрон, 1937. –С.156.

тозиён сухан мегӯяд ва ё тавассути нақлу ривоёт ва ҳикоёту ҳадис арабҳоро фурумоя ва паст муаррифӣ мекунад.[245]

Ибни Надим муаллафоти Абуубайдаро болиғ бар як саду чаҳор китоб медонад, ки муҳимтарини онҳо дар навоқис ва зиштиҳои арабҳо буда, чунинанд: «Ғариб бутун -ул-араб» («Расвоиҳои қабилаҳои араб»), «Фазоил -ул-фурс» (Фазилатҳои форсҳо), «ал-Ҳумс мин Қурайш» («Бахилони қабилаи Қурайш»), «Лусус -ул-араб» («Дуздони араб»), «Адъиё ал-араб» («Ҳаромзодагони араб»), «ал-Масолиб» («Зиштиҳои араб»), «Китоб -ул-маволӣ» («Бандагони ғайриараб»).

Мутаассифона, ҳеҷ як аз китобҳои мазкур дар даст нест. Ба таври хулоса Абуубайда аз пешвоёни бузурги илмӣ ва адабии шуубия дар авоили қарни саввуми ҳиҷрӣ буд ва нашри афкор ва ақоиди ӯ ва соири муаллафоти шуубия мӯҷиби он шуд, ки тарафдорони шуубия монанди қибтҳо ва набатиҳо, туркон ва махсусан эрониён гирди ҳам оянд ва муборизоти доманадоре бар зидди араб ва ҳокимияти хулафои араб ба вуҷуд оваранд. То ҷое ки дар авоили асри IX мелодӣ сафороии арабу аҷам падидор шуд ва ҳизби шуубӣ дар баробари ҳизби арабӣ қарор гирифт. Ва ин худ таъсири иҷтимоии муҳиме илова бар асароти сиёсӣ ба вуҷуд овард ва тафриқа, пароқандагӣ ва нобасомонии аҷибе миёни сокинони мамолики исломӣ ба зуҳур расид, ки дар ҷои худ аз он баҳс хоҳем кард. Маъруф аст, ки Абуубайда ба дасти яке аз арабҳо ба василаи хурмое, ки заҳролуд шуда буд ва ӯ хӯрд, аз миён бирафт. Абуубайда ҳарчанд ки зидди араб ва нисбат ба Эрон ва эрониён муттаасиб ва фидокор буд, бо вуҷуди ин имону алоқаи шадиде ба дини ислом дошт ва масъалаи дини исломро аз араб ҷудо карда буд, чунон ки китоби «Эъҷоз -ул-Қуръон»-ро илова бар муаллафоте, ки зикр кардем, таълиф кард. Ӯ бад-ин васила дилбастагии худро ба дин собиту ошкор сохт. Яке аз шогирдони мактаби ӯ шоири маъруф Абу Нувос будааст. Гӯянд, ки чун реҳлат кард, ҷанозаи ӯро ягон кас пайравӣ накард, зеро

[245] Масъудӣ. Муруҷ-уз-заҳаб. Миср, 1304 ҳ. Ҷ.1. –С.156.

мавриди буғзу кинаи арабҳо буд. Ё ба ин далел, ки камтар инсони мӯҳтараму шарифе аз бадзабонии ӯ солим монда буд. Вале бояд гуфт, ки дурустии ин матлаб ҷои шубҳа аст, зеро агарчи Абуубайда душманони зиёде миёни араб дошт, вале аз он тараф эрониён, умуман ва шуубиён хусусан, нисбат бад-ӯ эҳтироми зиёде мекарданд ва касе, ки аз назари донишу камол ва таассуби миллӣ тарафдори зиёде дошта, наметавон бовар кард, ки дар дафну ҷанозаи ӯ касе ширкат накарда бошад, магар гуфта шавад, ки дар маросими ҷанозаи ӯ касе аз араб ширкат накарда буд.

Ҳайсам ибни Адий аз уламои машҳури ривояту ҳадис аст, ки дар асри аввали аббосӣ зиндагӣ мекард ва бо чанд нафар аз он хулафо (Абу Ҷаъфари Мансур, Маҳдӣ, Ҳодӣ ва Ҳорун) мусоҳиб ва муошир буд. Ӯ чанд китоб дар матоини (танқиди) араб таълиф кард, ки аз ҷумла: «Китоб -ул-масолиб ас-сағир ва масолиб -ул-кабир», «Масолиб -ур-Рабиа», «Асмо бағоё Қурайши ал-ҷоҳилия» («Номҳои фоҳишаҳои қабилаи Қурайш дар давраи пеш аз ислом ва номи фарзандони онҳо») ва китоби «Ғуломоне, ки ба занҳои араб издивоҷ карданд» машҳур аст, аз ҷумлаи онҳост.[246]

Абуусмон Саид ибни Ҳамиди Бахтагон аз нуҷабо ва ашрофзодагони эронӣ ва аз тарафдорони бузурги шуубия буд. Ӯ нависандаи тавоно ва шоире забардаст буда, ки эҳсосот ва таассуби шадиди зиддиарабӣ дошт. Аз осори муҳими ӯ китоби «Фазл -ул-Аҷам ала-л-Араб» («Бартарии Ачамиён бар Арабҳо») ва китоби «Интисоф -ул-Аҷам мин-ал-Араб»(«Интиқоми Аҷамиён аз Арабҳо») аст.[247] Дигар аз бузургони арҷманди уламои шуубия Саҳл ибни Ҳоруни Дашти Мишонӣ аст, ки муосири Маъмуни Аббосӣ ва мутаваллии «Байт -ул-ҳикма» будааст. Хулафои Аббосӣ дар даврае, ки ба тарҷума ва нақли улум пардохтанд, табъан ба таъсиси китобхонаи умумӣ ҳиммат гумоштанд ва нахустин

---

[246] Ибни Надим. Китоб -ул-Фехраст. – С.99-100.
[247] Амин, Аҳмад. Зуҳо -ул-ислом. Ҷ.1. – С.69.

китобхонаро дар Бағдод дар маркази илмии Ибни Маъмун, «Байт -ул-ҳикма» таъсис намуданд.

Тарҷумаҳои арабии кутуби тиббӣ ва илмӣ ва таълифоти исломиро Саҳл ибни Ҳорун дар он ҷо ҷамъ кард ва Яҳё ибни Холиди Бармакӣ аз Ҳинд китобҳое оварда, ба он афзуд. Баъди тасарруфи Ҳорун Анқара ва дигар шаҳрҳои Осиёи Сағир миқдори зиёди китоб аз нуқоти мухталифи ин навоҳӣ ба «Байт -ул-ҳикма» фиристода шуд. Дар замони Маъмун, ки «дор-ут-тарҷимаҳои» зиёд доир шуд, китобҳои юнонӣ, сурёнӣ, форсӣ, ҳиндӣ, қибтӣ бар китобҳои арабии «Байт -ул-ҳикма» афзуда шуданд. Мардум алоқаи Маъмунро ба китоб дониста, китобҳои рангоранг ва мухталиф ба «Байт -ул-ҳикма» тақдим доштанд, агарчи порае аз ин китобҳо арзиши илмӣ надошт. Дар «Байт -ул-ҳикма» шӯъбаи махсусе барои тарҷума, нусхабардории китоб ва таълиф вуҷуд дошт ва иддае дар гӯшае менишастанд ва барои худ ё барои дигарон китоб нусхабардорӣ мекарданд. Дастаи дигар машғули мутолаа ё тарҷума мешуданд. Аллони шуубӣ ва Муҳаммад ибни Мусои Хоразмӣ, ҳамроҳи дигар олимони табиатшинос ба мисли Яҳё ибни Абумансури Мавсилӣ ва ибни Мускавейҳ ва Бани Шокир дар «Байт -ул-ҳикма» тадқиқоти илмӣ мебурданд. «Байт -ул-ҳикма» маркази бузурги илмие буд, ки бо ташаббуси Ҳорун-ар-Рашид ва Ибни Маъмун ташкил карда шуд ва аввалин сарвари он Ҷирҷисро халифа Маъфун аз маркази илмии «Ҷунди Шопур»-и Эрон оварда буд. Аксари дигар олимони ин марказ низ эрониуласл буданд ва он аксаран ба василаи эрониён идора мешуд. «Байт -ул-ҳикма»-и Бағдод аз назари бисёрии кутуб дар дунёи он рӯз машҳури офоқ буда ва болиғ бар 4 000000 (чаҳор миллион) китоб дошта аст.

Ибни Надим дар бораи Саҳл ибни Ҳорун менависад: «Ӯ ҳаким, балиғ, шоири эронинажод ва шуубимаслак ва сахт зиддиараб буд. Дар мазамат ва айбҳои арабҳо чандин китоб таълиф кард».[248] Саҳл ибни Ҳорун рисолае дар бораи бухлу бахилон ба номи «ал-Бухало» навиштааст. Ва эҳтимол меравад, ки мақсуди ӯ аз таърифи бухл таассуб ба нафъи шуубия

[248] Ибни Надим. Ал-Феҳрист. Миср. 1348. – С.120.

буда, зеро арабҳо карам ва сахоро мояи ифтихор ва мадҳи худ дониста ва бузургтарин фазилати худ мешумурданд, таҳқиқ ва баррасии ин мавзӯъ будааст. Дигар аз осори ӯ китобе бо номи «Саъла ва Афроъ» аст, ки ба сабки китоби «Калила ва Димна» нигориш ёфтааст. Соҳиби «Зуҳр -ул-одоб» абёти зайлро аз Саҳл ибни Ҳорун нақл мекунад, ки миёни хонаҳои миҳани худ дар Мишон ва хонаҳои арабӣ муқоисае ба миён оварда ва ба эронӣ будани худ тафохур карда аст: «Аҷъалта байтан фавқа…»(Чаҳор мисраъ ба арабӣ), ки чунин мазмун дорад: «Оё кохе баландмартабаро, ки сар ба ахтарон кашид ва монанди ситора аст, бо чодараке пашмин, ки дар миёни биёбони хушк қарор гирифта ва дар миёнааш ҳашарот ва ҳайвонот вуҷуд доранд, яке ва баробар қарор медиҳӣ?»[249]

Саҳл ибни Ҳорун, монанди бузургони шуубия ба хонадони Бармак эҳтиром мекард. Ӯ дар васфи Яҳё ибни Холид ва писараш Ҷаъфар гӯяд: «Агар сухан дурру гавҳар буд, ё агар мумкин буда аз сухан лаълу гавҳар сохт, каломи он ду бузургворро метавон дурру гавҳар хонд». Ва сабаб он буд, ки Яҳё ибни Холид барои ятимон мактабхона таъсис карда буд, ва ҳамеша худро ба мардум наздик мекард ва ба фарзандони худ чунин панде дода буд: «Шумо мӯҳтоҷи нависанда, омил, пешкор, муовин ва ёр хоҳед буд. То метавонед ёрони худро аз табақаи наҷибон ва ашроф ихтиёр кунед ва аз фурумоягон ва разилон дурӣ гузинед, зеро эҳсон назди наҷибзодагон ва ашхоси шариф ва мӯҳтарам дар ҳукми дайн (қарз) аст, онҳо дайнро некӣ медонанд ва нисбат ба некукор сипосгузоранд». Ва дар байте гуфта ба арабӣ: «Ин бахшишҳо ва атоҳои Фазл ибни Яҳё аст, ки ҳамаи мардумро шоир кардааст».[250]

Ҷоҳиз ӯро аз назари ҳикмату дониш ва балоғат меситояд ва муаллафоти ӯро ном мебарад. Дигар аз осори Саҳл ибни Ҳорун – мутобиқи гуфтаи Ибни Надим – китобҳои «Девон -ур-расоил», «ан-Нимр ва-с-саълаб», «Вомиқ ва Узро», «Надуд», «Вадуд», «Ладуд», «Тадбир -ул-мулк ва-с-сиёса» ва чанд китоби дигар аст.

[249] Мумтаҳан, Ҳусайналӣ. Наҳзати шуубия. –С.263.
[250] Амин, Аҳмад. Зуҳо -ул-ислом. Ҷ.1. – С.202.

Аллони Шууби̣ аз донишмандони эронинажоди зидди араб буд, ки дар масолибу айбҳои тозиён китоби «ал-Майдон фи-л-масолиб»-ро («Майдони айбу нуқсон») таълиф кард. Аллон як ба як қабоили арабро шумурда, масолиб ва бадиҳои ҳар якеро зикр кардааст. Мавзӯъҳои китоби ӯ иборатанд аз «Масолиби Қурайш» ва «Масолиби Таим ибни Мурра» ва «Матоини бани Асад ва бани Махзум» ва ғайра. Ибни Надим менависад, ки «Аллони шууби̣ аз мардуми Эрон ва аз ансоб ва масолиби араб огоҳ буд. Дар «Байт -ул-ҳикма» барои Ҳорун ар-Рашид, Маъмун ва Бармакиён ба истинсохи кутуб мепардохт ва дар китоби «ал-Майдон фи-л-масолиб» нисбат ба арабҳо пардадарӣ кард ва бадиҳои онҳоро ошкор сохт».[251]

Овардаанд, ки Тоҳир ибни Ҳусайн (муассиси силсилаи Тоҳириён) дар баробари ин таълиф, сӣ ҳазор сикка ба ӯ ҷоиза дод. Гузашта аз китоби мазкур Ибни Надим панҷ китоби дигар аз Аллон ном мебарад, ки онҳо китоби «Фазоили Канона», «Насаб ан-Нимр ибн Қосит», Китоби «Насабу-т-Тағлиб ибн Воил», китоби «Фазоили Рабиъа», «Китоб ал-мунофара» мебошанд. Аллони шууби̣ чун дигар шуубиён фахр ба ансоби худ мекунад ва чунин мегӯяд: «Аҷдодони мо сароғози худро аз хонадони Кисроҳо гирифтаанд».[252]

[251] Ибни Надим. Ал-Феҳрист. – С.105.
[252] Ҳамавӣ, Ёқут. Мӯъҷам-ул-удабо. Миср, 1355-1357 ҳиҷрӣ.

# БОБИ ПАНҶУМ
# ШУУБИЯИ ФАЛСАФӢ

## §1. Ибни Муқаффаъ ва Ибни Ровандӣ

Вақти он расидааст, ки дар тарбияи ватандӯстии миллати худ бо тамоми воситаҳои мавҷуда барои беҳбудӣ ва баланд бардоштани дараҷаи самаранокии ин соҳаи муҳими кори равшанфикрӣ, аз мероси фарҳангии ниёгон васеъ истифода намоем.

Ба монанди адабиёти маорифпарварии француз дар фарҳанги халқҳои ҷаҳон намунаҳои ҷолиби диққати адабиёти равшанфикрӣ мавҷуд аст. Ақоиди фалсафии халқи тоҷик дар тӯли таърих баробари инкишофи хеш ба ақоиди фалсафии халқҳои дигар таъсири мусбат расондааст. Мо эҷодиёти ду тан марди некноми майдони муборизаи ақоиди фалсафӣ – Ибни Муқаффаъ ва Ибни Ровандиро дар назар дорем, ки нақши онҳо дар таърихи ақоиди озодфикрӣ ва умуман фарҳангии халқҳои Шарқ, махсусан эрониаслу араб, басо равшан то имрӯз боқӣ мондааст. Агар хизмати Ибни Муқаффаъ бо нигоҳ доштани беҳтарин сарчашмаҳои адабӣ-фалсафии паҳлавӣ ва тавассути онҳо дар дунёи маънавии инсон як инқилоби фикриро ба вуқӯъ пайваста бошад, пас, Ибни Ровандӣ дар олами ислом бори аввал ҷаҳонбинии диниро дар оинаи хирад баррасӣ ва байроқи озодфикриро барафрошта буд. Он озодфикрии дар замони Эҳёи Аврупо ба майдон омада, чи тавре ки муҳаққиқони муосир нишон додаанд, маҳз аз ҳамин ҷараёни фикрии Машриқзамин ғизои маънавӣ гирифтааст.

Пеш аз он ки доир ба ақоиди фалсафӣ ва андешаҳои озодфикрӣ дар симои ду тан намояндаи барҷастаи маданияти халқамон сухан ронем, лозим меояд, ки дар бораи замони онҳо ва равияҳои иҷтимоии ҷомеаи онрӯза ба таври ихтисор ишора намоем. Замони зиндагӣ, фаъолияти иҷтимоӣ-сиёсӣ ва эҷодии Ибни Муқаффаъ ва Ибни Ровандӣ ба даврае рост меояд, ки дар олами ислом нахустин хиштҳои ҷараёнҳои гуногуни мазҳабию сиёсӣ гузошта мешудаанд. Махсусан авҷ гирифтани

ҳаракатҳои шуубия дар пайдоиши ақидаҳои сиёсии асри VIII-IX мелодӣ мадад намуд. Яке аз чиҳатҳои ҷолиби диққат дар шуубия аз он иборат буд, ки тарафдорони ин ҳаракат аз заминаи нишондоди ислом ҳуқуқи халқу қабилаҳои дигар, масъалаи баробарии ҳақиқии ҳамаи халқҳоро ба миён мегузоштанд. Аз тарафи дигар худи таълимоти ислом боиси ихтилоф ва кашмакашҳои зиёде гардида буд.

Аз кашмакашҳои хонадони Умавиҳо ва Аббосиён дар сарзаминҳои тасарруфгаштаи Эрону Осиёи Миёна ҳаракатҳои халқӣ авҷ гирифтанд. Дар паси пардаи хуруҷҳои сиёсӣ масъалаҳои истиқлолияти иқтисодӣ, фарҳангӣ ва забонӣ қарор дошт. Аз тарафи дигар, мубориза ба муқобили дини ислом маҳз дар асри аввали халифаҳои аббосӣ дар қисмати Аҷам бештар густариш ёфт.

Чи тавре ки таърих шаҳодат медиҳад, ҳаракати шуубия ва намояндагони он пояҳои таълимоти исломиро суст карда, бо ҳар роҳ таълимоти фалсафӣ ва мазҳабӣ ба дараҷаи тамоман ихтилофнок дар баъзе лаҳзаҳо ба иғроқ меанҷомид. Дар хилофати исломӣ ҷанини озодфикрӣ ба дарахти сарсабзе расида, самар медод. Албатта, ҳамаи ин ҷараёнҳо якхела набуданд, вале муҳимаш он буд, ки барои худшиносии халқҳои эронӣ дар Суғд, Хуросон, Хоразм, Фарғона ва тамоми Эрону дигар сарзаминҳо омилҳои муҳим ба майдон омаданд. Дар аввалҳои асри VII шуубиён таблиғоти хешро бо як шӯру қиём инкишоф доданд ва ашъори тезутунде дар таҳқири арабҳо ва ислом иншо карданд. Фаъолияти машҳуртарини онҳо, ки дар фасли қаблӣ ироа гардид, шоироне буданд, ки ба лисони арабӣ шеър иншо карда ва ҳатто дар адабиёти араб ба зинаи олии камолот расидаанд, вале ҳисси ватандӯстӣ, майли озодандешӣ, унсурҳои демократӣ-халқӣ дар эҷодиёти онҳо мавқеи хос доштанд. Ибни Муқаффаъ ва Ибни Равандӣ чун ситорагони дурахшоне дар дунёи маънавии инсонӣ нурҳои озодфикрӣ, ақоиди равшанфикрии ниёгонро ба наслҳо мерос гузоштаанд.

Шодравон академик Б.Ғафуров дар яке аз навиштаҳои илмиаш номи Ибни Муқаффаъро дар сарҳати нобиғаҳои Машриқзамин ба

монанди Сибавейҳ. Муҳаммад ал-Бухорой, Муслим ал-Қушайрӣ, ат-Тирмизӣ, Абудовуд ас-Сиҷистонӣ, Ал-Фарғонӣ, ал-Хоразмӣ. Ал-Истахрӣ, Ибни Қутайба ад-Динаварӣ ва бузургтарин алломаҳо ба мисли Абӯалӣ Сино, Абӯрайҳони Берунӣ ва Фаробӣ гузошта, таъкид намудааст, ки онҳо новобаста аз зодаи ин халқ буданашон дар тамаддуни башарӣ ба тамоми инсоният тааллуқ доранд. Дар сархати ин олимони барҷаста гузоштани Ибни Муқаффаъ аз ҷониби Б.Ғафуров бесабаб нест. Зеро ба шаҳодати сарчашмаҳои таърихӣ хидмати ин донишманди асри VIII мелодӣ дар бунёди фарҳанг, махсусан пайванди ақоиди фалсафии халқҳои эронӣ ба олами исломӣ, анъанаи фалсафӣ-дидактикии ниёгонамон, инчунин юнониёну ҳиндуён бо имрӯз басо назаррас аст. Танҳо ном бурдани «Калила ва Димна» барин асари барҷастаи пурқимат, ки маҳз бо кӯшиш ва ҷонбозиҳои Ибни Муқаффаъ ба оламиён расидааст, басанда аст, ки номи ӯро дар таърихи илму фарҳанг бо хатти зарин сабт намоем. Вале аз чӣ сабаб бошад, ки ҷонбозӣ ва ҳақиқатталошии ин марди ростин то кунун дар илми мо ба таври бояду шояд қадр карда нашудааст.[253]

Бидуни чанд мақолаи кӯчаке, ки дар қомусҳо, тазкираҳо ва ишораҳое ки дар асарҳои тадқиқотӣ мавҷуд аст, оммаи васеи хонандагони тоҷик аз шарҳи ҳолу осор ва ақоиди фалсафию диди озодфикрии ӯ бенасиб мондаанд. Гузашта аз ин бояд ёдовар шуд, ки Ибни Муқаффаъ* яке аз шахсиятҳои бузурги иҷтимоӣ низ буд ва нақши осори ин некном дар олами мутамаддин то имрӯз боқист. Ӯ хоҳони дӯстии холисона, зиндагии осоишта, сидқу вафо ва меҳрубонӣ буд. Маълумоти сарчашмаҳо доир ба ҳаёт ва фаъолияти Ибни Муқаффаъ пароканда ва мухтасаранд. Дарёфти марҳилаҳои алоҳидаи ҳаёти ӯ барои муҳққиқон душвориҳои зиёдеро пеш меорад.*

[253] Саҳифаҳо аз таърихи озодфикрӣ. Таҳияи К.Беков ва М.Мирраҳимов. Душанбе, 1987.-С.3-8.
*Нигар: Ибни Муқаффаъ. Навиштаи Аббос Ҷаҳонгирӣ. Теҳрон, Интишороти мадраса, 1383. (фарзонагон)

Ҳаёти Муқаффаъ аз ду марҳила иборат аст: якум, марҳилаи аввал ё худ давраи умавӣ иборат аз 25 сол, ки онро марҳилаи таҳсил ва ҷустуҷӯйҳои илмӣ мешуморанд ва дуюм, давраи аббосӣ, ки тақрибан 10 сол давом карда, дар ин давр осори фикрии худро таълиф кардааст.

Рӯзбеҳ соли 106 ҳиҷрӣ мутобиқи 724 мелодӣ дар деҳаи «Ҷур» таваллуд шудааст. Ин деҳаро ҳоло Фирӯзобод мегӯянд. Маънои номаш «муборак» мебошад. Номи падараш Додавайҳ мутаваллии хироҷи форс буд. Ӯро Ҳаҷҷоҷ таъйин карда буд. Ӯро дар Басра барои насупоридани хироҷ Ҳаҷҷоҷ чунон лагадмол карда буд, ки як дасташ хушк шуда буд. Аз ин сабаб ӯро «Муқаффаъ», яъне хушкшуда номидаанд. Писарашро ҳам ба ин ном хонданд. Вақте ки Рӯзбеҳ ислом қабул кард, Абдуллоҳ ном гирифт ва кунияашро Муҳаммад гузошт. Рӯзбеҳ дар Форс ба воя расид. Майли ӯ бештар ба омӯзиши маданияти форсӣ равона шуда буд. Пайрави дини зардуштӣ бар мазҳаби оташпарастӣ буд. Баъдтар ба Басра омада, илму адаб ва забони арабро дар он ҷо омӯхт. Дар рушди маънавии ӯ ду омили асосӣ вуҷуд дошт: яке донистани маданияти форсӣ, юнонӣ ва ҳиндӣ ва дуюм фасоҳати забони араб. Ва ҳамаи инро Рӯзбеҳ бо ду аслиҳа – аслиҳаи фикрӣ ва забонӣ пешвоз гирифт.[254]

Муқаффаъ чанд муддате дар хизмати халифаи умавӣ (Марвон ибни Муҳаммад) буд ва дар Кирмон иқомат дошт. Баъдтар ҳангоме ки дар давлати аббосӣ бо аҳли фазлу аҳли давлати он сару кор пайдо кард, зарурате барояш пеш омад, ки ояндаи шахсии ӯро муайян мекард. Ин зарурият муносибати ӯ нисбат ба дини ислом буд. Муқаффаъ исломро қабул кард. Дар китобҳои таърихӣ ривоят кардаанд, ки чун Муқаффаъ баъди қабули дини нав, яъне ислом, рӯзе дар пайраҳаи танге мерафт, ки кӯдаке ин оятро бо овози баланд ба хондан сар кард: «Алам наҷъалу-л-арза миҳодан ва-ал-ҷибола…», яъне «Оё заминро барои шумо тахти хоб наофаридаем…» Ибни Муқаффаъ боз истод то кӯдак сураро ба охир расонд. Баъд Муқаффаъ худ ба худ гуфт: «Дар ҳақиқат ин ба гуфтаҳои

[254] Рафеъ, Абдурафеъи Ҳақиқат. Таърихи наҳзатҳои фикрии эрониён аз Зардушт то Розӣ. Теҳрон, 1977.-С.161-165.

башарӣ монанд нест».[255] Сонӣ ба назди Исо ибни Алӣ рафта гуфт: «Ислом дар дили ман ҷойгир шудааст. Мехоҳам, ки бо шоҳидии ту мусулмон шавам». Исо гуфт: «Барои ин кор бояст, ки сардорон ва мардум ҳозир бошанд. Агар пагоҳ мусулмон шуданӣ бошӣ, ҳамаро ҷамъ меоварем».

Рӯзбеҳ ҳамон бегоҳ ба Исо таъоми шомро оварда, ҳамроҳи ӯ ба хӯрдан сар кард. Ҳангоми хӯрдан ба равишу одати маҷусиён таъом мехӯрд ва замзама мекард. Исо гуфт: «Азми мусулмонӣ дорию боз замзама мекунӣ? Муқаффаъ ҷавоб дод: «Намехоҳам, ки рӯзеро ҳам бе дин гузаронам». Вақто ки мусулмон шуд, ба вазифаи котиби Исо таъйин гардид. Қатъи назар аз ҳамаи алоқамандиҳо ва пайвастагиҳои маънавӣ ва моддие, ки Рӯзбеҳ бо аҳли давлати аббосӣ дошт, ӯ ба он давлат ва бо дини он ихлоси ҳақиқӣ надошт. Майли ӯ ба ҷониби миллати хеш – форс буд ва дар зиндагии илмӣ ва шахсии худ тамасхур ва ришханду истеҳзоро нисбат ба араб, аҳли давлат ва дини ислом дареғ намедошт. Масалан, дар номае узрхоҳона аз номи хешони халифа Мансур чунин навиштааст: «Вақте ки Амир-ал-мӯъминин ба амаки худ Абдуллоҳ ибни Алӣ ғадр ва ҷабр кард, занҳояшон талоқ, ҳайвоноташон маҳбус, ғуломаш озод гашта, мусулмонон ҳуқуқ доранд, ки ба ҷои он халифаи дигаре интихоб кунанд». Мансур дар ҷавоб гуфтааст: «Оё, як кас барои ӯ кифоя намекунад?» Дар ин ҳангом Суфиён ибни Муовия ибни Язид ибни Мулаҳҳаб ҳозир буд. Ӯ аз пеш нисбат ба Рӯзбеҳ дар дил кинаву адоват дошт. Чунки Рӯзбеҳ ҳамеша Суфиёнро масхара мекард. Суфиён бинии калон дошт. Ҳангоми вохӯрӣ Рӯзбеҳ ба ӯ чунин салом мекард: -Салом ба шумо ду кас (яъне ба Суфиён ва биниаш). Хулоса Суфиён аз халифа Мансур иҷозати қатли Рӯзбеҳро гирифта, ба ривояте ӯро дар хонаи худаш (яъне дар хонаи Суфиён) қатл мекунад. Ба ривояти дигаре ӯро дар чоҳ партофта, аз болояш санг мерезанд. Ба ривояти сеюм ӯро дар ҳаммоми тафсон ба ҳалокат мерасонанд. Ба ривояти чорум аъзои бадани Рӯзбеҳро як-як бурида ба танӯр мепартояд ва мегӯяд: «Ба модарам

[255] Муҳаққиқони муосир бар ин боваранд, ки ин ривоят сохта ва бофта мебошад.

қасам, ки туро тавре мекушам, ки касеро накушта бошанд» ва дар охир: «Эй фарзанди зиндиқ, туро пеш аз оташи дӯзах дар оташи дунё месӯзонам».[256] Бояд гуфт, ки маҳз ҳамин ривояти охирин ба ҳақиқат наздик аст.

Симои маънавии Муқаффаъро дар таърих, бо ҳар ранг нақш кардаанд. Ақидаи гузаштагон ва муосирон доир ба ӯ якранг нест. Аксари мардум ӯро муаллифи «Калила ваДимна» меҳисобанд. Дигарон мегӯянд, ки Рӯзбеҳ яке аз он бузургони маданияти инсонист, ки дар насри арабӣ қадамҳои барҷастае ба пеш гузоштааст. Ӯ дар таълифоти арабии худ дорои услуб ва таъбироти махсус аст. Дар олами балоғат ва баён устоди болодаст буда, эҷодиёти ӯ натиҷа ва самараи ақли борикбин ва дурахшони вай буданд. Дигарон ақида доранд, ки Рӯзбеҳ яке аз он мутарҷимонест, ки мақолаҳо ва рисолаҳои навиштаи ӯ илова ба тарҷимаҳои арзишманди ӯ дар ҳаёти сиёсӣ ва иҷтимоии замони худ ва баъдтар таъсири фаровонро доро шудаанд.

Дар воқеъ, Рӯзбеҳ намояндаи барҳақи замон ва асре буд, ки зиддиятҳои зиёдеро дар симои як фарди он таҷассум мекард. Рӯзбеҳ овози мутлақ ва аз банду қайд озодгаштаи аҳли шуубия буд. Ӯ ҳамчунин овоз ва нидои ҳамаи шохаҳои маданияти қадимаи гуногунмиллати пешазисломӣ буд. Ӯ як симои форсӣ, аристократӣ, эклектикӣ (худмухтор) дар зиндагии иҷтимоӣ ва эҷодиёти илмӣ буд. Симои ҳақиқии ӯ аз он иборат аст, ки ӯ марди оқил, фалсафӣ, сиёсатдон ва барои адабиёти араб яке аз пешвоёни насри бадеӣ ба шумор меомад.

Хусусиятҳои шахсии Рӯзбеҳ низ ҳамчун шахсият иборатомӯзанд. Ба навиштаи муаррихони гузашта Рӯзбеҳ дорои шахсияти барҷаста будааст. Хусусиятҳои фардии ӯро иборат аз заковат, серҳаракатӣ, борикбинӣ, бадоҳати фаврӣ, ҷамоли зебо ва хушсӯҳбатӣ донистаанд. Аз асли худ, яъне аз миллат форс низ баъзе хусусиятҳо ба меросӣ гирифта буд: Хаётдӯстӣ, майли ҳазлу шӯхӣ ва майли ба даст овардани фазилатҳои

[256] Ҳанно Ал-Фохурӣ. Ибн Ал-Муқаффаъ. Миср, 1957.-С.14.

инсонӣ. Маданият ва маълумоти ҳамаҷонибаи ӯ илмӣ ва амалӣ буд. Зеро чунон ки мегӯянд «Илми беамал ба мисли дарахти бесамар аст». Ӯ дар илми таърих бо таърихи форс ва бузургию азамати ин миллат меболид ва баҳсу андешаро дар ин соҳа барои худ фараҳмандии маънавӣ ҳисоб мекард. Дар илми фалсафа ақлу забонаш машғули муқоисаҳои мантиқии фалсафаи Юнон буд. Дилу ҷони худро ба самараҳои ширини ҳикмати Ҳинд шодоб мекард.

Китобҳои фалсафа, таърих, ҳикмат ва адабро хонда истода, Рӯзбеҳ кӯшиш мекард, ки дар шахси худ беҳтарин сифатҳои наҷиби умумиинсониро таҷассум кунад. Ӯ самараи мутолиаҳои худро дар ҳаёти шахсиаш татбиқ мекард. Муаррихи машҳур Ал-Асмаъӣ ривоят мекунад, ки аз Ибни Муқаффаъ пурсидаанд: «Туро адаб кӣ омӯхт? Гуфтааст: Худам адаб омӯхтам». Инчунин овардаанд, ки баъди кушта шудани Марвон, охирин халифаи Бани Умайя Абдулҳамид ибни Яҳё барои пинҳон шудан ба хонаи дӯсташ Рӯзбеҳ мегурезад ва дар он ҷо пинҳон мешавад. Одамони халифа омада мепурсанд: «Абдулҳамид куҷост?». Рӯзбеҳ ва Абдулҳамид ҳар ду якҷоя бо як овоз ҷавоб медиҳанд, ки: «Он, ман ҳастам!».[257]

Рӯзбеҳ марде бовафо буда, бо вуҷуди ин нармдил, ширинсухан ва хушмуомила будааст. Ӯ аз ҳамагуна шаририҳо нафрат мекард. Дар зиндагии шахсӣ сахӣ ва дасткушод буда, дар ин роҳ шахсан ҷидду ҷаҳд мекард. Танҳо ҳаминаш аст, ки дар масъалаи арабҳо бо тақозои рӯҳи шуубии худ онҳоро бо лаҳни латифе масхара мекард. Мазҳаби сиёсии Рӯзбеҳ аз рӯи ақида набуд. Ӯ аз рӯи равиши рӯзгор мавқеи худро ишғол мекард. Масалан, ӯ шоҳиди ҳодисоти иҷтимоии зерин буд: Муборизаи Бани Умайя, зӯригариҳо ва золимиҳои Бани Аббос, зӯргӯии арабҳо ба муқобили миллатҳои дигар. Рӯзбеҳ чунин мавқеъро ишғол мекард, ки ботинан зидди арабҳо буд. Бо ҳамроҳии мавлӣ ё худ миллатҳои ғайриараб худро тарафдори Бини Аббос вонамуд мекард, вале қалбан бо Аббосиён набуд. Ӯ дар дил ҳавои аббосгирӣ ва майли арабӣ надошт.

[257] Бадавӣ, Абдурраҳмон. Мин таърихи-л-илҳод фи-л-ислом. Бейрут, 1980.-С.47.

Балки ӯ сиёсати алавӣ (Алипарастӣ) ва майлу рағбати форсӣ дошт. Ӯ худро дӯсти Бани Аббос вонамуд карда, аз бадиҳояшон канораҷӯӣ мекард.

Ҳамин тавр кӯшиш кард, ки барои миллаташ кори аз дасташ меомадагиро анҷом диҳад. Мехост бо нашри адабиёт, сиёсати он ва таърихаш миллати худро зинда кунад. Ӯ айбҳои системаи иҷтимоии замони худро медонист. Барои ислоҳи онҳо даъват мекард. Тартиботи давлатдории форсҳоро барои татбиқ кардан интихоб карда буд. Ӯ дар зинда кардан ва ислоҳи мероси миллати худ маҳорати аҷибе зоҳир карда буд. Яъне дар зоҳир ба таври сунъӣ худро моил ба аббосиён ва арабҳо вонамуд карда, дар амал ба ин восита мақсадҳои форсии худро иҷро карданӣ мешуд.[258]

Доир ба мазҳаби динии Рӯзбеҳ то кунун олимон ба ду ақида тақсим шудаанд: Гурӯҳи аввал мегӯяд, ки Рӯзбеҳ мусулмони ҳақиқӣ шуд ва исломро аз самими қалб қабул намуд. Гурӯҳи дуюм ақида доранд, ки Рӯзбеҳ зиндиқ буд ва зиндиқ монд.

Вале ақидаи олими муосири араб Ҳанно Ал-Фохурӣ ба хақиқат наздиктар аст. Ӯ мегӯяд, ки «Рӯзбеҳ аз гурӯҳи он одамонест, ки ба дин бо назарии ақли холис нигоҳ мекунанд. Ин қабил одамон дар ин масъала ҳайронӣ мекашанд ва изтироби сахтеро аз сар мегузаронанд. Аз ин ҳам гузашта бояд пиндорем, ки Рӯзбеҳ ба мазҳаби Монӣ майл карда ва аз таълимоти ӯ рӯҳи худро ором кардааст. Баъд чунон ки таърих гувоҳӣ медиҳад, исломро қабул намудааст. Вале мусулмонии ӯ аз рӯи ақида набуда, балки муросое бо аҳли замон буд. Дар китобҳои «Ал-ғонӣ» ва «Вафаёт-ул-аъён» доир ба зиндиқии ӯ ахборот оварда шудааст. Аз тарафи дигар боби «Барзавайҳ» дар китоби «Калила ва Димна» аз ақидаҳои динии муаллифи он шаҳодат медиҳад. Ба ҳар ҳол осори Рӯзбеҳ аз ақидаҳои илоҳии китобҳои осмонӣ («Сомӣ) дуранд. Ақидаҳои ӯ доир ба табиат ва камоли инсонӣ асос ёфтаанд».[259]

---

258 Рафеъ, Абдурафеъи Ҳақиқат. Таърихи улум ва фалсафаи эронӣ. Теҳрон. 1372.-С.145-148.
259 Ҳанно Ал-Фохурӣ. Ибн Ал-Муқаффаъ. Миср, 1957.-С.15-19.

Доир ба зиндиқ будани Ибни Муқаффаъ қадимтарин китоби таърихӣ осори Ҷоҳиз мебошанд. Ӯ мегӯяд: «Ибни Муқаффаъ, Мутеъ ибни Иёс ва Яҳё ибни Зиёд дар дини худ муттаҳам карда шудаанд». Ибни Халликон овардааст, ки гӯё Маҳдии халифа  гуфтааст: «Нависандаи зиндиқеро ба ҷуз Ибни Муқаффаъ пайдо накардам».[260] Маҳдӣ, халифаи аббосӣ низ гуфта буд, ки «ҳаргиз китобе дар зиндиқа надидам, ки аслу маншаи он аз Ибни Муқаффаъ набошад».

Ба ақидаи Аҳмад Амин адовати шахсие, ки байни Рӯзбеҳ ва Суфиён ибни Муовия буд, сабабгори бисёр нақлу ҳикояҳо гардидааст. Зиндиқии Рӯзбеҳ дар он зоҳир шудааст, ки гӯё аз назди оташкадае гузашта, мегӯяд (Мазмунан аз шеъри Аҳвас): «Эй оташкадаи Отика, каси аз ту дуршуда ҳам дилаш ба ту пайваст аст. Ба ту қасам меҳӯрам, ки бо ҳама ин монеаҳо ба ту дар дил майл дорам».[261]

Чанде баъд донишмандоне аз қабили Боқилонӣ ва Қозӣ Аёз ӯро бо мухолифат бо «Қуръон» муттаҳам донистаанд. «Рӯзбеҳ – мегӯяд Аҳмад Амин, - аксари ҳаёти худро зоҳиран ва ботинан ба тариқи маҷусӣ гузаронд. Ӯ танҳо дар охир ҳангоми котиби Исо ибни Алӣ таъйин шуданаш, исломро қабул намуд. Баъди мусулмон шуданаш зиёд умр надид. Пеш  аз ислом қабул карданаш, албатта, ӯро бадгӯӣ намекард. Ҳар коре шуда бошад, баъди мусулмон шуданаш, қобили вуқӯъ буд. Ровиён дар бораи гуфтаҳои зиндиқона ва асарҳои ӯ баъди мусулмон шуданаш чизе нагуфтаанд. Ҳодисаҳое, ки  метавон ба ҳақиқати онҳо бовар кард, иборат аз адовати шахсии ӯ бо Суфиён ибни Муовия ва зиёрат кардани оташкадае беш нестанд. Вале доир ба зиндиқии ӯ муболиға кардаанд».[262]

Кор ба дараҷае расидааст, ки Ибни Таммом дар «Девони ҳамоса» аз Ибни Муқаффаъ ду байте зикр намуда, Саълаб мегӯяд, ки дар байти охир ақидаи мазҳабии Рӯзбеҳ зикр шуда ва ин маъноро таъкид мекунад,

---

[260] Ибни Халликон. Вафаёт-ул-аъён.  ҷ.1.-С.211.
[261] Амин, Аҳмад. Зуҳо-ул-ислом», ҷ.1.-С.223.
[262] Ҳамон ҷо.-С.224.

ки «хайр бо шарр ва шарр бо хайр омехта аст». Дар сурате, ки дар он байт чунин маъное пайдо кардан муҳол аст.

Рӯзбеҳ умри кӯтоҳ (ҳамагӣ 36 сол) дида бошад ҳам таъсири ӯ ба тамоми осори озодандешию фалсафӣ, дидактикию инсондӯстӣ, адолатхоҳию некбинӣ ва иҷтимоию сиёсии қаламрави исломнишин ба таври возеҳ ба назар мерасад. Тамасхури латифи Рӯзбеҳ нисбат ба маросимоти ислом, тақвопарастии баъзе ашхоси таърихӣ, минбаъд ба як ҳаҷвиёти латифу пурнамаки шоирону ҳакимони борикбин сабзида расидааст. Он нукта ҷолиби диққат аст, ки Рӯзбеҳ тавонист дар умри кӯтоҳи хеш осори фарҳангӣ, таърихӣ ва фалсафии ниёгонамонро ба наслҳои оянда бипайвандад ва ин мерос бо ҳамин инкишофи қонунии афкори пешқадами тоҷикон то имрӯз боқист. Вақте ки «Калила ва Димна» аз рӯи нусхаҳои тарҷумаи арабии Рӯзбеҳ боз ба забони тоҷикӣ баргардонида шуд, ҳар кас метавонист ифтихор кунад, ки маҳз бобҳое, ки Рӯзбеҳ ҳангоми тарҷума аз паҳлавӣ ба арабӣ бо он аз дигар асарҳои фалсафӣ илова карда буд (масалан, ақидаҳои боби «Барзавайҳ») боиси шӯҳрати дубораи он гардид. Гузашта аз ин маҳз ба тавассути «Калила ва Димна» ва ба назмовардани он аз ҷониби устод Рӯдакӣ дар нахустин поягузории адабиёти классикии тоҷику форс, ин адабиётро сифатан аз як тараф ба ҳикмату панду насиҳат ва аз тарафи дигар ба озодфикрию зиндадилӣ, танқиди тақвою инъикоси задухӯрдҳои бузурги иҷтимоӣ-сиёсии замонҳо пайванд кард.

Ибни Муқаффаъ аз котибон ва фасеҳони дараҷаи аввали забони арабӣ буда, шеър ҳам мегуфтааст. Ибни Надим дар бораи ӯ навишта: «Забонаш хеле фасеҳ ва балиғ, шоир ва нависандаи тавоно аст». Ин марди донишманди эронпараст, чандин китоби паҳлавӣ, аз он ҷумла китобҳои «Оинномa», «Худойнома», «Маздак», «Тоҷ», «Дар сирати Анӯшервон», «Калима ва Димна», «ад-Дуррат-ал-ятима фи тоати-л-мулук» дар одобноманигорӣ ва «ал-Адаб-ул-кабир» ва «ал-Адаб-ус-сағир» ба арабӣ тарҷима кардааст.

Ибни Ровандӣ (тахминан солҳои 825-864) зодаи сарзамини бостонии Хуросон буда, дар деҳаи Риванди назди Марв ба дунё омадааст. Бояд таъкид кард, ки нақши Марв дар бунёди фарҳанги миллии мо ба таври бояду шояд омӯхта нашудааст. Ҳарчанд бозёфтҳои бостоншиносӣ ва сарчашмаҳои таърихӣ ба таври назаррас собит намудаанд, ки дар тӯли солҳои 500-1100 мелодӣ ин шаҳр ва ноҳияҳои он барои бисёр нобиғаҳо (масалан, ибтидо Борбад ва Ибни Ровандӣ дар асрҳои VII–IX)-и олами санъат, илму адаб ва фалсафа зодгоҳ ва илҳомбахши эҷодиёти онҳо (масалан Кисоии Марвазӣ ва Умари Хайём дар асрҳои IX-XI) гардидааст, он гоҳ равшан тасаввур метавон кард, ки Марвазамин (дар луғот бештар «Марвруд») дар этногенези тоҷикон чи хидматҳо кардааст.

Номи пурраи ин файласуфи озодфикри Марв – Абдулҳусайн Аҳмад ибни Яҳё ибни Муҳаммад ибни Исҳоқ Ар-Ровандӣ мебошад. Баъзе сарчашмаҳои таърихӣ доир ба Ибни Ровандӣ бо ҳам ихтилоф дошта номашро ба тарзи «Ар-Ривандӣ» ва «Ар-Ровандӣ» низ сабт намуда, бо иштибоҳе ӯро аз Ροванди Исфаҳон донистаанд. Ва ҳол он ки тадқиқоти ба тозагӣ анҷомдодаи муҳаққиқи араб дар бораи Ривандӣ[263] дар асоси мӯътамадтарин ахбори тазкираву сарчашмаҳо ба таври возеҳ нишон дод, ки ин ҳакими озодандеш зода ва парвардаи ҳамин Раванди Марвзамини Хуросон аст, ки дертар ба шакли Ροванд машҳур шудааст.[264]

Мавриди таъкид аст, ки дар тӯли таърихи беш аз як ҳазору дусад соли сипаригашта, душманони ғоявии Ибни Ровандӣ ба таҳрифи ақидаҳои ӯ қаноат наварзида хостаанд, ки ҳатто шахсияти ӯро ҳамчун инсон таҳқир кунанд. Барои ҳамин мақсад гуфтаҳои ӯро бардурӯғ нақл карда, дар борааш афсонаҳои бемаъние бофтаанд, ки гӯё вай шахси аблаҳ ва масхарае мебошад. Ин гуна ҳикоятҳо ҳоло ҳам дар баъзе мамлакатҳои Шарқ (хосса Эрону Ироқ) давом дорад, ки дар таърих ба

---

[263] Ал-Аъсам, Абдуламир. Таърих ибн ар-Ровандӣ ал-мулҳид. Бейрут, 1395 ҳ.= 1975. Минбаъд: [Таърихи Ибни Ровандӣ].
[264] Пешниҳоди доктор Аъсам ин аст, ки аз ин баъд Ривандӣ гӯем, на Ровандӣ.

шахсиятҳои мазҳакавии Баҳлул ва Ҷуҳо монандие пайдо кардааст. Он нуқта ҷолиби диққат аст, ки душманони ғоявии Ибни Ровандӣ имрӯз ҳам ба муқобили ӯ чун бо шахси зинда мубориза мебаранд, раддияҳо менависанд ва таҳрифоте ба кор меандозанд. Вале чи тавре ки ҳикматшиносон гуфтаанд «ростиро завол нест» ва он чи Ибни Ровандӣ роҷеъ ба динҳо баён кардааст, хоҳ нохоҳ ба дили росткорон роҳ ёфта, дунёи маънавии онҳоро бо некӯтарин афкори озодандешӣ бой мегардонад.[265]

Он чи ки то имрӯз доир ба Ибни Ровандӣ навишта шудааст, одатан дар бораи худи ӯ баҳс намуда, таълимоти ӯ, нуқтаи назари илмиашро ба таври бояду шояд мавриди таҳқиқу баррасӣ қарор надодаанд. Дар сурате, ки хонанда наметавонад бовар кунад, ки ин ақидаҳо дар ҳақиқат аз Ибни Ровандӣ ҳастанд ва ё муаллифони мақолаҳо ва китобҳо ба ӯ нисбат медиҳанд. Ибтидо барои аз байн бурдани ин шубҳа зарур аст, ки аз сарчашмаҳои таърихӣ маълумоти дар бораи Ибни Ровандӣ мавҷуд бударо айнан иқтибос оварем, то худи хонанда доир ба арзиши илмии онҳо ҳукм карда тавонад. Ибни Ровандӣ дар китобаш «Фазиҳат-ул-мӯътазила» (Расвоиҳои мӯътазилиён) навиштааст: «Мисли он ки ман аз аҳли мӯътазила бошам, онҳо (яъне мӯътазилиён) чун ин китоби маро бихонанд, маро ба ҳамаи ин суханони гуфташуда айбдор намоянд. Зеро ман аз доираи онҳо берун рафтаам ва аҳли онҳоро бо суханони заҳрогин васф кардаам».[266]

Абулҳусайн Абдурраҳим ибни Муҳаммад ибни Усмон ал-Хайёт (ваф. 912), ки муосири Ибни Ровандӣ буд, дар асараш «Китоб-ул-интисор ва-р-рад ала Ибн Ар-Ровандӣ ал-мулҳид» («Китоби ғолибият ва радия бар Ибни Ровандии кофир»), ки аз муҳимтарин ва қадимтарин сарчашмаи таърихӣ доир ба ҳаёт ва шахсияти Ибни Ровандист, доир ба Ибни Ровандӣ чунин мегӯяд: «Ман китоби он бешарми палидро хондам. Ҳар он чи ки зикр кардааст, ҳамаашро фаҳмидам. Ба назари ман чунин

---

[265] Саҳифаҳо аз таърихи озодфикрӣ. Таҳияи К.Беков ва М.Мирраҳимов. Душанбе, 1987.-С.10-17.
[266] Ибн ар-Ровандӣ. Фазиҳат-ул-мӯътазила. Кембриҷ, 1972.-С.113.

намуд, ки ин китоби шахсест, ки ба аҳли дин ва мусулмонон буғзу кинаи сахте дар дил дорад. Аз номи мусулмонон гуфтаҳое нақл мекунад, ки аз мазҳаби онҳо берунанд. Барои дурӯғгӯӣ ва бӯҳтон хеле ҷасоратманд аст. Аҳли мӯътазиларо масхара мекард, аз дин рӯй тофт ва худои худро инкор кард. Ибни Ровандӣ китобҳои зиёде дар исботи илҳод ва кофирии хеш навиштааст. Ягонагии худо ва ҳақиқати «Қуръон»-ро рад намуда, ҳамаи пайғамбарон ва имомҳои исломро масхара ва таҳқир мекард. Китобҳои ӯ назди ҳама маъруф ва машҳуранд».[267]

Ибни Ровандӣ дар асараш бо унвони «Китоб-ут-тоҷ» зиндашавии ҷисмонии одамиро баъди мурдан, инкор намудааст. Ӯ мегӯяд, ки ин ҷаҳон ба ҳамаи замину офтобу моҳу ситорагонаш қадим ва азалӣ буда, ҳеҷ холиқу офаридгоре надорад. Ҳар касе, ки мавҷудияти худоро исбот карданӣ шавад, оқибат ба зиддиятҳои фикрӣ ва хулосаҳои бемаънӣ дучор меояд. Ибни Ровандӣ дар китоби «Таъдил ва тазвир» мегӯяд, ки «худо аз ҳама бандагони худ заифтарин ва ранҷуртарин аст. Он чи ки нисбат ба бандагони худ раво дидааст, дар ҳеҷ сурат аз ҳакимӣ ва доноии худо шаҳодат намедиҳад. Худо ба ҳоли бандагони худ огоҳ ва меҳрубон нест, балки ӯ аз бандагонаш ҳам камбағалтар ва бадбахтар аст. Агар ӯ медонист, ки одамиён ба фармонаш итоат намекунад, чаро фармон дод? Ӯ ҳар касеро, ки кофир ва осӣ шавад, ба таври абадӣ ба оташи дӯзах маҳкум месозад».[268]

Ибни Ровандӣ дар китобаш «Зумуррад» навиштаҳои пайғамбарон Иброҳим, Мӯсо, Исо ва Муҳаммадро зикр намуда, мавҷудияти зиддияту ноҳамоҳангиҳо ва ҳатто хатоҳову муҳокимаҳои муҳолу номумкинеро қайд менамояд. Ровандӣ китобе доир ба тавҳид навишта, дар он нишон додааст, ки худо ба зулм ва дурӯғ қодир аст.[269] Ба гуфтаҳои боло чунин нуктаро илова кардан лозим аст, ки душманони ғоявии Ибни Ровандӣ ба ҳамаи ин нигоҳ накарда, ба ҷасорати ӯ, дониши баркамоли ин олим

---

[267] Ал-Хайёт, Усмон. Китоб-ул-интисор ва-р-рад ала Ибн ар-Ровандӣ ал-мулҳид». Дастхати он дар «Дар-ул-кутуб»-и Миср таҳти рақами 852 (бахши илми тавҳид) маҳфуз аст.
[268] Ҳамон ҷо.-С.19.
[269] Ал-Аъсам. Таърихи Ибни Ровандӣ.-С.17.

қоиланд. Мувофиқи ақидаи Ибни Ровандӣ санг ба худии худ ва табиати хеш ҳаракат мекунад ва дар баъзе ҳолатҳо аз ҳаракат мемонад ва ором мешавад. Об ва оташ низ ҳамчунин. Ҳамаи ҳаракатҳо ва оромиҳои ҷаҳон, пайвастшавиҳо ва ҷудошавиҳо, якрангиҳо ва гуногуниҳо ҳамагӣ бо худии худ ва бе дахолати худо вуҷуд доранд».[270]

Ин ақидаи олимона ва даҳриёнаи Ибни Ровандӣ аз назари ҳамзамонон ва уламои минбаъдаи олами исломӣ берун намондааст ва бояд иқрор шуд, ки дар муқобили ӯ аз пояи илоҳиёт он қадар радия ва китобҳо навиштаанд, ки танҳо овардани номгӯяшон даҳҳо саҳифаро дарбар мегирад. Мо танҳо номи баъзе муаллифонашро номбар менамоем ва худ равшан хоҳад шуд, ки душманони маънавии Ибни Ровандӣ киҳоянд: Нахустин Ҷоҳиз (776-869), Абдулҳасан Алӣ ибни Исмоили Ашъарӣ (ваф. с.936) Абӯабдулло Ҳусайн ибни Алӣ ибни Иброҳим маъруф ба Коғазӣ, Абулқосими Балхӣ, Абӯалӣ Ал-Ҷабоӣ, Абӯҳошим Ал-Ҷабоӣ, Ал-Бардаӣ ва ҳатто Абӯнасри Форобӣ.

Сабаб чист, ки то имрӯз ҳам баҳс дар атрофи асарҳои Ибни Ровандӣ мисли пештара идома дорад? Аввалан, бо эҳтимоли қавӣ бояд таъкид кард, ки мавзӯи китобҳои Ибни Ровандӣ барои ҳамзамононаш бисёр ҷолиби диққат буд. Сониян, худи Ибни Ровандӣ дар ибтидои фаъолияташ пайрави мӯътазила буд, бисёре мазҳабҳои исломро хуб медонист ва сирру асрори онҳоро хуб дарк мекард. Сеюм, бо ҳамаи пешвоёни ин мазҳабҳо ошно ва дар назди бисёре аз онҳо таҳсили илм кардааст. Чорум, китоберо ки Ибни Ровандӣ ҳадафи танқид қарор дод, китоби шарикдарс ва душмани ғоявии ӯ Ҷоҳиз (776-869) буд.

Ибни Ровандӣ ақидаи мӯътазиларо мавриди ҳамла қарор дода, дар баробари он кӯшидааст, ки ақоиди баъзе фирқаҳои ифротиро низ ислоҳ кунад. Ин кӯшиши ӯ сабаби он гардид, ки ҳамаи мутаассибони фирқаҳои гуногун ӯро ду навъ ҷазои сахт намоянд: ҳамагӣ аз вай рӯй гардонанд ва ӯро аз назди худ ронда, баъд аз вафоташ низ пайваста тӯҳмату бӯҳтонро

---

[270] Ал-Аъсам, Абдуламир. Таърихи Ибни Ровандӣ.-С.25.

ба номи ӯ пайванданд, ки дар оинаи хирад намеғунҷад. Вале як нуктаи муҳиму возеҳ ва барои равшанфикрӣ хеле аҳамиятнок аз он иборат аст, ки қариб ҳамаи сарчашмаҳои эътимодбахш тасдиқ мекунанд, ки Ибни Ровандӣ: Қуръон, пайғамбарӣ (нубувват) ва ҳамаи динҳоро танқид кардааст. Гузашта аз ин, ӯ услубҳои сиёсии интихоби халифаро низ рад ва масхара менамуд. Ба ин муносибат бояд хотиррасон намоем, ки дар олами ислом то Ибни Ровандӣ ва баъди ӯ низ касе чунин ҷуръат накарда буд. Танҳо дертар ақоиди ӯ бо баъзе тобишҳои рангоранг дар эҷодиёти Абуҳаёни Тавҳидӣ, Абулалои Мааррӣ (973-1057) ва рубоиёти ҳаким Умари Хайём рух намудаанд.

«Қуръон» ва дигар китобҳои муқаддасро танқид кардани Ибни Ровандӣ пояи устувори илмӣ-мантиқӣ дошта, назар ба шаҳодати сарчашмаҳои таърихӣ дар дили пайравони динҳо, аз ҷумла ислом, тухми шубҳа ва озодандеширо коштааст. «Мумкин аст, ки яке аз қабилаҳои араб аз дигар қабилаҳо дорои забони равону фасеҳтаре бошад, - навиштааст Ибни Ровандӣ дар китоби «Зумуррад», ки онро сарчашмаҳо радия ба «Қуръон» шуморидаанд, - ва гурӯҳе аз ин қабила аз дигар аъзоёни он фасеҳзабонтар бошанд. Аз байни ин гурӯҳ яке аз дигарон дар фасоҳат баландтар бошад. Акнун тасаввур кунед, ки ҳамин шахси фасеҳзабон, забони худро дар байни ҳамаи арабҳо паҳн намуд. Дар ин ҳолат фасоҳати он ба форсҳо чӣ муносибате дорад, дар сурате ки форсҳо забони арабро тамоман намедонанд? Он шахси фасеҳзабон чи далеле барои форсҳо дошта метавонад»?![271] Илова ба ин гуфтаҳо донишманди машҳур Муҳаммад Шаҳристонӣ (1096-1153) дар китоби «Ал-Милал ва-н-ниҳал» аз номи Ибни Ровандӣ ҳикоят мекунад, ки гуфтааст: «ба ақидаи Ҷоҳиз Қуръон ҷасадест, ки метавонад як бор ба шакли мард ва бори дигар ба шахси ҳайвон мубаддал гардад»[272].

Ибни Ровандӣ китоби худ «Зумуррад»-ро дар қидами (абадӣ будани) олам таълиф намуда, Офаридгори оламро рад менамояд.

---

[271] Ал-Аъсам, Абдуламир. Таърихи Ибни Ровандӣ.-С.87

[272] Шаҳристонӣ, Муҳаммад. Ал-Милал ва-н-ниҳал. Ҷ.1.-С.131.

Кӯшидааст, ки мазҳаби даҳриёнро ислоҳ ва мазҳаби аҳли тавҳидро инкор кунад. Дар ҳафтдаҳ ҷои китоби мазкур ба танқид ва таънаи пайғамбар пардохта, ба «Қуръон» хӯрдагирӣ мекунад. Аз ин ҳам гузашта, барои яҳудиён ва насрониён китобе тартиб дода, дар он ба пайғамбарии Муҳаммад шак овардааст.

Нуқтаи назари Ибни Ровандӣ дар пайдоиши таълимотҳои динӣ ва пайғамбарони гуногун ва махсусан пайғамбарии Муҳаммад аз бисёр ҷиҳат ҷолиби диққат буда, бо дақиқназарии олимонааш аҳамиятнок аст. Ӯ сабабҳои асосии пайдоиши назариёти диниро дар оҷизии одамон дар шарҳу ҳалли масъалаҳои табиат ва ҷамъият, тарсу ваҳм, охират ва монанди онҳо мебинад. Ин нуқтаҳо ба назарияҳои муосири илмӣ оид ба пайдоиши дин, сабабҳои иҷтимоӣ, маърифатӣ ва решаҳои психологии он ҳамовозанд. Барои мисол ба ду асари ӯ муроҷиат менамоем. Ибни Ровандӣ дар «Наът-ул-ҳикма» («Дар ситоиши фалсафа») нишон додааст, ки абадӣ мондани гунаҳкорон дар дӯзах эътиқоди қабеҳест, зеро аз ин кор ба Худо ва бандагон манфиате нест. Шахси ҳаким ва доно кори бефоидаро пешаи худ намекунад. Агар дидаву дониста ин кори бефоидаро пеша кунад, ин далели ҷоҳилии вай хоҳад буд.[273] Ибни Ровандӣ дар китоби дигараш «Ад-Домиғ» («Далели қотеъ») овардааст, ки ягона даъвое, ки Худо нисбат ба одамон дорад, он ҳам нобуд кардани онҳост[274] (Агар ин гуфтаҳоро бо ҳикмати машҳури «Тарсу ваҳм худоҳоро офаридааст», ки олимони муосир сабаби пайдоиши дин медонанд, муқоиса кунем, ба вусъат ва амиқии афкори илмии Ибни Ровандӣ дар танқиди ҷаҳонбинии динӣ пай бурдан мумкин аст).

Нобудӣ ва қатл – ин кори душманони бадкирдор мебошад. Дар ин ҳолат Худоро ба китобу пайғамбарон чи ҳоҷат аст?! Дар васфи ҷаннат дар «Қуръон» омадааст, ки «дар он дарёҳое аз ширу занҷабил ҷорианд, ки таъмашон тағйир намёбад». «Шир ҳамон шир аст, - мегӯяд Ровандӣ, - онро ба ғайр аз одами гурусна, касе майли нӯшидан надорад. Дар китоби

---

[273] Ал-Аъсам. Таърихи Ибни Ровандӣ.-С.119.
[274] Ҳамон ҷо.-С.121.

худ (Яъне Қуръон) дар бораи ас-судус (навъе аз ҳарир) ва ал-истабрақ (дебои дурушт) сухан рондааст, ки аввалиро намепӯшанд, балки дар фарш паҳн мекунанд ва дуввумӣ дебои дурушт аст. Касе тасаввур кунад, ки дар ҷаннат ин дебои дуруштро мепӯшад ва ширу занҷабил (як навъ шароб) – менӯшад, барҳақ худро ба арӯсони курдӣ ва набатӣ мубаддал кардааст!».[275]

Академик И.Крачковский доир ба озодандешии Абулалои Мааррӣ дар асараш «Доир ба дастхатҳои арабӣ» навиштааст, ки шояд бо кимкадом тасодуфе ӯро мутаассибони дин пӯст накандаанд. Агар таълимоти Ибни Ровандиро васеътар баррасӣ намоем, он гоҳ бо ҷасорати ин файласуфи озодфикр дар он давраи тираву тор ва ҷаҳолат ангушти ҳайрат мегазем. Яке аз муҳаққиқони асримиёнагӣ Ибни Ҷавзӣ (ваф.1201) дар китобаш «Ал-мунтазам фи-т-таърих» Ибни Ровандиро дар дунёи маънавии инсоният «пойдевори мулҳидон ва зиндиқон» номида, таъкид кардааст, ки ӯ на танҳо беасосии таълимоти «Қуръон» ва нубуввати Муҳаммад, балки «Таврот»-и яҳудиён ва пайғамбарии Мӯсоро низ беасос донистааст.[276]

Ибни Ровандӣ ба яҳудиён чунин муроҷиат кардааст: «Шумо ҳам аз номи Мӯсо гӯед, ки вай мегуфт: «Ман охирин пайғамбар ҳастам!».[277] Бо ин ақидааш Ибни Ровандӣ ба он нукта ишора намудааст, ки пайғамбари ислом худро «хотим-ул-анбиё» («охирин пайғамбар») мехонд. Ибни Ровандӣ ин фикро пеш ронда, бо як тир ду нишонро задааст: ҳам таълимоти мутаассибони оини яҳудӣ ва ҳам исломро масхара кардааст. Дар таърихи таълимоти даҳригии асримиёнагии ҷаҳон монанди Ибни Ровандӣ кам файласуферо ёфтан метавон, ки бо чунин далелҳои мантиқӣ ва илмӣ назарияҳои теологии якчанд динро яку якбора мавриди хӯрдагирӣ ва танқид қарор дода бошад. Ба шаҳодати муаллифи асри ҳафти ҳиҷрӣ (асри XIII мелодӣ) Ибни Абуҳадид, ки дар китобаш «Наҳҷ-ул-балоға» (нашри Қоҳира, с.1952, ч.3) овардааст «касе аз оқилони дунё

[275] Ал-Аъсам. Таърихи Ибни Ровандии мулҳид.-С.127.
[276] Ибни Ҷавзӣ. Ал-мунтазам фи-т-таърих, Бейрут, 1938.-С.152.
[277] Ҳамон ҷо.-С.153.

ба ин ақида нарафтаанд, ки вуҷуди Парвардигори оламро тамоман инкор кунанд. Вале қавме мақолае таълиф намудаанд, ки мазмунаш чунин аст: Ин ҷаҳон бехудост ва аслан Офаридгоре надорад. Балки ин дунё ҳамин тавр ҳамеша буд ва бе Худову бе соҳиб боқӣ хоҳад монд. Ибни Ровандӣ ин мақоларо гирифта, мазмуни онро дар китоби хеш бо номи «Китоб-ут-тоҷ» такмил дода, тарғиб ва ташвиқ намудааст».[278]

Интиқоди Ровандӣ аз динҳо ва муборизаи ӯ бар зидди хурофотпарастӣ, ки дар он замон мардуми заҳматкашро таҳти қайду асорат нигоҳ медошт, зарбаҳои нишонрасе бар пояи таълимоти динӣ ва сиёсати он аср ворид сохтааст. Ровандӣ аз муборизони хастагинопазири тафаккури илмӣ буд, ки ба қонуниятҳои ҷаҳони моддӣ эътиқод дошт ва дахолати ҳар гуна қувваҳои фавқуттабииро дар протсессҳои табиӣ инкор мекард. Ровандӣ на танҳо дар улуми ақлии замонаш, балки дар тамоми улуми табиӣ низ, устод ва ягонаи даврон будааст. Ӯ зарурати табииро ҳамчун қонуни умумӣ, ба шакли куллӣ дар назар дошта, дар тамоми аносир ва падидаҳо вуҷуд доштани онро эътироф мекард. Ӯ пайдоиш ва такомули худҷӯшии (худҳаракатии) гиёҳ ва ҳайвонро дар мавриди инсон низ содиқ медонад ва мӯътақид аст, ки инсон низ бидуни ҳеҷ гуна омили хориҷӣ (Худо) худбахуд ба вуҷуд омада, инкишоф ва ба камол расидааст.

Ибни Ровандӣ дар масъалаи марг назарияи Эпикурро (341-270 то мелод) сарманшаи андешаи худ қарор дода, мӯътақид аст, ки: «то ман ҳастам, марг нест ва ҳангоме, ки марг омад, ман нестам».[279] Қонуни маргу зиндагӣ барои Ибни Ровандӣ як силоҳи пурқуввати назариявӣ дар мубориза бар зидди ирфон ва илоҳиёт аст. Ин қонун рӯи афсонаҳои «ҷовидон будани рӯҳ» хати бутлон мекашад.

Аз ривоятҳои зиёде, ки дар бораи Ибни Ровандӣ мавҷуданд, ин ҷо овардани яке аз онҳоро ҷоиз медонем, ки он ба мавзӯи баҳси мо бевосита алоқаманд мебошад. Маъруф аст, ки Ровандӣ вақте китоби «Ал-фарид»

[278] Ал-Аъсам. Таърихи Ибни Ровандии мулҳид.-С.184.
[279] Томас, Ҳенрӣ. Моҷароҳои ҷовидон дар фалсафа. Теҳрон. 1364.-С.101.

(«Ягона ва нодир»)-и худро барои таҳрир ба Аббос Сарруми котиб дод, Аббос Саррум, пас аз мутолиаи қисмате аз китоби мазкур, гуфт:

-Ман ҳайрат мекунам, ки ту чӣ гуна ҳанӯз зинда ҳастӣ?

Пурсид:

-Барои чи ҳайрат мекунӣ, ки ман то имрӯз зиндаам?

Саррум ҷавоб дод:

-Барои ин ки он чи ту дар ин китоб навиштӣ, куфр аст ва ҳар мусулмон, ки инро бинвисад ва ба забони ҷорӣ кунад, кофир мешавад.

Ровандӣ гуфт:

-Инҳо куфр нестанд, балки ҳақоиқи илмианд. Ва Худо ҳамчун душмани хашмгине аст, ки доруе ҷуз нест кардани ӯ вуҷӯд надорад.[280]

Ровандӣ ҳамагӣ 40 сол умр дида, тамоми умри хешро дар таъқиби шариатмадорон ва мутаассибони динҳо гузаронидааст. Муаррихони гузашта навиштаанд, ки Ровандӣ дорои 114 ҷилд китобу рисола будааст, ки аксари ин осор ҷамъоварӣ ва сӯзонда шудаанд. Ва бештарини он нуктаҳое, ки мо аз Ибни Ровандӣ овардем, дар осори душманони ғоявии ӯ мундариҷ аст. Душманони ғоявии Ибни Ровандӣ барои рад кардани ақоиди ӯ аз асарҳои аз байнрафтааш порчаҳои зиёдеро иқтибос намуда, бо чунин кори хеш андешаҳои ин марди ростинро ба наслҳои оянда ба мерос мондаанд. Ба иловаи  ин бояд таъкид кард, ки агарчи дар асри X мелодӣ, нашри афкор ва ақоиди моддӣ ва илҳодӣ то ҳадде ривоҷ дошта бошад ҳам, дар соҳаи озодфикрӣ (ба маънои томи ин калима) ҳеҷ кас (ба истисои Закариёи Розӣ) ба андозаи Ибни Ровандӣ ба чунин пояи баланди илмӣ боло набаромадааст. Ӯ чун ахтаре тобнок дар дунёи маънавиёти инсоният нурафшонӣ кард ва барои ҳамеша нақши муассире (такондиҳандае) аз худ боқӣ гузошт.

Ногуфта пайдост, ки ҳадафи шуубия дар охирин таҳлил барҳам задани идеологияи исломӣ ва давлати арабӣ буд. Ибни Ровандӣ дар фаъолиятҳои илмӣ ва амалии худ дар ин самт ҳаракат мекард.

---

[280] Ал-Аъсам.Таърихи Ибни Ровандии мулҳид.-С.240.

Ба ин маъно, ки ҳамеша дар баҳсҳои фалсафии худ дини ислом ва шариати исломиро мавриди танқиди шаддид қарор медод. Ва бо кормандони сиёсии даврони худ робитаи хубе надошт. Ба ин хотир, баъд аз вафоташ, тамоми осори ӯро нобуд карданд. Ба навиштаи сарчашмаҳои гузашта, Ибни Ровандӣ 114 китоб бар зидди Қуръон таълиф намудааст, ки ба ҳар як сураи Қуръон бахшида шудаанд. Ба ин маънӣ Ибни Ровандӣ бузургтарин файласуфи шуубӣ дар асрҳои миёнаи исломӣ ба шумор меояд.

Чи тавр ки дида мешавад, осори озодфикрӣ дар таърихи фарҳанги тоҷикон таърихан анъанаҳои қадимӣ дорад. Номи Рӯзбеҳ (=Ибни Муқаффаъ), ки як аср пеш аз Ибни Ровандӣ ба дунё омада, эҷод кардааст, ба дуюми шинос буд ва ӯ ақидаҳои аввалиро такмил дод, бузургӣ ва ҷовидонии Рӯзбеҳ ва Ибни Ровандӣ дар он аст, ки нахустин пояи ғояҳои инсондӯстӣ, баробарӣ, озодфикрӣ, зиндадилӣ, некбинӣ ва танқиди камбудиҳои дину диндориро асос гузошта, исёни ҳидрадро бар зидди ҷаҳолат барангехтаанд.

## §2. Таълимоти Ихвон-ус-сафо ва тамоюли шуубии он

Баҳсу андеша доир ба мавзӯи «Ихвон-ус-сафо» аз ҳар муҳаққиқе тақозо мекунад, ки масъалагузориҳо бештар дар шакли саволу ҷавоб бошанд. Зеро ин мавзӯъ аз ҳар ҷиҳат баҳсталаб ва зиддиятнок аст. Агар мо масъалаҳоро дар шакли саволу ҷавоб ва возеҳу равшан пешниҳод накунем, он гоҳ баҳси мо иборат аз нақли хушку холии ин ё он тарафи фаъолияти «Ихвон-ус-сафо» мегардад, ки аз назари таҳқиқӣ арзише надорад.

Қатъи назар аз таҳқиқотҳои доманадор ва арзандае, ки дар Шарқу Ғарби олам доир ба «Ихвон-ус-сафо» анҷом гирифтааст, бо сабабҳои объективӣ ва субъективӣ ин мавзӯъро ба таври шоиста мавриди таҳлил қарор надодаанд. Дар сурате ки ба назари мо мавзӯи «Ихвон-ус-сафо» дар байни мавзӯъҳои илмӣ-фалсафии мардуми шарқи исломӣ дар асрҳои

миёна, яке аз ҷойҳои аввалинро ишғол мекунад. Барои исботи ин даъво бояд ба таърихи омӯзиши ин мавзӯъ назаре ба иҷмол афканд. Нуқсон ва камбудиҳои муҳаққиқон доир ба «Ихвон-ус-сафо» аз чӣ иборатанд?

Аввалан омӯзиши «Ихвон-ус-сафо» дар Ғарб бино ба навиштаи муҳаққиқи муосири араб Ориф Томер[281] қадимтарин тадқиқоти европоӣ доир ба «Ихвон-ус-сафо» буда, он муқаддимае мебошад, ки шарқшинос Томасон Т. (T.T. Tomason) соли 1837 ба забони англисӣ навишта, ба «Расоил»-и «Ихвон-ус-сафо» илова намуд. Баъди ӯ шарқшинос Фридрих Дитрици (Fredieri Kh Dietricis) дар таҳқиқоти муфассали худ зери унвони «Илмҳои фалсафӣ дар ҷаҳони араб» дар ҳашт ҷилд, баҳси доманадоре навишта, асосан меҳвари таҳқиқоти худро омӯзиши «Рисолаҳои Ихвон-ус-сафо» қарор додааст. Баъди чанде соли 1886 китоби дигаре бо номи «Хулосат-ул-вафо», ихтисори расоили «Ихвон-ус-сафо» дар Берлин интишор гардид.[282]

Мақолаи мухтасаре аз шарқшиноси маъруф Гольдциэр соли 1888 дар яке аз маҷаллаҳо дар шаҳри Гале (Halle) ба забони олмонӣ ба чоп расид. Доир ба фалсафа ва ақидаҳои «Ихвон-ус-сафо» баҳсе илмӣ ва таърихӣ соли 1861 аз ҷониби шарқшинос Парбишт Деминор (Parbiet de Meinard) анҷом дода шуд. Баъди тақрибан сӣ сол мақолае объективона ва зарифона доир ба «Ихвон-ус-сафо», соли 1893 аз ҷониби шарқшинос Лайн Поул (Lane-Polle) таълиф ва нашр гардид.

Аммо Веймер (Weimer) баъзе аз рисолаҳоро тарҷима намуда, дар муқаддимаи он фалсафаи «Ихвон-ус-сафо»-ро ба таври муфассал мавриди баррасӣ қарор дод. Соли 1903 шарқшинос Де Бур (De Boer) ва Макдоналд (Macdonald) ҳарду алоҳида таҳқиқе анҷом дода, дар Лондон ба табъ расониданд.

Соли 1915 аз ҷониби шарқшинос Казанова (Casanova) тадқиқоти судбахше анҷом ва соли 1929 шарқшинос Луис Массинъон (L.Massignon)

[281] Томер, Ориф. Ибн Сино фи маробеъ Ихвон-ус-сафо. Бейрут, 1984.-С.90-92.
[282] Мо таърихи омӯзиши «Ихвон-ус-сафо»-ро (дар Ғарб) ба таври мухтасар аз муқаддимаи китоби Ориф Томер: «Ибн Сино фи маробеъ Ихвон-ус-Сафо», Берут, 1984, [Ибни Сино дар баҳористони «Ихвон-ус-Сафо], иқтибос намудем.

ҳангоми тадқиқоти худ, зери унвони «Тасаввуф дар ислом ва фалсафаи Ғаззолӣ» таҳқиқоти мустақиле доир ба шароит ва вазъи навишта шудани «Рисолаҳо»-и «Ихвон-ус-сафо» иншо намуд. Дар худи ҳамон сол Тритон (A.S.Tritton) ва В.Иванов низ баҳсе дар мавзӯи «Ихвон-ус-сафо» анҷом доданд.

Шарқшиноси маъруф Никольсон (R.A.Nicholson) соли 1941 доир ба «Ихвон-ус-сафо» таҳқиқе арзанда навишта, дар маҷаллаи Университети Кембриҷ нашр намуд. Ҳамчунин шарқшинос Стрен (S.M.Stern) таҳқиқи муфассале анҷом дода, онро дар Университети Оксфорд ба қисми «Энсиклопедияи ислом» пешниҳод кард. Дар ин мавзӯъ аз номи ду шарқшиноси дигар низ набояд ғафлат варзид: Яке Де Сасӣ ва дигаре Стайнслос Гвард (Desacy ва S.Guard). Ин ду нафар дар ин мавзӯъ кӯшиш намудаанд, ки ҳақиқати ҳоли «Ихвон-ус-сафо»-ро ошкор намоянд. Сабаби зикри дуру дарози ин тадқиқотҳои европоӣ доир ба «Ихвон-ус-сафо» ин аст, ки дар ягона таҳқиқоти ҷомеъ ва муфассали Шӯравӣ бо номи «Фалсафаи Ихвон-ус-сафо»[283] гуфта мешавад, ки «сарчашмаҳо доир ба таҳқиқи фалсафа ва фаъолияти «Ихвон-ус-сафо» хеле ночизанд». Баъд муаллиф аз муҳаққиқони европоӣ Дитерицы, Ф.Ибервег, И.Гольдциэр ва А.Е.Крымскиро зикр намуда, доир ба муҳаққиқони араб ва шарқ умуман ягон ишорае намекунад. Дар хонанда чунин тасаввуроте пайдо мешавад, ки гӯё дар олами исломӣ доир ба «Ихвон-ус-сафо» ҳатто мақолае ҳам навишта нашудааст. Ҳол он ки муаллиф ихтисосманди фалсафаи араб аст ва аз иқтибосҳои дар китоб оварда чунин бармеояд, ки сарчашмаҳоро аз забони аслиашон тарҷима кардааст. Дар ин сурат аз таҳқиқотҳои муосири арабӣ сарфи назар кардани муаллиф аз назари этикаи илмӣ-таҳқиқотӣ хилофи қоидаи умумӣ аст. Ҳоло бубинем, ки доир ба «Ихвон-ус-сафо» дар ҷаҳони имрӯзаи араб ягон таҳқиқоте ба назар мерасад ё не.

---

[283] Закуев А.К. Философия «Братьев чистоты» Баку, 1961.-С.15.

Муаллифи зикршуда - доктор Ориф Томер ба ин мавзӯъ ишораи мухтасаре намуда мегӯяд, ки: Аз таҳқиқотчиёни араб аввалин касе, ки доир ба мавзӯи «Ихвон-ус-сафо» таваҷҷӯҳ зоҳир кард, Аҳмад Закӣ ва баъди он Муҳаммад Курд Алӣ буданд. Муҳаммад Курд Алӣ таҳқиқе доир ба «Ихвон-ус-сафо» анҷом дода, дар маҷаллаи Академияи илмии Араб дар шаҳри Димишқ ба табъ расонид. Ва баъди чанде соли 1928 адиби маъруфи араб доктор Таҳо Ҳусайн ба нашри мисрии «Расоили Ихвон-ус-сафо» муқаддимаи мухтасаре навишт.

Соли 1945 доктор Умар Фаррух доир ба «Ихвон-ус-сафо» таҳқиқоти муфассале анҷом дод. Чунин таҳқиқоти муфассал аз ҷониби Умар Дасуқӣ, доктор Ҳусайн Ҳамадонӣ, доктор Абдулатифи Тайбовӣ низ анҷом дода шудаанд. Соли 1948 доктор Одил Аво, Ҷаббор Абдуннур ва баъди онҳо Ҷамил Салибо, «Рисолат –ул-ҷомеа»-и «Ихвон-ус-сафо»-ро нашр кард.

Аз соли 1945 сар карда, шахсони зерин доир ба «Ихвон-ус-сафо» таҳқиқот навиштаанд: Муҳаммад Ғуллоб, Юҳано Қумайр, Муҳаммад Лутфӣ Ҷумъа, Абдулҳамид Сомӣ Баюмӣ, Салим ал-Ҷундӣ, Сулаймон Соиғ, Қадрӣ Ҳафиз Туқон, Муҳаммад Юнус ал-Ҳусайнӣ, Адиб Аббос, Абдуррасул ал-Ҳабашӣ, Абдулҳамид Мурсӣ, Муҳаммад Яҳё ал-Ҳошимӣ, Абдулҳамид ад-Даҷилӣ, Муҳаммад Комил Ҳусайн, Муҳаммад Мустафо Ҳилмӣ ва бисёр дигарон, ки ин ҷо маҷоли зикри ҳамаи онҳо нест.[284]

Аз ин ишораи мухтасари муҳаққиқи муосири араб чунин бар меояд, ки доир ба «Ихвон-ус-сафо» ба забони арабӣ таҳқиқотҳои фаровоне анҷом дода шудааст. Вале муҳаққиқи советӣ А.К.Закуев дар ин бора чизе намегӯяд ва бо ҳамин хонандагонро аз мавҷудияти таҳқиқотҳои рангоранг доир ба ақида ва фалсафаи «Ихвон-ус-сафо» маҳрум мегардонад.

Вазъи омӯзиши фалсафаи «Ихвон-ус-сафо» дар Инттиҳоди Шӯравӣ аз чӣ иборат буд? Агар баъзе ишораҳои мухтасар ва умумиро ки дар

---

[284] Томер, Ориф. Ибни Сино фи маробеъ Ихвон-ус-сафо. 1984.-С.93 (арабӣ).

адабиёти фалсафии советӣ дучор меоянд, сарфи назар кунем, мавзӯи «Ихвон-ус-сафо» бо каме тафсил дар тадқиқотҳои А.М.Баҳоуддинов[285] ва дар асари С.Н.Григорян[286], Х.Додихудоев[287] ва дигарон мавриди баррасӣ қарор гирифтааст.

Дар Иттиҳоди Шӯравӣ ягона асари ҷомеъ доир ба ақидаҳои «Ихвон-ус-сафо» асари муҳаққиқи озарӣ А.К.Закуев[288] бо номи «Фалсафаи Ихвон-ус-сафо» ба шумор меравад. Муаллиф дар ҳаҷми зиёдтар аз 120 саҳифа доир ба муҳимтарин ҷиҳатҳои фалсафаи «Ихвон-ус-сафо» баҳс намудааст. Ҷиҳати мусбати ин тадқиқот ҳам аз он иборат аст, ки аввалин шуда, хонандагони советиро ба таври системанок ва мунтаззам ба ақидаҳои фалсафии «Ихвон-ус-сафо» шинос намуд.

Таҳқиқи ақидаҳои «Ихвон-ус-сафо»-ро доир ба масъалаҳои ҳастӣ, маърифат, психология, иҷтимоӣ-сиёсӣ, ахлоқӣ ва дин дар бар мегирад. Муаллиф аз аввал то охири китоб ба ғайр аз зикри «Расоили Ихвон-ус-сафо» боз чанд нафари дигарро аз қабили Қифтӣ, Тавҳидӣ, Таймия, Усайбиа ва Суютӣ зикр менамоянду бо ҳамин баҳсро ба анҷом мерасонад.

Дар хонанда чунин тасаввуроте пайдо мешавад, ки гӯё мавзӯи «Ихвон-ус-сафо» аз назари имрӯз арзише надорад. Зеро дар таҳқиқоти муаллиф номе аз сарчашмаҳои муосири шарқӣ ва ғарбӣ дида намешавад. Дар натиҷа рӯҳи хонанда аз ин мавзӯъ мерамад ва асари муаллиф аз майдони баҳсу андеша ба дур партофта мешавад. Муаллиф мебоист таҳқиқотҳои муосири Шарқӣ ва Ғарбиро мавриди арзёбӣ қарор медод ва таҳлили худро дар партави кашфиётҳои навтарини илми таърихи фалсафа, матншиносӣ, шарқшиносӣ, таърихи мазҳабҳои динӣ ва ғайра давом медод. Дар он сурат қимати илмии асари мазкур дучандон зиёд мегардид. Ҳамин сарнавишт ба асари дигари муаллиф бо номи

---

[285] А.М.Баҳоуддинов. Очерки по истории таджикской философии. Душанбе, 1961.
[286] С.Н.Григорян. Средневековая философия народов Ближнего и среднего Востока. М., «Наука»,1966.
[287] Додихудоев, Хаёлбек. Философия крестьянского бунта. Душанбе, 1987.
[288] Закуев А.К. «Философия» Братьев чистоты, Баку, 1961.

«Фалсафаи Ан-Наззом»[289] низ насиб гаштааст. Ҳол он ки дар мавзӯи фалсафаи Ан-Наззом дар олами араб таҳқиқоти муфассале аз ҷониби донишманди маъруфи мисрӣ Муҳаммад Абу Райда анҷом дода шудааст.[290] Дар асари муаллиф номе аз ин тадқиқоти муаллифи араб бурда нашудааст. Ҳол он ки сарчашмаҳои иқтибосшуда ба якдигар хеле шабоҳат доранд.

Мақолаи «Ихвон-ус-сафо» дар ҷилди 2 «Энциклопедияи фалсафӣ»[291] низ ба қалами А.К.Закуев тааллуқ дорад. Танҳо бо ин фарқ, ки муаллиф дар китобаш мекӯшад исбот кунад, ки ақидаҳои «Ихвон-ус-сафо» эклектикӣ нестанд, вале дар мақола ошкоро мегӯяд, ки асли ақидаҳои фалсафаи «Ихвон-ус-сафо»-ро эклектизм ташкил медиҳад. Мақолаи дигаре бо номи «Ихвон-ус-сафо» дар ҷилди 5 «Энциклопедияи советии ӯзбек» тарҷимаи мухтасари ҳамин мавзӯъ аз «Энциклопедияи фалсафӣ» аст.

Навтарин ва беҳтарин мақола доир ба «Ихвон-ус-сафо» дар маҷаллаи «Илму дин» аз ҷониби муҳаққиқи машҳури Шӯравӣ А.Сагадеев [Саъдиев]бо номи «Ихвон-ус-сафо энциклопедистони асри Х» ба табъ расонда шуд. Муаллиф дар муқаддимаи мухтасари худ натиҷаи ду тадқиқоти навтарини шарқӣ ва ғарбиро доир ба муаллифони асосии «Расоил»-и «Ихвон-ус-сафо» ҷамъбаст намуда, менависад, ки ба гуфтаи ин ду муҳаққиқ (А.Ҳамадонӣ ва Маркут) «муаллифони асосии ин «Расоил» шахсони дигар буда, номҳои Мақдисӣ, Зинҷонӣ, Меҳрҷонӣ, Рифоа ва Авфиро танҳо барои пӯшондан ва пинҳон доштани муаллифони асосии «Расоил» зикр намудаанд».[292]

Ҳамин тариқ то имрӯз аксарияти муҳаққиқон ақида доштанд, ки муаллифони «Расоил» он панҷ нафари зикршуда мебошанд. Вале чуноне ки аз тадқиқотҳои охирин бармеояд, муаллифони «Расоил» то имрӯз маҷҳҳул ва номаълуманд. Акнун мебояд ба шахсияти онҳо ва осорашон

---

[289] Закуев А.К.. Философия Ан-Наззама. Баку, 1959.
[290] Абу Райда, Муҳаммад. Ақидаҳои фалсафӣ ва каломии Иброҳим ибни Сайёр Ан-Наззом. Қоҳира, 1946 (арабӣ).
[291] Философская энциклопедия. Т.2. М., 1962.
[292] Сагадеев А. «Чистые братье» энциклопедисты X века», в журнале «Наука и религия» 1980, №5.-С.44-47.

аз нав муроҷиат намуд. Ҳарчанд аз мавзӯъ каме дур рафта бошем ҳам, овардани чунин иттилоот дар ин ҷо аз он ҷиҳат зарур мебошад, ки то ба имрӯз маълум нест, ки намояндагони ин гурӯҳ кистанд, чанд нафаранд, аз кадом мамлакатанд ва тамоюли асосиашон ба кадом самт равона шудааст.

Ба ин масъала рӯй овардан, албатта, рағбати шахсӣ нест, балки табиати кори илмӣ онро тақозо мекунад. Ба ин муносибат яке аз муҳаққиқони муосир менависад, ки «дар таърихи Европа ду мавзӯи мушкил аст: яке таърихи папаи Рим ва дигаре таърихи Балкан. Мавзӯъҳои мушкили фалсафаи исломиро илми калом ва «Ихвон-ус-сафо» ташкил медиҳанд.[293]

Инак, саволи аввале, ки мо роҷеъ ба ин масъала хоҳем гузашт ин аст, ки «Ихвон-ус-сафо» дар кадом аср зиндагӣ кардаанд? Дар «Қомуси фалсафӣ-энциклопедӣ» давраи зиндагии онҳо нимаи асри X мелодӣ зикр шудааст.[294] Ин ақидаест, ки кайҳо аз ҷониби шарқшинос Казанова баён гардида, ӯ таърихи навишта шудани «Расоил»-ро солҳои 1028 ва 1035 таъйин намудааст, ки ба нимаи дуюми асри X мелодӣ мувофиқ меояд. Аз ин гузашта, муҳаққиқи араб Умар Фаррух қайд мекунад, ки аз шеваҳои баъдинаи дар «Расоил» зикршуда, метавон шеъри шоири араб Ибни Румиро хотирнишон намуд, ки худи шоир соли 993 аз ҷаҳон даргузаштааст. Санаи аз ин қадимтарро Саидҳусайни Наср зикр мекунад, ки ба навиштаи ӯ Абуҳайёни Тавҳидӣ соли 983 «Расоил»-и «Ихвон-ус-сафо»-ро дидааст.

Номи «Ихвон-ус-сафо» аз чӣ иқтибос шудааст? Худи онҳо эътироф мекунанд, ки ин номро иқтибосан аз як ҳикояи китоби «Калила ва Димна»[295] гирифтаанд. Аксарияти муҳаққиқон низ ҳамин ақидаро таъкид кардаанд. Ин ном дар он ҳикоя дар шакли сафват-ул-ихва, «бародарони пок» омадааст. Танҳо Карл де Во номи «Ихвон-ус-сафо»-ро тарҷимаи арабии калимаи юнонии «философия» дониста, ки ба назари ӯ

---

[293] Фаррух, Умар. Ихвон-ус-сафо. Бейрут. 1945.-С.20.
[294] Философский энциклопедический словарь» Москва, 1983.-С.234.
[295] «Расоил»-и Ихвон-ус-сафо. Қоҳира, 1928, ҷ.1.-С.62-63; ҷ.4.-С.179-180.

калимаи ихвон муодил ва баробари philos буда, ас-сафо муодили sophia мебошад.[296] Чуноне, ки маълум аст, калимаи юнонии ……….. ба маънои «дӯст медорам» омада, калимаи …………… ба маънои «ҳикмат» аст. Дар сурате, ки калимаи ихвон «бародарон» маънӣ медиҳад ва ба дӯстдорӣ робитае надорад. Чун бародар будан, ҳанӯз маънои дӯстдориро надорад. Ҳиссаи дуюми калимаи философия яъне «ҳикмат» дар асли он исм аст. Вале шакли ас-сафо «пок», сифат аст. Дар ҳар сурат ба ин маънӣ омадани ибораи «Ихвон-ус-сафо», ақаллан аз назари забонӣ аз ҳақиқат дур аст. Танҳо метавон як навъ қаробати маъноӣ байни ин ду ибора қоил шуд. Илова бар он ки худи муаллифони «Расоил», аз куҷо иқтибос кардани ин номро хотирнишон намудаанд, муҳаққиқони европоӣ як тамоили умумӣ доранд, ки мехоҳанд асос ва сарчашмаи фарҳанги ҷаҳониро (хусусан шарқи асримиёнагиро) аз Европа (ва хусусан Руму Юнон) пайдо кунанд. Албатта, вақте ки эътирофи худи муаллифи гузашта қабул нашавад, дар он сурат барои фарзу тахминиҳои «олимона» майдон фарох аст.

Аввалан, бояд номи «Расоил»-ро пурра дар назар гирифт: «Ихвон-ус-сафо ва хуллон-ул-вафо» яъне «Бародарони поксиришт ва дӯстони вафодор». Маънои умумии ин ибора далолатгари он аст, ки ҷамоати мазкур мақсаде амалӣ дар пеш доранд ва иҷроиши он ба покии сират ва вафодории аъзоёни он вобаста аст. Ҳарчанд номҳои қофиядор (сафо-вафо) як шеваи маъмулии муаллифони асримиёнагии ислом аст, вале ҳарду калима дар ин мисол далолаткунандаи ҳамон як мақсади муайян аст. Яъне покӣ ва вафодорӣ дар роҳи ба даст овардани ҳадафи муайян. Ҳамон ҳадафи амалие, ки «Ихвон-ус-сафо» дар асри X доштанд, ҳамонро ба таври дигар «Ихвон-ус-муслимин» (Бародарони мусулмон) дар калимаи бародарон набуда, балки дар калима «мусулмон» аст. Зеро дар асри XX даъвоҳои бародарӣ ва баробарӣ фаровон ҳастанд. Ин ҷо мусулмон будан, шарти аз ҳама муҳим аст. Дар асри X «Ихвон-ус-сафо» бо аслиҳаи поксириштӣ ва вафо мардуми ғайри арабро ба муқобили

---

[296] Сафо, Забеҳулло. Таърихи улуми ақлӣ дар тамаддуни исломӣ. Теҳрон. 1336. Ҷ.1.-С.296.

империяи арабӣ-исломӣ мешӯрониданд, дар сурате ки дар асри XX «Ихвон-ус-муслимин» бо шиори «мусулмон будан» ҳамаи миллатҳои араб ва ғайри арабро ба муқобили Европаи сармоядорӣ равона кардаанд. Дар ин ҳолатҳо контексти таърихӣ муҳим аст, на тобишҳои гуногуни ин ё он калимаи шиоргардида. Тахмини мо ин аст, ки номи «Ихвон-ус-сафо ва ҳуллон-ул-вафо» номи фалсафӣ набуда, балки бештар тамоили сиёсии ин ҷомеаро ифода мекунад.

Муаллифони «Расоил» намояндаи кадом миллат буданд? Бо вуҷуди он ки дар таҳқиқотҳои муосир ба ин ҷиҳати масъала кам аҳамият дода шудааст, қариб ҳамаи муҳаққиқони европоӣ нависандагони «Расоил»-ро араб шуморидаанд. Аз донишмандони муосири шарқӣ Забеҳулло Сафо онҳоро «табақае аз ҳукамои эрон»[297] шуморидааст. Муайян намудани нажоди ин муаллифон аз аҳамият холӣ нест. Зеро ҷомеаи махфие чун «Ихвон-ус-сафо» метавонист ифодакунандаи манфиатҳои ин ё он табақа ва ё қавму нажоде бошад.

Муаррихи машҳури асримиёнагии фалсафа Ибни Қифтӣ дар китоби худ бо номи «Таърихи-ул-ҳукамо» муаллифони «Расоил»-ро аз шахсони зерин иборат медонад: Абу Сулаймон Муҳаммад Ибни Маъшари Бустӣ, Абулҳасан Алӣ ибни Ҳорун-аз-Зинҷонӣ, Абу Аҳмади Меҳрҷонӣ, Авфӣ ва Зайд ибни Рифоъа.[298]Шаҳрзурии ишроқӣ дар китоби «Нузҳат-ул-арвоҳ ва равзат-ул-афроҳ» ин номҳоро ба андаке тағйир чунин зикр мекунад: Абу Сулаймон Муҳаммад ибни Маъшари Бустӣ маъруф ба Мақдисӣ, Абдулҳасан Алӣ ибни Ҳорун ас-Собӣ, Абу Аҳмади Наҳрҷурӣ, Авфии Басрӣ ва Зайд ибни Рифоъа.[299]

Аз ин номҳо пайдост, ки ба ғайр аз Зайд ибни Рифоъа дигар ҳамаашон форс-тоҷик будаанд. Зеро лақабҳои зинҷонӣ, меҳргонӣ, наҳрҷурӣ далолат ба минтақаҳои эронинажодон мекунад. Аз ин гузашта, файласуфи маъруф Абуҳайёни Тавҳидӣ дар «Рисола фи-с-садоқа ва –с-садиқ» овардааст, ки вазири машҳур Абуабдуллои Саъдон (мақтул дар

[297]Сафо, Забеҳулло. Таърихи адабиёт дар Эрон. Ҷ.1.-С.319.
[298] Қифтӣ, Ҷамоллудин. «Таърих-ул-ҳукамо». Лейпциг, 1901.-С.82.[Таърихи зиндагонии файласуфон]
[299] Қифтӣ, Ҷамолуддин. «Таърих-ул-ҳукамо». -С.82.

соли 985) гурӯҳе аз донишмандонро назди худ овард ва аз ҷамъоварии гуфтори онон «Расоил»-и Ихвон-ус-сафоро ба вуҷуд овард. Номи он донишмандон чунинанд: Ибни Заръа (331-398 ҳ.) =(942-100/ 7 м.). Мискавейҳ ар-Розӣ (вафоташ 421 ҳ.) (1030 м.) Абулвафои Бузҷонӣ, Абулқосими Аҳвозӣ, Абу Саиди Баҳром, Ибни Шоҳавия, Ибни Бакр, Ибни Ҳаҷҷоҷ аш-Шоир, Шӯхи шиъӣ (вафоташ 391 (1000 м.) ва Ибни Убайди Котиб.[300]

Ҳатто дар ин гурӯҳ ҳам номҳои Мискавейҳ, Розӣ (аз шаҳри Рай) Ҷузҷонӣ, Аҳвозӣ, Баҳром, Шоҳавия ва Шӯх далолат бар форс-тоҷик будани онҳо мекунад. Дар навиштаи Шаҳрзӯрӣ номи яке аз онҳо Авфии Басрӣ омадааст ва кас шояд гумон кунад, ки ба сабаби аз Басра буданаш бояд араб бошад. Вале Кифтӣ дар асари худ ҳамон Авфии Басриро Абу Аҳмад Меҳрҷонии Авфӣ зикр намудааст, ки аз номи Меҳргонӣ метавон дарёфт, ки на араб, балки форс-тоҷик будааст. Номҳои дигаре ки зоҳиран нишонаи арабӣ доранд, дар асл хеле мухтасар зикр шудаанд ва дар шакли ҳозираашон доир ба нажоди соҳиби он номҳо ҳукми қатъӣ баровардан мумкин нест. Албатта, дар ҷамоте чун «Ихвон-ус-сафо», ки дар асрҳои миёна дорои ақидаи нисбатан универсалӣ буд, дохил будани намояндагони миллатҳои дигар низ эҳтимол дорад. Чуноне ки мебинем, дар байни намояндагони зикршуда, яке Абулҳасан Алӣ ибни Ҳорун ас-Собӣ ном дорад, ки шояд аз ҷамоаи собеиён бошад. Як далели зимнӣ дар худи «Расоил» дучор меояд, ки аз рӯи мазмуни он арабҳоро аз ҳуқуқи муаллифи «Расоил» будан маҳрум мекунад: «Аммо миллатҳое, ки ҳеҷ як илме, санъате ва адабе ба вуҷуд наовардаанд, иборат аз: курдҳо, арабҳо, зангиҳо ва туркҳо мебошанд, ки на танҳо ин ҳунарҳоро надоранд, балки дар сиришт ва табиаташон низ рағбате ба илму хунар вуҷуд надорад. Миллатҳои шавқманди илм иборатанд аз: аҳли Форс (форсу тоҷик), аҳли Ироқ, аҳли Шом, аҳли Рум ва дигар миллатҳо.[301]

---

[300] Тавҳидӣ, Абуҳайён. Рисола фи-с-садоқа ва-с-садиқ. Қустантания, 1301.-С.31-33

[301] Расоил «Ихвон-ус-сафо ва хуллон-ул-вафо». Миср, 1928 (дар 4 ҷилд).Ҷ.4.-С.267-268.

Гумон меравад, ки агар муаллифони «Расоил» араб мебуданд, доир ба нажоди худ ба ин назар наменигаристанд. Ба ин муносибат саволи ҷузъие пеш меояд, ки чаро ашъори иқтибосшудаи арабӣ дар «Расоил» аз ашъори форсӣ зиёдтаранд? Зеро даъво ва даъвати расоил ба мамлакатҳои империяи арабӣ равона карда шуда буданд. Забони империя забони арабӣ буд. Дигар ин ки агар муаллифон араб мебуданд, аслан ягон порча шеъри форсӣ ҳам наметавонистанд илова кунанд. Чун аз байни миллати ҳоким каманд шахсиятҳое, ки забони қавмҳои маҳкумро то ба дараҷаи шеършиносӣ аз худ кунанд. Фаровонии ашъори арабӣ ва форсӣ далел бар он аст, ки муаллифон, ки худ форс-тоҷик буданд ва забони арабиро низ хуб медонистанд, барои тақвияти фикри худ порчаҳои шеъриеро бо арабӣ ва форсӣ ба шоҳидӣ меоварданд. Ба назари мо, қариб аксарияти муаллифони «Расоил» намояндаи миллати форс-тоҷик буданд. Зеро иштироки миллатҳои дигар ва алалхусус арабҳо ба рӯҳи умумии «Расоил» созгор набуд. Аз рӯи контексти таърихӣ, арабҳо манфиатдор намуданд, ки дар ҷамоае зидди арабӣ, чун ҷамоаи «Ихвон-ус-сафо», иштирок намоянд.

«Ихвон-ус-сафо» аҳли кадом мазҳабанд? Пайрави кадом фирқаи динӣ ва ё фалсафӣ будани намояндагони «Ихвон-ус-сафо» то имрӯз мавриди хилоф аст. Ҳар як муҳаққиқ назари худро дар ин масъала баён дошта, далелу бурҳони худро фароҳам мекунад. Ба таври умум донишмандони муосир «Ихвон-ус-сафо»-ро ба фирқаҳои мӯътазила, исмоилия, исноашария, шиа, қарматия, машшоия, фалосифа, сӯфия, пифагория, афлотуния, ботиния, маҷусия, академия (академияи Афлотун), искандария, навафлотуния, васания, зардуштия, маздакия, нусайрия, ҷаъфария, ҳаллоҷия, ғаззолия ва ғайра мансуб донистаанд.

Оё «Ихвон-ус-сафо» исмоилӣ буданд? Дар масъалаи мансубияти «Ихвон-ус-сафо» ба ин ё он мазҳаб фикрҳои гуногун вуҷуд дорад ва то имрӯз ба таври қатъӣ исбот нашудааст, ки онҳо пайрави кадом мазҳабанд. Вале аксарияти донишмандони гузашта ва ҳозира бар ин ақидаанд, ки «Ихвон-ус-сафо» пайрави мазҳаби исмоилӣ буданд. Барои

ин даъвои худ далелҳои гуногун ба шоҳидӣ меоварданд. Аз муаллифони гузашта муаррихи машҳури фалсафа Ҷамолиддин Абулҳасан Алӣ ибни Қифтӣ, дар китоби худ бо номи «Таърих-ул-ҳукамо» зери сарлавҳаи «Ихвон-ус-сафо ва хуллон-ул-вафо» дар ҳаҷми ҳафт саҳифа маълумот дода, аз ҷумла доир ба исмоилӣ будани онҳо ин тавр ишора намудааст: «Чун ҷамоаи «Ихвон-ус-сафо» номи худро пинҳон доштанд, мардум доир ба шахсияти онҳо ақидаҳои гуногун баён намуданд. Аз рӯи гуфта ва тахмини баъзе аз онҳо нависандагони «Расоил» баъзе аз имомон аз насли Алӣ ибни Абутолиб будаанд. Вале дар муайян намудани номи имомҳо ихтилоф карданд ва чи будани ҳақиқати он ошкор нагардид».[302]

Баъзе аз муҳаққиқон аз қабили Ориф Томер, Аҳмад Закӣ пошо, Казанова, Голдциэр, Макдоналд, Лен Паул, Масинён, Владимир Иванов, Анри Корбэн, Мустафо Ғолиб, Ғулом Аҳмади Қодиёнӣ, Ҷаббур Абдуннур, Ҳанно ал-Фохурӣ, Халил ал-Ҷур, Сомӣ ал-Айёш ва боз чанде дигар ҳар як бо далелу бурҳонҳои муайяне «Ихвон-ус-сафо»-ро исмоилия ҳисобидаанд. Аз муҳаққиқони тоҷик Х.Додихудоев «Ихвон-ус-Сафо»-ро аз аввалин фаласуфони исмоилия медонад. [303]

Аксари ин муаллифон асри «Ихвон-ус-сафо»-ро сабабгори зуҳури ин фирқаи фалсафимашраб донистаанд. Ба таври умумӣ таъкид мекунанд, ки давраи зуҳури «Ихвон-ус-сафо» ба асри X рост меояд, ки хилофати исломӣ рӯ ба таназзул ниҳода буд. Амирон ва шоҳони алоҳида ин империяи аббосиро ба қисматҳо тақсим намуданд. Ҳудуди нуфузи Аббосиён аз Бағдод дуртар набуд. Аббосиён дар ин давр ба таври расмӣ эътироф мешуданд, вале ҳокимони ҳақиқии ноҳияҳои империя шахсони дигар буданд.

Бани Бувайҳ масалан дар Форс, Рай ва Исфаҳон ҳукмронӣ мекард. Мавсил, Диёри Бакр, Рабиа ва Мазар дар дасти Ҳамдониён буданд. Фотимиён Мағриб ва Африкаро дар тасарруфи худ даровarданд. Андалус дар дасти Умавиҳо буд. Қарматиҳо бар Ямома, Баҳрайн,

[302] Қифтӣ, Ҷамолуддин. «Таърих-ул-ҳукамо».-С.82.
[303]Додихудоев, Хаёлбек. Философия крестьянского бунта.-С.110.

Дайлам, Табаристон ва Ҷурҷон ҳукмфармоӣ менамуданд. Дар як вақт дар империяи исломӣ се халифа вуҷуд дошт: яке дар Ироқ, дуюм дар Шимолии Африка ва сеюм дар Испания. Вилоятҳои хурд дар гирди меҳвари ин се халифа давр мезаданд. Адовати сиёсӣ ва фикрӣ ба авҷи аълои худ расида буд, ҳар яки ин ҳукуматҳо даъвогарони худро доштанд. Мусулмонон бо яроқи фирқаву мазҳаб ва шамшеру калом бар зидди якдигар меҷангиданд.

Замони хилофати халифаи Аббосӣ Ал-Муқтадир, бадтарин давраи таърихи араб ба шумор меравад. Нуфузи канизакони қасри халифа ва сухани онҳо, аз сухани амирон ва сарлашкарони халифа бештар буд. Ҳамаи ин ҳолатҳо дар якҷоягӣ сабабгори норозигии моддӣ ва маънавии табақаҳои гуногуни ҷамъият мегардид ва оқибат ба шӯришҳо ва задухӯрдҳои физикӣ ва идеявӣ бурда мерасонд. Табақаҳои поёнии ҷамъият, ки аз ин зулм ва фасоди сиёсӣ хеле ранҷ мебурданд, даст ба инқилобҳои иҷтимоӣ мезаданд. Намунаи чунин шӯришҳо, шӯриши Бобаки Хуррамӣ буд, ки худи ӯро халифаи Мӯътасим соли 837 ба қатл расонд. Баъди шикасти шӯришҳо ба мардуми шӯришгар чорае ҷуз ин намемонад, ки ҳадафи худро бо роҳи махфӣ дунбол намоянд. То ин ки бо роҳи тарғиботи махфиёна ба задухӯрдҳои оянда омода гарданд. Ин аст, ки табақаҳо ва қавму миллатҳои мазлум ба муқобили ҳокимияти мавҷуда ва ақидаи динии расмӣ, ки ин ҳокимиятро муҳофизат мекунад, бо роҳу усулҳои гуногун ба мубориза бармехостанд. Дар ибтидои асри X (930) адовати яке аз ин фирқаҳои мазлум ба дараҷае расид, ки дар мавсими ҳаҷ ба хонаи Каъба фаромада, молу мулки ҳоҷиёнро ғорат ва баъзеҳоро кушта ва Ҳаҷар-ул-асвадро аз ҷояш берун оварданд. Ба чоҳи Замзам лоша партофта, матои хонаи Каъбаро байни худ тақсим намуданд. Ин гурӯҳ худро зери номи шиагарӣ пинҳон намуда, дар аксар ҳолатҳо чунин вонамуд мекарданд, ки гӯё дар хидмати хонадони Алӣ ва

пайғамбаранд. Яке аз ҷамъиятҳои махфӣ ва машҳури он рӯзгор ҷамъияти «Ихвон-ус-сафо» буд.[304]

Аксари муаллифон ҳамин шароити даврро ба назар гирифта, ба хулосае омадаанд, ки унсури фаъолтари идеявӣ дар ин давр фирқаи исмоилия буд ва шояд ҷамоаи «Ихвон-ус-сафо» низ мехостанд он ҳадафи динӣ ва сиёсии исмоилияро бо далелу бурҳонҳои фалсафӣ устувор намоянд.

Яке аз муҳаққиқони исмоилии муосири араб доктор Ориф Томер менависад, ки «вақти таълифи «Расоил» нимаи асри дуюми ҳиҷрӣ буда, ҳақиқати нависандагони он муаммои мубҳам ва сирре аз асрори фалсафаи араб мебошад, ки то имрӯз ҳалли ниҳоии худро наёфтааст. Ба ақидаи мо, «Ихвон-ус-сафо» асосгузорони фалсафаи исмоилия буданд. «Расоил»-ро яке аз имомони исмоилӣ навиштааст. Маълумоти овардаи Абуҳаёни Тавҳидӣ (924-1024) доир ба номи нависандагони «Расоил» ва вақти навишта шудани онҳо (асри X) дар Басра ба куллӣ хато аст. Ҳақиқат он аст, ки ин «Расоил» нақши дастуреро иҷро менамуданд, ки аз ҷониби давлати фотимиён паҳн карда мешуд».[305]

Ҳиссае аз ин ақида, ки ба давлати фотимиён дахл дорад, чандин сол пеш аз ҷониби муҳаққиқи расмии мазҳаби исмоилӣ Владимир Иванов баён гардида буд.[306]

Муҳаққиқи дигари муосир исмоилӣ ва муаллифи тадқикотҳои муфассале аз қабили «Таърихи даъвати исмоилия» (Бейрут, 1952) «Бузургони исмоилӣ» (Бейрут, 1964) доир ба робитаи «Ихвон-ус-сафо» бо исмоилия чунин менависад: «Ихвон-ус-сафо» дар даврае зуҳур намуданд, ки низои байни сунна ва шиа ба авҷи аълои худ расида буд… ва ҳакимоне, ки «Расоил»-ро таълиф намудаанд, барҳақ асосгузорони мазҳаби исмоилӣ мебошанд.[307] Далели мо ин аст, ки дар як дастнависи исмоилӣ бо номи «Китоби фусул ва ахбор» аз таълифоти доъии суриягӣ

---

304 Ҷаббур, Абдуннур. Ихвон-ус-сафо. Бейрут, 1954.-С.5-7 (ба забони арабӣ).
305 Томер, Ориф. Ибни Сино дар баҳористони «Ихвон-ус-сафо».-С.89-100 (ба забони арабӣ).
306 Наср, Саидҳусайн. Назари мутафаккирони исломӣ дар бораи табиат. Теҳрон, 1363.-С.41.
307 Ғолиб, Мустафо. Бузургони исмоилӣ. Бейрут. 1964.-С.129-130 (ба забони арабӣ).

Нуриддини Аҳмад[308] (1414-1445) омадааст, ки Абдуллоҳ ибни Муҳаммад «Расоил»-ро мувофиқи ҳарфҳои номи худаш таълиф намудааст:

А Б Д У Л Л Ҳ Б Н М Ҳ М Д = Абдуллоҳ ибни Муҳаммад[309]

7 2 4 1 3 3 5 2 5 4 8 4 4 = 52.

Моем, ки –мегӯяд доктор Мустафо Ғолиб – бо заҳмати зиёде матнҳо ва васиқаҳои махфии исмоилияро аз назари тафтиш гузаронида, ба хулосае омадем, ки «Расоил»-и «Ихвон-ус-сафо» зери роҳбарии имоми исмоилӣ Аҳмад ибни Абдуллоҳ бо ёрии чаҳор доъии дигар: Абдуллоҳ ибни Маймун ал-Қаддоҳ, Абдуллоҳ ибни Саъид ал-Ҳусайн, Абдуллоҳ ал-Муборак ва Абдуллоҳ ибни Ҳамдон навишта шудааст. Аксари вақт навиштани онҳо дар Саламия (40 мил. шимолии шаҳри Ҳумси Сурия) анҷом гирифта ва ин ҳодиса дар ҳудуди соли (824) ба анҷом расидааст.

Ин гурӯҳи муҳаққиқон, ки майл доранд исмоилӣ будани «Ихвон-ус-сафо»-ро хотирнишон кунанд, барои исботи даъвои худ ҳадафи «Ихвон-ус-сафо»-ро аз ду ҳисса иборат медонанд: яке ҳадафи зоҳирӣ ва дуюм ҳадафи ботинӣ. Дар боби ҳадафи зоҳирии онҳо муҳаққиқон чунин меандешанд, ки дар «Расоил»-и онҳо ибораҳое ба чашм мехӯрад, ки зоҳиран аз ҳадафи файласуфони ишроқӣ фарқ мекунад. Ба ақидаи онҳо номи ҳикмати ишроқ (фалсафаи нур) ва номи истилоҳии он қадимтар аз давраи асосгузори расмии он-Суҳравардии мақтул (соли 1191) аст. Ҳикмати ишроқ иборат аз созиш додани фалсафаи Юнон дар шакли навафлотуниаш бо ақидаҳои фалсафии мардуми Эрони бостон мебошад. Фалсафаи исломӣ низ аз вақти оғози худ, сахт зери таъсири ҳикмати ишроқ буда, то имрӯз таъсири он боқӣ аст. Муҳаққиқони мазкур қавли Абуҳаёни Тавҳидиро ба шоҳидӣ оварда, ки гуфтааст: «Шариат бо ҷаҳолатҳо олуда гашта ва ба гумроҳиҳо омехта шудааст. Барои пок намудани шариат аз ин олудагиҳо бояд онро (шариатро) бо фалсафа бишӯем. Зеро ки фалсафа ҳам ҳикмати эътиқодӣ ва ҳам салоҳдиди иҷтиҳодӣ аст. Ба ақидаи онҳо (яъне «Ихвон-ус-сафо») ҳаргоҳ, ки

---

[308] Ғолиб, Мустафо. Фалосифае аз Шарқ ва Ғарб. Бейрут. 1968.-С.18 (арабӣ).

[309] Ҳамон ҷо.-С.22

фалсафаи Юнон бо шариати араб бо ҳам яке шаванд, он гоҳ камоли матлуб ҳосил мегардад.[310]

Муҳаққиқон доир ба ҳақиқати ин ибораи Тавҳидӣ ҷидду ҷаҳд намуда, пеш аз ҳама «Расоил»-и онҳоро мавриди баррасии ҳаматарафа қарор доданд. Натиҷаи кори онҳо ин гардид, ки дар аксар саҳифаҳои «Расоил» метавон мазмуни ибораи Тавҳидиро пайдо намуд. Пайравӣ аз ин ҳадаф, онҳоро ба ин водошт, ки мисли файласуфони эклектик (тавфиқгаро) ва мазҳабҳои фикрии шарқӣ ба ду асос такя намоянд: ба дин ва фалсафа. Дар ин замина доираи фикрии онҳо ба ҷое расид, ки «ба ҳеҷ як илме аз илмҳо душманӣ намекарданд ва ҳеҷ китоберо аз мадди назари баҳсу андеша дур намеандохтанд ва бо ҳеҷ як мазҳабе аз мазҳабҳо таассуб намеварзиданд. Чунки ақидаи онҳо, ҳамаи ақидаҳоро ва илми онҳо, ҳамаи илмҳои дигарро дар худ муттаҳид намуда буд».[311]

Аз ин ҳам гузашта, дар рисолаи хулосавии худ бо номи «ар-Рисола-ал-ҷомиа» (ҷилди 2. саҳ.403) васият намудаанд, ки ҳама гуна рисолаҳои ҳакимон ва пайғамбаронро мавриди омӯзиш қарор диҳанд. Ин аст, ки барои исботи ақидаи худ дар «Расоил» аз китобҳои пайғамбарон фаровон истифода бурданд. Натиҷаи кори онҳо ба ин ҷо расид, ки ҳамаи равияҳои фалсафиро мазҳаби ягона ба шумор оварданд, ки ба ҷавҳари динҳо мувофиқат дорад. Пайғамбаронро аз ҷумлаи ҳакимон шумориданд, гуфтори онҳоро далолаткунанда ба ҳамон як ҳадаф дониста, ба таври умумӣ фалсафаи онҳо ақлу дил ва фикру эҳсоси инсониро бе каму кост дар худ таҷассум намудааст. Ба забони онҳо агар сухан кунем Иброҳим, Юсуф, Масеҳ, Муҳаммад, Суқрот ва Пифагор[312] ба мактаби ягонае дохил мешаванд, ки ин мактаб дорои ҳадафи ягона буда, танҳо бо услубҳои гуногун изҳори ақида намудааст.

Мақсади зоҳирии онҳо аз навиштани ин «Расоил» дар он замони пуризтироб аз он иборат буд, ки мехостанд дар байни фирқаҳои

---

[310] Тавҳидӣ, Абуҳайён. Ал-Имтоъ…ҷ.2. Қоҳира, 1942.-С.5.
[311] Ҳамон ҷо.-С.5.
[312] Ихвон-ус-сафо. Расоил, ҷ.4.-С.223.

гуногуни динӣ, ҳизбҳои сиёсӣ, мусулмонон, насрониён, маҷусиён, яҳудиён, афлотуниён, машшоиён, пифагориҳо ва ғайра ягонагии маънавӣ ба вуҷуд оварда, ҳамаи онҳоро ба сӯи ғоя ва ҳадафи ягона яъне: Ҳақиқати мутлақ раҳнамоӣ кунанд.[313]

Дар масъалаи ин ки «Ихвон-ус-сафо» ғоя ва ҳадафи пинҳонӣ, махфӣ ва ба таъбири худашон ғояи ботинӣ доштаанд, яке аз муаллифон чунин менависад: «Ихвон-ус-сафо» дорои майлҳои махсуси ботинӣ буданд. Вале ин майли худро дар «Расоил»-ашон ошкоро баён накарда, балки ба таври мубҳам изҳор доштаанд. Услуби баёнкардаи онҳо услубе рамзӣ буда, метавон онро бо чандин роҳ мавриди тафсир ва таъвил қарор дод. Ин аст, ки баёноти онҳоро ҳар кас ба тариқи худ фаҳмидааст. Вале асли сухан рӯи ин аст, ки «Ихвон-ус-сафо» ба алавигарӣ (яъне аз дигар саҳоба афзалтар шумоpидани Алӣ) майл доштанд. Ин аст, ки дар «Расоил» гоҳ-гоҳ даъватҳое ба мазҳаби алавӣ дучор мешавад, ки ғараз аз он барқарор намудани низоми нави сиёсӣ буд. Шакке нест, ки «Ихвон-ус-сафо» дар боби дастгирии алавия сухан ронда, барои тамоман пӯшида нигоҳ доштани ҳадафи аслии худ сахт накӯшидаанд. Зеро дар он рӯзгор ин мазҳаб (алавия) барои мардум нохушоянд набудааст. Ва эҳтимоли дигаре низ ҳаст, ки шояд «Ихвон-ус-сафо» бо парокандани «Расоил»-и худ дар минтақаи алавимазҳаб хостаанд бо ин роҳ, яъне зери ниқоби исмоилигарӣ ҳадафи аслии худро пинҳон доранд. Бо вуҷуди он ҳадафи худро ба таври ошкоро баён намуданд. Тарзи ишора ба ҳадафи асосӣ хеле моҳирона аст. Масалан, дар рисолаи панҷум доир ба мусиқӣ сухан ронда, қонунҳои он: чигунагии идрок намудани қувваи сомеъа савтро, омехташавии ин савтҳо ва ба ҳам расидани онҳо, аз онҳо тағйир пазируфтани мизоҷҳо, коидаҳои лаҳнҳо ва қонунҳои онҳо, фанни олот ва ислоҳи он ва дигар фаслҳои раннӣ ва илмии онро баён дошта, зимни он мегӯянд, ки «ҳар як нафси мусулмон дар олами арвоҳ ду падар дорад, чуноне ки ҷисмҳояшон дар олами ҷасад дорои ду падар ҳастанд. Барои

[313] Ҷаббур, Абдуннур. Ихвон-ус-сафо…-С.16.

исботи ин ақидаи худ гуфтаи Муҳаммадро ба шоҳидӣ меоранд, ки ба Алӣ ибни Абутолиб гуфтааст: «Эй Алӣ, ману ту падари ин уммат ҳастем». Ин ҳадисҳо бо як навъ эътимод ва боварие гуфта мешаванд, ки гӯё ҳоҷат ба исботи онҳо набошад. Аз тарафи дигар, байни сунна ва шиа фарқ гузашта, ба бартарии Алӣ нисбат ба дигар саҳобагон эътироф доранд. Дар ин асос метавон натиҷа гирифт, ки Алӣ ба табақаи пайғамбарон наздиктар будааст. Ин аст он хулосае, ки ҳамаи фирқаҳои шиа аз «Расоил»-и «Ихвон-ус-сафо» берун овардаанд. Аз тарафи дигар, маълум аст, ки «Ихвон-ус-сафо» аз зикри номи шахсҳо барҳазар буданд, то ин ки кӣ будан ва пайрави кадом мазҳаб будани онҳо ошкор нагардад. Ин аст, ки онҳо ба зикри номи пайғамбарон, ҳакимони машҳур ва чанде дигар қаноат намудаанд. Ба ақидаи онҳое, ки мехоҳанд «Ихвон-ус-сафо»-ро аз пайравони шиа ба шумор оваранд, чунин хотирнишон мекунанд, ки «агар ҳамаи «Расоил»-ро бо пуррагӣ мавриди мутолиа қарор диҳем, он гоҳ ба мо маълум мегардад, ки онҳо мардумро ба пайравӣ аз Алӣ ва хонаводаи Муҳаммад даъват менамуданд».[314]

Ин ҷо агар масъалаи мазҳабталошӣ ва мазҳабтароширо яксӯ гузорем, бояд эътироф намуд, ки мақоми Алӣ ҳамчун шахсияти таърихӣ қабили инкор нест. Сарчашмаҳои таърихии ғайримазҳабӣ ҳам хизматҳои Алиро дар бомдоди ислом эътироф доранд. Ба ин муносибат агар «Ихвон-ус-сафо» мақоми Алиро таъкид карда бошанд, аз назари таърихӣ ба хато нарафтаанд. Лекин ҳангоми дида баромадани мақоми Алӣ бо чашми мазҳабӣ, албатта хизматҳои таърихии Алӣ ба худ ранги дигар мегиранд ва аз будашон кам ва ё зиёд тавсиф карда мешаванд. Ҳарчанд ки фирқаи шиа ва сунна ба тақозои давру замон дар таърихи ислом нақшҳои гуногун бозидаанд, вале ба таври принсипиалӣ ба назари мо ақидаи шиа ифодакунандаи фикри ашрофӣ-аристократии миллатҳои империяи исломӣ буда, фирқаи сунна аз мавқеи идеологияи табақаҳои поёнӣ ва миёна баромад мекард. Ин буд, ки фирқаи сунна аз тарафи аксарият пуштибонӣ карда шуд ва мавқеи худро чандин асрҳо побарҷой

[314] Ҷаббур, Абдуннур. Ихвон-ус-сафо.-С.17.

нигоҳ дошт. Ҳарчанд ки дар баъзе марҳилаҳои таърихӣ роли онҳо иваз мегардид, вале чуноне ки таъкид шуд, мавқеи принсипиалии онҳо дар партави таърихи умумии ислом ҳамон буд, ки ишора намудем.[315]

Тафсили ҷузъиёти исмоилӣ будани «Ихвон-ус-сафо» аз назари муҳаққиқони имрӯза (махсусан арабҳо) ба таври умумӣ аз ин иборат аст, ки «Ихвон-ус-сафо» пайравони пайғамбари исломро аз ҳашт табақа иборат донистa, дар табақаи якум пайравони Алиро ҷой додаанд. Зеро ба ақидаи онҳо «Алӣ аз хонандагони (аввалини Б.К.) китоби Худо (Қуръон), китобаткунандаи он, ҳифзкунандаи алфози қуръонӣ ва устоди онҳое, ки баъд аз вай омада буданд, ба шумор меояд. Пасомадагон пайравони худро таълим намуданд ва ҳамин тавр ин илм аз насл ба насл мегузашт».[316] Аз ин пайдост, ки онҳо дар ин бора Алиро дар назар доштаанд. Мақсади аслии онҳо вақте зоҳир мегардад, ки омӯзиши ин илмро (илм Қуръон ва динро) танҳо махсуси Алӣ ва фарзандони ӯ медонистанд. Дин ба назари онҳо пешаи меросӣ ба шумор меомад. Ва чун мехостанд, ки росткорони улуми илоҳиро зикр намоянд, доир ба онҳо таъбири маҳдиён ва хулафои рошидинро истифода мекарданд. Дар ин ҷо ҳам маҳдиёнро аз рошидин афзалтар шуморида, ба ҳеҷ яке аз халифаҳои умавӣ ва ё аббосӣ ишорае ҳам наменамуданд. Метавон майли шиӣ доштани «Ихвон-ус-сафо»-ро дар масъалае аз қабили масъалаи ҳасад низ пай бурд. Он ҷо ки пайғамбар мардуми гуногунро муттаҳид намуда, ба воситаи лутф ва меҳрубонӣ, онҳоро ба роҳи дин ҳидоят намуд. Баъди ин «Ихвон-ус-сафо» ба масъалаи уммат (пайравони ислом аз миллатҳои гуногун) гузашта, вазъеро ки дар он пайғамбар ба даъвати худ шурӯъ намуд, мавриди таҳлил қарор додаанд. Хулосаи фикри онҳо дар ин масъала ин аст, ки интихоби халифа аз рӯи қоидаи «шӯро», ба иродаи пайғамбари ислом мухолиф буд. Зеро Муҳаммад касеро ки ба ҷои ӯ меомад, васият намудааст. Барои ҳамин ҳам онҳо таъбирҳои

---

[315] Масъалаи исмоилӣ будани онҳоро бо тафсил нақл карданамон барои ин аст, ки дар қисмҳои дигар ба такрор роҳ надиҳем. Зеро ақидаи аксарият бар ин буда, ки «Ихвон-ус-сафо» исмоилианд.

[316] Расоил, ҷ.1.-С.25.

«васияти пайғамбар» ва «васияти ӯ ва раҳнамоиҳои пайғамбар» ва дигар иборотеро, ки дар китобҳои аҳли шиа дучор меоянд, фаровон истифода намудаанд…

Муҳаққиқони муосир таъкид мекунанд, ки дар қисми чаҳоруми «Расоил» кӣ будани «Ихвон-ус-сафо» бо равшанӣ маълум мегардад. Пас, онҳо кистанд? Муҳаққиқон аз ҷумла Ҷаббур Абдуннур менависад, ки дар бисёре аз порчаҳои қисми чаҳорум майли алавии (Алипарастии) онҳо ҳувайдост. Чунки онҳо номи баъзе аз имомонро баён намуда, гуфтаҳои Ҳусайнро ба сифати ҳуҷҷат ва далел ба шоҳидӣ меоваранд. Дар ҷои дигар ба Карбало ишора намуда мегӯянд, ки пайғамбарон дар роҳи даъвати худ ҷисми худро ба ҳалокат расониданд ва аҳли хонаводаи пайғамбар, ҷисмҳои худро рӯзи Карбало маҳкуми ҳалокат намуда, ба ташнагӣ ва зарба сабр намуданд, то ки ин нафсҳои онҳо ҷасадашонро тарк намуданд ва ба малакути осмон баромада, бо падарони поки худ Муҳаммаду Алӣ ва муҳоҷирину ансор вохӯрданд»[317].

Ҳамин тавр ба ақидаи ин гурӯҳи муҳаққиқон дар «Расоил»-и «Ихвон-ус-сафо» хонаводаи пайғамбар ва номи Ҳусайн ба таври хос зикр мешавад, ки далели алавимазҳаб будани онҳоро нишон медиҳад.[318] Хусусиятҳои умумитарини монандӣ байни «Ихвон-ус-сафо» ва исмоилия дар он зоҳир мегардад, ки ҳарду мактаби фикрӣ, идеалҳо ва ҳадафҳои охирин ва асили худро сахт махфӣ нигоҳ медоштанд. Аз ҷиҳати ташкилот ва ташкилотчигӣ ҳам байни онҳо шабоҳати бузурге вуҷуд дошт. Ҷамъияти «Ихвон-ус-сафо» дорои маротиби гуногуни аъзоён буд, ки ҳар як мартабаи болотарин аз хешро итоат менамуд. Аммо сирру асрори ҷамоаро танҳо шахсони башумор медонистанду бас. Исмоилиён ва «Ихвон-ус-сафо» ҳадафи ягона доштанд: барҳам задани фароизи динӣ. Чун наметавонистанд ошкоро фароизи диниро барҳам зананд, барои амалӣ намудани ҳадафи худ ба шарҳи маҷозии оёти Қуръон пардохтанд. Онҳо мегуфтанд, ки оёти Қуръонӣ дорои маънии зоҳирӣ

---

[317] «Расоил»… ҷ.4.-С.98.
[318] Ҷаббур, Абдуннур. Ихвон-ус-сафо.-С.19-20.

мебошанд, ки барои бесаводон қобили фаҳманд. Вале мазмуни ботинӣ ва аслии оятҳои Қуръонро танҳо олимон ва хирадмандоне, ки аз асрори кори нубувват ва диёнат бохабаранд, дониста метавонанду бас. Пешвоёни мактаби исмоилӣ ва ҷамоаи «Ихвон-ус-сафо», яке аз вазифаҳои асосии худро дар он медиданд, ки аъзоёни ташкилоти худро аз асрори нубувват ва дин огоҳ намоянд. Ин аст ки шахсони диндоре, ки ба ташкилоти исмоилиён ва «Ихвон-ус-сафо» дохил мешуданд, оқибат аксари онҳо ба роҳи озодандешӣ раҳсипар мегардиданд. Исмоилиён ва «Ихвон-ус-сафо» дар баробари панду ҳикматҳои Қуръон, Инҷил ва Таврот панду ҳикматҳо ва андарзҳои юнонӣ, ҳиндӣ, эронӣ ва сӯфиёнаро низ фаровон истифода менамуданд. Таълимоти исмоилиён ва «Ихвон-ус-сафо» ба ақидаи муҳаққиқи озарӣ А.К.Закуев бештар дар байни халқҳои ғайриараби олами исломии онрӯза паҳн гардида буд. Аз ҷумла ин ақида дар байни аристократияи эронӣ соҳиби нуфуз гардида буд, ки онҳо гурӯҳи оппозитсионӣ дар баробари ҳокимияти арабӣ ва дини ислом буда, орзу доштанд, ки давлати мустақили худ ва дини аҷдодии худ зардуштиро барқарор намоянд.[319]

Оё «Ихвон-ус-сафо» қарматӣ буданд? Баъзе аз донишмандони машҳур аз қабили Луи Масинён ва Макдоналд бар ин ақидаанд, ки «Ихвон-ус-сафо» қарматианд.[320] Муҳаққиқи озарӣ А.К.Закуев гуфта, ки ҷамъияти «Ихвон-ус-сафо» аз рӯйи шакли ташкилӣ ва тарзи нашри осори худ, ташкилоти сиёсӣ-идеологии исмоилиён ва қарматиҳоро ба хотир меоварад.[321] Ба таври умумӣ, - мегӯяд муаллифи дигар, - «Расоил»-и «Ихвон-ус-сафо» тамоили ботинӣ доранд. Таваҷҷӯҳи онҳо ба аксари илмҳо бо ғаразҳои сиёсатбозӣ набуда, балки хусусиятҳои хоси зеҳни ботиниро нишон медиҳанд. Маҷус ва «Ихвон-ус-сафо» аз рӯи мазҳаб якеанд, чунки Худо ва пайғамбаронро инкор мекунанд. «Расоил» пеш аз хилофати фотимиён таълиф шуда, намунаи фикри ботинӣ ҳастанд. Худи қарматиён бо «Ихвон-ус-сафо» алоқаманд буданд. Калимаи «Ихвон»

[319] Закуев А.К.. Филосифия «Братьев чистоты».-С.24.
[320] Наср, Саидҳусайн. Назари мутафаккирони исломӣ дар бораи табиат.-С.40.
[321] Закуев А.К.. Филосифия «Братьев чистоты».-С.9.

дар навиштаҳои ботиниён ва дарзиён бисёр дучор меоянд ва дар баъзе мавридҳо калимаи «Ихвон» ва «муваҳҳиддин» (яктопарастон) ба як маъно меоянд. Ботиниёнро умуман «Ихвон» меномиданд. Метавон гуфт, ки «Ихвон-ус-сафо» ҳамон ихвони исмоилии муваҳҳиддин буданд.

Ин «Расоил» пеш аз ҳаракати инқилобии қарматиён дар нимаи дуюми асри IX таълиф шуда, нақши онҳо ба нақши маорифпарварони европоие баробар аст, ки инқилоби  соли 1789-ро омода намуданд. Ин аст, ки метавон «Расоил»-и «Ихвон-ус-сафо»-ро аз самими фикри ботинӣ ҳисоб намуд, ҳарчанд  ки ҷамоаи «Ихвон-ус-сафо» ташкилоти тамоман мустақил набуданд. Онҳо яке аз шохаҳои даъвати исмоилия ва яке аз навпардозиҳои соҳаи ташкилӣ ва фалсафии ботиниро дар худ таҷассум менамуданд».[322]

Оё «Ихвон-ус-сафо» мӯътазалӣ буданд? Аз муаллифони асрҳои миёна Ибни Қифтӣ бар ин ақида буд, ки «Ихвон-ус-сафо» мӯътазилианд.[323] Ин ақида дар байни муҳаққиқони муосир тарафдороне пайдо намуд. Аз ҷумла Г.Флугел  «Ихвон»-ро аз аҳли эътизол ба шумор оварда, Э.Браун, Р.Никольсон ва А.Паласиус «Расоил»-и онҳоро омехтае аз орои мӯътазила ва шиа иборат донистанд.

Тааллуқи «Ихвон-ус-сафо» ба як фирқаи хос қобили исбот нест ва танҳо ин нукта мусаллам аст, ки аз порае ҷиҳат ба мутакаллимини мӯътазила ва исмоилия шабоҳат доштанд. Бо ин фарқ ки  мӯътазила ва исмоилия мехостанд динро бо фалсафа вафқ (созиш) диҳанд.  Вале «Ихвон-ус-сафо» саъй доштанд усули ҳикмат ва фалсафаро бо мабонии дини ислом созиш диҳанд ва фосилаеро ки  миёни ҳукамо ва аҳли дин падид омада буд, аз миён бардоранд.[324] Муҳаққиқи шӯравӣ А.К.Закуев ин масъаларо мавриди шарҳу эзоҳи бештаре қарор дода менависад: «Аз мазмуни «Расоил»-и «Ихвон-ус-сафо» чунин бармеояд, ки муаллифони онҳо тарафдори баробарии ҳамаи халқҳо, динҳо ва мазҳабҳо буданд.

---

[322] Сомӣ Ал-Айёш. Исмоилиён дар марҳилаи қарматӣ. Бейрут, 1975.-С.107-113 (ба забони арабӣ). [Ал-исмоилюн  фи марҳалатиҳим ал-қарматия].
[323] Қифтӣ, Ҷамолуддин. Таърихи –ул-ҳукамо.-С.32.
[324] Сафо, Забеҳулло. Таърихи адабиёт дар Эрон. Ҷ.1.-С.320.

Дар сурате ки аксарияти нависандагони онҳо намояндагони миллатҳои ғайриарабанд. Масалан, дар «Расоил» мубоҳисаи байни одамон ва ҳайвонотро зикр намуда, ҷиҳатҳои хубу бади халқи араб ва дигар халқҳои ғайриарабро зикр намуда, вале ҳеҷ яки онҳоро мавриди ситоиши алоҳида қарор надодаанд. Шакке нест, ки «Ихвон-ус-сафо» тарафдори баробарҳуқуқии ҳамаи халқҳо буда, баҳору мунозираҳои шуубия дар таълимоти онҳо таъсири муайяне гузаштааст. Бисёре аз ақидаҳои фалсафии «Ихвон-ус-сафо» бо таълимоти мӯътазилиҳо мувофиқат мекунад. Мӯътазилиён шохаи ақлоние (ратсионалистие) аз теологҳои мусулмонӣ буданд. Ҳам мӯътазилиҳо ва ҳам «Ихвон-ус-сафо» ақлро воситаи асосӣ донистани ҳақиқат эътироф намуданд. Ҳамчунин ақл асли асосӣ ва меъёри накӯкорӣ ба шумор меомад. Ба ақидаи мӯътазила, хайру шар ба шарофати ақл дониста мешавад. Дар сурате ки ашъариён ва дигар теологҳои консервативии исломӣ донистани сифатҳои ахлоқиро танҳо ба василаи китобҳои муқаддас имконпазир медонистанду бас. Ба ҳамин сабаб, баъзе аз муҳаққиқон гумон кардаанд, ки рисолаҳои «Ихвон-ус-сафо» маҳсули қалами мӯътазилиҳои аввалин мебошанд. «Ихвон-ус-сафо» худро «аҳли адл» мешумориданд. Мӯътазилиён низ пеш аз «Ихвон-ус-сафо», ин лақабро доштанд. Аз ин пайдост, ки байни онҳо ва мӯътазила алоқае вуҷуд доштааст. Шаҳри Басра, ки зодгоҳи «Ихвон-ус-сафо» аст, пеш аз ин маркази мӯътазилиён буд. Ба ғайр аз ин мӯътазилиҳо нисбат ба дигар теологҳои исломӣ, ба рисолаҳои «Ихвон-ус-сафо» бештар таваҷҷӯҳ зоҳир менамуданд. Дар ин асос иштибоҳ намешавад, агар даъво кунем, ки таълимоти мӯътазилиён яке аз сарчашмаҳои идеявии фалсафаи «Ихвон-ус-сафо»-ро ташкил медиҳад. Мӯътазилиҳо тарафдори ратсионализм ва монотеизми холис буданд. Пешгузаштагони мӯътазиларо қадария меномиданд. (Истилоҳи «Қадария» бо калимаи «Қудрат» ҳамреша буда, ба озодӣ, тавоноӣ ва қудрати инсон дар андеша ва рафтори шахсиаш далолат мекунад). Қадариён аз озодии иродаи инсон дифоъ менамуданд. То ин ки инсон масъули хайру шарри рафтори худ бошад. Қадария дар давраи

ҳукмронии Умавиҳо дар Сурия бо вуҷуд омад ва ба муқобили ақидаи ҳукмрони хилофати умавӣ равона карда шуда буд. Қадариҳо таълимотро доир ба озодии ирода ва масъулияти шахсӣ тарғиб намуда, ба ин восита ҳокимони умавиро гунаҳгор менамуданд. Шахсиятҳои барҷастатарини қадария Маъбади Ҷуҳанӣ, Ғийлони Димашқӣ, Ато ибни Ансор ва Юнус ал-Асворӣ буданд. Умавиҳо пайваста қадариҳоро таъқиб ва фишор медоданд. Ҳангоми ба дасти Аббосиҳо гузаштани ҳокимият, қадариҳо аббосиёнро тарафдорӣ намуда, ба муқобили умавиҳо мубориза бурданд. Дар ин ҳангом онҳоро на қадарӣ, балки мӯътазила меномиданд. Онҳо ақидаҳои худро озодона тарғиб ва ташвиқ менамуданд. Дар давраи хилофати Маъмун, Мӯътасим ва Восиқ ақидаи мӯътазила ақидаи ҳукмрони хилофати аббосӣ ба шумор меомад. Вале дар давраи Мутаваккил (861-871) вазъият дигаргун шуд ва мӯътазила мавриди таъқиб қарор гирифтанд. Зеро дар ин вақт тарафдорони теологияи пешинаи исломӣ, аз ҷумла ҳанбалиҳо, ба дарбори халифаҳои аббосӣ наздикӣ ҷуста, ақидаи худро ақидаи давлатӣ эълон намуданд. Сабаби ин тағйирот, аз ҷумла ин гардид, ки Мутаваккил ва ворисони ӯ ба артиши зархариди турк эътимод намуда буд, ки онҳо пайрави исломи суннӣ буданд. Баъди ин фишорҳо ва таъқиботҳои шадид, мӯътазила пароканда гардид ва баъзе аз онҳо ба мазҳаби исмоилия, шиа ва «Ихвон-ус-сафо» пайвастанд. Яке аз охирин намояндагони мӯътазила, забоншиноси машҳур Замахшарӣ соли 1153 м. даргузашт. Ҳамин тавр ҳарчанд байни мӯътазила ва фалсафаи «Ихвон-ус-сафо» алоқамандии матин вуҷуд дошта бошад ҳам, муаллифони «Расоил» мӯътазилиёни аввалин нестанд. Зеро таълимоти исломро «Ихвон-ус-сафо» тавре мефаҳмиданд, ки аз тарзи фаҳмиши мӯътазила ва дигар теологҳои ортодоксалии ислом ба куллӣ фарқ мекунад. [325]

Аз ин қиссаи алоқаи мӯътазила бо «Ихвон-ус-сафо» маълум мегардад, ки қатъи назар аз таърихи ягонаи ду мактаби фикрӣ, байни онҳо дар масъалаҳои асосӣ, фарқи ҷиддие вуҷуд дорад.

[325] Закуев А.К. Философия «Братьев чистоты».-С.23.

Назарияи маърифати «Ихвон-ус-сафо»-ро наметавон дар қолабҳои маъмулии ҳамагонӣ мавриди озмоиш қарор дод. Зеро назарияи маърифати онҳо чуноне ки худашон ин назарияро тасаввур мекарданд, дар «Расоил» наомадааст. Назарияи маърифати онҳо дар «Расоил» ба ҷуз тавсияҳои оммавӣ беш нест, ки ин тавсияҳоро барои оммаи мардуми лаёқатманд ва омодаи қабули чунин ақида, пешниҳод карда буданд, ки мебоист баъди амалӣ шудани ин тавсияҳо, инқилоби иҷтимоӣ ва фикрӣ дар империяи ислом ба вуҷуд меомад. Нақшаи тахминӣ ва пешакии ин инқилоб дар «Расоил» ба таври умумӣ зикр шудааст. Вале нақшаи дақиқи он дар фикри муаллифони «Расоил» буд, ки то имрӯз аз мавҷудияти он дараке нест. Аз ин ҷиҳат моро боистӣ, ки тамоми саргузашти «Ихвон-ус-сафо»-ро аз мавқеи назарияи маърифат мавриди баррасӣ қарор диҳем. Зеро ғарази аслии онҳо низ аз навиштаи ин 52 рисола ҳамоно паҳн намудани маърифат буд. Бояд дид, ки онҳо чӣ тавр ва бо кадом роҳҳо маърифатро барои пайравони худ пешниҳод менамоянд ва асли онро аз чӣ иборат медонанд. Маҳз ҳамин маърифат, мебоист унсурҳои худогоҳи хилофати исломиро бармеангехт ва онҳоро ба сӯи ҳарбу зарбҳои оянда омода менамуд. Аз ин нуқтаи назар назарияи маърифати «Ихвон-ус-сафо» дорои аҳамияти бузургон амалӣ мебошад.

Барои ворид шудан ба назарияи маърифати «Ихвон-ус-сафо» мо бояд фикран андаке ба қафо, яъне ба асри ал-Киндӣ баргардем. Зеро ки маҳз дар давраи ал-Киндӣ, аввалин нишонаҳои фалсафӣ бо равияи ақлонии он, зуҳур карда буд. Бо ин роҳ мо мехоҳем нишон диҳем, ки дар муддати қариб як аср назарияи маърифат дар фалсафаи исломӣ то чӣ андоза тараққӣ кардааст. Дар он замон мавзӯи маърифат оҳиста-оҳиста ба шикастани қалъаи фикри лоҳутӣ (худоӣ) шурӯъ намуда буд. Ал-Киндӣ доираи ин вусъатро то ба беруни қалъа бурда расонид. Натиҷа ин шуд, ки назарияи маърифат то асри IX маҳдуд ба маърифати Худо гардида буд. Гузашта аз ин, асли онро маърифати алоқа байни Худо ва Олам ташкил мекард. Вале дар фалсафаи худи ал-Киндӣ назарияи маърифат, ба таври мустақил, ба маърифати Олам бахшида шуда буд.

Чун аз ин давр бигзарем ва ба нимаҳои асри даҳум бирасем, хоҳем дид, ки доираи ин масъалагузориҳо дар фалсафаи «Ихвон-ус-сафо», Форобӣ ва дигар файласуфон, дорои амиқии навине гардидаанд. Шакли энсиклопедӣ гирифтани «Расоил»-и «Ихвон-ус-сафо» ҳам, ифодаи вусъати ин аср буд.

Бо вуҷуди он ки асри «Ихвон-ус-сафо» асри густариш ва вусъати ҳамаҷонибаи илмӣ буда бошад ҳам, «Расоил»-и онҳо ба ҳама шартҳои ин аср ҷавоб дода наметавонист. Ҳарчанд мо дар ин ҷо ҳалли амиқи масъалаҳоро дар назар дорем, вале ин ҳам сабаби объективии худро дошт. «Ихвон-ус-сафо» дар «Расоил»-и худ бо ҳукми махфӣ будани ғаразҳои аслии худ намехостанд, ки ҳақиқати масъалаҳоро ба таври ошкоро баён намоянд. Аз ин сабаб онҳо ба шарҳу эзоҳи масъалаҳо, дар ҳудуди маърифати омма қаноат мекарданд. Вале, бо вуҷуди он, ҳангоме ки мо ба феҳрасти мавзӯъҳои «Расоил» менигарем, дар онҳо дараҷаи пешрафтро дар мавзӯи маърифат мушоҳида менамоем. Мебинем, ки мавзӯи маърифати соҳаҳои гуногуни олами моддиро новобаста ба масъалаҳои лоҳутӣ, (худшиносӣ) фаро гирифтааст. Ин пешрафтро дар мавзӯи маърифати ақлонӣ бояд дар алоқамандӣ бо инкишофи алоқаҳои иҷтимоӣ, тараққиёти илмҳои табиӣ ва таъсири ҳамаи онҳо дар пешрафти фалсафа, дар шарҳу эзоҳи олами объективӣ дида баромад.

Мавзӯи маърифат дар энсиклопедияи «Ихвон-ус-сафо» ду ҷиҳати муҳимро дар бар мегирад. Якум: маърифати Худо ва алоқаи он бо Олам. Дуюм: маърифати Олам бо худи худ, ки аз Худо як навъ истиқлолият дорад. Мувофиқи ин ду ҷиҳати маърифат, ҳарчанд ки сарчашмаҳо, усулҳо ва меъёрҳо аз якдигар фарқ доранд, ҳудудҳои худи маърифат низ фарқ мекунанд.

«Ихвон-ус-сафо» маърифати Худоро «шарифтарин ва гаронқадртарин маърифат» мешуморанд. Бояд эътироф кард, ки онҳо то андозае вобастаи асри хеш ва маънавиёти он буданд. Ва аз ҳамин нуқтаи назар андешаи худро доир ба шинохтани Худо изҳор доштаанд. Дар

раванди (протсесси) сайқал додани ақидаи худ доир ба чигунагии Худо ва шинохти он, «Ихвон-ус-сафо» усул ва равиши худро дар ин масъала корбаст намуданд. Аввалин талаботи ин метод аз он иборат буд, ки ба ақидаи онҳо талаби шинохтани Худо бояд аз талаби шинохтани «ашёи ҷузъии маҳсус» (моддӣ) ва ё баҳс доир ба «ҳамаи мавҷудоти куллӣ» фарқ карда шавад ва ин ду мабдаъ (яъне Худо ва ашёи моддӣ) ба якдигар муқоисанашавандаанд. Ҷиҳати дуюми методи «Ихвон-ус-сафо» аз он иборат буд, ки онҳо барои фарқ кардани ин ду навъи маърифат, мақулаҳои (категорияҳои) аз якдигар фарққунанда истифода мекарданд. Барои мисол, барои маърифати ҳар як чизи ҳисшаванда ва ё куллӣ, ягон ҷавобе доир ба ҳақиқати он талаб карда мешавад. Ва аз ин қабиланд пурсишҳое доир ба моҳияти чиз, миқдор, сифат, вазъ, макон, замон, иллат ва хусусиятҳои фарққунандаи он ва ғайра. Аммо шинохтани Худо бошад ба ҷуз ду савол чизи дигаре намехоҳад. Он ду суол инҳо ҳастанд: Оё вай ҳаст? Вай кист? Яъне аввал доир ба шахсият ва дуюм доир ба сифатҳои Вай ишора мешавад.

Натиҷа ин хоҳад шуд, ки инсон моҳияти Худоро фаро гирифта наметавонад. На аз барои он ки маърифати Худо барои инсон дастнорас аст, балки аз он ҷиҳат, ки «нури Худо ва азамати он, аз андоза берун аст.[326] Мисли он ки нуре тавоно чашми инсонро хира мекунад ва инсон дигар қобил нест, ки худ нур ва ашёи равшаншударо дуруст бубинад, дар масъалаи Худоӣ низ «Ихвон-ус-сафо» ақида доранд, ки ҳақиқати Худоӣ ба мисли нури тавоноӣ, ҳамаи олами ҳастиро фаро гирифтааст ва мо одамон ба сабаби тавоноӣ ва шиддати ҷилои нури худоӣ, моҳияти он сарчашмаи нурро фаро гирифта наметавонем. Аз ин чунин бармеояд, ки «Ихвон-ус-сафо» дар ин масъала аз ақидаи тақлидӣ ва анъанавӣ дур рафта, ақли инсониро дар шинохти Худо оҷиз ҳисоб намекунанд, балки асли масъала он аст, ки ба ақидаи онҳо мафҳумҳое аз қабили камму кайф, макону замон, иллат ва ғайра бо зоти Худовандӣ мутобиқат

[326] «Расоил» ҷилди 4.-С.48-49.

надоранд, зеро Худо аз ҳама гуна сифатҳои ҷисмӣ, ҳолатҳо ва аъроз ба таври мутлақ бениёз мебошад.  Дар ин масъала, дар ақидаи онҳо нуктаҳои тоза ба чашм мехӯрад.

Оё ҳамин Олами моддӣ мавзӯи маърифати фалсафаи «Ихвон» аст? Ин савол моро ба саволи дигаре мерасонад, ки чунин аст: Оё «Ихвон-ус-сафо»  мавҷудияти объективии олами моддиро эътироф доранд? Шарҳи ин савол тӯлонӣ аст, вале бояд ба таври мухтасар ва ошкоро гуфт, ки онҳо ба мавҷудияти объективии олами моддӣ эътироф доранд, ва ҳамин олами объективӣ мавзӯи маърифатро барои онҳо ташкил медиҳад. Барои ҳамин ҳам аксарияти мавзӯъҳои дар «Расоил»-и онҳо омада, маҳз ба мавзӯи маърифати олами берунӣ (моддӣ) бахшида шудаанд.

Сарчашмаҳое, ки «Ихвон» дар маърифат ба он эътимод мекунанд, асосан ва дар аксари ҳолатҳо равияи ақлонӣ доранд. Онҳо  ҳатто мавзӯи бо ном «илмҳои илоҳӣ»-ро низ аз мавқеи муносибати ақлонӣ дида мебароянд. Ва маълум аст, ки маърифати ақлонӣ бар истидлолу бурҳон такя мекунад. Ва он чи ки  доир ба олами муҷаррадот (абстраксияҳо) гуфта мешавад ва онҳоро берун аз олами ҷисмонӣ тасаввур мекунанд, ҳамагӣ аслу асоси худро дар назарияи «Ихвон» аз ақл мегиранд. Вале ин асл (ақл) ҳамеша сарчашмаи ягонаи маърифати «олами рӯҳонӣ» буда наметавонад. Зеро эҳтиёткорӣ ва ҳазаре, ки рӯҳи тамоми «Расоил»-ро фаро гирифтааст, ба он бурда мерасонад, ки онҳо аз рӯи эҳтиёткорӣ ба рӯи натиҷаҳои ақлонӣ ва материалистиашон пардаи ғайбӣ мекашанд. Албатта, ин барои касоне, ки аз вазъи сиёсӣ ва идеологии он аср бохабаранд, як ҳолати табиӣ ва зарурӣ ба шумор меояд. Дар ҳамин нуқта шарҳу эзоҳҳои гуногуни муҳаққиқони осори «Ихвон» зоҳир мегардад ва ҳар як муҳаққиқ мувофиқи завқи назарии худ, мавзӯъ ва ҳадафи «Расоил»-ро муайян мекунад.

Муҳаққиқи муосири араб (аз Лубнон) доктор Ҷаббур Абдуннур менависад,  ки мувофиқи ақидаи «Ихвон, ки аз рӯи тақия ва эҳтиёткорӣ оварда шудааст,  Худо муайянкунандаи тақдири куллиёт ва ҷузъиёт аст. Вале ақидаи ҳақиқии «Ихвон» он аст, ки «кавкабҳо сабаби асосӣ ва

бевоситаи ташаккули табиӣ ва зуҳури модда, сурат ва ба шаклҳои ҷамодӣ, наботӣ, ҳайвонӣ ва инсонӣ расидани онҳо мебошанд».[327] «Ихвон-ус-сафо» дар масъалаи ақл ба ду сарчашма такя мекарданд. Якеи он сарчашмаи динӣ буд, вале дар охир боз ба ақли инсонӣ паноҳ мебурданд…

Дигаре, методи хосси худи «Ихвон» буд, ки дар саросари «Расои»-лашон омадааст. Мувофиқи он асоси ҳамагуна маърифат ақли инсонӣ буда, дар ин замина мӯъҷизот қиммати худро гум мекунанд. Ҳамагуна тақлидҳои диние, ки аз бурҳон бенасибанд, дурӯғ эълон карда мешаванд. Маърифати ҳиссӣ дорои арзиш аст. Вале маърифати ақлӣ баландтарин навъи маърифат мебошад. Дониши дурустро илмҳои риёзӣ медиҳанд. Олами берунаро (моддиро) танҳо бо истифода аз ақл ва таҷриба метавон фаҳмид ва ғайра. Онҳо дар «Расоил»-и худ ошкоро ақлро раиси худ эълон намуда, гуфтаанд, ки касе агар ба қоидаҳои ақл рафтор накунад ва эътироф надошта бошад, бояд ӯро аз ҷамоаи худ берун кунем ва бидон, ки агар оқилони накӯкор ва писандида чун дорои ақли тавоно гарданд, дар он сурат онҳо мӯҳтоҷ ба раҳнамоӣ ва иршоди пайғамбар нестанд. Зеро худи ақл ва қудрат, метавонад ҷонишини пайғамбар гардад».[328]

Агар маърифати Худо ва олами рӯҳонӣ ба ақл ва донишҳои ақлию илмӣ анҷом мегирифта бошад, пас метавон «олами ҷисмониро» низ ба ҳамин василаҳо (ақлу илм) фаро гирифт. Дар ин асос ба натиҷагирие мерасем, ки рӯҳи умумии «Расоил»-и «Ихвон»-ро майли материалистӣ ва воқеъбинӣ ташкил медиҳад. Бо ин андешаҳои худ «Ихвон» аз доираи ақлгароёни абстрактии холис ва аз доираи ҳиссиёти ифротӣ берун рафтанд. Назарияи маърифати онҳо ба назарияи мутафаккирони илмпеша шабоҳат дорад.

«Ихвон-ус-сафо» ҳангоми шарҳу баёни протсесси тафаккур, пеш аз ҳама қоидаи маърифати инсониро муайян кардаанд. Ин қоида аз се рукн

---

[327] Ҷаббур, Абдуннур «Ихвон-ус-сафо».-С.28.
[328] «Расоил» ҷилди 4.-С.181-189.

иборат буда, аз поён ба боло равона шудааст. Аввали ин қоидаро ҳисҳои панҷгона ташкил медиҳанд. Ин ҳисҳо байни инсону ҳайвон муштараканд. Дар нисбати маърифати инсонӣ ин панҷ ҳис марҳилаи аввалин ё худ пастарини маърифатро ташкил медиҳанд. Баъди он ақл меояд. Ақл ҷизест, ки инсонро аз ҳайвон фарқ мекунад. Ин марҳилаи маърифат аз марҳилаи пешина баландтар буда, аз давраи балоғати инсон ибтидо мегардад ва аз ҷумла идроки ин масъала, ки ду зидро бо ҳам оштӣ додан мумкин нест. Идроки чунин чизи бадеҳӣ ва ҳамагонӣ ба назари «Ихвон» василаи муштараке байни одамони калонсол мебошад.

Ақл ба ин маъное ки зикр кардем, дорои арзиши умумӣ буда, ба илм бурда намерасад. Пас лозим аст, ки баъди ин, марҳилаи дигаре бошад, ки ба илм расонад. Ин марҳила –рукни сеюм, яъне бурҳон аст. Пас маърифати илмӣ, ҳар се рукнро дар якҷоягӣ тақозо дорад. Ба ин тартиб: Ҳис, ақл ва бурҳон. Барои саҳеҳӣ ва дурустии масъала, «Ихвон» ҳамкорӣ ва иштироки риёзиёт, ҳандаса ва мантиқро шарт медонанд.[329] Ин аст василаҳои маърифат дар ҳама марҳилаҳои он, чуноне ки «Ихвон-ус-сафо» ақида доранд.

Оё ҳамаи ин василаҳо дар протсесси тафаккур дар алоқамандӣ амал мекунанд ва ё ин ки ҳар як васила метавонад мустақилона амалиёти маърифатиро анҷом диҳад?

Ин саволест, ки ба ҷавоб додан ба он равияи ҳақиқии назарияи маърифати «Ихвон» муайян карда мешавад. Тафсили ин савол дар гуфтори онҳо роҷеъ ба қувваҳои нафс ва аъмоли аз онҳо содиршуда баён ёфтааст, ки ин қувваҳо барои идора кардани корҳои ҷисм ва ҷиҳози физиологӣ ва маърифатии он, хизмат мекунанд. Вақте, ки мо ин масъаларо дар осори «Ихвон» мутолиа мекунем, мебинем, ки қувваҳои нафс ба гурӯҳҳои гуногун тақсим карда шудаанд. Ва вазифаи ҳар як гурӯҳ аз вазифаи гурӯҳи дигар фақ мекунад, вале ҳамаи ин гурӯҳҳо дар якҷоягӣ як ваҳдати томро ташкил медиҳанд.

---

[329] Расоил, ҷилди 2.-С.334-335.

Мо дар ин ҷо дар бораи ҳавоси зоҳирӣ ва ботинӣ дар таълимоти «Ихвон-ус-сафо» таваққуф намекунем, танҳо баъзе мулоҳизоти худро нисбати идроки ақлӣ баён хоҳем кард, чаро ки идрокро мо дар гуфтаи онҳо ба таври возеҳу равшан мушоҳида карда метавонем. «... нафс ягона аст, вале онро чанд ном (наботӣ, ҳайвонӣ ва инсонӣ) ниҳодаанд. Агар дар ҷисм таъсири ғизо ва нумӯъ мушоҳида шавад, онро нафси номия (аз нумув яъне рушд ва расиш) меноманд ва агар дар ҷисм феъли ҳис, ҳаракат ва кӯчиш аз ҷое ба ҷое мушоҳида шавад, онро нафси ҳайвонӣ меноманд ва агар дар ҷисм амалиёти фикрӣ ва фарқгузорӣ анҷом гирад, онро нафси нотиқа (инсонӣ) меноманд.[330]

Робитаи узвии байни ин се навъи нафс, дар таълимоти «Ихвон» ба назар мерасад. Чунин муносибат дар афкори файласуфони дигари арабизабон низ вуҷуд дошта, моро ба ин хулоса водор мекунад, ки ин идрок яке аз падидаҳои маърифатии асри «Ихвон» аст. Ба вуҷуди ин мебояд то ин ҷо мавқеи фалсафаи материалистиро аз фалсафаи идеалистӣ, дар масъалаи нафс ҷудо кунем. Зеро ки «Ихвон» ба дуализми нафсу ҷасад ақида меварзанд. Инсон аз рӯи фарзияи идеалистии «Ихвон-ус-сафо» маҷмӯае аз ҷасади ҷисмонӣ ва нафси рӯҳонӣ ташкил ёфтааст. Ҷасад ва нафс ду ҷавҳари аз ҷиҳати сифат ба якдигар муқобиланд. Вале чизи муштараки байни ҷасаду нафс, танҳо аъмоли зоҳирӣ ва сифатҳои муваққатӣ мебошаду бас.[331] Сарчашмаи ин зиддият дар масъалаи дуализми нафсу ҷасад аз он иборат буд, ки пешрафти илми асри «Ихвон», дар риштаи биология, ба марҳилае нарасида буд, ки онҳо аз кашфиётҳои илмии худ, натиҷаҳои умуминазариявӣ берун оранд. Барои ҳамин ҳам онҳо дар ҳалли илмии ин масъала оҷиз монда, гирифтори доми дуализми идеалистӣ шуданд. Ҳарчанд дар нисбати асри худ комёбиҳои арзандае дар ин масъала ба даст оварда буданд.

Хулосаи дигаре доир ба протсесси тафаккур, чуноне ки аз матни «Расоил» бармеояд, дар он зоҳир мешавад, ки онҳо ба асоси моддии

---

[330] Расоил, чилди 2.-С.325-326.
[331] Расоил, ҷилди 1.-С.195.

протсесси тафаккур расидаанд. Аз ин ҳам гузашта, онҳо ҳаракати дохилии ҷиҳози ҳаёт ва эҳсосро дар ҷисм кашф намудаанд. Қатъи назар аз он ки асоси материалистии кашфкардаи онҳо, натавонист ақидаи «рӯҳонӣ» будани нафси инсониро рад кунад ва қувваҳои фикриро қувваҳои рӯҳонӣ номидани «Ихвон», маънои рад кардани хулосаи моро надорад. Ин ном набояд моро ба иштибоҳ андозад. Зеро мазмуни ҳақиқие, ки аз он бармеояд, ба хулосаи мо пурра мутобиқат дорад. Вале масъалаи истилоҳ бошад маълум аст, ки дар асри «Ихвон» истилоҳи имрӯзаи абстраксияи фикриро бо истилоҳи «қувваҳои рӯҳонӣ», ифода мекарданд. Ҷараёни абстраксиякунонӣ чунин равандест, ки суратҳои ашёи объективӣ, аз алоқамандии моддию ҳиссиашон ҷудо карда шуда, ба суратҳои фикрие мубаддал мегарданд, ки тобеи қонунҳои инкишофи тафаккур ҳастанд ва ин протсесси тафаккур нисбат ба воқеият, дорои истиқлоли нисбӣ мебошад ва зери ин истилоҳҳо мазмунҳое нуҳуфтаанд.

«Ихвон» пеш аз ҳама қоиланд, ки байни «қувваҳои рӯҳонӣ» ва қувваҳои ҳиссӣ фарқ аст. Зеро ки аввалӣ (яъне «қувваҳои рӯҳонӣ») маълумотҳоро ба таври рӯҳонӣ идрок мекунанд, на дар алоқамандӣ бо ҳаюлоашон (моддаашон). Аммо дуюм (яъне қувваҳои ҳиссӣ) бошад, «ҳисшавандаҳоро танҳо дар ҳаюло дарк мекунанд». Ҷараёни тафаккур аз назари «Ихвон» чунин аст, ки «агар қувваи мутахайила расмҳои маҳсусотро (суратҳои моддиро) дар зоти худ ба таври кулли қабул кунад, бояд бо қувваи мутафаккира якҷоя амал намояд ва агар маҳсусот аз мушоҳидаи ҳисҳои он ғоиб гардад, он гоҳ он расмҳо ба сифати сурати рӯҳонӣ бо худии худ боқӣ хоҳанд монд… «ҳамин тавр, ҳар як қувва, сурат аз қувваи пешинаи худ мегирад ва дар охир ба суратҳои маҳсусот мубаддал мегардад. Дар охири марҳилаи ин протсесс (раванд) суратҳо ба афкори навишта табдил меёбанд».[332]

«Ихвон» идроки қувваҳои фикриро иборат аз идроки русуми (суратҳои) маълумот бе ҳаюлои онҳо ҳисоб мекунанд. Қувваи мутахайила ҳамаи русуми маҳсусотро дар зоти худ қабул мекунад ва

[332] Расоил, ҷилди 2.-С.349-351.

«агар маҳсусот аз мушоҳидаи ҳавос дур монад, он гоҳ он русум сурати рӯҳонӣ гирифта, бо худии худ боқӣ мемонад».[333] Мазмуни ҳамаи ин гуфтаҳо, аз рӯи фаҳмиши асри ҳозир, абстратсияи зеҳниро нишон медиҳад. Бо вуҷуди ҳамаи ин кӯшишҳо, «Ихвон» калиди масъалаи дуализми нафсу танро наёфтанд ва то охир ақидаи рӯҳонӣ будани нафс, дар андешаи онҳо ақидаи ҳукмрон монд. Ба ҳамин сабаб «Ихвон» байни ду равияи асосии фалсафа, яъне материализм ва идеализм мекалавиданд. Онҳо дар ҳар ду равия ҳам, қадаме ба пеш гузаштанд. Ин дар асл мушкилоти умумӣ барои тамоми фалсафаи исломӣ аз Ибни Киндӣ сар карда, то Ибни Рушд бо каме тағйироти миқдорӣ ва ҳошиявӣ давом кардааст. Бо вуҷуди ин бояд гуфт, ки ғилофи «рӯҳонии» тафсири «Ихвон» доир ба протсесси фикр, набояд моро фирефта намояд.

Масъалаи муҳими дигар мансуб ба марказҳои тафаккур аст, ки «Ихвон» дар осори худ ҳудуди онро муайян намудаанд. Амалияи тафаккур дар заминаи ҷаҳонбинии материалистӣ асос ёфтааст. Вале онҳо натавонистанд ба қадри бояду шояд пешрафти асри худро дар соҳаи илмҳои табиӣ ва физиологӣ истифода кунанд. Чизи муҳим дар ин масъала ин аст, ки онҳо алоқаи бевоситаи марказҳои тафаккур ва марказҳои эҳсосро дарк намуданд. Аз ҷумла «Ихвон» ибтидои маркази қувваи мутахайиларо аз нуқтаи бархурди вай бо марказҳои эҳсос иборат донистанд, ки он қисми пеши димоғ аст. Аз он ҷо ба ақидаи «Ихвон» асабҳои латифу мулоим бо პояҳои эҳсос алоқаманд мегардад ва он ҷо аз ҳам ҷудо шуда, дар қисми димоғ ба монанди танидаи анкабут бофта мешаванд. Агар аз ҷузъҳои ҳавос чигунагии маҳсусот маълум гардад ва мизоҷи ҳавос (қувваҳои нафсонӣ) тағйир пазирад, он гоҳ ин тағйир ба он асабҳое, ки дар қисми пеши майнаи сар ҳастанд, нишонаҳои ҳамаи маҳсусотро дар қувваи мутахайила ҷамъ меорад.

Он гоҳ (ин осор) ба қувваи муфаккира, ки доираи амалиёташ миёнаи мағз аст, фиристода мешавад. Қувваи муфаккира маҳсусотро аз якдигарашон фарқ мекунонад ва ҳақро аз ботил ҷудо менамояд.

[333] Ҳамон ҷо.-С.350.

Ҳамчунин савобро аз хато, фоиданокро аз зарарнок ҷудо намуда, ҳамин тавр кор ба қувваи ҳофиза мерасад. Доираи амалиёти қувваи ҳофиза қисми қафои мағзи сар аст. Қувваи ҳофиза маълумотҳоро барои вақти эҳтиёҷ нигоҳ медорад. Баъди он бевосита қувваи нотиқа сар мешавад, ки доираи амалиёти он аз ҳалқум ба забон равона мешавад, ки он ифодакунандаи нафс аст. Ҳамин тавр протсесси тафаккур ба қувваи сонеъа (созанда) интиҳо меёбад, ки доираи амалиёти онро ҳарду даст ва панҷаҳо ташкил медиҳанд. Қувваи сонеъа аз ҳаракати нафс зоҳир мегардад, мисли навиштан ва дигар ҳамаи саноеъ».[334]

Марҳалаҳои маърифатро чун васила ва абзори моддӣ тасаввур кардан, нишонаи алоқаи органикӣ байни марказҳои эҳсос ва тафаккурро нишон медиҳад. Ба ин минвол ҳал шудани масъалаи маърифат, метавон онро мавқеи материалистӣ ҳисобид. Дар навбати худ, мавқеи дигаре ташаккул меёбад, ки он ақидаи истиқлолияти мутлақи фикрро аз воқеияти ҳиссӣ рад мекунад. Яъне андешаи соф шахсӣ будани тафаккурро рад намуда, ҳамчунин «кашф»-и сӯфӣ ва ё ишроқу илҳоми ғайбӣ будани онро низ рад менамояд, ки гӯё аз беруни шуур ба он ворид шуда бошанд. Ҳамин ақидаи охиринро дар «Расоил»-и «Ихвон» ба таври сареҳу равшан дучор меоем. Барои ошкоро шудани масъалаи ин ҷо ду мисол баён менамоем: Аввал ин ки ҳунарҳо ба ақидаи «Ихвон», феъли муштараки байни қувваи муафаккира ва қувваи сонеъа мебошанд. Яъне маънӣ чунин бошад, ки кори даст ва кори фикр дар қувваи фикрии муштарак, бо ҳам дучор меоянд. Ҳамаи ин ба таври ошкоро ба он далолат мекунад, ки байни фаъолияти фикрӣ ва фаъолиятҳои амалӣ-иҷтимоӣ, алоқаи мутабодил вуҷуд дорад.

Мисоли дуюм он аст, ки «Ихвон» дар қисми риёзии «Расоил»-ашон овардаанд. Маънои ин нукта аз он иборат аст, ки бисёре аз мардум гумон доранд, ки «илми нуҷум даъвои пешгӯии сирри ғайбро дорад». «Ихвон» ин даъворо рад намуданд. Вале чизи муҳим ин ҷо он аст, ки

[334] Расоил, ҷилди 3.-С.195.

«Ихвон» чигуна ин давоъро рад кардаанд. Онҳо менависанд: «Илми ғайб он аст, ки он чи шуданӣ аст, бе далелу бе иллату бе сабаб дониста шавад. Ин масъалаест, ки касе аз мардум намедонад ва ҳамчунин на мунаҷҷим, на коҳин, на пайғамбаре аз ҷумлаи пайғамбарон ва на малаке аз малоика онро намедонад. Ғайбро фақат Худо медонад…»[335].

«Ихвон» масъаларо шарҳ дода менависанд, ки маълумоти инсон аз се навъ иборат аст: маълумот доир ба гузашта, ҳозира ва оянда. Инсон ба ин се маълумот бо се роҳ наздик мешавад. Шунидан дар нисбати гузашта, эҳсос барои ҳозира ва далелу бурҳон барои донистани он чи ки дар оянда рӯй медиҳад. Дар ҳамин замина «Ихвон» илми ғайбро рад намуда, исбот мекунанд, ки илми ғайб дар пояи далелу бурҳон асос наёфтааст. Ва ҳар илме, ки дар асоси бурҳон ва робитаи сабабӣ дар ҳосил кардани маърифат устувор нагашта бошад, сазовори инкор ва рад кардан аст. Робитаи назариявӣ доир ба далел ва алоқаи сабабӣ ба сифати ду асоси зарурии маърифат, падидаи асри «Ихвон-ус-сафо»-ро намоиш медиҳад.

Бояд дид, ки методи «Ихвон» доир ба далеловарӣ аз чӣ иборат аст: Оё методи онҳо ба мисли методи Арасту бар қиёси мантиқӣ асос ёфтааст? Яъне бо ибораи дигар, дарёфти маърифат бо роҳи ба таври автоматикӣ ба ҳам ҷамъ омадани муқаддимот анҷом меёбад ва ё ин ки он методи истиқроиест (индуктивиест), ки дарёфти маърифат дар он аз худи воқеияти зинда гирифта мешавад?

Ба ақидаи муҳаққиқи муосири араб Ҳусайни Мурувва методи «Ихвон» истиқроӣ (индуктивӣ) буда, аз методи Арасту мегузарад.[336] Сабаб он аст, ки робитаи маърифати ақлӣ бо маърифати ҳиссӣ барои «Ихвон» ба он бурда мерасонад, ки тағйиротҳои миқдорӣ ҳамчун омили таъсиррасонанда барои тағйироти сифатӣ сабаб мегарданд. Аз тарафи дигар робитаи амалиёти фикрӣ бо амалиёти илмӣ аз тариқаи Арасту дур

---

[335] Расоил, чилди 1.-С.105.

[336] Мурувва, Ҳусайн. Ан-назаот ал-моддия фи-л-фалсафат-ил-арабият-ил-исломия, ч. 2, Бейрут, 1979.-С.403-417 (ба забони арабӣ).

аст. Зеро Арасту кайфиётро (сифатҳоро) ҳамчун ҳолатҳое сокин ва собите ҳисоб менамуд, ки ба ҳаракати камӣ ҳеҷ таъсире расонида наметавонистанд. Ва чизи ҷолиби диққат он аст, ки «Ихвон» ба асосҳои панҷгонаи анъанавии ҳадд ва ё таъриф, асоси шашумро аз худ илова намуданд, ки он «шахс» ном дорад. Аз ин қарор: ҷинс, навъ, шахс, фасл, арази хос ва арази ом.[337] «Шахс» ба ақидаи «Ихвон», ашёи маълум яъне мавҷудоти маҳсус (моддӣ ва ҳисшаванда) ва ё ҷузъиёте мебошанд, ки аз онҳо ҷинсҳо ва навъҳо ташкил меёбанд. Чизи муҳим он аст, ки ин асоси шашум яъне шахс далолаткунандаи ҳаракоти вуҷуди воқеӣ (материалӣ) аст, на ин ки дар доираи мафҳумҳои собит ва бетағйир.

Ҳамин тариқ методи «Ихвон» чунин методе шуда монд, ки дар фаҳмиши ашёҳои олами беруна (материалӣ) ҳаракоти ашёҳои гуногунро бо ҳамаи тарафҳо, ҳолатҳо ва падидаҳояшон пайравӣ мекард. Баъзе муҳаққиқони муосир ин тариқаи баҳсро аз ҷумлаи қонунҳои баҳси илмӣ ва фалсафӣ ҳисоб намудаанд.[338]

Ин ҷо як масъаларо низ бояд мавриди баҳс қарор дод, ки оё илм модарзод аст ё касбшуда. Ин масъала чуноне ки аз шарҳу эзоҳоти боло бармеояд, дар таълимоти «Ихвон-ус-сафо» ҷавоби возеҳу равшан дорад. Ва ҷавоб ин аст, ки илм иктисобӣ, яъне касбшуда мебошад, на модарзод. Инсон бо ақидаи онҳо илмро бо истифода намудани ҳисҳо, ақл ва бурҳон ҳосил мекунад. Тафсилоташ ин аст, ки илм дар нафси инсонӣ ба сифати имконият (бо истилоҳи онҳо билқувва) вуҷуд дорад. Барои он ки ин имконот ба воқеият (ба истилоҳи онҳо билфеъл) мубаддал гардад, ҳар як инсон мӯҳтоҷ ба муаллим ва муршид аст. Аз ҳамин ҷиҳат онҳо шахсияти донишмандро ба сифати донандаи воқеӣ тавсиф намудаанд, ки илмро бо худии худ омӯхта, аз худ намудааст, то ин ки дар охир олим шудааст. Онҳо ба ин натиҷа расидаанд, ки дониш бо ҳамроҳии инсон таваллуд намеёбад, балки бо инсон қобилияти таҳсили илм тавлид мегардаду бас. Ҳамин аст маънои истилоҳии вуҷуди илми билқувва дар

[337] Расоил, чилди 4.-С.48-49.
[338] Қадрӣ ,Ҳофиз Туқон. «Ал-Улуму инда-л-араб».-С.84-85.

нафси инсонӣ, дар фалсафаи «Ихвон-ус-сафо» . Дар ҳамин асос «Ихвон» мардумро ба се дараҷаи тақсим намуданд. Вале мардум метавонанд аз як дараҷа ба дараҷаи дигар дар асоси ҷидду ҷаҳд гузаранд. Ва гӯянд: «Агар бинӣ, ки касе дар  дараҷаи баланд истодааст, ба дараҷаи поёнии худат тан дар мадеҳ, балки ҷидду ҷаҳд кун. Зеро онҳое, ки ҳоло дар мартаба болотар аз ту ҳастанд, дар вақташ ҷидду ҷаҳд намуда, ба мақоми ҳозираашон расидаанд.[339]

Хулоса ин ки илму маърифат модарзод нест ва ҳар як фарди инсон метавонад бо кӯшишу ғайрат ба он даст ёбад. Яке аз масъалаҳои ҷавҳарии илми фалсафа, эътироф намудани объективияти олами беруна (моддӣ) аст. Вале ин объективияти олами материалистиро ҳар як мазҳаби фалсафӣ аз мавқеи принсипии худ баҳо медиҳанд. Ҳоло мо мехоҳем бубинем, ки «Ихвон-ус-сафо»  ба объективияти олами берунӣ эътироф доранд ё не. Зеро  ки ин масъала ба назарияи маърифат умуман ва ба назарияи маърифати «Ихвон-ус-сафо»  хусусан, алоқаманд аст.

Гузориши ин масъала дорои аҳамияти хос мебошад. Чун бо ин роҳ метавонем таҳқиқ намоем, ки афкори «Ихвон-ус-сафо» аз фалсафаҳои қадими шарқӣ ва ғарбӣ (румӣ, юнонӣ) чӣ фарқе дорад. Пеш аз тафсил инро бояд ошкоро гуфт, ки фалсафаи форс-тоҷик (ва  ман «Ихвон-ус-сафо»-ро билкулл мутафаккирони форс-тоҷик мешуморам), қатъи назар аз  таъсире ки афлотуния ва афлотуниёни ҷадид ва хусусан назарияи файзи онҳо дар афкори (мутафаккирони тоҷик) дошт, вале бо вуҷуди ин онҳо симои маънавии худро ҳимоят намуда, нисбат ба олами моддӣ, назари мустақил доштанд.

Агар мо масъалаеро мавзӯи алоҳида барои маърифати худамон интихоб кунем, ин чунон маъно дорад, ки мо ба мавҷудияти объективии он эътироф дорем. Ҳамоно ки мо доир ба олами беруна сухан меронем ва онро мавзӯи маърифати худ қарор медиҳем, пас маъно ин аст, ки олам бе шакку шубҳа объективан  вуҷуд дорад. Олами объективии «Ихвон-ус-

[339] Расоил, ҷилди 4.-С.48.

сафо» дорои кадом нишонаҳо аст? Он оламест, ки дорои ашёи ҷузъии маҳсус (моддӣ) аст. Ва он ашёҳо аз ҷавоҳир, аъроз, сифот, макон, замон ва ғайра иборатанд…

Вале ин барои мо қонеъкунанда ва басанда нест. Зеро дар «Расоил»-и «Ихвон» чизҳои бисёре аз Афлотун ва масъалаҳои асоситаре аз Плотин иқтибос шудааст. Таъсири қоидаи ададии пифагориёнро низ дар тафсири баъзе аз мазоҳири вуҷуд, ба эътибор бояд гирифт. Мо бояд инро таҳқиқ кунем, ки фалсафаи «Ихвон» истиқлолияти маънавии худро то охир нигоҳ дошт ва ё дар партави талаботи аср ва ҷамъияти онрӯза, аз асли фалсафии худ дур рафтанд?

Аз рӯи «Расоил» пайдост, ки назарияи «мусул»-и (идеяҳои) Афлотунӣ таъсири муайяне дар афкори «Ихвон» доштааст. Хусусан масъалаи ҷудо шудани олам аз Худо ё худ назарияи судур ба ин возеҳӣ омадааст. Олам аз Худо бо чанд маротиб содир шудааст, ки судури (ҷудошавии) аввалинаш дорои чаҳор ҷавоҳири бавосита аст. Тартиби онҳо аз ин зайл буда: аввал ақл: дуюм нафси куллӣ: сеюм ҳаюлои аввал: чаҳорум табиат… «Ихвон» мегӯянд, ки ҳар яки ин маротиби чаҳоргонаи аввалин,ҳаммонанд ва  назири худро дар олами сифлӣ (поёнӣ) доранд.

Онҳо олами сифлӣ гуфта олами хориҷӣ ё худ олами материалистиро дар назар доранд, ба ин далел ки ҳар як чизи олам, ба ғайр аз Худо, ду-ду (муздавиҷ) вуҷуд дорад. Ба мисли хайру шар, баду нек. Танҳо Худо аст, ки воҳиди фарду самад… аст. Назир ё монанди чаҳор ҷавоҳири басита  аз ин қароранд: Назири ақл дар олами моддӣ ақли инсонӣ аст;  Назири нафси куллӣ дар олами моддӣ, нафси ҷузъӣ мебошад, ки дорои аҷсоми табиӣ аст; Назири ҳаюлои аввал дар олами моддӣ (беҳтар аст олами сифлӣ гӯем, чун истилоҳи «Ихвон» аст) аносири чаҳоргонаи моддӣ ҳастанд. Назири табиат дар олами сифлӣ худи инсон аст, ки ифодагар ва таҷассуми камоли аҷсоми табиӣ ва ашхоси ҳиссӣ мебошанд.[340]

---

[340] «Расоил», қисми шашум аз «Ҷомиат-ул-ҷомиа».-С.76.

Дар фалсафаи «Ихвон» бошад мусул (идея) бо назираш аз ҷиҳати вуҷуд баробаранд. Инҷо ки аз Афлотун сухан рондем зарур аст, ин нуқтаро низ қайд намоем, ки пайравии «Ихвон» аз Афлотун пайравии шаклӣ ва зоҳирӣ буда, моҳиятан аз якдигар фарқ доранд.

Муҳаққиқи озарӣ Закуев А.К. фалсафаи «Ихвон»-ро тақлиди ақидаҳои Афлотунӣ дониста, менависад: «Онҳо ба мисли машшоиён ақидаманданд, ки маърифат иборат аз пайдоиши образи ашёи материалӣ дар фикри инсон мебошад. Вале бо таъсири фалсафаи Афлотун доир ба олами ашёҳои ҳисшаванда ва олами идеяҳо, «Ихвон» чунин мешуморанд, ки образи он ашёҳо, ки дар олами материалӣ вуҷуд доранд, схематикӣ, тағйирёбанда буда, шакли таҳрифшудаи образҳои моҳиятҳо ва ҷавҳарҳои доимие мебошанд, ки дар олами арвоҳ ва олами идеяҳо вуҷуд доранд. Ба мисли Афлотун, «Ихвон-ус-сафо» ақида доранд, ки образҳои дар олами материалӣ дидашаванда, иборат аз мусулҳо ва нишонаи образҳое мебошанд, ки дар олами арвоҳ ва идеяҳо вуҷуд доранд».[341]

Аз ин гуфта чунин бармеояд, ки ақидаи «Ихвон» тақлиде аз ақидаи Афлотун аст. Вале чуноне ки дар саҳифаҳои боло баён гардид, пайравии онҳо аз Афлотун эҷодкорона буда, ҳар як «идеяи» Афлотун гӯё худое мустақилест, дар сурате ки худои «Ихвон» худои монотеистӣ буда, дорои сифати «воҳиди фарди самад» мебошад. Аз тарафи дигар, «Идеяҳо»-и Афлотун вуҷуди ҳақиқӣ дошта, назири онҳо дар олами материалӣ аз вуҷуди ҳақиқӣ маҳруманд, дар сурате, ки дар фалсафаи «Ихвон» идея ва назири моддии он дорои вуҷуди ҳақиқӣ мебошанд. Асари муҳаққиқи номбурда хулосае аз тадкиқотҳои донишмандони араб мебошад, ки байни солҳои 1940-1960 анҷом гирифта буданд. Вале дар олами араб баъди соли 1960 низ доир ба фалсафаи «Ихвон» тадқиқотҳое ба вуҷуд омаданд, ки бисёре аз тасаввуротҳои пешинаро доир ба фалсафаи онҳо

---

[341] Закуев А.К. Философии «Братьев чистоты».-С.47.

дигаргун намуд.[342] Баҳси мо аксаран ба тадқиқоти Х.Мурувва такя мекунад.

Зеро ӯ дар ҷаҳони муосири араб ба сифати яке аз муҳаққиқони марксист шинохта шудааст. Аз тарафи дигар, аксари муҳаққиқон ақидаҳои «Ихвон»-ро тақлиде аз фалсафаи Плотин ва навафлотуниён донистаанд. Вале чуноне ки Ҳусейн Мурувва қайд мекунад, ин як гумон ва тахмини беҷо аст. Мисоли равшани ин фарқро мо дар масъалаи маърифат низ мушоҳида карда метавонем. Масалан, Афлотун ва Плотин ҳарду маърифати ҳиссиро ё инкор мекунанд ва ё ин ки онро қобили эътимод намедонанд. «Ихвон-ус-сафо» бошанд, маърифати ҳиссиро ҳамчун роҳи асосӣ барои расидан ба маърифати ақлӣ меҳисобанд.[343]

Он чӣ ба пифагориҳо дахл дорад, байни онҳо ва «Ихвон» ихтилофи ҷавҳарӣ вуҷуд дорад. Адад барои Пифагор асл ва моҳияти аввалини вуҷуд аст. Барои «Ихвон» адад як ҳодисаи мусбӣ буда, онро ҳакимон ба ихтиёри худ ба тартиб медароранд. Дар фалсафаи «Ихвон» бошад, адад асли вуҷуд нест. Адад дар фалсафаи онҳо ҳеҷ як маънои рӯҳонӣ надорад. Ин буд мухтасаре аз навиштаҳои муҳаққиқони муосир доир ба назарияи маърифати «Ихвон-ус-сафо». Ба ҳукми талаботи рӯзгор ақидаҳои хос ва шахсии худро баён накардаанд. Барои ҳамин ҳам назарияи дониши онҳо то як андоза маҳдуд ва ноқис аст. Сабаби ноқисӣ дар табиати сиёсии рӯзгори онҳо буд. Барои ҳамин ҳам онҳо «Рисола»-ҳои худро ба таври махфӣ дар байни мардум паҳн менамуданд.

Табиати махсуси таълимоти «Ихвон-ус-сафо»-ро ба назар гирифта, назарияи маърифати онҳоро дар дигар соҳаҳои фаъолияти онҳо санҷидан лозим аст. Зеро агар дар таълимоти онҳо ҳама чиз возеҳ, равшан, ошкоро ва барои ҳамагон мебуд, таълимоти худ ва ному насаби худро пинҳон намедоштанд. Пинҳон доштани ному насаби худ далели он аст, ки ба ақидаҳои маъмулӣ ва расмии аҳли замон мувофиқ набудаанд.

---

[342] Мурувва,Ҳусайн. Ан-назаот ал- моддия фи-л-фалсафат-ил-арабият-ил-исломия.-С.406-407.
[343] Ҳамон ҷо.-С.408.

Фаъолияти махфӣ ва ғайри ошкори «Ихвон-ус-сафо» яке аз роҳҳое буд, ки шуубиён барои расидан ба ҳадафҳои худ, аз он истифода мекарданд. Метавон тасаввур кард, ки ҳатто дар мавзӯи назарияи дониш ҳам «Ихвон» озодии изҳори назар надоштаанд. Вале кӯшишҳои устувор ва зираконаи онҳо гувоҳи садоқати онҳо дар роҳи озодии андеша барои ҷомеаи худ будааст. «Расоил»-и «Ихвон-ус-сафо»-ро метавон як ҳуҷҷати таърихӣ ва барномавии ҳаракати шуубия дар асрҳои миёнаи исломӣ ба шумор овард. Ин барнома ҳоло ҳам дар баъзе кишварҳои исломии муосир мавриди амал ва татбиқ аст. Чаро ки истибдоди динӣ ва сиёсӣ ҳоло ҳам монеаи асосии роҳи озодандешӣ, равшанфикрӣ ва истиқлолталабии миллӣ мебошад.

## §3. Таълимоти Абуҳайёни Тавҳидӣ ва тамоюли шуубии он

Ибни Ҷавзӣ (ваф.1200) дар «Талбиси Иблис» навишта, ки мулҳидони ислом се касанд: Ибни Ровандӣ, Абуҳайёни Тавҳидӣ ва Абдулалои Мааррӣ. Ва бадтарини онҳо барои ислом Абуҳайён аст. Зеро он ду ошкоро назари худро баён карданд. Аммо Абуҳайён ишора мекунад, вале назарашро равшан ва ошкоро баён наменамояд»[344].

Муҳаққиқони муосир доир ба асри Абуҳайёни Тавҳидӣ бар ин назар ҳастанд, ки дар асри X шукӯҳу ҷалоли хилофати аббосӣ аз миён рафт ва ваҳдати ҳукумати исломӣ дар ҳам шикаст ва қудрату нуфузаш ба заъфу нотавонӣ гироид. Ин заъф аз ҳангоме оғоз шуд, ки эрониён бар хулафо ғолиб шуда, ба ҳукумат расиданд ва мансабҳои бузурги давлатиро ба даст оварда, ба-дон ранги эронӣ доданд, то ин ки мавқеияти арабро сусту заиф созанд, бо онон дар забони арабӣ рақобат карда, бо он забон шеър суруданд ва асарҳои насрӣ таълиф намуданд.[345]

Ҷунбиши шуубӣ-миллатпарастӣ дар давраи аббосӣ шӯълавар гардид ва эрониён бартарӣ ва тафаввуқи худро бар арабҳо ошкор сохта,

---

[344] Ибни Ҷавзӣ. Талбиси Иблис. Теҳрон, 1368.-С.90.

[345] Ба сабаби ношинохта будани Тавҳидӣ дар фарҳанги муосири тоҷик, ин мавзӯъро нисбатан муфассал баррасӣ хоҳем кард.

онҳоро ҳаҷв намуданд ва аз арзишу аҳамияти онҳо костанд. Арабҳо мутаваҷҷеҳи он хатар шуда, аз гӯшаю канор фарёдашон аз ин вазъ баланд шуд ва ин мавзӯъ дар ашъоре, ки Абуҳайёни Тавҳидӣ дар Куфа аз ғафлати аббосиён нақл мекунад, баръало ошкор аст: «Мебинам, ки оташе рӯи теппае афрӯхта шуда, рӯшноиву партаваш ба ҳар сӯ мерасад ва Бани Аббос аз он ғофиланд ва орому осуда хобидаанд. Ҳамон тавр ки Бани Умайя хобида буданд ва ҳангоме барои дифоъ аз худ бедор шуданд, ки дигар вақти дифоъ набуд».[346]

Ин абёт монанди абётест, ки Наср ибни Сайёр барои Марвон ибни Муҳаммад – охирин халифаи Умавӣ ҳангоми шӯриши сиёҳҷомагони Хуросон суруда буд, ки зеро дар он гуфта мешуд: «Равшании оташро аз зери хокистар мебинам ва назик аст, ки он оташ забона кашад, оташи боду чӯб равшан мегардад, вале шарр аз сухан оғоз мешавад, аз тааҷҷуб гуфтам: Кош медонистам, ки Бани Умайя хобанд ё бедор, агар субҳ шуда ва ҳанӯз дар хобанд, бигӯ: Бархезед, ки вақти бархостан аст». [347]

Заъфи сиёсии хилофати Аббосӣ аз замони рӯи кор омадани Мутаваккил соли 846 оғоз шуд. Зеро ӯ турконро ба худ наздик сохт ва ишонро ба эрониён бартарӣ дод. Мутаваккил суннии мутаасиб буд ва аз шииён сахт бадаш меомад, дар сурате ки бештари эрониён шиъа буданд ва маълум аст, ки ин кори Мутаваккил чи аксуламале дошта метавонист.

Ҳатто ба фикри Мутаваккил намеомад, ки туркони баргузидааш, ки ононро бар эрониён бартарӣ додааст, ӯро хоҳанд кушт ва қудраташро аз ӯ хоҳанд гирифт, аз ин рӯ касе аз эрониён бо ӯ кӯмак накард ва аз ӯ дифоъ нанамуд, то ин ки дар қатлаш бо писараш Мунтасир сӯйқасд намуда, ӯро дар соли 861 куштанд. Аз он вақт шӯру фитнаи туркон боло гирифт ва фармондеҳони турк дар куштани падар аз писар ва дар қатли бародар аз бародар кӯмак мегирифтанд ва хулафову валиаҳдҳо бо онҳо паймонҳои дӯстӣ мебастанд ва онҳоро дӯстони худ қарор медоданд.

[346] Муродиён, Худомурод. Баррасӣ дар аҳвол ва осори Абуҳайён Алӣ ибни Муҳаммад ибни Аббос Тавҳидии Шерозӣ. Теҳрон, 1352.-С.2. Минбаъд: Муродиён. Баррасиҳо.
[347] Муродиён. Баррасиҳо.-С.2.

Бағдод аз найранги эшон ба танг омада, зиндагӣ дар он мушкил шуда буд.

Бо ин ҳама туркон барои хулафо ҷуз василаи вайронкорӣ ва бозӣ бо сарнавишт набуданд, зеро аз замоне ки Мутаваккилро куштанд, хулафо гирифтор ва асири дасти эшон буданд ва зиндагиву ронданашон аз хилофот ва куштани эшон, бо иродаи туркон вобаста буд. Хилофат танҳо дар гарави иродаи туркон буд, ҳамаи мардум инро медонистанд ва байни худ муҳокима мекарданд. Чун Муътаз рӯи кор омад, дӯстонаш ситорашуморонро оварда, аз ишон пурсиданд, ки ӯ чи қадар дар хилофат хоҳад монд? Ва чӣ андоза умр хоҳад кард? Яке аз зарифон ки дар маҷлис буд, гуфт: Ман муддати хилофат ва умри ӯро аз эшон беҳтар медонам, гуфтанд чи қадар аст? Гуфт ба андозае ки туркон бихоҳанд. Пас ҳамаи аҳли маҷлис хандиданд.[348]

Дар ин қарн нуфуз ва қудрати сипоҳиёни турк боло гирифт ва ҳокимияти хулафо рӯ ба нотавонӣ ва коҳиш гузошт. Ҳокимон ва волиён чун заъфи хулафо ва истибдоди туркконро дар умури ҳукумат ва сиёсат мушоҳида карданд, ба истиқлоли вилоёти таҳти тасарруфи худ тамаъ варзиданд. Ин ҷунбишҳои ҷудоиталабӣ аз замони халифаи Розибиллоҳ ошкор шуд. Ва ӯ охирин халифае буд, ки ҳукуматро худ идора мекард ва аввалин халифае  низ буд, ки қудрату ҳукм аз дасташ берун рафт.[349]

Дар ин ҳол барои халифаи Аббосӣ ҷуз Бағдод ва тобеоти он чизе намонд. Мулоҳиза мешуд, ки ин ҳукуматҳои ҷудошуда аз як нажод нестанд, зеро сомониён ба бувайҳиён эронӣ, ахшедиён ва ғазнавиён турк, ҳамдониёну фотимиён ва умавиён арабанд. Бидуни гумон хулафои Бани Аббос дар қарни X танҳо шаклу сурате буданд, ки шукӯҳу ҷалоли воқеӣ надоштанд. Чун тамоми корҳо ба дасти муставлиёну ҳокимон афтод ва ҳар тавр, ки мехостанд дар корҳо дахолат мекарданд, бидуни ин ки муқайяд ба риояти манфиати кишвар ва иҷрои адолат бошанд.

---

[348] Ибн Ат-Тиқтақӣ, Фахриддин. Ал-Фахрӣ фи-л-одоб ас-султония ва –д-дувал ал-исломия. Қоҳира, бидуни таърих.-С.22 (арабӣ).
[349]Муродиён. Баррасиҳо.-С.3.

Аз ин рӯ вайронӣ ва фасод ҷорӣ гардид ва хулафо аз замони Муқтадир (907-932) аз сиёсат даст кашиданд, дурусттараш дасташонро аз сиёсат кӯтоҳ карданд ва таслими шаҳват ва ҳавасрониҳои худ гардида, корҳояшонро ба занони кох (қаср) ва навкорону ғуломон супурданд.

Мейер мегӯяд: «Ҳукумати ин халифаи бадбахт, яъне Муқтадир, хилофатро ба поёнтарин дараҷаи таназзулу пастӣ кашонид. Халифа дар Бағдод бозичаи дасти занон афтода, хилофат аз дохил мавриди тамасхӯр гашта ва аз хориҷ ҳадафи тамаъи ғоратгарон. Бағдод шаҳре буд, ки қодир набуд, ҷилави ҳамлаи ғоратгаронро бигирад. Ва хилофат дар он аз ҳам пошида буд, дасисаҳо ва изтиробот даври муҳимеро дар он бозӣ мекард».[350]

Барои халифа ҷуз мансаби исмӣ ва расмӣ чизе намонд, зеро ҳукуматҳои тобеъ, (ғайр аз фотимиён), танҳо бо султаи динии халифа эътироф доштанд ва ҳадяҳое барояш мефиристонданд. Ва рӯи минбарҳо ба номаш хутба мехонданд ва барояш дуъо мекарданд. Худи Мутеъ ба заъфи худ иқрор шуда, гуфта буд: «Ман чизе ғайр аз хутба надорам». Бо ин тартиб хулафо танҳо ҷоҳу мақоми худро аз даст намедоданд, балки таъмини ҷонӣ ва итминон ба зиндагӣ низ надоштанд: зеро гоҳе аз хилофат ронда ва гоҳе зиндонӣ ва гоҳе ба бадтарин шакле кушта мешуданд.

Дар замони зиндагии Абуҳайён гурӯҳе аз фармондеҳон ва нависандагон ва қозиён дар соли 930 халифа Ҷаъфар ибни Аҳмади Муқтадирро аз хилофат берун намуда, хонаашро вайрон ва амволашро тороҷ намуда, Абдулло ибни Муътазро ба ҷои ӯ нишонданд. Вале пас аз як шабонарӯз, ӯро куштанд ва хилофат ба Муқтадир бозгашт, байъаташро (ҳукмашро) таҷдид карданд, вале ӯро бо вазъи баде куштанд ва ҷусаашро ба гӯшае андохтанд ва ин кор пас аз он ки Муънис – фармондеҳи кулли сипоҳи турк, ӯро бекор намуда буд, анҷом гирифт. Пас аз он ба шартҳое, ки Муънис имло кард, бо Қоҳирбиллоҳ байъат шуд. Лекин чизе нагузашт, ки ӯро аз мансаб дур намуданд ва ба

[350] Муродиён. Баррасиҳо.-С.5.

чашмонаш мил кашида, вайро нобино сохтанд ва дар соли 933 зиндонӣ карданд. Сипас чашмони Муттақибиллоҳро мил кашиданд ва соли 944 ӯро аз хилофат сабукдӯш намуданд.

Ҳангоме ки Оли Бувайҳ соли 945 бар Бағдод истило ёфтанд, монанди туркон хулафоро ба бозӣ андохтанд. Ҳангоми дохил шудани Бувайҳиён ба Бағдод, халифа Мустакфибиллоҳ буд, чун яқин кард, ки Муъиззуддавла ба Бағдод расидааст, тарсид ва парешон шуд ва ҳадяҳое барояш фиристод, пас аз он Муъиззуддавла ба диданаш омад. Халифа тавқу дастбанд ва абзори салтанатро ба ӯ дод ва парчаме бо номи ӯ баст ва ӯро, ки Аҳмад ном дошт, Муъиззуддавла ва бародараш Алӣ ва Ҳасанро Имодуддавла ва Рукнуддавла лақаб дод, вале пас аз муддати каме Муъиззуддавла тадбире андешида, халифаро аз хилофат берун карда, чашмонашро нобино намуд ва ӯро боздошт кард, то дар соли 950 вафот ёфт.[351]

Шояд агар ин давлатҳои ҷудогона ва кӯчак бо ҳамдигар муттафиқ ва дар сулҳу оштӣ буданд ва бо якдигар бародарӣ мекарданд ва барои ҷилавгирӣ аз ҳамлаи румиён ва дигарон бо якдигар кӯмак ва ёрӣ мекарданд, бадбахтӣ ва шикасти камтар дучори мардум мешуд. Вале бадбахтӣ ҳаррӯз бештар мегардид, зеро ҳокимон бо ҳам набуданд ва нерӯмандашон дар нотавонашон тамаъ меварзиданд ва нотавонашон бар қавитарашон ҳасад мебурд. Қудратманд мекӯшид, ки қудратмандро нотавон созад ва гоҳе нерӯманд мағрур ба нерӯи қудрати худ мешуд ва аз атрофиёни худ бехабар мемонад. Дар ҳоле ки ҳамсояаш бедор буд ва сарбозонаш зиёд шуда ва мавқеияташ устувор гашта, бар ӯ юриш оварда, ӯро мағлуб месохт.

Муборизаи дигаре байни шиъа ва суннӣ буд. Давлати Бувайҳӣ аз шиъиёни тундрав буд. Шиъа барои таъйиди мазҳаби худ аз фурсат истифода намуда, Абубакру Умарро дашном медоданд ва аз соли 963 дар

[351] Муродиён. Баррасиҳо.-С.8.

даҳуми муҳаррам барои кушта шудани Ҳусайн (а), азодории андӯҳноке ба роҳ андохтанд.

Ва дар 18-зулҳиҷҷа ба муносибати Иди Ғадир ҷашни сурури бузург барпо менамуданд, дар ҳоле ки халифа бо аҳли суннат буд ва адади онон аз шиъа бештар буд. Аз ин рӯ, душманон байни шиъа ва суннӣ мардумро ба ду ҷабҳаи мухолифи ҳам мекашонид. Чунон ки дар фитнаи соли 973 сунниён ба Сабуктегини турк ва шиъиён ба Бахтиёри Дайламӣ пайвастанд ва ба шиъа ситам намуда, бо ишон ҷангиданд. Шиъиён деворҳои Кархро сангар қарор доданд, лекин ҷанг идома ёфт ва хунҳо рехта шуд, маҳоримӣ (бадахлоқӣ) мубоҳ гардид. Карх бори дуюм ба тӯъмаи оташ кашида шуд. Хонаводаҳо бечора шуданд, айёрон ва оворагон бар молу ашё ва занону манозили мардум соҳиб гардиданд, назму тартиби шаҳр аз ҳам пошид, ҳукумат аз барқарории назм оҷиз шуд, таассуб миёни шиъа ва суннӣ дар умури дину дунё боло гирифт, дар ҳоле ки пеш аз он маҳдуд ба дин буду бас.

Дар ин қарн қараматиён дар Ироқу Шом ва Ҳиҷоз фитнаву фасод ба по карданд ва роҳи ҳаҷро чандин бор бастанд. Ҳатто дар соли 934 мардуми Ироқ натавонистанд ба ҳаҷ бираванд. Айёрон чандин бор дар Бағдод шӯриданд, то чизе ба даст оваранд, ки зиндагиашонро ҳифз кунад. Абуҳайён аз қурбониёни шӯриши соли 973 эшон буд, зеро дар он сол шӯришу инқилоби сахте шуд, ки ҳамаҷоро сӯзониданд ва вайрон карда, ғорат намуданд. Ва дасташон ба маҳаллае расид, ки Абуҳайён сокин буд. Дар манзилаш ҳар чӣ аз тилло ва либосу ашё ёфтанд, тороҷ намуданд ва ходимаи хонааш аз тарс даргузашт.[352]

Румиён аз заъфи мусулмонон истифода карда, бар ҷазираи Крит соли 961 ва ба ҷазираи Қибрис дар соли 965 даст ёфтанд ва дар он фосила шаҳри Тартусро кушоданд ва дар соли 967 шаҳрҳои Ҳамот, Ҳумс, Антокияро фатҳ намуда, пас аз он шаҳри Раҳоро ғорат карданд ва

---

[352] Тавҳидӣ, Абуҳайён. Ал-Имтоъ ва-л-муонаса. Ҷ.3. Қоҳира.1953.-С.162. Минбаъд: Тавҳидӣ. Ал-Имтоъ.(Эҳсоси лаззат дар ҳамнишинӣ бо дӯстон)

дар соли 972 диёри Бакр дохил шуда, куштанд ва асир карданд ва пардаи ҳурмати мардумро дариданд.

Дар соли 974 Баълабак ва Бейрутро кушуданд ва мардуми Шом аз худ ғаромат доданд, ки боистӣ ҳар сол онро ба Рум бипардозанд. Ба ақидаи мо асри Тавҳидӣ асри шикасти империя ва идеологияи расмии исломӣ буд. Ба давлатҳои кӯчак тақсим гардид. Исломи расмӣ низ шикаста шуд. Исломи хилофати аббосиён, исломи расмӣ буд. Яъне исломи аксарият. Исломи аҳли суннат ва ҷамоат. Исломи Муҳаммад ва аҳли ҳадис. Исломи арабҳо, туркҳо ва бодиянишинон…

Исломи ғайри расмӣ шиъа ном дошт. Пайравони Алӣ ва хонадони пайғамбар. Исломи хонаводагӣ. Хонаводаи пайғамбар. Махсусан исломи Алӣ, Ҳасан, Ҳусейн ва Фотима. Зиндагӣ дар асри X мелодӣ хеле мураккаб ва печида буд. Дину идеологияи суннатӣ ва анъанавӣ, ба талаботи аср ҷавобгӯ набуданд.

Ҳолати иҷтимоӣ дар авохири асри IX монанди ҳолати сиёсӣ буд, зеро ба сабаби набудани истиқрори (оромии) сиёсӣ, дар вазъи иҷтимоӣ ва иқтисодӣ фасод роҳ ёфт ва байни табақоти мардум ихтилофи фоҳише (бузурге) ба вуҷуд омад. Абуҳайёни Тавҳидӣ мисолҳо ва намунаҳое аз бечорагӣ ва бадбахтии ҳамкорони донишмандаш меоварад. Чунон ки гӯяд: Абусулаймони мантиқии Сиҷистонӣ, сарвари уламои асри худ мӯҳтоҷи як қурс нон буд ва қудрати пардохти иҷораи манзили худро надошт ва барои наҳору шом дармонда ва маъталу мунтазир буд ва Абусаъиди Сийрофӣ «олими олам ва шайхи дунё ва қонеъкунандаи мардуми рӯи замин, рӯзе даҳ варақ ба даҳ дирҳам нусхабардорӣ мекард, то бо он зиндагӣ кунад».[353] Яҳё ибни Аддийи файласуф дар шабонарӯз беш аз сад варақ истинсох мекард ва Маъофӣ ибни Закариёи Наҳравонӣ, ки бо бештари улум ошно ва устоди Абуҳайён низ буд, дар рӯзи зимистон пушт ба офтоб хобида буд ва бо зиёдии илму васъати адабу фазл асару нишонаҳои фақр ва бадбахтӣ бар ӯ ошкор буд. Абубакри

[353] Тавҳидӣ, Абуҳайён. Ал-Муқобисот. Миср. 1347.ҳ.ш.-С.23.

Қумисии файласуф чунон фақиру бечора буд, ки мегуфт: «Гумон намекунам, ки бадбахтии дунё ба касе ба андозаи ман расида бошад. Агар ба Даҷла равам, ки худро бишӯям, обаш мехушкад ва агар ба биёбони хушку сӯзон биравам, ки ба хоки он таямум кунам, хокаш санги соф хоҳад шуд». Абдулваҳҳоби Бағдодии моликӣ ҳангоме ки зиндагониаш дар Бағдод сахт шуд, барои талаби ризқу рӯзии худ аз Бағдод хориҷ шуд ва ба бузургони Бағдод, ки ӯро гусел менамуданд, гуфт: «Агар миёни шумо рӯзе ду қурс нон пайдо мекардам, аз шаҳри шумо берун намерафтам».[354]

Ин ҳолат аз осори низому қонуни табақатӣ дарак медод ва дар ҷомеаи асри X чунин ҳолат ҳукмфармо буд ва мардум аз ду табақаи ҷудогона иборат буданд. Табақаи хос, ки иборат буданд аз подшоҳону вазирон ва риҷоли давлату баъзе аз бозоргонон ва заминдорон ва табақаи ом, ки шомили аксари мардум аз олимону адибон, санъатгарон, кишоварзон ва чӯпонон буданд. Онҳо чун василае барои ба даст овардани мол аз роҳи маъқул надоштанд, ба ситорашуморӣ ва эътиқод ба хубу бад ва иштиғол ба кимиёгарӣ ва ё табдили мис ва ҳалабӣ ба тилло ва илтиҷо ба дуъои авлиё барои табдили фақрашон ба ғино, ба сеҳру тилисму ковиш аз ганҷҳои пинҳон пардохтанд.[355]

Ба ҳар ҳол, Абуҳайёни Тавҳидӣ низ бо он илми васеъ ва адаби файёз ва фалсафаву балоғат ва иртибот бо вазирону олимон ва заҳмати нусханависӣ аз мусибати фақру бехайрӣ дур намонда, барои имрори маъоши худ ва вазъи бади зиндагиаш бо ину он ҳамкор шуда, аз мардуму дунё ва мавҷудоти он гила ва шикоят мекард, ки ашки инсонро ҷорӣ намуда ва шунавандаро ба дилсӯзӣ вомедорад.[356] Дар китоби «Ас-Садоқа ва-с-садиқ» менависад: «Ҳолу лафз ва дину хулқи ман ғарибу бегона шуда ва ба ваҳшат маънусу ҳамнишин ва ба танҳоӣ хурсанд ва ба хомӯшию саргардонӣ ва таҳаммули азияту озор одат кардам ва аз ҳар касе, ки мебинӣ, ноумед шуда ва чашм ба роҳи маргам, зеро хуршеди умр

[354] Муродиён. Баррасиҳо.-С.15.
[355] Амин, Аҳмад. Зуҳо-ул-ислом. Қоҳира, 1945.-С.121.
[356] Муродиён. Баррасиҳо.-С.22.

ба лаби девор омада ва оби зиндагӣ хушкида ва ситораи ҳаёт ғуруб карда ва сояи дирангу таваққуф кӯтоҳ шуда аст».[357]

Дар номае навиштааст: Эй мард, маро аз даст дароз кардан ба ину он халосӣ деҳ ва аз либоси фақру бечорагӣ наҷот деҳ ва аз банди парешонӣ бираҳон.  Ва ҳазинаи наҳору шоми маро фароҳам соз, то кай нони хушку турраи пажмурда ва пираҳани жанда ва боқилаву хӯрдани нону зайтун? Ба Худо гулуям хушкида, хилқатам (ҳолатам) дигаргун шуда, туро ба Худо ба кори ман расидагӣ кун. Устухонам шикаста аст, онро бибанд, ташнаам маро сероб намо, ман андӯҳгин бадон шаҳр рафтам, маро хор намуд ва дар ин хона ва дар он хона истодаю маро шикаст дод он ки маро мешинохт, ношинос шуд ва он ки ба ман наздик буд, аз ман дурӣ намуд.[358]

Ҷунбишҳо ва ҳаракатҳои илмӣ ва адабӣ комилан бо давраҳои сиёсӣ ҳамгом нестанд. Чунонки бо пирӯзии он пирӯз ва бо шикасти он сукут кунанд. Зеро сиёсат ҷунбишест, ки гоҳе бидуни тааммул ва ногаҳон ва гоҳе бо тааммул ва тадбиру замон зоҳир мешавад. Аммо ҳаракат ва ҷунбиши илмӣ ва адабӣ мӯҳтоҷ ба замон аст ва дорои қонуну муқаррароти дохилии худ мебошад.

Дар асри X вақте сиёсати давлат заъиф мешуд, фаъолиятҳои илмӣ ва адабӣ роҳи камоли худро мепаймуд. Ин кор сабаб дошт. Ҷунбиши нерӯманди шуубия, ки  дар асри IX шиддат гирифта буд, дар асри X нерӯмандона ба сайри худ идома медод.

Дигар он ки подшоҳон ва амироне, ки мутасаддии умури мамлакат ва сиёсат буданд тақрибу ташвиқи уламо ва удаборо ба нафъи худ дониста ва мехостанд бо хулафои аввали Бани Аббос баробарӣ кунанд ва ё бо ҳукумати худ азамат ва шукӯҳу ҷалоле дода, зикри худро бо мадҳи эшон дар миёни мардум мунташир намоянд ва ё ин ки дар идораи кишвар аз ишон  истифода намуда, кӯмак бигиранд.

---

[357] Тавҳидӣ, Абуҳайён. Ас-Садоқа ва-с-садиқ. Димишқ. 1964.-С.5.
[358] Тавҳидӣ. Ал-Имтоъ. Ҷ.3.-С.262.

Аз ин рӯ, марокизи сиёсат аз риҷоли илму адаб мавҷ мезад ва Исфаҳону Шерозу Ҳамадону Нишопур ва Самарқанд ва Райю Ҳалаб ва Қуртубаю Қоҳира бо Бағдод рақобат мекарданд. Аз бузургони сӯфия дар ин давра метавон Ҷунайди Бағдодӣ (909) ва Мансури Ҳаллоҷ (922) соҳиби мазҳаби ҳулул ва Абутолиби Маккӣ (ваф. 999) муаллифи китоби (Қут-ул-қулуб)-ро, ки дар Макка ва Бағдоду Басра иқомат дошт, ном бурд. Ҳамаи сӯфиёни номбаршуда эронӣ будаанд, вале нашунамои эшон бештар дар билоди арабӣ будааст.

Дар фалсафа Абусулаймони Мантиқӣ дар Бағдод машҳур буд, ки ӯ аз устодони Абуҳайёни Тавҳидӣ аст. Абуҳайён ӯро чунин васф мекунад: «Абусулаймон аз ҳама уламо назараш дақиқтар ва далелаш кубандатар ва рояш амиқтар ва фикраш равшантар ва бар марворидҳои дониш пирӯзтар ва ба ҷои онҳо роҳёбандатар аст».[359]

Абуҳайён суханашро идома дода, аз ҷумла мегӯяд, ки хонаи Абусулаймони мантиқӣ қароргоҳи ҷадалу муҳовара ва музокира буд; зеро Абузакариёи Саймарӣ, Нушҷонӣ, Мақдисӣ, Абуҳайён ва дигарон дар он ҷо гирд меомаданд ва бисёре аз масоилро аз қабили робитаи байни наҳву мантиқ ва самоъу ғано ва алоқа миёни ситорагон ва ҳаводиси замин ва ҳақикати неъмат дар биҳишт мубоҳиса ва муҷодила мекарданд.

Ба ақидаи мо, фарҳанги асри X дар қаламраве, ки Тавҳидӣ зиндагӣ мекард, як навъ эътирози қавмӣ буд ба муқобили арабҳои ҳоким ва ин вазъро идомаи фаъолияти шуубиён арзёбӣ намудан мувофиқи мақсад мебуд. Аз навиштаҳои худи Тавҳидӣ чунин бармеояд, ки аҳли фарҳанг дар аксар ҳолатҳо мавриди беэътиноӣ қарор гирифта буданд. Ҳавзаҳои бисёрҳазораи фарҳангии дарборҳо, то андозае характери худнамоӣ ва шӯҳратталабӣ дошта, илму фарҳанги асил, асосан ба ӯҳдаи шахсиятҳои бедоре чун Тавҳидӣ гузошта шуда будааст. Аз ин гузашта фарҳанги асри Тавҳидӣ ду падидаи ҷолиб дошт: Яке равнақу ривоҷи фалсафа ва илмҳои

---

[359] Тавҳидӣ, Абуҳайён. Ал-Имтоъ. Ҷ 1.-С.23.

юнонӣ ва дигаре таваҷҷӯҳ ба фарҳанги Эрони бостон. Дар сурате ки фарҳанги юнонӣ ва махсусан фалсафаи он, то дараҷае аз фалсафаи Эрони бостон иқтибос шудааст. Агар дақиқан ба ҳар дуи ин тамоюл назар андозем, унсурҳои бевоситаи фаъолияти шуубияро дар афкори маънавӣ мушоҳида карда метавонем.

Ибни Батлон ва Яҳё ибни Аддийи насронӣ (ваф.974) ва Ибни Зуръаи насронӣ (ваф.1007), ки китоби (Арасту фи-л-маъмур мин-ал-арз)-ро мухтасар карда буд, дар Бағдод аз уламои машҳури фалсафа маҳсуб мешуданд. Абуҳайён ибни Зуръаро бар Яҳё ибни Аддийи тарҷеҳ медиҳад, зеро тарҷумаро хуб анҷом медод ва ба китобҳои зиёд муроҷиат мекардааст. Дигар аз файласуфон Назиф рӯҳонии румӣ аст, ки чанд забон медонист ва аз юнонӣ осори зиёдеро бо арабӣ тарҷума кардааст. Абуҳайён ӯро чунин васф карда: «Дар пизишкӣ дасте боло ва дар маҷолис забоне гӯё дошт ва дар ҷадал дурусткору ором буд.[360]

Файласуфони маъруфи дигар иборатанд аз: Абу Алӣ Аҳмад ибни Яъқуби Мискавайҳ, китобдори Аздуддавла ва муаллифи «Таҷоруб-ул-умам» ва «Таҳзиб-ул-ахлоқ», Зайди ибни Рифоъа, Мақдисӣ, Занҷонӣ. Дар китобҳои таҳқиқии муосир асри X мелодӣ дар кишварҳои Шарқи исломиро асри тиллоии фарҳанг меноманд. Шояд чунин буда бошад. Ин далолат ба он мекунад, ки наҳзати шуубия дар бахши афкори маънавӣ низ боло рафта ва рушду инкишофи афкори фалсафӣ ва ба низоми муайян даромадани масъалаҳои ҳастишиносию маърифат агар бевосита ба наҳзати шуубия ва натиҷаи фаъолияти он арзёбӣ нашавад, онро ба таври бавосита марбут ба наҳзати мазкур донистан мувофиқи мақсад мебуд, ки инро дар мисоли фаъолият ва ақидаю орои Абуҳайёни Тавҳидӣ нишон додан мумкин аст.

Алӣ ибни Муҳаммад ибни Аббос ва кунияаш Абуҳайён ва лақабаш Тавҳидӣ аст. Вале Муъинуддин Абулқосим Ҷунайди Шерозӣ аз риҷоли қарни ҳафтум дар китобаш ӯро Абуҳайён Аҳмад ибни Аббос сӯфии Тавҳидӣ номида аст. Дар таълифоти худ ӯ зикре аз ном ва номи падар ва

[360] Муродиён. Баррасиҳо.-С.31.

падарбузургаш ба миён наёвардааст ва ҳама ҷо бо номи куния ва лақаб аз худ ном бурдааст. Дар оғози ҷузъи аввали китобаш «Ал-Имтоъ» кунияву лақаб ва дар охири ҷузъи сеюми он кунияаш сареҳан баён гардида аст. Дар номидани лақаби Тавҳидӣ гӯянд, ки ё яке аз ниёкомаш навъе аз хурмо бо номи «тавҳид» мефурӯхт ва шореҳони девони Мутанаббӣ (тавҳид)-ро дар ин байт, чунин маънӣ кардаанд: «Аз даҳони ман суханоне мегиранд, ки аз хурмои (тавҳид) ширинтар аст».[361] Ибни Халликон низ чунин фикрро таъйид кардааст.[362]

Бо ин ки Абуҳайён дар осораш аз анвоъ ва аснофи мардум аз авом ва хавос (бузургон), подшоҳон ва бозориён аз ҳар табақа сухан гуфта, аз падару модар ва хешовандони худ аслан сухан ба миён наёварда аст. Роҷеъ ба таърихи таваллуди Абуҳайёни Тавҳидӣ мо ба ду мушкил бар мехӯрем: яке мушкили таърихи таваллуд ва дигаре таърихи вафот. Муҳаққиқон дар мушаххас намудани таърихи таваллудаш ақидаҳои гуногун доранд. Аз рӯи гуфтаи Аллома Қазвинӣ ӯ байни солҳои 922-932 таваллуд ёфтааст. Сандубӣ таваллуди ӯро соли 924 ба қалам додааст. Соли вафоти Тавҳидӣ низ баҳси доманадоре дорад ва бино ба тахминҳое, ки муҳаққиқон намудаанд, маълум мегардад, ки ӯ соли 1024 дунёи фониро падруд гуфтааст.

Дар назари Ёқути Ҳамавӣ, Абуҳайён Шерозӣ аст. Аммо Ибни Димётӣ ӯро Нишопурӣ ба қалам дода, ки баъд ба Бағдод омад ва пас аз муддате ба Рай рафт. Яъне ӯ эронӣ аст. Ҳамин матлабро Ҳамавӣ дар «Мӯъҷам-ул-удабо» низ овардааст ва Суютӣ ин фикри ӯро таъйид намудааст. Сандубӣ ва Закӣ Муборак низ Абӯҳайёни Тавҳидиро эронуласл гуфтаанд. Вале Муҳаммад Курд Алӣ ӯро араб медонад. Ин фикри ӯро Аҳмади Ҷундӣ тақвият бахшидааст. Баъзе муҳаққиқон эронӣ ё араб будани ӯро зикр накардаанд. Ӯ улуми мухталифи адаб, фиқҳ, калом ва фалсафаро назди уламои барҷастаи замонаш фаро гирифта, солҳои 952-972 Абусаиди Сайрафӣ улуми қуръонӣ, наҳв, балоғат, калом,

---

[361] Муродиён. Баррасиҳо.-С.31.

[362] Доират-ул-маъорифи бузурги исломӣ. Ҷ.5.Теҳрон, 1383.-С.410. Ниг. Ибни Халликон. Вафаёт-ул-аъён. Ҷ.1. Миср. 1299 ҳ.ш.-С.470.

арӯз ва қофияро омӯхт. Устодони ӯ дар соҳаҳои гуногуни улуми замона Абубакри Қаффоли Шошӣ, Абулфараъи Наҳравонӣ ва Абуҳомиди Марврудӣ буданд.[363]

Абуҳайён, чунон ки худ мегӯяд, хушхат буда, бо навъҳои он ошноӣ дошта ва дар ин бора китоби бо арзише навишта, ки аз қадимтарин китобҳо аст, ки дар анвоъи хати арабӣ ва қавоиди он навишта шудааст. Ва изофа бар хушхатӣ ва зебонависӣ аз тасҳифу таҳрифи нависандагон ба дур буда ва солиму беғалат рӯнависӣ мекардааст.[364] Чунон ки худ гӯяд: «Нодорӣ ва бе хайрии рӯзгор чунон бар ман даст ёфтааст, ки бо дурустии нақлу хубии хат ва зебоии нусхаҳо ва саломатии он аз тағйиру табдил ба андозаву монанди ҷоҳилу нодоне рӯзӣ ба даст намеоварам».[365]

Абуҳайён ҳангоми ҷавонӣ сарфиёти худро аз саҳҳофӣ ва китобнависӣ ба даст меовард ва бо ин шуғл пеши баъзе аз вазирони асри хеш ва соҳибмансабони он замон роҳ ёфт ва дар ин ҳол хушбахттар аз замоне буд, ки ин шуғлро раҳо намуда, мутаваҷҷеҳи вазирон шуд ва бо навиштани нома ва достонгӯии шабона ва таълиф таваҷҷуҳи эшонро ба худ ҷалб намуд.

Абуҳайён ҳангоми китобнависӣ то ҳудуде дар рифоҳ ва осоиш буд ва дар Бағдод манзилу ашёҳои манзилӣ ва лавозини зиндагӣ дошт ва ходимае истихдом намуда, вале аз вақте ки ба хизмати Ибни Амид, Ибни Ибод, Ибни Саъдон ва дигарон даромад, дар он ҳолу вазъи пеш набуд. Ӯ китобе барои Зайд ибни Рифоъа рӯнависӣ кард ва чун ба китоби «Ҳайвон»-и Ҷоҳиз хуб ворид буд ва бар забту диққат дар он тавоно буданд, Ибни Саъдон аз ӯ хост, ки як нусха аз он барояш бинависад ва рисолае аз Абузайди Балхӣ низ барои Ибни Саъдон рӯнависӣ намуд. Ва Ибни Ибод аз ӯ хост, ки 30 ҷилд аз китобҳояшро истинсох кунад. Вале Абуҳайён аз шуғли саҳҳофӣ ва китобнависӣ ба танг омада, онро пешаи шум ва бадхосият номид ва тамаъ дар коре варзид, ки ранҷаш камтар ва судаш бештар бошад. Ва замоне аз тарафи Абулвафои Муҳандис

363 Доират-ул-маъорифи бузурги исломӣ. Ҷ.5. Теҳрон, 1383.-С.411.
364 Ҳамавӣ, Ёқут. Мӯъҷам-ул-удабо, Бидуни соли нашр. Ҷ.15. Қоҳира.-С.13.
365 Ҳамон ҷо.-С.28.

сарпарасти бемористони Аздийи Бағдод буд ва як бор ҳам бо мутасадди пуст (почта), бо моҳиёнаи чиҳил дарҳам ба Кирмоншоҳ рафт. Ва аз Абулвафо хоҳиш кард, ки ҳазор дирҳам ба ӯ диҳад, то онро сармояи худ намуда, бо баққоли маҳалла шарик шавад ва бо тоҷири маъруфе қоғазу дафтарфурӯшӣ кунад. Якеи дигар аз мавориди рӯзии ӯ пули солиёнае буд, ки пас аз хуруҷ аз Бағдод «далҷӣ»? ба ӯ медод. Ба ҳар ҳол хонаводае, ки бадон ба он эътимод дошта бошад ва роҳи даромаде, ки бечорагӣ ва тангдастии ӯро бартараф созад, ғайр аз мавориди ёдшуда надоштааст, ё барои мо маълум нест. Вале он чӣ мусаллам аст, ки он ҳамеша аз таҳсили (ёфтани) рӯзӣ нороҳат буда ва аз нодорӣ менолида аст. Лекин бештари гила, шикоят ва норизоятии ӯ ҷанбаи муболиға ва иғроқ дорад.[366]

Ба ақидаи мо Тавҳидӣ салоҳияти ҳама корҳоеро дошт, ки муосиронаш доштанд. Вале сабаб чизи дигар буд. Сабаби умда ва асосӣ он буд, ки аҳли қалами замон мақоми Тавҳидиро хуб мешинохтанд. Ба ӯ бухл меварзиданд ва ҳасад мебурданд. Вале Тавҳидӣ ба сабаби покии сиришт ва фитрат ба ин масъала таваҷҷӯҳ надошт ва онро сазовори таваҷҷӯҳ ҳам намедонист. Ин нависандагони дарборӣ дар шаъни ӯ ҳамеша бардгӯӣ мекарданд. Вазирону соҳибмансабон низ аз роҳи ин ғайбату бадгӯиҳо нисбат ба Тавҳидӣ назари мусбате надоштанд. Ҳамкасбони нотавонбини Тавҳидӣ бо дарбориёну соҳибмансабон ва вазирони адибномаи замон даст ба дасти ҳамдигар дода, ин марди озодаро ба ин ҳол расонидаанд.

Дар Бағдод бозори китобнависӣ ва саҳҳофӣ роиҷ буд. Донишмандон ба онҷо меомаданд ва ҳаводорони китоб ба онҷо рафту омад мекарданд ва барои мубоҳиса ва муҷодила ҷамъ мешуданд. Баъзе аз ин мубоҳисот дар назди Абуҳайён анҷом мегирифт ва ба онҳо гӯш медод ва ё дар онҳо ширкат мекард. Донишмандон ва уламо дар асри Абуҳайён аз ҳама давраҳои исломӣ бештар ва устодони Абуҳайён дар тамоми фунуни маориф беҳтарин устодон ба шумор меомаданд. Ва

366 Муродиён. Баррасиҳо.-С.40-48.

Абуҳайён аз дохил шудан дар ҳар гуна маҷлисе ва таҳқиқ дар мазоҳиби мухолиф ва мувофиқ тарсе надошт, бо асҳоби ҳар мазҳабу гуфтор ва роъю ақида мевапайваст ва аз ривоят намудан аз ҳар муҳаддисе дар ҳар мавзӯе биме ба худ роҳ намедод.

Ин ҳолат ва сифот муъҷиб шуд, ки Абуҳайён «энсиклопедияи» мардум ва нависандагони асри худ гардад. Агар бихоҳем касеро пайдо кунем, ки бо тамоми улуми васеъи асри X даст ёфта бошад, шояд ғайр аз Абуҳайён нахоҳем ёфт. Монеаҳое, ки барои пайвастан ба мадорис ва маҷолиси гуногун барои дигарон буд, барои Абуҳайён вуҷуд надошт.

Масалан, айбу нуқси ҷисмӣ барои Абулалои Мааррӣ (нобиноӣ) ва Абусулаймони Сиҷистонӣ  (марази пӯст) ва мақоми баланду мавқеияти иҷтимоӣ барои Шарифи Муртазо, Ибни Ибод ва Ибни Амид боис мешуда, ки натавонанд ба ҳар маҳфиле роҳ ёбанд.  Аммо Абуҳайён ҷуз таҳқиқ коре надошт ва пойин будани мавқеияти иҷтимоияш яке аз сабабҳои таҳсили ӯ буд. Зеро ӯ бидуни андеша аз маҷлисе ба маҷлисе, аз ҳалқае ба ҳалқае ва шаҳре ба шаҳре мерафт ва мепурсид ва гуфтугӯ мекард ва ҳадис мегуфт ва чун ба хонааш боз мегашт, он чӣ фаро гирифта буд, менавишт ва ҳар назареро ба соҳибаш ва ҳар мазҳаберо ба аҳлаш нисбат медод.

Кам аст, ки дар давраи ӯ шахсияте Бағдодӣ ва ё Басрӣ, Розӣ ё Хуросонӣ, Сиистонӣ ё Ҳиҷозӣ ё Шомӣ вуҷуд дошта ва ӯ бадон напайваста ва бо ӯ сухан нагуфта ва аз ӯ ривоят накарда бошад. Рӯнависӣ аз китобҳои мухталиф ва дарс хондан пеши устодони гуногун ва рафтан ба маҷлисҳои бешумор ва пайвастан ба табақоти мухталиф ва рафту омад байни марказҳои фарҳанги исломӣ бо доштани умри дароз ва сабру шикебоии фаровон ва озод будан аз банду басти иҷтимоӣ ва озод будан дар пайравӣ аз тариқае муъҷиб шуд, ки асарҳои ӯ доират-ул-маорифи насли муосири қарни чаҳорум гардад.[367]

---

[367] Абдурраззоқ, Муҳиддин. Абуҳайёни Тавҳидӣ. Ал-Қоҳира, 1949.-С.125.

Китобнависӣ ва бархурд бо орои мухталиф ва рангоранг, диққаташро дар истинтоҷ ва фаҳму идрокашро дар луғату афкори китоб афзуд ва бо вусъати уфуқ ва саломати забон ва боло рафтани услубаш кӯмак кард.

Як аз хушбахтиҳои қарни чаҳорум нокомӣ бадтолеӣ ва бадбахтии Абуҳайён аст, зеро ба дарборе бастагӣ надошт, ки ба онҷо дил бандад ва мақоме ҳам ба даст наёвард, ки ӯро аз кӯчидан ба нуқоти мухталиф ва рафту омадҳои бисёр бениёз созад.

Мавқеияти иҷтимоии муҳиме, ки ӯро водор кунад аз тоифае ва мазҳаби муайяне пайравӣ намояд, низ доро набуд. Балки маҳрум ва бе арзиш буд ва худаш ин маҳрумият ва беарзиширо дарк мекард ва ин нокомӣ ва идрок ба манзалаи ҳезуме мебуд, ки рӯҳашро шӯълавар месохт ва бо зикри нақоиси афрод ва иҷтимоъ, ба ҷӯшу хурӯш меомад. Ва ин нуқсонҳоро дар лобалои навиштаҳоят ёддошт менамуд. Аммо агар дорои мавқеият ва мақоме буд, ночор буд барои ҳифзи мақоми худ бо дигарон мадоро ва мардумдорӣ намояд ва ё агар ба дарбори Амид ва Ибни Ибод мансуб буд, китобҳояшро монанди «Ятимат-ул-даҳр»-и Саолабӣ ва «Тоҷӣ»-и Абу Исҳоқи Собӣ таълиф карда, пур аз мадҳу санои эшон ва таърифи нависандагон ва шуарои марбут ба эшон намуда буд.

Ва агар соҳибмансаб мебуд, осорашро таҳниятҳои иду муносибот ва рисолаҳои иншои вазоратӣ ва ихвониёт ба тариқаи маъруф пур аз саҷъ ва санойеи лафзӣ ташкил дода, бисёре аз ҷиноёт ва ногувориҳои ахлоқии риҷол, вузаро, нависандагон ва табақоти мухталифи қарни чаҳорум аз миён мерафт. Бидуни шак дар миёни удабо ва уламои давраи Абуҳайён касоне буданд, ки қудрати қалами ӯро доштаанд. Лекин ё мазҳабӣ ва шефтаи мазҳаби худ буда ва аз он таҷовуз намекард ва ё мансабе буда, ки аз он по фаротар намегузошт ва ё бо умури дунё машғул буда ва ба лаззатпарастиҳои худ фурӯ рафта будаанд ва маҷоле барои дунбол намудан беш аз он чӣ доштаанд, набудааст.

Ба ҳар ҳол Абуҳайён танҳо касе буд, ки ба восита доштани мавқеияти махсуси худ ба ҳама улуму фунун ва масоили иҷтимоии замони худ даст ёфта, осор ва ҳолоташ забони ҳоли фарзандони рӯзгораш гардид. Ёқут дар шарҳи ҳоли Абуҳайён гуфта: «Дар ҳама улум аз наҳву луғат ва адабиёт ва фиқҳу калом бар раъй ва мазҳаби мӯътазила ворид аст… Ва ӯ шайхи сӯфия ва файласуфи адибон ва муҳаққиқи илми калом ва сухангӯйи муҳаққиқон ва пешвои шевонависон мебошад… Ва аз назари ҳушу зиракӣ ва забоноварӣ ва қудрат бар сухан, ягона ва бемонанди ҷаҳон аст ва улуми бисёре таҳсил карда, аз ҳар ҳунаре ҳифз намуда, илму дироят ва иттилоъи фаровоне дорад». Субкӣ ӯро «дар наҳву луғат ва тасаввуф пешво ва фақеҳу муаррих» хондааст.[368]

Абуҳайён дар таълифоташ ба мутакаллимони давраи худ хӯрда гирифта ва онҳоро масхара намуда, аз шаънашон мекоҳад ва бидуни истисно аз ҳеҷ фирқа ва соҳибраъйе тамҷид ва таъриф намекунад, вале аз асҳоби ҳадис ва ривоёту хабар дифоъ намуда, онҳоро бар мутакаллимони асҳоби раъй ва қиёс тарҷеҳ ва бартарӣ медиҳад. Абуҳайён мӯътақид аст, ки аслу фасли ҳар чизе бояд бо назари фалсафӣ ва баҳси мантиқӣ хоста шавад ва аз назар кардан ба дин бар асос ва пояи илми калом дар поён ҷуз шакку гумон ва ихтилофу тафриқа ва ҳаммияту таассуб ба даст нахоҳад омад.

Якбор шунид, ки Абуҳасани Насибии мӯътазилӣ мегӯяд: Чӣ қадар аҷибанд аҳли биҳишт? Пурсиданд чӣ гуна? Гуфт: Зеро ҳамеша онҷо мемонанд ва коре ҳам надоранд, магар аз хӯрдану ошомидану никоҳ. Оё ҳавсалаи эшон танг намешавад? Оё хаста намешаванд? Оё худро аз ин ҳолати пастӣ, ки монанди ҳолати чаҳорпоён аст, наҷот намедиҳанд?[369]

Абуҳайён аз дахолат дар дин бо ин ҷуръат ва вақоҳат (=дуруштӣ) ба ҷӯшу хурӯш омада, мегӯяд: Ба ҷони худам савганд, агар касе итминони нафсу яқини қалб ва оромиши хотир аз тариқаи аҳли ҷадал ва аҳли бало бихоҳад, ба ҳамин бадбахтӣ дучор хоҳад шуд ва ҳама илми

[368] Субкӣ, Тоҷиддин. Табақот-уш-шофеия. Ҷ.4. Миср, 1324 ҳ.ш.-С.3.
[369] Тавҳидӣ, Абуҳайён. Ал-Муқобисот..-С.194.

калом ҷадалу дифоъ ва ороишу зиннати лафз ва найрангу риёкорӣ ва пӯсти бе мағзу замини бидуни кишт ва роҳи бидуни равшанӣ ва асноди бидуни матн ва барги бе бор мебошад ва мубтадӣ дар он сафеҳ (аблаҳ) ва мутавассити он шаккок ва моҳир дар он муттаҳам ва филҷумла офати он зиёд ва фоидааш кам аст.[370]

Ин иқтибос ва чанд иқтибоси баъдина гувоҳи он аст, ки (1) Абуҳайёни Тавҳидӣ ба сифати намояндаи шуубияи фалсафӣ илми каломро (=фалсафаи ислом)-ро қабул надорад; (2) худи ӯ чун шогирд ва пайрави Абусулаймони мантиқии Сиҷистонӣ, ба андешаҳои юнонӣ (бештар Афлотунӣ) майл дорад. Он ҷо, ки як мусулмони оддиро бо як мутакаллими риёкор ва ҳиллагар мавриди муқоиса қарор медиҳад, мехоҳад таъкид намояд, ки мутакаллимон андешаи каломии худро бар гардани ислом таҳмил намудаанд. Вагарна ислом ҳамон аст, ки мардуми оддӣ аз он пайравӣ мекунанд; (3) на танҳо дар масъалаи калом, балки дар тамоми масъалаҳои мазҳаб ва фарҳанги исломӣ Абуҳайён намунаи барҷастаи як шуубии фалсафӣ мебошад. Ӯ ҳамеша ба таври аён ва ноаён фарҳанги кавми эронии худро ва андешаҳои хоси хешро ба фарҳанги бегона муқобил мегузошт. Ба таъбири имрӯза бояд, гуфт, ки Абуҳайён як мутафаккири гуманист (инсонгаро) ва дар шеваи эҷод як намояндаи барҷастаи адабиёти фалсафӣ дар асрҳои миёнаи Шарқи исломӣ буд.

Рӯзе вазир Ибни Саъдон аз Абуҳайён дар бораи Доракӣ, ки аз асҳоби илми калом буда, савол намуд. Абуҳайён аз ӯ бадгӯӣ намуда ва ба ӯ дашноми газанда дод ва гуфт, рутбааш ба ҳадди аъло дар илми калом боло аст ва бо ин васф бадботин ва хабису камяқин аст, зеро роҳе, ки мепаймоянд, ишонро ҷуз бо шакку гумону шубҳа намекашонад. Чунки дин дар ҳар бобе каму кайф наёвардааст, ки аз ин рӯ асҳоби ҳадис бар асҳоби калому аҳли назар афзалият ва бартарӣ доранд. Ва қалби холӣ аз шубҳа аз синаи пур аз шакку шубҳа солимтар аст ва ҷадал ҳаргиз хайру хубӣ дар бар надошта аст ва гуфтаанд: Ҳар ки динро бо илми калом

[370] Тавҳидӣ, Абуҳайён. Ал-Муқобисот.-С.194.

биталабад, мулҳид ва касе, ки аз аҳодиси ғариб пайравӣ кунад, дурӯғгуст, ва касе, ки бо кимиёгарӣ мол бихоҳад, бечора хоҳад шуд, ин масаъла пас аз таҷрибаҳои бардавоми рӯзгор маълум гардидааст.

Яке аз мутакаллимон дар сад масъала сухан мегӯяд ва сад далел меоварад. На риққати қалб дорад ва на тақво ва на аз барои Худо ашке мерезад. Бисёре аз касоне, ки хондан ва навиштан намедонанд ва истидлолу муҷодила намекунанд, аз ин тоифа беҳтар ва мулоимтар ва худотарстару парҳезкортаранд ва аз онҳо бештар ба ёди ҳисобу савоб ва ақобанд ва аз лағзиш нороҳаттар ва аз гуноҳе кӯчак ба Худо паноҳандатар ва ба таваҷҷӯҳ ба Худо бозгардандатаранд ва ман мутакаллимеро надидаам, ки дар умраш аз тарс гириста, ё ашке аз чашмаш берун омада ё аз гуноҳи бузург бо рағбат даст кашида бошад, аз рӯи истеҳзо муҷодила ва аз рӯи таассуб бо ҳам рашк меварзанд ва аз рӯи найранг бо ҳам бармехӯранд ва аз рӯи ҳилла таълиф мекунанд. Худо решаи ишонро барканад ва бандагону шаҳрҳоро аз ишон роҳат гардонад. Зеро ҳарҷу марҷ ва газандашон бар кӯчаку бузурги мардум зиёд шуда, бемориашон пароканда ва дармонаш душвор гардида аст ва умедворам, ки аз дунё берун наравам, то ин ки бунёдашонро сусту ларзон бубинам.[371]

Ибни Саъдон гуфт дар бораи Ибни Боқилонӣ чӣ мегӯӣ? Абуҳайён гуфт: (Аз Амр ибни Кулсум ин шеърро оварда) «Эй Умми Амр ман дӯсти ту, ки ба ман шароб намедиҳӣ, аз он ду тан бадтар нестам. Ӯ гумон мекунад, ки суннатро ёрӣ намуда, мӯътазиларо мекӯбад ва дар миёни мардум ривоят мунташир менамояд, бо ин ки ӯ ба мазҳаби хуррамия ва тариқаи мулҳидон аст. Ба Худо ин аз мусибатҳои бузург ва амрозе аст, ки илоҷпазир нест».[372]

Бадин тариқ ҳар куҷо, ки сухан аз мутакаллимон ба миён меояд, ба ҳамаи онҳо аз муътазилиён, ашъориён, ва имомиён ҳамлавар мешавад. Чунонки аз Абусулаймон ривоят кунад: Ду мард бо ҳам гирд омаданд,

[371] Тавҳидӣ, Абуҳайён. Ал-Имтоъ. Ҷ 1.-С.141-143.
[372] Ҳамон ҷо.-С. 142.

яке тарафдори Ҳишом ва дигаре аз пайравони Ҷаволиқӣ буд. Тарафдори Ҷаволиқӣ ба пайрави Ҳишом гуфт: «Худое, ки мепарастӣ барои ман таъриф кун». Ӯ гуфт «Худо андому дасту олату забон надорад». Тарафдори Ҷаволиқӣ гуфт: «Оё дӯст дорӣ, ки писаре бо ин сифатҳо дошта бошӣ?». Он дигар посух дод: На. Тарафдори Ҷаволиқӣ гуфт, оё хиҷолат намекашӣ худоро ба сифоте таъриф кунӣ, ки розӣ нестӣ писарат бадон сифот бошад? Пайрави Ҳишом гуфт: «Ту шунидӣ, ки мо чӣ мегӯем, ту худоятро барои ман васф кун». Ӯ гуфт: «Худо дорои мӯҳои кӯтоҳ, ҷингила комилтарин қаду боло ва беҳтарин шаклу андом аст». Пайрави Ҳишом гуфт: «Оё хушҳол мешавӣ, ки зане бадин сифат дошта бошӣ ва бо он наздикӣ кунӣ? Ӯ гуфт: Оре. Пайрави Ҳишом гуфт, оё шарм намекунӣ, аз ин ки касеро бипарастӣ, ки дӯст дорӣ бо ҳаммонандаш ҳамбистар шавӣ? Зеро бо касе, ки мехоҳӣ наздикӣ кунӣ, бо назари шаҳват дар ӯ нигаристаӣ, сипас ба дунболаи ин суханон гӯяд: «Ин аз шумии мутакаллимон ва бадии ҷадал аст. Зеро агар дин дар кор буд, ин матолиб ба хотир намегузашт ва ба забон намеомад.[373]

Ва боз аз Абусулаймон ҳикоят кунанд, ки ғуломе аҷамӣ ба дарде сахт дучор шуд. Менолид ва ба худ мепечид ва фарёд мекашид. Падараш бо ӯ гуфт: фарзандам сабр кун ва ҳамди худоро ба ҷой овар. Гуфт: Барои чӣ ҳамди ӯро ба ҷой оварам? Гуфт: Барои ин ки туро бад-ин дард мубтало кард. Дарди он писар сахттар ва оҳу нолааш беш аз пеш баланд шуд. Падараш ба ӯ гуфт: Чаро бетобӣ ва беқарориат бештар гардид? Гуфт: Гумон мекардам, ки ғайр аз Худо маро бад-ин дард мубтало сохта ва умедвор будам, ки Худо маро аз ин бало шифо диҳад. Аммо агар ӯ маро мубтало намуда, пас ба кӣ умедвор бошам, ки маро шифо диҳад? Аз ин рӯ акнун бетобӣ ва беқарориам шадид ва мусибатам бузургтар шуд».[374]

Ва боз нақл кунад (аз Абусулаймон): марде аз аҷам ба ҳаҷ рафт ва ба пардаҳои Каъба даровехт ва шурӯъ ба дуо кард ва мегуфт: Эй Худое,

---

373 Муродиён. Баррасиҳо.-С.71.
374 Тавҳидӣ, Абуҳайён. Ал-Имтоъ. Ҷ.3.-С.190.

ки ҷонварони даранда ва ҳашароти зарароварро офаридӣ ва бар мардум бор намудӣ ва ишонро ба бадбахтӣ ва кӯрӣ ва фақру эҳтиёҷ дучор кардӣ! Мардум рӯи ӯ рехта ва дашномаш дода ва озораш намуда, бо ӯ гуфтанд: Худоро бо номҳои ҳусно (неку) бихон. Ӯ изҳори пушаймонӣ карда, ва эшон даст аз ӯ бардоштанд. Ӯ бори дигар боз гашта, ба пардаҳои Каъба даровехт ва мегуфт: Эй Худое, ки ҷонварон ва ҳашаротро наёфаридӣ ва ба ҷони мардум наяндохтӣ ва эшонро ба бемориҳо мубтало накардӣ! Бори дигар рӯи ӯ рехта бо ӯ гуфтанд: Ин суханонро нагӯ, зеро Худо офаринандаи ҳама чиз аст. Ӯ гуфт? Ман намедонам чӣ кор кунам? Агар мегӯям Худо ҳамаи ин чизҳоро наёфарида аст, боз ҳам ба ман ҳамла менамоед; Ба ӯ гуфтанд: Инҳоро бояд дар қалби худ бидонӣ, вале Худоро бо онҳо нахонӣ.

Абусулаймон мегӯяд: Ин ҳам аз шумии калом ва шубҳаҳои мутакаллимон аст, ки мегӯянд: Ҷоиз нест бо тақлид ба чизе мӯътақид шуд ва эътиқод бояд бо далел бошад, сипас далел оварда ва ихтилоф мекунанду пас аз он бо истилоҳи такофу (тавтология) далелҳо боз мегардонад.

Зуҳайрӣ барои мо ҳикоят кард, ки Ибни Ахшод ривоят намудааст, ки ду нафар ба доварии аввалин касе, ки бар онҳо ворид шавад, розӣ шуданд. Арабе пайдо шуд, ӯро нишонда, саргузашти худро барояш гуфта ва мазҳаби хешро барои ӯ баён карданд: Ба яке аз он ду, ки мушаббиҳа буд, гуфт, ки ту бутеро мепарастӣ ва ба дигаре гуфт: Ту адамро (нестиро) васф менамоӣ ва ҳар ду чизе мегӯед, ки намедонед».[375]

Абуҳайён бо касоне, ки барои усули дин бо илми калом истидлол мекарданд, мухолиф буд ва бо касоне, ки динро бо фалсафа дармеомехтанд, ё аҳкоми динро дар сояи фалсафа тафсир намуда, мекӯшиданд, ихтилофоти дин ва фалсафаро бо навъе аз таъвил ҷоиз ва ҳамоҳанг созанд, душманӣ меварзид. Ин маънӣ намерасонад, ки аз калом ва фалсафа бадаш меомад. Ва ё ба бурҳону усули онҳо итминон надошт. Балки мӯътақид буд, ки дин мавзӯъи фалсафа нест ва қонунҳои

---

[375] Тавҳидӣ, Абуҳайён. Ал-Имтоъ, ҷ.3.-С.196.

фалсафа бо дин татбиқ намекунад. Ва ҳамин мавзӯъ мӯъҷиби хусумат ва душмании Абуҳайён бо «Ихвон-ус-сафо» ва таънаю маломат дар тариқаи эшон гардид. Зеро Ихвон-ус-сафо мекӯшиданд, ки аз фалсафа ва ақл барои дину қонунгузорӣ пуштибоне сохта, дар умури динӣ истеҳсони ақлӣ ва тақбеҳи онро мӯътабар донанд.

Шояд битавон гуфт, ки саргузашти Абуҳайён фоҷеаи донишманди гурусна ва нобиғаи маҳрум, андешаманди носозгор бо ҷомеаи нодурусту ситамкори пурҷиҳолат аст. Он чи аз манобеъ бармеояд, ин аст, ки на танҳо Абуҳайён мулҳид нест, балки ӯ як фақеҳи шофеӣ аст. Ёқути Ҳамавӣ аз ӯ ба унвони «муҳаққиқи калом ва мутакаллими муҳаққиқин» ёд мекунад. Вале вай роҳи файласуфонро мепаймояд ва ҳаракати озодонаи ақлро барои ёфтани посухҳо бармегузинад, то он ҷо ки ба ӯ «файласуф-ул-тасоул» (файласуфи сволдиҳанда) лақаб доданд. Ӯ бо фаровардани фалсафа ба сатҳи фаҳми хонандагони осори адабӣ, кӯшид то фикри онҳоро боло барад ва аз такрору мавҳумоту хурофоти каломӣ бираҳонад ва бо илқои ҳайрату даҳшати илмӣ мустаидтарини онҳоро ба самти таҳсили ҷиддии ҳикмату дониш савқ (такон) диҳад.[376]

Иқтибоси мазкур хусусияти шуубӣ доштани назари Абуҳайёнро баръало нишон медиҳад. Зеро ӯ фалсафаро марбут ба шариат (дин) намедонад. Соҳиби дин, ба фикри ӯ, пайғамбарест, ки ба ӯ ваҳӣ нозил шудааст, соҳиби фалсафа бошад, шахси мухтору, озоду заҳматкаш дар бахши тафаккур аст. Ӯ дар асараш «Ал-имтоъ ва –л-муонаса» менависад: «Ин (диндор) мегӯяд:

Дастур ёфтаам ва таълим ёфтаам ва ба ман гуфтаанд ва аз пеши худ намегӯям. Ва он (файласуф) мегӯяд: Назар додам, хуб донистам ва бад донистам. Ин мегӯяд: Бо нури ақл роҳ меёбам. Он мегӯяд: Нури холиқ бо ман аст ва бо рӯшноии он роҳ меравам. Ин мегӯяд: Худо гуфт ва фаришта гуфт. Он мегӯяд: Афлотун гуфту Суқрот гуфт. Аз ин (диндор) зоҳири танзилу муҷаввизи таъвил ва таҳқиқи суннату иттифоқи уммат шунида мешавад ва аз он ҳаюлову сурат ва табиату устуқс (аносир) ва

[376] Доират-ул-маъорифи бузурги исломӣ. Ҷ.5.-С.413.

зотиву аразӣ ва айсиву лайсӣ, «ҳастӣ ва нестӣ» ва амсоли он чизҳое ки аз мусулмон ва яҳудӣ ва насронӣ ва маҷусӣ ва монавӣ шунида намешавад, шунида мешавад.[377]

Абуҳайён ба Яҳё ибни Аддӣ-устоди худ, ки дам аз илми калом мезанад, сахт тохта ва мегӯяд: «Дар маҷолисе, ки гирди ҳам меоем, ман аз сухани баъзе аз ёрон бисёр тааҷҷуб мекунам, ки мегӯяд: Мо мутакаллимон ва арбоби калом, ки калом аз мост ва ба воситаи мо зиёд ва мунташир гардида аст! Гӯё соири мардум калом намедонанд ё аҳли калом нестанд. Шояд пеши мутакаллимон гунг ва лоланд!

Эй мардум! Оё фақеҳу наҳвӣ, табибу муҳандис, мантиқию мунаҷҷим, табиию илоҳӣ ва ҳадисию суфӣ калом (сухан) намедонанд?[378] Аз ин эътирофоти Тавҳидӣ чунин бар меояд, ки ӯ каломро роҳи ҳақ ва дуруст барои шинохти дин ва шариат намеҳисобад.

Ба ақидаи Ёқути Ҳамавӣ дар китоби «Мӯъҷам –ул-удабо» Абуҳайён муътализӣ ва аз ҳаммаслакони Ҷоҳиз дар эътизол буда, дар тавҳид назари хоссе доштааст. Ва ба ҳукми муътазилӣ буданаш, қоил ба таътил буда. Ва маънии таътил муҷаррад  (зоти ноб ва абстрактӣ) донистани зоти Худо аз сифот аст ва таътил дар назари аҳли суннат болотарин дараҷаи зиндиқа ва ваҳдат аст ва қавл ба таътил марбут ба фикру андешаи тавҳид аст, ки асли муҳиме аз усули панҷгона: Тавҳид, адл, ваъд, ваъид, ал-манзила байна-л-манзилатайн ва амр ба маъруфу ниҳӣ аз мункар мебошад, ки мазҳаби мӯътазила бар ин рукнҳо қарор дорад ва аз назари ҷуръате, ки мӯътазила дар таҳлил ва тафсири фикри тавҳид аз худ нишон додаанд, дар таърихи мазҳабҳои каломӣ фикру андешаи таътил аҳамияти бузурге ёфтааст. Мусулмонон бо эътибори ин, ки тавҳид яке  аз асос ва пояҳои дин аст, бадон имон доранд. Ва Худоро аз сифот барканор дониста ва аз баҳс дар сураҳои Қуръон, ки ишора ба сифоти илоҳӣ ва таҷсиду ташбеҳ мекунад, имтиноъ менамоянд. Аз ин рӯ, Абулҳасани Ашъарӣ душмани мӯътазила аз ин маънӣ чунин таъбир

[377] Тавҳидӣ, Абуҳайён. Ал-Имтоъ, ч.2.-С.18.
[378] Тавҳидӣ. Абуҳайён. Ал-Муқобисот.-С.42.

намуда, мегӯяд: «Аҳли суннат дар дин мункири ҷидолу ситеза ва душманӣ ва мунозираанд. Ва ба ривоёти саҳеҳ ва осоре, ки доноёни одил аз ҳамдигар нақл кардаанд, то санади онро ба ҳазрати Расул расонидаанд, амал мекунанд. Ва дар бораи дин «чӣ гуна» ва «чаро» намегӯянд, зеро ки бидъат аст.[379]

Аммо мӯътазила, ки ба тақдиси (парастиши) ақлу хирад шинохта шудаанд, ба пайравӣ аз мазҳаби ақлии худ кӯшидаанд, оёти Қуръониро, ки иртиботе ба зоти Худо ва муҷассам намудани ӯ дорад, мутобиқи фикру андешаи тавҳид ва танзеҳ, тафсир намоянд. Ва сифоти илоҳиро мункир шаванд ва ашколи ҳудуду аҳволу аърозро аз соҳати (зоти) илоҳӣ нафй (инкор) кунанд. «Зеро Худо бо сифоташ муттаҳид ва вуҷудаш дар ваҳдат аст. Аз ин рӯ, ҳар кас сифоте ба Худо нисбат диҳад ба ваҳдонияти ӯ, ки зот ва сифоти ӯст, бояд ногузир қоил ба ширк гардад, барои ин ки: «Чуноне, ки Тавҳидӣ гӯяд: Ҳар ки ба ваҳдоният эътироф кунад, сипас ташбеҳ намояд, он чӣ гуфта аст, боз гардонда, ва он чӣ баста аст, боз намуда ва касе, ки беш аз яке зикр намояд, комилан роҳи ростро гум карда аст ва аммо касе, ки бо ақли солим бидуни таврия (риё) ба исму таҳлия ба расм аз рӯи ихлос ва тақдис ба хоти Худо ишора намояд, ба андозаи тобу тоқати башарӣ ҳақи тавҳидро адо намуда аст. Зеро инният ва айнияту кайфиятро нафй (инкор) карда ва Худоро аз ҳар фикру андешае бартар донистааст.[380]

Ба ақидаи Тавҳидӣ, Худо бо сифоти худ муттаҳид ва ягона аст. Зот ва сифоти Худо аз ҳам ҷудо нестанд. Ин назар бештар ба назороти орифон шабоҳат дорад, на ба ақидаи мӯътазила. Вақте Ибни Саъдон, вазир тайин шуд, Абуҳайён ҳамчун надими ӯ вориди хонадони Бувайҳиён шуд ва шабҳо ба вай дар баҳсҳои мухталифи фалсафаю ахлоқу адаб менишаст, дар маҷлисҳое, ки бо иштироки Абусулаймони Сиҷистонӣ баргузор мешуд, ширкат меварзид. Вале ин зиндагии хуши ӯ дер давом накард. Баъди аз вазирӣ гирифта шудани ҳомии ӯ – Ибни

[379] Ашъарӣ, Абулҳасан. Мақолот-ул-исломиин. Ҷ.1. Истанбул, 1930.-С.145.
[380] Тавҳидӣ, Абуҳайён. Ал-Муқобисот.-С.57.

Саъдон, зиндагии маъюсона дошт ва ба ҳалқаи сӯфиён даромад. Ёқути Ҳамавӣ Абуҳайёнро «шайхи суфия» ва Тоҷиддини Субкӣ «мутакаллими суфӣ» ва соҳиби китоби «Шерознома» ва «Шадду-л-изор» аз «бузургони суфияи Шероз» шумурдаанд. Бино ба гуфтаи муаррихон Абуҳайён мутааллиҳи (=теологи) сӯфимаслак ва сӯфиҳайат буда, бисёр бо ғарибон ва гадоён омезиш мекард ва бо асҳоби хирқа ва жандапӯшон рафоқат доштааст.[381] Бештари дӯстони айёми ҷавониаш монанди Ибни Самъун ва Ҳанзала ва Ибни Сарроҷ ва Ибни Ҷалои зоҳид ва Абузайди Марвазӣ сӯфӣ будаанд. Аз ин рӯ, устодон ва дӯстони сӯфӣ ӯ дар шакли зиндагонии сӯфиёнааш таъсири зиёд доштаанд. Зоҳири номураттаб ва носозгории ӯ бо бузургон ва сару вазъи сӯфиёна ва шикаст дар зиндагӣ, ба Шероз рафтан ва дар корвонсаройҳо зистан ва сӯзонидани китобҳо дар охири умр аз рафтору аъмоли сӯфиёнаи ӯ дарак медиҳад.[382]

Муҳаммад Курд Алӣ мегӯяд: Абуҳайён чунонки аз суханаш пайдост, ҳам аз сӯфиёни аҳли ботин ва ҳам аз ҳукамои диндори аҳли зоҳир аст ва байни мазҳаби сӯфия амсоли: Муҳосибӣ, Тустарӣ ва Ҷунайду Сарии Сақатӣ ва Иброҳи ибни Адҳам ва носикону сӯфиёни дигар ва байни мазҳаби Сиҷистонӣ, Зинҷонӣ, Меҳрҷонӣ. Саймарӣ, Макдисӣ, Муҷтабӣ, Ибни Заръа ва Ибни Рифоъа дар ҳикмат ҷамъ намуда аст. Кутубаш гувоҳӣ медихад, ки мутасаввиф ва файласуф буда ва байни улуми моддӣ (фалсафӣ) ва маъодӣ (динӣ) ҷамъ карда ва аз ӯҳдаи ҳар як ба хубӣ баромада ва тариқаи махсусе дар тасаввуф надорад.[383]

Ба ҳар ҳол, баъзе аз муаррихон Абуҳайёнро ба зиндиқа ва илҳод муттаҳам намуда, вале гуфтаанд, ки ӯ ба куфру ва зиндиқааш тасреҳ (эътироф) намекунад. Шояд ин марбут бо услуби рамзӣ ва печидаи пур аз ишора, луғз ва адъия ва авроди (вирдҳои) ӯ бошад, ки маъмулан мавриди интиқоди касоне қарор мегирад, ки бо иборати мутасаввифа ошноӣ надоранд.

---

[381] Қазвинӣ, Муҳаммад ибни Абдулваҳҳоб. Бист мақола. Теҳрон, 1332. Ҷ.2.-С.169.
[382] Ҳамон ҷо.-С.170.
[383] Курд Алӣ, Муҳаммад. Умаро-ул-баён. Ҷ.2.Қоҳира, 1948. -С.500.

Бояд гуфт, ки аҳли суннат, бахусус мутакаллимон ҳеҷ вақт аз сӯфия розӣ набудаанд, зеро тасаввуф дар ислом бо шакли зуҳду беэътиноӣ ба завоҳир падид омад ва тадриҷан таҳти таъсири таълимоти монавӣ ва ҳиндӣ қарор гирифта, аз қавоиду қонунҳои саҳеҳи исломӣ дур шуд. Бадин сабаб аҳли суннат ба назари шакку шубҳа ба сӯфиён нигаристанд. Ҳатто калимаи сӯфия муродифи зиндиқа шуд. Ҳамин тавр, аркони тасаввуф монанди бе эътиноӣ ба зиндагӣ, фақру зиллати нафс ва истеъмоли рамуз ва калимоти ғомиз (норавшан) ва душвор, бидъате (куфре) дар радифи зиндиқа гардид. Хусусияти шуубии афкори ирфонии Абуҳайён, дар ин маврид, дар он зоҳир мешавад, ки ӯ бо рукнҳои асосии таълимоти ислом розӣ нест ва гоҳ ҳамчун намояндаи мӯътазила ба ақлгароӣ дода мешавад ва гоҳ низ роҳи тасаввуфро пеш гирифта, ҳамчун бидъату зиндиқа баромад мекунад.

Ховаршиноси фарансавӣ Масинён кӯшида аст авомилеро, ки сабаби махлут шудани сӯфигарӣ ба зиндиқа шуда аст, баён намояд. Ӯ таъкид мекунад, ки «тамоилоти беэътиноӣ ба дунё, ки назди монавиён маъруф ва мавриди писанд аст ба мусулмонони суннӣ маҷол дод, ки ду калимаи «зиндиқа» ва «тасаввуфро бо ҳам наздик намоянд. Назарияи ишқи илоҳӣ, ки аз назарияҳои монавӣ гирифта шуд ва назарияи ҳулулу иттиҳод бо зоти Худованд, ки Мансури Ҳаллоҷ бадон мӯътақид буд ва ҷони худро дар ин роҳ аз даст дод ва андешаи таваккалу ҷабр ва тамоми қавоиди илмии ахлоқӣ, ки марбут ба тавҳиди сӯфӣ аст, ҳама ва ҳамаро мунофӣ (мухолиф) бо шариат медонистанд. Ҳатто такаллум бо алфози мутааллиқ бо сӯфиён, зиндиқа ба шумор меомад. Ва мумкин буд, ки барои гӯяндаи он шарру зиёне ба бор оварад».[384]

Наҳзати тасаввуф ҳангоме, ки бо қавоиду аркони исломӣ бархӯрд мекард, шакли хатарноке ба худ мегирифт. Ба ин масъала Голдсиэр «шайхҳои сӯфиёни қадим дар такмили шаъоири (маросимҳои) тақлидии ислом, ҳаракоти дилҳоро бар ҳаракоти аъзо ва ҷаворeҳ бидуни ин ки арзиши онро кам намуда ва ё аз навофил (истисноот) бидонанд, тарҷеҳ

[384] Ибни Ҷавзӣ. Талбиси Иблис. Қоҳира, 1929.-С.177-180.

медоданд ва ин ҳаракоти зоҳирӣ арзишу маъное надошт, магар ҳамроҳ бо ҳаракоти ботинӣ, зеро василаи ҳаёти динӣ дил аст, на аъзои дигар».[385]

Ва чунон ки Адам Метс мегӯяд: «Дар он аср тоифаи бузурге аз сӯфия ба ҳеҷ аҳамияте намедоданд. Ба тавре ки аз яке аз сӯфиён ҳикоят шуда, ки ба яке аз ҳуҷҷоҷ дастур дода, ки аз рафтан ба ҳаҷ боз истад ва ба хидмати модараш қиём намояд. Аз сӯфии дигаре нақл кардаанд, ки гуфтааст, аз касоне, ки барои расидан ба хона ва ҳарами Худо ки осори дӯстони ӯст, дашту биёбонро қатъ мекунанд, тааҷҷуб мекунам, ки чаро нафс ва ҳавои онро қатъ намекунанд, то ба дил бирасанд, ки маҳаллу осори Худост».[386]

Ин муқаддимаро барои он овардаем, ки бигӯем: Абуҳайён китобе бо номи «Ал-Ҳаҷ ал-ақлӣ изо зоқа-л-фазо ани-л-ҳаҷ аш-шаръӣ» таълиф намуда аст. Хонсорӣ мӯътақид аст, ки ин китоб назири китобест, ки Ҳусайн ибни Мансури Ҳаллоҷ дар кайфияти ҳаҷи фуқаро аз ихтирооти худ навишта ва ҳамон сабаби қатли фоҷеабори ӯ гардида аст. Ибни Асир дар «Таърих» ва Масинён дар китобаш аз забони Ҳаллоҷ мегӯянд: «Яке аз гуноҳҳони Ҳусайн ибни Мансури Ҳаллоҷ дар аснои муҳокимааш он буда, ки вазир Ҳомид ибни Аббос-вазири Муқтадирбиллоҳ китобе аз ӯ дида, ки дар он чунин омада аст: «Ҳар гоҳ касе бихоҳад ба ҳаҷ равад ва натавонад, аз манзили худ хонае ҷудо намуда, нагузорад чизе наҷис бадон роҳ ёбад ва касе дохили он шавад. Вақте айёми ҳаҷ шуд, атрофи он тавоф кунанд ва ҳар коре, ки ҳоҷиён дар Макка мекунанд, ӯ низ анҷом диҳад. Пас аз он сӣ нафар ятим гирд оварда ва беҳтарин хӯрокеро, ки метавонад, таҳия намуда ва дар он хона ба онҳо бихӯронад ва худаш ба хидмати ишон қиём намояд ва ҳар гоҳ аз хӯрдан даст кашиданд, онҳоро бипӯшонад ва ҳар кадом ҳафт дирҳам бидиҳад, вақте ки ин корҳоро анҷом дод, монанди касе аст, ки ҳаҷ намуда аст».[387]

---

[385] Гийлонӣ, Иброҳим. Абуҳайёни Тавҳидӣ.-С.53.
[386] Адам Метс. Ал-Ҳазора ал-исломия. Қоҳира, 1940.-С.74.
[387] Ибни Асир. «Ал-Комил фи-т-таърих», ҷ. 8.-С.40.

Ва ин ҳаҷи ақлӣ марбут ба тақлид аз сӯфии қадим аст, ки аъмоли дилҳоро бартар ва болотар аз фароизи (фарзҳои) суннат медонад. Ва медонем, ки Абуҳайён ба ваҳдати вуҷуд имон дошта ва ин охирин марҳала аст, ки тасаввуфро ба зиндиқа наздик мекунад. Оё дар ин амр таҳти таъсири таълимоти ҳулулии Ҳаллоҷ қарор гирифта аст ё на, маълум нест. Ба ҳар ҳол, дар сӯфӣ будани Абуҳайён шакке нест, вале аҷиб аст, ки дар они воҳид ҳам сӯфӣ бошад ва ҳам зиндиқ.

Ногуфта пайдост, ки дар асрҳои миёнаи исломӣ ҳар сӯфӣ ва орифи ворастае аз нигоҳи идеологияи мазҳабии замон, ба зумраи зиндиқон ва мулқидон дохил мешуд. Ва худи падидаи тасаввуф ва ирфон гурезе буд аз банду басти мутаассибонаи мазҳаби расмӣ ва зимнан эътирозе буд алайҳи маҳдудиятҳои фарҳангӣ ва ҷаҳоншиносии аҳли рӯзгор. Вале дар мисоли Тавҳидӣ бояд гуфт, ки ҳамаи шохаҳои илму ақоиди расмии замони худро мавриди шакку тардид қарор додааст. Муаллифони муосир менависанд, ки шуубия ҳаракте буд бар зидди ислом ва миллати араб. Ин ду тамоил (зидди исломи расмӣ ва зидди арабӣ) будан тамоми эҷодиёти Тавҳидиро фаро гирифтааст. Ба назари мо шуубияи фалсафӣ будан, маҳз ҳамин маънoро хоҳад дошт. Ба таъбири имрӯза Тавҳидӣ намояндаи комил-ул-аёри адабиёти фалсафӣ аст, яъне баёни фалсафа ба забони адабиёт ва ҳунар.

Хулоса он ки Абуҳайён аз чизҳое, ки ба сӯфиён аз қабили ҳолоти ҷазба, халса ва ғулув дар он замон ва озод намудани худ аз дину дунё ва муоширaт бо мухолифони дин ва рафоқат бо занону ҷавонон ва муболиғаи беш аз ҳад дар бораи пайғамбар ва эътиқод ба волоият ва кароматӣ авлиё ва бе майлӣ ба молу ҷоҳи дунё нисбат медиҳанд, безор ва мубаррост. Нисбати зиндиқа ба ӯ додан бо машғулияти ӯ ба воҷибот ва фароизи динӣ аз ансоф дур ва аз амали ҳосидон ва душманон ба назар мерасад.[388]

Бояд қайд кард, ки роҷеъ ба фалсафа ва мансубияти Абуҳайёни Тавҳидӣ ба он ақидаҳои муҳаққиқон гуногунанд. Ёқути Ҳамавӣ дар

[388] Муродиён. Баррасиҳо.-С.83.

бораи Абуҳайён гуфта, ки ӯ файласуфи адибон ва адиби файласуфон аст.[389] Ва муаррихони дигар низ дар ин унвон аз Ёқут пайравӣ кардаанд ва калимаи адиб мерасонад, ки ӯ фанни адабро дар ҳаллу тавзеҳи масоили фалсафӣ дахолат медода аст.

Абуҳайён фалсафаро назди Абузикриё Яҳё ибни Аддийи мантиқӣ (361 ҳ.=972 м) омӯхт ва китоби «Нафс»-и Арастуро пеши Абусулаймони мантиқӣ (Муҳаммад ибни Тоҳир ибни Баҳроми Сиҷистонӣ) хонд ва аз орои ӯ дар адабиёт ва мовароъуттабиа истифода кард ва ин Абусулаймон дар мантиқ ва фалсафа бузургтарин донишманди Бағдод буд. Ва дар фалсафаи Юнон иттилои васеъе дошт ва пайваста маҷлисаш пур аз уламо ва ҳукамо буд. Абуҳайён аз Абусулаймон бештар аз дигарон нақл ва иқтибос мекард.

Дар «Муқобисот» баъзе аз касонеро, ки аз ишон истифода намуда, бад-ин тариқ ёд кардааст: Абумуҳаммади Мақдисии арӯзӣ, Абулфатҳи Нушҷонӣ, Абузикриёи Саймарӣ, Абубакри Қумисии файласуф, котиби Насруддавла, Исо ибни Алӣ, Ибни Мискавейҳ, Абулҳасани Омирӣ, Абунафиси риёзӣ ва Алӣ ибни Исои Румонӣ.

Ва шахсияти бисёре аз донишмандонро, ки мешиносад, монанди Ибни Заръа, Ибни Хаммор, Ибни Самаҳ, Қумисӣ, Ибни Мискавейҳ, Исо ибни Алӣ, Назифи Румӣ ва Яҳё ибни Аддӣ таҷзия ва таҳлил намуда ва орои ишонро дар бақо ва фанои нафс ва нуҷум баён мекунад.[390] Бо мутарҷимони фалсафаи Юнон ба арабӣ дар қарни чаҳорум, ба мисли Бишр Мити ибни Юнуси Қаноӣ ва Закариё Яҳё ибни Аддии мантиқӣ, Абуалии Исҳоқ ибни Заръа ва Абулхаёр ибни Ҳасан ибни Хаммор марбут будааст.

Барои нишон додани аҳамият ва мақоми Абуҳайён дар фалсафа ва масоили фалсафӣ, ки дар кутуби ӯ омада аст, саволҳоеро, ки вазир Ибни Саъдон дар яке аз шабнишиниҳо мутаваҷҷеҳи ӯ мекунад, меоварем: «Нафс чист? Камоли он чист? Фоидаи он чист? Ва чӣ фарқе бо рӯҳ дорад?

[389] Ҳамавӣ, Ёқут. Мӯъҷам-ул-удабо…ҷ.5.-С.15.
[390] Тавҳидӣ, Абуҳайён. Ал-Имтоъ…ҷ.1.-С.33-40.

Рӯҳ чист? Авсофи он чист? Ва чӣ монеъе дорад, ки нафс ҷисм ёраз ё ҳар ду бошад? Ва оё нафс боқӣ мемонад?

Агар боқӣ мемонад, оё медонад, ки инсон дар ин ҷаҳон дар чӣ ҳолест? Ва инсон чист? Ва таърифи он чист? Ва оё ҳадду таърифи он ҳамон ҳақиқат аст ва ё байни онҳо фарқ ҳаст? Ва табиат чист? Ва чаро рӯҳ аз нафс ва нафс аз рӯҳ бе ниёз нестанд? Ва чаро табиат кофӣ нест? Ақл чист? Ва ҳудуди он чист? Оё ақл тааққул дорад? Оё нафс нафас мекашад? Мартабаи ақл пеши Худо чист? Оё ақл фоил аст ё мунфаил? Ва агар ҳам фоил аст ва ҳам мунфаил, бештар фоил аст ё мунфаил? Маъод яъне чӣ? Оё маъод (растохез) барои инсон аст ва ё барои нафс? Ё ҳар ду? Ва фарқ байни анфус яъне нафси Амру Зайд ва Бакру Холид чист? Сипас фарқ байни анфуси ақсоми ҳайвонот чист? Оё фаришта ҳайвон аст? Медонӣ, ки ба фаришта мегӯянд: ҳай (зинда) аст, оё дар ӯ ҳаёт ҳаст? Ва ба чӣ тариқе гуфта мешавад: Худои азза ва ҷалла ҳай аст ва фаришта ҳай аст ва инсон ҳай аст ва асп ҳай аст? Ва оё гуфта мешавад: Табиат ҳай аст. Ва нафс ҳай аст. Ва ақл ҳай аст»?[391]

Кутуби Абуҳайён махсусан «Муқобисот» ва «Имтоъ ва муонаса» тамоми масоиле, ки дар синаи уламои Бағдоди он замон будааст, дар бардоранд. Ҳатто «Муқобисот»-ро метавон сурати маҷлиси (протоколи) ҷамъиятҳои фалсафии қарни X номид. Дар ду асари ёдшудаи Абуҳайён мабоҳису масоили бешумори марбут ба Олам аз ҳайси қидам ва робитаи олами поён бо олами боло ва Худо ва маъонии сифоти ӯ ва дар ин ки ӯ чизе аст ё мавҷуде, мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд. Дар онҳо баҳсҳои афъоли Худо, зарурӣ ё ихтиёрӣ будани он, парастиши зарурӣ ё истидлолӣ, масъалаҳои ваҳдати вуҷуд, олами ухравӣ ва зарурати маоди нафс ва таҷарруди он, сифоти нафс ва суҳулату (осониву) душвории ислоҳ ва хую роҳҳои татҳир (поксозӣ) ва тасфия (соф намудан) оварда шудаанд. Аз мӯҳтавои баҳсҳо ба назар чунин мерасад, ки қудрати Абуҳайён дар тасвири адабӣ ва тавзеҳу таҳлили масоили фалсафӣ аз соири маорифи Абуҳайён қавитар аст. Зеро пеш аз ӯ ибороти фалсафӣ

[391] Тавҳидӣ, Абуҳайён. Ал-Имтоъ…Ҷ.3.-С.106-107.

дар қолаби ибороти зебо ва равшану возеҳи адабӣ, камтар мушоҳида мегардид.[392]

Фалсафа дар назари Абуҳайён саноате (фанне) аст, ки бояд соҳибашро ба тавҳид бирасонад ва агар ҷуз ин бошад, тариқаи таҳқиқу фаро гирифтани фалсафа дуруст нест. Аз ин рӯ, дар дурустии матолибе, ки аз юнонӣ тарҷума шуда ва дар бораи инкори Худо ва васанияту бутпарастӣ давр мезанад, тардид дорад ва мӯътақид аст, ки мавзӯи фалсафа ҳама олам аст, ба истиснои умуре, ки марбут ба дин аст ва ҳар касе, ки бихоҳад дар фалсафа ва дин ҳар ду ворид шавад, бояд, ки ҳеҷ кадомро дар дигаре дахолат надода, ҳар якро бо назари ҷудогона бингарад.

Абуҳайён мушкили сифоти илоҳиро ба шакли возеҳу сареҳе дар китоби «Ал-Ҳавомил ва –ш-шавомил» бармеангезад ва ин гуфтаи яке аз сӯфиёнро меоварад: «Аҷибтарини чизҳо дурест, ки инкор намешавад ва наздикест, ки дида намешавад. Ва ӯ Худои ягона аст».[393]

Бидуни шак амсоли ин истилоҳот дар зеҳни оммаи мардум ба сурати куфру зиндиқа даромада ва таътил (муҷаррад ва ҷудо намудани зоти Худо аз сифот) ва илҳод (инкори вуҷуди Худо)-ро ба ҳам махлут намудаанд. Вале адами васфи Худо ба вуҷуд ва шайият дар назари Абуҳайён ва Абусулаймони Сиҷистонӣ муназзаҳ намудани зоти Худост аз суратҳои «ташбеҳ» ва «ширк». Ва касоне, ки амсоли ин асморо мубоҳ донистаанд, аз рӯи истиора ва маҷоз рӯи Худо ниҳодаанд. Зеро онҳоро нақл намуда ва Худоро бо онҳо васф кардаанд. Чунон ки гӯяд: «Агар касе бидуни риё ва ороиши исму расм ва аз рӯи ихлосу тақдис, танҳо бо ақли солим ба зоти Худованд ишора намояд, ба андозаи тоқати башарӣ ҳақи тавҳидро адо намуда, инниятро собит ва кайфиятро нафй (инкор) карда ва Худоро аз ҳар фикру андешае болотар дониста аст».[394]

Абуҳайён мегӯяд: Рӯзе дидам, ки касе мепурсад: «Барои чи асҳоби тавҳид (мӯътазила) ҷуз ба нафйи сифот аз Худо хабар намедиҳанд?»

---
[392] Тавҳидӣ, Абуҳайён. Ал-Имтоъ…Ҷ.2.-С.108.
[393] Муродиён. Баррасиҳо.-С.88.
[394] Муродиён. Баррасиҳо.-С.90.

Гуфтам: Гуфтаатро равшан кун ва мақсудатро густариш деҳ. Гуфт: Мардум дар зикри сифоти Худои таъоло бар ду дастаанд: Дастае мегӯянд, Худо сифате монанди самъ, илм, басар ва ҳаёту қудрат надорад, вале бо вуҷуди нафйии ин сифот ба самеъ ва алим, ба сиру ҳай ва қадир мавсуф аст. Дастаи дигар мегӯянд: Ин асмоъ барои касест, ки мавсуф ба сифоти илм ва қудрату ҳаёт аст, ба таври итлоқ (мутлақ), сипас ҳарду даста муттафиқанд, ки Худо олиму қодир ва самеъу мутакаллим аст. Вале на монанди олимон ва қодирон ва самеъону мутакаллимони дигар. Сипас он даста, ки қоил ба сифотанд мегӯянд, ки ӯ илм дорад, вале на монанди соири улум ва дар ҳама чиз такя бар инкор доранд. Дар зоҳири амр ҳар ду даста бидуни ин ки чизе бар ин матолиб бияфзоянд, сифоти илоҳиро ҳам исбот намуда ва ҳам нафӣ (инкор) мекунанд.[395]

Агар дар масъалаи боло диққат шавад, чунин мулоҳиза мегардад, ки манзури Абуҳайён он аст, ки нафйии сифот назди гурӯҳи аввал дар охири кор мунҷар ба исбот ва исботи сифот пеши гурӯҳи дуввум ба нафйии сифот мунтаҳӣ мегардад ва дар ин миён мо аз ду гурӯҳ, ки пайравӣ кунем, дар бораи Худо чизе гуфтаем, ки аз он илму иттилое надорем.

Аз ин рӯ, мебинем, ки Абуҳайён бо Худо муноҷот намуда, мегӯяд: «Худоё ҳар чӣ бигӯем, ту аз он болотарӣ ва ҳар чӣ дар дил дорам, ту бартар аз онӣ ва дар таърифи ту сухан аз ӯҳда бар намеояд, ва чӣ гуна бар чизе аз ин умур тавоноӣ дошта бошем, бо ин, ки ту аз нахустин ҳангоме, ки моро офаридӣ, молики моӣ ва аз вақте, ки моро тағйири шакл додӣ, бар мо қодирӣ. Сухан агар чӣ дар бораи туст, аз туст ва хотир агар чӣ барои туст, аз туст ва аз нодонӣ аст, ки туро ба ғайр аз он чӣ худатро таъриф намудаӣ, таъриф намоям, аз бе адабӣ аст, ки туро бишносонам, ба ғайр аз тариқае, ки ҳақиқати худатро шиносондаӣ».[396]

Абуҳайён ин маъниро дар ҷои дигар таъкид намуда, мегӯяд: «Васфи Худо лағву беҳуда ва Худо наздиктар аз онаст, ки бад ӯ ишора

---

[395] Тавҳидӣ, Абуҳайн. Ал-Ҳавомил ва –ш-шавомил. Ал-Қоҳира, 1951.-С.122.
[396] Тавҳидӣ, Абуҳайён. Ал-ишорот ал-илоҳия. Ал-Қоҳира, 1950.-С.218.

шавад ва дуртар аз он аст, ки аз ӯ иттилоъ ба даст ояд. Зеро қурбаш ба наздикӣ ва буъдаш ба дурӣ нест». Он чӣ мо метавонем аз Худо бигӯем ва бадон ишора кунем: «Ишора ба чашмаест, бидуни чи гунагиву макон ва бидуни найрангу дурӯғ. Чашмае, ки сарчашмаи ҳама чашмаҳо ва ҳақиқати ончӣ буда ва ҳаст, мебошад». Дар ин сурат аз Худо ҳамин кофист, ки бигӯем: Ҳар чиз аз ӯ оғоз мегардад ва бо ӯ вобаста аст ва барои ӯ мавҷуд аст ва ба ӯ боз мегардад».[397]

Абуҳайён боз изофа мекунад, ки беҳуда аст, ки мо бихоҳем зоти илоҳиро васф намуда ва ҳақиқати ҷавҳари илоҳиро бишносем. Зеро мо аз шинохтани бисёре аз махлуқот ва васфи баъзе аз мавҷудот худро оҷиз ва нотавон меёбем. Пас чӣ гуна метавонем, Офаридгорро шинохта ва васф намоем? Чунончӣ гӯяд: «Туро талабиданду наёфтанд ва ёфта шудию нашнохтанд ва шинохта шудӣ, вале натавонистанд, туро васф намоянд. Ва васф намуданд, вале он васф барои ту расо набуд. Ва дида шудӣ, вале туро дарнаёфтанд ва чӣ гуна чунин ва болотар аз ин набошӣ? Бо ин ки мо ба баъзе аз офаридаҳоят, ки гумон мекунем, асрори ҳикмат ва падидаҳои қудратат дар он аст, илму иҳота надорем ва ҳар гоҳ аҷзу нотавонии мо аз ин кор моро пеши худ расво мекунад ва посухи моро медиҳад ва моро дар худамон фурӯ мебарад ва моро аз худамон шарманда месозад ва моро ба худамон боз мегардонад, пас дар бораи он чӣ бо ҳавосу шуури худ эҳсос намекунем ва бо сирату биноии хеш бадон намерасем, чӣ мегӯем? Бо ин ки машоъиру ҳавоси мо ба воситаи ту эҳсос мекунад. Ва ба сирату биноии мо ба василаи ту ба ашё мерасад ва ҳамаи мо аз туем, агарчӣ онҳоро ба мо амонат додаӣ ва ҳамаи мо ба воситаи ту зиндаем, агар чӣ бадонҳо гӯл хӯрда ва мағрур шудаем».[398]

Сипас дар васфи зоти илоҳӣ ва идроки ҳақиқати ӯ ба аҷзи комили худ эътироф намуда, ҳамвора қайд мекунад, ки Худоё, худоият дарёест, ки канора надорад ва кӯҳест, ки ситеғу қулла надорад ва уфуқу каронаест, ки поён надорад. Ва ҳиммати мо аз васфи он оҷиз аст, магар

[397] Ҳамон ҷо.-С.279-280.
[398] Тавҳидӣ, Абуҳайён. Ал-ишорот ал-илоҳия.-С.76.

вақте, ки ба мо илҳом намой ва нотавонии мо ошкортар аз он аст, ки ҷуз ба таваҷҷӯҳи кӯтоҳ ва монанди он тамаъ варзем…».[399]

Ҳоло агар ба шахсияти Абуҳайён назар кунем, мебинем, ки ӯ дар асри шӯришҳо ва ҷангҳои мутаволии байни давлатҳои кӯчаки исломӣ, фитнаҳои мазҳабии шиъа, суннӣ, ҳанбалӣ ва ғайра зист ва бисёре аз ин ҳаводисро мушоҳида кард ва аз оташи онҳо вуҷудаш месӯхт. Зеро бекорон ва оворагардон чандин бор дар Бағдод шӯриданд ва ба сӯхтану вайрон кардану тороҷ намудан пардохтанд. Чунон, ки дар шӯриши соли 974 манзили Абуҳайёнро ғорат намуданд ва канизаш аз тарс ҷон супурд.[400]

Ва бекор кардани баъзе аз хулафо ва кӯр намудани чашми ишон ва фитнаҳои байни вазирону фармондеҳон ва таъқиби якдигар ба ҳабс ва буридани дастро дарёфт ва дид, ки зимоми умури давлат монанди ғаниматест, ки бувайҳиён, туркҳо, таъмакорон ва зӯрмандон онро тороҷ мекунанд ва майдони сиёсат ба қадре густариш ёфта, ки хидматгорони коххо низ дар  он фаъолият менамоянд ва таҷрибаҳояш бо ӯ нишон дод, ки равобити умумӣ ва иртиботҳои хусусӣ омӯхта аст ба вақтшиносӣ ва нифоқу дурӯйӣ ва изофа бар он дар иҷтимоеъ, ки бо ҳукумати мутлақи арбобу раъияте идора мешуд, Абуҳайён сахт фақир ва бечора буд. Аз ин рӯ шахсияти ӯ инъикосе аз истеъдоди вай ва муҳите буд, ки дар он зиндагӣ карда ва аз он мутаассир шуда буд.

Абуҳайён алоқаманд ба маърифат ва дилдодаи фарҳангу адаб буд ва аз сарчашмаҳои мухталифи улум сероб мешуд. Ва дар ин кор ҳам аз тамоили шахсӣ ва ғаризӣ истифода  менамуд ва ҳам аз таъсир пазируфтан аз асру муҳити хеш. Зеро баъзе аз уламо ва удабо ризқу рӯзии фарох ва мақоми баланде доштанд, вале ӯ ба маърифатандӯзӣ машғул буд,  мехонд ва ҳар чӣ мехонд аз ҳифз менамуд ва дар маҷолиси уламо ба ихтилофи оро гӯш медод ва аз ҷидолу мунoқиша барои худ баҳра мебардошт.

[399] Ҳамон ҷо.-С.196.
[400] Тавҳидӣ, Абуҳайён. Ал-Имтоъ. Ҷ.3.-С.151.

Абуҳайён эҳсос мекард, ки бар муосирони худ афзалият ва бартарӣ дорад. Ва ин эҳсос бар ӯ ғалаба дошт ва гоҳе наметавонист онро дар худ пинҳон нигаҳ дорад. Ин эҳсоси бартарӣ дар пурсише, ки аз тариқи савол ба Ибни Мискавейҳ карда ва посухе, ки охирӣ ба ӯ дода, баръало маълум мегардад.

Ибни Мискавейҳ дар посух ба Абуҳайён чунин гуфта: «Дар ин масъала такаббуре ба ту даст дода ва худро гум кардаӣ, монанди уштури масте ба ин дару он дар мезанӣ ва каҷ меравӣ.

Эй Абуҳайён, бо мо бисоз – Худо бо ту бисозад – ва банди гулуи моро каме суст ва бигузор оби даҳони мо поён равад, моро ба нуқси бузургу шакку тараддуде, ки дар мо ҳаст, вогузор ва моро ба ҷаҳлу нодонии худамон, мағлуб масоз.[401]

Далели дигар бар фахру мубоҳоти Абуҳайён дар он зоҳир мешавад, ки рӯзе Соҳиб ибни Ибод, ки худро пешвои уламо ва удабо медонист, бо ҷамоате дар саҳни манзил истода буданд. Соҳиб рӯй ба Абуҳайён намуда, гуфт: Оё пеш аз ту касе ин кунияро доштааст? Абуҳайён гуфт: Оре: Абуҳайёни Доримӣ. Пас аз шарҳу тафсили зиёд яке аз ашъори Абуҳайёни Доримиро бо обут об барои ҳозирон хонда ва Ёқути Ҳамавӣ аз забони Абуҳайён мегӯяд: «Чун шеърро хондам ва асноди онро ривоят кардам, дар ҳоле, ки даҳонам тару забонам кушода ва рӯям боз буд ва бо ривояту қофия хонаро пур аз сару садо карда будам, чун хондани шеър ба поён расид, аз чашмаш (яъне чашми Соҳиб ибни Ибод) дарёфтам, ки хушаш наёмада ва нияти бади ӯро донистам ва сухан бо тағйири рангу рӯй ва беэътиноии Соҳиб ибни Ибод ба поён расид.[402]

Абуҳайён оинаи ростинамо ва содиқи асру замони худ буд. Хашму ғазабаш ба ҷомеае, ки дар он мезист, то ба дараҷае буд, ки барои меваҳои ақлу дилаш ва таровишҳои забону қаламаш оташро баргузид ва китобҳояшро сӯзонд ва боқӣ мондани онҳоро мояи бадномии ояндааш пешбинӣ кард. Вале Абуҳайён ба хайру карам, некӣ ва ишқу муҳаббат

[401] Тавҳидӣ. Абуҳайён. Ал-Ҳавомил…-С.24.
[402] Ҳамавӣ Ёқути. Мӯҷам-ул-удабо, ҷ.15.-С.29.

нисбат ба илму дониш, шарофати инсонӣ боварӣ дошт, шӯру шавқи дониш, сириштy фитрати ӯро саропо софу шаффоф намуда буд. Ӯ ҳамчун яке аз намояндагони наҳзати шуубӣ, паҳлавоне ба шумор мерафт, ки бо Аҳримани чаҳлу нодонӣ мечангид ва на фақат дар илму фалсафаву ирфон, балки дар масоили иҷтимоию фарҳангӣ низ дар ҷомеа соҳиби мақоми хоссе гардида буд.

## §4. Фирдавсӣ ва шуубия

Ба хотири таносуб дар ҳаҷми мавзӯъҳо доир ба ҳаким Абулқосими Фирдавсӣ (940-1020) танҳо ба масъалаҳое ишора хоҳем кард, ки ба мавзӯи шуубия дахл дорад. Баъди ҳазор соли таҳқиқ доир ба «Шоҳнома», муҳаққиқони муосир бар ин назаранд, ки эҷодиёти Фирдавсӣ ва ҳамаи паҳлӯҳои асари ӯ «Шоҳнома» то ба ҳол ба таври дақиқ омӯхта нашудааст.[403]

Он чи ба наҳзати шуубия марбут аст, метавон гуфт, ки дар «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ он аз як ҷунбиши эътирозӣ ва муқовиматии сиёсӣ ва динӣ ба як фалсафаи воқеъбинонаи гуманистӣ мубаддал гардидидааст. Фирдавсӣ нажодпараст ва мазҳабпараст набуд. Ӯ шоир ва мутафаккири миллатдӯст, ватанпараст, инсондӯст ва ҳаводори сарсупурдаи адлу дод дар аҳди аввали ислом буд. Дар давоми баҳс ин истилоҳот ва дигар мафҳумҳои калидӣ мавриди баррасӣ қарор хоҳанд гирифт.

Дар сарчашмаҳои исломӣ ҳамеша фаъолияти шоирии Фирдавсиро каму беш ба шуубия алоқаманд медонистанд. Дар асри XIX шарқшиносони урупоӣ, махсусан Теодор Нёлдеке[404] ва Ҳенри Массэ[405] бар ин маъно таъкид намудаанд. Дар сарчашмаҳои муосири форсизабон Забеҳулло Сафо бо навиштани китоби «Ҳамосасароӣ дар Эрон»[406] ва мақолаи алоҳида бо номи «Фирдавсӣ ва шуубия» ба ин масъала машруияти илмӣ бахшид ва минбаъд доир ба шуубия осори таҳқиқӣ ба забонҳои арабӣ [407] ва форсӣ[408] таълиф шуданд.

---

403 Ба осори зерин муроҷиат шавад: Карамӣ Муҳаммад. Ҳамосаи ҳамосаҳо: «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ дар гузоре нақдгуна пиромуни дебочаҳои он. Ҷ.1 ва 2. Теҳрон,1370; Риёҳӣ Муҳаммадамин. Фирдавсӣ (зиндагӣ, андеша ва шеъри ӯ). Душанбе, 2010; Нудушан Муҳаммадалии Исломӣ. Зиндагӣ ва марги паҳлавонон дар «Шоҳнома». Чопи ҳафтум. Теҳрон, 1376. Муртазо Соқибфар, «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ ва фалсафаи таърихи Эрон. Теҳрон, 1377; Толибӣ Флора. Хирад ва дод дар ойини паҳлавонии эрониён дар достонҳои асотирии «Шоҳнома»-и Ҳакими Тӯс. Машҳад, 1386; Қадамалӣ Сарромӣ. Аз ранги гул то ранҷи хор. Шаклшиносии достонҳои «Шоҳнома». Теҳрон, 1368.

404 Нёлдеке Теодор. Ҳамосаи миллии Эрон. Теҳрон, 1327.

405 Массэ Ҳенри. Фирдавсӣ ва ҳамосаи миллӣ. Табрез, 1350.

406 Сафо Забеҳулло. Ҳамосасароӣ дар Эрон. Теҳрон, 1333.

407 Сомароӣ Абдуллоҳ Саллум. Аш-Шуубияту ҳаракатун музодатун лил-исломӣ ва-л-уммат-ул-арабия. Дор-ул-хуррия. Бағдод, 1981 (ба забони арабӣ).

408 Ҳумоӣ Ҷалолиддин. Шуубия. Исфаҳон, 1363.

Муҳаққиқони муосири форсизабон дар посдории шоир аз забони миллии худ ба андозае ба роҳи муболиға ва шояд ҳам ифрот рафтаанд, ки гӯё Фирдавсӣ дар навиштани «Шоҳнома»-аш қасдан аз калимаҳои арабӣ парҳез намуда, ба ҷои онҳо муродифҳои форсии қадим ва замони худашро истифода кардааст. Баъзе муҳаққиқон ҳатто кӯшиш кардаанд, ки калимоти форсӣ ва арабии «Шоҳнома»-ро аз тариқи оморӣ мавриди муқоиса қарор диҳанд. Масалан, шарқшиносони урупоӣ Пол Ҳорн ва Ҳенри Массэ адади калимаҳои арабӣ дар «Шоҳнома»-ро иборат аз 430 калима дониста, Пол Ҳамберт ин ададро ба 984 расонидааст. Забоншиноси эронӣ доктор Парвиз Нотили Хонларӣ дар мақолаи худ бо номи «Луғатҳои арабӣ дар Шоҳнома» ин шумораро зиёда аз 800 калима медонад. Бо ин таъкид, ки калимаҳои решагӣ (на муштақоти онҳо) дар «Шоҳнома» аз 400 калима зиёдтар нестанд. Ҳамаи ин муҳаққиқон масъалаи истеъмоли ин калимаҳои бегонаро дар достони миллии форсӣ ба ҳаракати шуубия алоқаманд надонистаанд.[409] Тахмини мо ин аст, ки шоир дар истифодаи калимоти забони форсӣ чунин қасде надоштааст. Ба ҳукми машғулияти тӯлонӣ бо сарчашмаҳои таърихи фарҳанги Эрони бостон ва 40 соли эҷоди «Шоҳнома» калимоти форсӣ дар андешаи шоир ба таври нохудогоҳ сайқал ёфтанд ва барои баёни мавзӯъҳои миллӣ (достонҳои паҳлавонии даврони қадим) муносибтар ташхис дода шуданд. Истифодаи кам андар ками калимаҳои арабӣ натиҷаи адовати нажодӣ нисбат ба мардуми араб набуда, балки жанри достонсароӣ – ҳамосӣ, ки ба забони форсӣ бояд анҷом мегирифт, ба таври табиӣ тақозо мекард, ки «Шоҳнома» ба ин забон суруда шаванд.

Аз ҷониби дигар, мо ба таври дақиқ гуфта наметавонем, ки Фирдавсӣ то чӣ андоза ба забони арабӣ ошноӣ дошт. Чаро ки ба ҷуз «Шоҳнома» аз ӯ асари дигаре боқӣ намондааст. Вақтҳои охир баъзе муҳаққиқон ба ин натиҷа расидаанд, ки Фирдавсӣ забони паҳлавиро

[409] Парвиз Нотили Хонларӣ. Ҳафтод сухан. Ҷилди 2. Фарҳанг ва иҷтимоъ. Интишороти Тус, Теҳрон, чопи дуюм, 1377=1998.-С 375-382.

медонист ва онро дар назди падар фаро гирифта буд.[410] Дар ин бора чунин омадааст: «Падари Фирдавсӣ, Мавлоно Аҳмади Фахриддин, писарашро бо дониш парвариш дод ва забони паҳлавӣ ба ӯ омӯхт, ки дар ин даврон дар сарзаминҳои ховарӣ камтар касе ба он ошноӣ дошт. Аз зиндагии шахсии ин бузургмарди шеъру адаби порсӣ огоҳии равшане дар даст нест ва танҳо бо нигаристан ва диққат дар порае аз навиштаҳо ва ишороти ҳамрӯзгоронаш ва он чи худ дар миёни достонҳои Шоҳнома аз чигунагии гузарони зиндагониаш баён мекунад, метавон чеҳрае начандон дақиқ аз вай ба нақш овард».[411]

Мо низ бо таваҷҷӯҳ ба «Шоҳнома» далелҳое дар даст дорем ва онҳо ҳокӣ аз он мебошанд, ки Фирдавсӣ забони паҳлавиро ба хубӣ медонистааст. Масалан, дар поёни дастони Аквони дев Фирдавсӣ мегӯяд, ки «Аквон дар забони паҳлавӣ» «Гавон» будааст:

Гавон хону Аквони деваш махон,
Абар паҳлавонӣ бигардон забон.[412]

Албатта касе ки дар забону фарҳанг ва таърихи миллии худ то ин андоза ворид гашта бошад, ба забонҳои дигари ғайри миллӣ камтар ниёз дорад.

Ба ин маънӣ, агар мо Фирдавсиро ҳамчун намояндаи наҳзати шуубия арзёбӣ карданӣ бошем, ба ҳеҷ унвон фаъолият ва эҷодиёти шоирро як амри худогоҳона ба муқобили арабҳо ва тамаддуни сомӣ равонашуда намеҳисобем. Мақоми Фирдавсиро болотар аз чунин ҳаракату наҳзатҳо дар ҷоддаи муқобилгузории фарҳангу тамаддунҳо дониста, фаъолияти пурсамари ӯ дар навиштани «Шоҳнома» ва зинда намудани тамаддуни волою пурғановати пешини ниёгони мо ба воситаи тасвири корномаҳои паҳлавонию набардҳои қаҳрамонӣ, ки мақоми онҳо ба дараҷаи қудсӣ бардошташудааст, натиҷаи табъи фитрӣ ва дониши андӯхтаи мутафаккир дар соҳаи маданияти маънавӣ медонем.

---

[410] Толибӣ, Флора. Достонҳои асотирии «Шоҳнома». Теҳрон, 1386.-С.29
[411] Ҳамон ҷо.-С.29
[412] Ҳусайн Шаҳидии Мозандаронӣ (Бежан). Фарҳанги «Шоҳнома». Теҳрон, 1377.-С.69-70.

Аз ин гузашта, шоир дар достони Манижа ва Бежан қиссаи ба таълифи «Шоҳнома» оғоз карданашро ҳикоят намуда, аз ҷумла гуфтааст, ки ҳамсараш Фарангис як достони қадимаро ба забони паҳлавӣ оварда бароям хонд ва хоҳиш намуд, ки онро ба забони форсӣ ба назм дарорам. Ва худи Фарангис зардуштӣ ва забони хонаводагиаш паҳлавӣ буд. Дар замони Фирдавсӣ таносуби мусулмонон ва зардушиён қариб баробар буд. Яъне дар аксар шаҳру деҳаҳои Эрони асри X ниме аз мардум зардуштӣ буданду ниме мусулмон.

Ин таносуб дар қисматҳои шимоли Эрон, махсусан шаҳрҳое, ки дар наздикии Баҳри Хазар буданд, ҳатто дар асрҳои XII-XIII мелодӣ аз қисматҳои марказӣ фарқ мекард. Масалан, дар шаҳри Сӯҳравард – ватани орифи машҳур Шайх Шаҳобуддини Сӯҳравардии мақтул (асри XII) ҳаштод дар сад паҳлавизабон ва зардуштӣ буданду бист дар сад мусулмон ва форсизабон.[413] Ҳамин робитаи самимӣ ва танготанги Фирдавсӣ ва Сӯҳравардӣ ба забони паҳлавӣ ва таърихи Эрони бостон буд, ки ин ду нафарро муаллифи китоби «Ҳикмати хусравонӣ» зиндакунанда ва эҳёгари воқеии шеър, ҳикмат, ирфон ва фарҳанги пеш аз исломии Эрон мешуморад.[414] Пас, метавон фикр кард, ки салосати забони форсии Фирдавсӣ дар «Шоҳнома» натиҷаи огоҳии амиқи ӯ аз забону фарҳанг ва таърихи бостонии қавми хеш будааст. Мо дар саҳифаҳои пеш дидем, ки қариб ҳамаи шоирони шуубӣ забони арабиро хуб медонистанд, шеъри арабӣ менавиштанд, аммо забони паҳлавӣ ва форсиро ба мисли Фирдавсӣ хуб намедонистанд.

Худи шоир ин имтиёзро эҳсос мекард ва гоҳ гоҳе дар ашъори худ ба он ишора мекард. Барои намуна:

Пай афкандам аз назм кохе баланд,
Ки аз боду борон наёбад газанд.

---

[413] Разӣ Ҳошим. Ҳикмати хусравонӣ.Теҳрон, 1379.-С.442.
[414] Ҳамон ҷо.-С.20.

Муҳаққиқони муосири мо нишонаҳои асосии ин ё он миллатро аз ягонагӣ, ваҳдати забон ва таърих медонанд. Мардуми форс-тоҷик ин ду нишонаи асосиро доранд ва миллати комилёр ба шумор меоянд. Забони мо аз забони авестоӣ сар шуда, баъди марҳалаи паҳлавӣ ба забони имрӯзаи форсӣ-тоҷикӣ омада расидааст. Бисёре аз калимоти авестоӣ ва паҳлавиро дар забони имрӯзаи форсӣ-тоҷикӣ ба осонӣ метавон шинохт. Ин аст ваҳдату муштаракоти таркиби луғавии забони имрӯзаи мо, ки дорои таърихи панҷҳазорсола мебошад. Забоне, ки бо он Ҷамшед, Зардушт, Монӣ, Маздак, Рӯдакӣ марҳала ба марҳала гуфтугӯ карда, то ба имрӯз ба мо ба мерос расидааст. Таърихи муштараки мо низ бо Ҷамшед оғоз гардида ҳоло ҳам ин ҳамбастагӣ давом дорад. Забон ва таърихи муштараки мо дар «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ дар шакли санаднома ва ҳуҷҷати таърихӣ даромадааст.

«Шоҳнома» акнун шиносномаи мустанади ҳамаи қавму миллатҳое гардидааст, ки оғози забонӣ ва таърихии худро аз Ҷамшеду Авесто шурӯъ кардаанд. Муаллифи «Шоҳнома» ҳаракати динӣ ва нажодии шуубияро дар фаъолияти худ то ба фалсафаи гуманистӣ ва умумиинсонӣ боло бардошт. Таассуботи миллатгароӣ ва мазҳабӣ бо меъёри адолат ва хирад мавриди санҷиш қарор гирифтанд. Фирдавсӣ садҳои касногузари нажодӣ ва диниро шикаста, ба ҳамаи қавму миллатҳо паёми ҷаҳонандешӣ, башардӯстӣ ва озодандешӣ дод. Дар муқаддимаи достони Аквони дев мегӯяд:

Хирадманд к-ин достон бишнавад,
Ба дониш гироят, ба дин награвад.

«Шоҳнома» як китоби инсонӣ ва башарӣ мебошад. Агар ба чанд хулосаи мухтасар аз саргузашти қаҳрамонони «Шоҳнома» таваҷҷӯҳ кунем, ба осонӣ хоҳем дид, ки майдони мубориза ду ҷабҳа дорад: Ҷабҳаи некӣ ва ҷабҳаи бадӣ. Вале ин бадиҳо ва некиҳо дар «Шоҳнома» ба таври мутлақ нестанд. Онҳо нисбӣ ва тағйирёбанда ваислоҳшавандаанд. Аммо дар Авесто муборизаи некӣ ва бадӣ дар олами

моддӣ мутлақ аст, тағйирёбанда нест. Зеро ки фармони азалии Аҳуромаздо «нахустин пайкар миёни хайру шар ва муборизаи қувваҳои аҳриманӣ бо аввалин кадхудои ҷаҳони ориёӣ Каюмарс шурӯъ ва дар даврони Фаридуну Кайхусрав идома пайдо кард ва аз даврони устура ба давраи таърих расида, дар таълимоти меҳрпарастию зардуштия дар шакли иртиқоёфтааш инъикос ёфта буд».[415]

Дар «Шоҳнома» Эрону Турон аз як тухмаанд. Эрон сарзамини Эраҷ асту Турон сарзамини Тур. Эраҷу Туру Салм – ҳар се бародаранд, фарзандони Фаридунанд. Аз як нажоданд – нажоди ориёӣ. Мубориза дар байни ҳамин як хонаводаи ориёӣ дар ҷараён аст. Ин турку Туркистон ҳодисаҳои баъдинаанд, ки ба муҳтавои устуравии «Шоҳнома» алоқамандие нахоҳанд дошт. Яъне ҷанг дар «Шоҳнома» байни се бародари ориёӣ, фарзандони Фаридун давом мекунад: Салм, Тур ва Эраҷ… Ҷангест, ки таърихи панҷсадсола дорад. Ҷаҳонбинии Шоҳнома ҳимоят ва дифо аз хубӣ дар баробари бадӣ мебошад. Вале, бо вуҷуди ин дар «Шоҳнома» таассуб нест. Хубу бад ҳам дар туронӣ ва ҳам эронӣ вуҷуд дорад. Мардони хубу неки Турон инҳоянд: Пирон, Виса, Пиласм, Ағрирас – (бародари Афросиёб), Сурха – (писари Афросиёб); Мардони бади Турон танҳо ин ду нафаранд: Гарсиваз ва Гаравизиреҳ… Ҳумон Виса кинаварз аст, аммо инсони бад нест… Турониён аслан ва зотан бад нестанд. Зеро ки аз тухмаи Фаридунанд ва эҳсоси инсонӣ доранд. Масалан, аз марги Сиёвуш мардуми Турон мутаассир мешаванд ва ба хашм меоянд… Эрониён низ моҳи беайб нестанд: Масалан, Ковус ё Ковусшоҳ ё Кайковус айбҳои зиёде дорад. Туси паҳлавон низ беайб нест. Дар ин мубориза имтиёз ба Эрон додан ба ин хотир буда, ки ҳамеша аз худ дифоъ мекард ва ба дигар миллатҳо ҳуҷум намекард. Ба сабаби ободӣ ва озодагиаш мавриди хашму газабу ҳасади қавму қабилаҳои дигар қарор мегирифт.

Гузашта аз ин, паҳлавонони «Шоҳнома»-ро ба се даста тақсим намудан мумкин аст: (1) паҳлавонони накӯкор ба мисли Фаридун,

---

[415] Таърихи фалсафаи тоҷик. Ҷ.1. Фалсафаи аҳди бостон. Душанбе, 2011.-С.211.

Сиёвуш, Кайхусрав; Баъзе аз ин паҳлавонони нек камбуду нуқсонҳо низ доранд: (2) Паҳлавонони бадкор ба мисли Заҳҳок, Салм, Тур, Гарсеваз, Гаравизиреҳ ва дар ҳадде камтар Афросиёб. Аз байни занон Судоба – ҳамсари Кайковус, ки ин зан аз кавми тозӣ аст; (3) Паҳлавонони омехта аз хубӣ ва бадӣ ё худ ба истилоҳи имрӯза ноустувор ва калаванда – Кайковус дар Эрон ва Пирон дар Турон.[416]

Чизи ҷолиб аз нигоҳи имрӯз дар дуализми ахлоқии хубиву бадии Фирдавсӣ ин аст, ки ҳудуди гузар (аз хубӣ ба бадӣ ва аз бадӣ ба хубӣ) бисёр барҷаста ва равшан тасвир ёфтааст. Ва аз ин роҳ муаллифи «Шоҳнома» ҷанбаи дуализми динии зардуштӣ ва Авестоиро оқилона ва моҳирона ислоҳ намудӣ мешавад.

Назари «Шоҳнома» ба занон, хайрхоҳона ва қадршиносона аст, ба ҷуз Судоба – ҳамсари Кайковус, дар тамоми китоб ягон зани бероҳа ва баде вуҷуд надорад. Аксари занон намунаи боризи зани тамомиёранд…Ва саршор аз зебоиҳои зоҳирӣ ва ботинӣ мебошанд. Ҳамсарони писарони Фаридун яманӣ ҳастанд. Синдухт ва Рудоба аз Кобуланд. Фарангис, Манижа, Ҷарира, Таҳмина ва модари Сиёвуш туронӣ ҳастанд. Катоюн – зани Гаршосб, румӣ аст. Судоба – зани Кайковус, духтари шоҳи Ҳамоварон аст.

Бо як назари гузаро метавон мушоҳида кард, ки фикри космополитии (ҷаҳонватании) ориёӣ ҳамаи қавму миллатҳои ҷаҳонро дар атрофии меҳвари фалсафаи хайр ба мадори худ ҷазб намудааст. Инҳо устураанд. Орзуҳои холис ва ноби як қавм дар бораи худ ва дигарон. Баъзе аз ин қаҳрамонон 500 ва баъзеҳо 1000 сол умр дида, ҳамаи ширинию талхии рӯзгорро чашидаанд. Оқибат дар «Шоҳнома» ба натиҷае расидаанд, ки инсон бояд аз рӯи ақли солим ҳудуди зиндагии шахсӣ ва масъулиятҳои иҷтимоии хешро содиқона бишносад. Вагарна ба мисли Кайковусу Гуштосбу Афросиёб ба ифрот хоҳад рафт.

Аз ин рӯ, мо метавонем Фирдавсиро на намояндаи бевоситаи наҳзати шуубия, балки болотар аз он – эҳёкунандаи фарҳанги асили

[416] Нудушан. Зиндагӣ ва марги паҳлавонон дар «Шоҳнома». Теҳрон, 1376.-С.114-120.

ориёӣ арзёбӣ намоем. Зеро ӯ муқобилгузории нажодӣ, динӣ, фарҳангӣ ва миллиро дар «Шоҳнома» анҷом надодааст. Мутафаккир кӯшиш намудааст, ки таърихи иҷтимоию фарҳангии ниёгони мороз инда куна два ба ин восита пуле байни гузаштаи дуру муосири мо барқарор созад, ки он ҳамбастагию ҳамоҳангии ҳаёти маънавию фарҳангӣ ва масари ташаккулу инкишофи тамаддуни ориёиро ба ҷаҳониён нишон диҳад. Бинобар он, намояндагони гуногуни наҳзати шуубия ва аксаран муҳаққиқон ба яке аз чиҳатҳои «Шоҳнома» аҳамият дода, муаллимони онро намояндаи наҳзати шуубия арзёбӣ намудаанд.

Яке бар маънои ҷиҳатҳои забонии «Шоҳнома» Фирдавсиро намояндаи наҳзати шуубия номидааст, дигаре ба ҷанбаҳои фарҳангии масъала таваҷҷӯҳ намуда, ӯро ба наҳзати шуубия ҳамроҳ намудааст ва сеюми бар асоси бахши ҳикмат ва афкори ҷаҳоншиносии Фирдавсӣ, ӯро намояндаи наҳзати шуубия хондааст. Ба назари мо, ӯ, пеш аз ҳама, эҳёкунандаи тамаддуни ориёӣ, аз назари афкору оро ҳакими хирадгарою гуманист ва аз ҷиҳати ахлоқ мунодии хайру фазилатҳои неки инсонӣ мебошад. Вале муҳаққиқоне, ки ӯро ҳамчун намояндаи наҳзати шуубия ба қалам додаанд, масъалаи дигар аст ва боиси тааммулу таҳқиқи бештар мебошад. Зеро мутафаккиреро бо ин вусъати андеша чи тавр метавон ба гурӯҳи шуубияи динӣ ва нажодӣ мансуб донист? То ба имрӯз касе аз муҳаққиқони гузашта ва ҳозираи Шарқу Ғарб мазҳаби динӣ ва равияи фалсафаи Фирдавсиро аз роҳи далелу бурҳони мушаххас, муайян накардааст.

Доир ба мазҳаби динии Фирдавсӣ профессор Маҳмуди Шеронӣ Фирдавсӣ зайдӣ гуфтааст, Аҳмад Маҳдавии Домғонӣ ӯро шиаи исноашарӣ медонад, муҳаққиқ Зарёб исмоилӣ будани Фирдавсиро қайд кардааст, Муҳаммадалии Исломии Нудушан ӯро мӯътазилӣ мепиндорад, Муҳаммадамини Риёҳӣ ҳакими Тӯсро яктопараст ва мусулмоне покэтиқоду дӯстдори хонадони поки Расули акрам (с)[417] ба қалам додааст.  Аксари муҳаққиқони имрӯзаи Эрон Фирдавсиро шиамазҳаб

[417] Муҳаммадамини Риёҳӣ. Фирдавсӣ. Душанбе, 2010.-С.207-217.

донистаанд. Фақеҳе аз Тобарони шаҳри Тус мегӯяд: «Ман раҳо накунам, то ҷанозаи ӯ дар гӯристони мусулмонон баранд, ки ӯ рофизӣ буд».[418] Шайх Абулқосими Курраконӣ:

Чунин гуфт ӯ, ки :-Фирдавсӣ басе гуфт,
Ҳама дар мадҳи габре, нокасе гуфт.
Ба мадҳи габракон умре ба сар бурд,
Чу вақти мурдан омад, бехабар мурд.[419]

Дар китоби муҳаққиқи муосири Эрон бо номи «Шаклшиносии «Шоҳнома», ки мӯҳтавои онро аз 628 мавзӯъ иборат медонад, ягон мавзӯъ доир ба дин бахшида нашудааст. Ҳангоми мутолиаи «Шоҳнома» ба шахс ин эҳсос даст медиҳад, ки гӯё қаҳрамонони «Шоҳнома» ба дин аслан таваҷҷӯҳе надоштаанд. Агар ҷо-ҷое аз дини беҳӣ (зардуштӣ) ёде шуда, он ҳам мавзӯи асосӣ набуда, баҳонае ва ё василае қарор гирифтааст. Масалан, Шоҳ Гуштосб писараш Исфандиёрро барои тарғиби дини зардуштӣ ба берун аз пойтахти худ мефиристад… Баъдтар маълум мешавад, ки ин як ҳила ва найранги навбатии шоҳ аст, барои он ки писараш ӯро аз мансаби шоҳӣ маҳрум накунад… Ин ҷо масъалаи тарғиби дини зардуштӣ дар кишварҳои дигар як баҳонаи навбатӣ будааст… Муғону муъбадон ҳам барои ба мансабе расидан тарғиби дини худро баҳона қарор медоданд. Зардушт дар «Готҳо»-и Авесто мегӯяд, ки шарти қабул намудани дини ман он аст, ки инсон бояд онро аз рӯи хирад қабул кунад ва аз рӯи виҷдони худ аз он қонеъ бошад. Яъне дини зардуштӣ аз рӯи сарчашмаҳои ростинаш ба ақлу андешаи инсонӣ такя мекарда, на ба гурӯҳҳои муназзам ва мусаллаҳе, ки онро бар гардани мардум таҳмил мекунанд.

Касе ки ба шахсияти маънавии Фирдавсӣ сару кор дорад, пеш аз ҳама бояд аз худ бипурсад, ки чаро ин шоири ҳаким 40 соли зиндагии хешро ба назм даровардани таърихи китобӣ ва шифоҳии Эрони қадим бахшид, барои як мусулмони зайдӣ, рофизӣ, шиӣ, мӯътазилӣ, исмоилӣ,

---
[418] Муҳаммадамини Риёҳӣ. Фирдавсӣ. Душанбе, 2010.-С.146.
[419] Ҳамон ҷо.-С.147.

исноашарӣ навиштани чунин мавзӯи «ғайриисломие» чӣ зарурат дошт, оё мавзӯи Ҷамшеду Заҳҳок, Рустаму Сӯҳроб ва садҳо аз ин қабил мавзӯъҳо дар саволномаи Мункару Накир ҷой доранд?

Пас, ангезаи эҷоди «Шоҳнома» чист? Мо имрӯз бар ин назарем, ки хонаводаи Фирдавсӣ бо эҳтимоли қавӣ зардуштӣ буданд, падараш, ки зардуштӣ буд ва забони паҳлавӣ медонист, забони паҳлавиро ба Фирдавсӣ ёд дод, ҳамсараш Фарангис низ зардуштӣ буд. Дар достони Манижа ва Бежани «Шоҳнома»- зикр шудааст, ки «дар яке аз шабҳои тобистон Фарангис шавҳарашро мебинад, ки бо табъе хира нишастааст. Барои рафъи ин хастагӣ ба Фирдавсӣ машғулиятеро пешниҳод мекунад. Пешниҳод қабул мешавад. Ва Фарангис як баста коғазҳоеро меорад, ки дар онҳо таърихи Эрони қадим ба забони паҳлавӣ навишта шуда буданд.

Ва аз шоир хоҳиш мекунад, ки ин достонҳои паҳлавиро ба забони форсӣ ба назм дарорад… Ва назми «Шоҳнома» оғоз мегардад…

Сарчашмаҳо навиштаанд, ки ҷасади Фирдавсиро дар гӯристони умумии мусулмонон роҳ надоданд. Гуфтанд, ки рофизӣ аст. Дигар сарчашмаҳо гуфтаанд, ки габр асту оташпараст ва таърихи габракон менавишт.

Иллати асосии ин ҳодиса маҳз «габру оташпараст» яъне зардуштӣ будани ӯ буд, на рофизӣ буданаш. Шоир дар «Шоҳнома» доир ба ислом, мазҳабҳо ва аҳкоми он аслан чизе нагуфтааст. Аз мазҳабҳои дигаре ҳашт бор аз зардуштиён як бор аз маздиясно ва нӯҳ бор аз беҳдинон ба сифати ишора ном бурдаасту бас.

Барои он ки ин тахминҳо ва фарзияҳои ироашуда дуруст фаҳмида шаванд, зикри чанд нукта доир ба Фирдавсӣ ва «Шоҳнома» зарур аст:

А) Бештари муҳаққиқони муосири «Шоҳнома» бар ин назаранд, ки дар ин китоб таҳрифҳои зиёде роҳ ёфтааст:

Б) Худи шоир мегӯяд, ки «Шоҳнома»-и ман дорои 60.000 (шаст ҳазор) байт мебошад:

Бад-ӯ мондам ин номаро ёдгор,
Ба шаш бевар абёташ омад шумор.

Як бевар 10.000-ро ташкил медиҳад. Ва шаш бевар 60.000 байт аст.

В) Вале дастхатҳои форсие, ки муҳаққиқони имрӯза дар даст доранд, иборатанд аз: 50.000 байт; 62, 65, 70, 75 ҳазор байт! Чаро шаст ҳазор байт не?! Кадом байтҳо ихтисор шудаанд? (Дар нусхаҳои 50.000). Кадом байтҳо илова карда шудаанд? (Дар дастхатҳое, ки дорои 62, 65, 70, 75 ҳазор байт доранд!).

Бо эътирофи худи шоир нусхаи аслии «Шоҳнома» 60.000 байт доштааст… Пас, ин каму беши байтҳоро чи тавр ислоҳ намоем? Аз рӯи кадом меъёр?

Г) Муҳаққиқони муосир (Муҳаммад Карамӣ, Муртазо Соқибфар ва бисёре дигар) чунин мешуморанд, ки Фирдавсӣ аслан Султон Маҳмудро надидааст ва чизе (на мадҳ ва на ҳаҷв) дар бораи ӯ нанавиштааст. Вақте ки Султон Маҳмуд ба сари ҳукм омад аз оғози навиштани «Шоҳнома» аллакай 20 сол гузашта буд! Ин ҳама таҳрирҳои якуми «Шоҳнома» (соли 994) ва таҳрири дуюми «Шоҳнома» (1010) ҳама сохта ва бофтаи шоирони дарбори Султон Маҳмуд будаанд! Барои мондагор кардани султони ғазнавӣ дар таърих! Худи Султон Маҳмуд мондагор нашуд, вале таҳрифҳои «Шоҳнома» то имрӯз боқӣ мондаанд!

Д) Мо дар ин фарзияҳои худ ба таври қатъӣ пофишорӣ надорем. Ҳар пешниҳоди созанда ва аз назари таҳқиқӣ мӯътамадро бо дилу дидаи боз мепазирем.

Дар ин баҳси мухтасар мо ба ин натиҷа расидем, ки Фирдавсӣ дар маънои маъмулӣ ва истилоҳии калима шуубӣ набуд. Ҳарчанд ки дар ибтидо бо эҳсосоти шуубигарӣ ба таълифи «Шоҳнома» оғоз намуда буд. Ӯ мутафаккири ориёие буд, ки ҳамаи фазилатҳову разилатҳои эрониву арабу турониро бо тарозӯи ақлу хиради солими башарӣ, на бо қолабҳои хурофотӣ ва фарсудаю ифротии динӣ ва нажодии шуубиён бисанҷад.

Аз он гузашта, агар ба таври куллӣ доир ба шахсият ва ақидаҳои ӯ қазоват кунем, Ҳаким Абулқосими Фирдавсӣ -аз назари фалсафӣ дуалисти Ҷамшедӣ буд. Сарчашмаи ҳамаи хайри шарри олами инсониро

дар Замин ва Инсон медид. Инсон қодир аст, ки бо қудрати ақлу хиради худ ҳамаи мушкилоти хешро ҳаллу фасл намояд. Ин шакли дуализмро дуализми Инсон ва Ҷаҳон меноманд. Фирдавсӣ аз нигоҳи динӣ ӯ пайрави ягон мазҳаб набуд, як мутафаккири озодандеш ва гуманист буд.

Шоир аз назари ихтисосӣ ба таърихи достонӣ ва паҳлавонии қадимаи миллати хеш сахту ошиқ ва дилбаста буд. Яъне файласуфи таърих буд, на таърихнигори маъмулӣ ва аз нигоҳи ҳунарию адабӣ ба истилоҳи имрӯза адиби файласуф буд ва жанри адабии ӯро адабиёти фалсафӣ меноманд. Яъне шоир фалсафаи таърихи худро бо истифода аз жанрҳои адабӣ (достони манзум) таълиф намудааст.

Фалсафаи таърихи Фирдавсӣ, ки бар асолати хайру адолат ва миллату ватан бунёд ёфтааст, метавонад барои бозсозии идеяи миллӣ дар Ҷумҳурии демократӣ ва дунявии Тоҷикистон хизмат намояд.

# ХУЛОСА

Дар ин охирсухан  ба таври хулоса таъкиди чанд нуктае зарурӣ ба назар мерасад. Зеро мавзӯи худшиносӣ  дар сад соли охири фарҳанги ҷаҳонӣ, яке аз мавзӯъҳои мубрам, ҳаётӣ ва баҳсбарангези илмӣ ва фалсафӣ ба шумор меравад. Фарҳанги халқҳои ориёитабор, аз ҷумла халқи тоҷик, аз ин қоидаи умумӣ истисно нест. Мавзӯи худшиносиро метавон дар ҳалқаҳои муҳими фарҳанги ориёӣ дар замони сулолаҳо ва давлатҳои  Пешдодиён, Ҳахоманишиён, Сосониён, Сомониён, Асрҳои Миёна, Даврони навин, даврони Шӯравӣ ва замони Истиқлол мавриди таҳқиқ ва баррасии алоҳида қарор дод. Вале ба сабаби густурдагии ин мавзӯъ, мо ду  марҳилаи ҳассоси ин мавзӯъро  барои баҳс ва таҳқиқи илмӣ ва фалсафӣ қарор додаем. Мавзӯи баҳси мо фосилаи замонии даврони Ҷамшед (аҳди қадим) то замони Абулқосими Фирдавсӣ (асрҳои миёнаи ибтидоӣ ё исломи классикӣ)-ро дар бар мегирад.

Муҳаққиқони муосир бар ин назаранд, ки қавмҳои ориёӣ дар таърихи фарҳанги башарӣ дорои саҳми бузурге мебошанд.  Ҷамшед, писари Вивангаҳони пешдодӣ, чаҳор ҳазор сол пеш аз замони мо асосҳои фалсафаи худшиносии миллии қавмҳои ориёитаборро  устувор намуд. Ӯ пуштибони Ҷаҳон, Замин, Инсон, Ватан, Миллат, Ҳунар, Фарҳанг, Дониш, Зиндагӣ,  Адолат, Шодӣ, Мардум, Кишвар, Қонун, Ҷовидонагии ҷисмии инсон дар ин ҷаҳон ва тантанаи илму хирад буд. Аммо Зардушт, аз хонадони Спитама,-бар хилофи Ҷамшед, асосгузори худшиносии динии халқҳои ориёӣ гардид. Ҷамшед чандин аср пеш аз Зардушт зиндагӣ карда буд. Зардушт дар китоби худ «Авесто» борҳо Ҷамшедро ёдоварӣ менамояд. Зардушт мехост, ки мардумро аз роҳи дин хушбахт ва саодатманд созад. Барои ин ҳадаф як фалсафаи мукаммали динӣ сохт, ки барои дину мазҳабҳои миллатҳои дигар чун намуна хизмат кард.

Диноварон ва пайғамбарони миллатҳои баъдина аз қоидаҳои динии Зардушт тақлид ва пайравӣ намуданд. Мафҳумҳои калидии ҷаҳонбинии Зардушт аз инҳо иборатанд: Аҳуромаздо-Худо; Зардушт - паёмбар;

Авесто- китоби муқаддаси дини Зардуштӣ, Спинта Майню пешвои қувваҳои хайр ва некӣ; Аҳриман- пешвои қувваҳои бадӣ; Аҳурамаздо- худоест, ки болотар аз Аҳриман ва Спинта Майню мебошад. Сарнавишти ин ду қувваро оқибат худи Аҳуромаздо ҳаллу фасл менамояд. Ба ин маъно, ки дар охири дунё тарафдорони Спинта Майню бар тарафдорони Аҳриман ғалаба мекунанд. Худи Аҳуромаздо тарафдори Спинта Майню буд. Он ифодакунандаи амалии ақидаҳои динии Зардушт буд. Агар китоби 21 ҷилдаи «Авасто»-и давраи Сосониро барои тамсил ва муқоиса як романи таърихӣ ба шумор оварем, он гоҳ метавон гуфт, ки қаҳрамони асосии он Аҳуромаздо аст. Ҳамаи дигар персонажҳо барои такмил намудан ва сайқал додани образи қаҳрамони асосӣ омадаанд. Ҳадафи ин қаҳрамони асосӣ ва нависандаи роман (Зардушт) аз он иборат аст, ки аҳли ҷаҳонро аз ҳисоби амалӣ намудани ҷаҳонбинии хайру некӣ ва адолату баробарӣ, саодатманд ва хушбахт гардонанд. Зардушт ба дурустии ин андешаи худ сахт бовар дошт ва барои амалӣ намудани он ҳам хеле кӯшиш ва талош намуд. Натиҷаи кори амалӣ дар татбиқи ин ҷаҳонбинӣ ба он ҷо расид,ки Зардуштро дар синни 77-солагӣ мавриди ҳамла қарор доданд ва дини ӯ бо гузашти солҳо ва асрҳо ба шикастҳои пай дар пай дучор гардид. Пайравони Зардушт ҳамеша ва имрӯзҳо низ ин нобаробарӣ ва шикастро муваққатӣ ва гузаранда мешуморанд. Ва бовар доранд, ки ба гуфтаи маъруф: «Оқибат рӯзе фаро хоҳад расид!» Ин ақидаи пайравони Зардушт аст. Ва ҳақиқати онро оянда муайян хоҳад кард.

Муҳаққиқони муосири ғайризардуштӣ бар ин назаранд, ки Зардушт дар ибтидои фарҳанги башарӣ, андешаеро пеш гузошт, ки то имрӯз мавриди таваҷҷӯҳи мутафаккирони ҷаҳон аст. Онҳо ин се ҳикмати «Авесто»-ро дар назар доранд: «Афкори нек, гуфтори нек ва кирдори нек». Мисли он аст, ки ҳамаи динҳо ва фалсафаҳои ҷаҳонӣ баъд аз Зардушт хостанд, ки ин се ҳикматро аз роҳи дин ва фалсафаи худ, амалӣ намоянд. Кӯшишҳои зиёде дар ин ҷодда анҷом шуд. Барои мисол ва намуна чанд шахсиятеро ном мебарем, ки хостаанд ба таври ошкоро ва ё пинҳонӣ аз ақидаҳои Зардушт пайравӣ намоянд: <u>Дар Юнони қадим</u>:

Пифагор, Гераклит, Эмпедокл, Демокрит, Афлотун, Арасту, Эпикур, Ксенофон; дар Рими қадим: Марк Аврелий, Плотин; дар асрҳои миёнаи масеҳӣ: Волтер, Монтеске, Гёте, Декарт; дар аҳди қадим ва асрҳои миёна дар аҳди ислом: Бузургмеҳр, Ҷомосп, Монӣ, Маздак, Ибни Муқаффаъ, Абубакри Розӣ, Ибни Сино, Абуҳайёни Тавҳидӣ, Абурайҳони Берунӣ, Ихвон-ус-сафо, Ҳаллоҷ, Шаҳобуддини Сӯҳравардии мақтул, Абулқосим Фирдавсӣ, Абусулаймони Сиҷистонӣ, Умари Хайём, Шамси Табрезӣ; дар ҷаҳони муосири Урупо: Фридрих Нитше, Николай Федоров, Арнолд Тойинбӣ, Алберт Швейцер, Вил Дюрант, Бергсон, Шопенҳауер, Фихте; дар ҷаҳони муосири Шарқ: Муҳаммад Иқбол, Робендронат Тагор, Бхагван Шри Ошо.

Вале нуктаи асосӣ, муҳим ва ҷолиб ин аст,ки худи Зардушт аз фалсафа ва ҷаҳонбинии Ҷамшед пайравӣ ва тақлид мекард. Зардушт дини худро бар рӯи харобаҳои қасри бошукӯҳи илмӣ ва фарҳангии Ҷамшед сохт. Ба ҳамаи пажуҳишгарон маълум аст, ки дар замони Ҷамшед сохтани чунин ҷомеаи идеалӣ аз имкон берун буд. Аммо ҳама сохтани онро орзу мекарданд. Ин тақозои зиндагии моддӣ ва маънавии инсоният дар ҷомеаест, ки дар он Инсон озод, баробар, саодатманд ва ҷовидон бошад.

Зардушт хост, ки ин идеали Ҷамшедро дар олами хаёл ва орзу бунёд кунад. Чаро ки дар олами реалӣ ва воқеӣ татбиқнашаванда буд. Бинобар ин, ин ҷаҳони идеалиро дар сурати хаёлӣ офарид. «Авесто»-ро навишт ва Аҳуромаздоро қаҳрамони асосии он эълон кард. Аз номи Аҳуромаздо қонуну қоидаҳои дини худро барқарор намуд. Мардум ба ду даста тақсим шуд: пайравони Аҳуромаздо (Ҳурмуз) ва пайравони Аҳриман. Аҳуромаздо Спинта Майиюро дар ин мубориза тарафдорӣ мекард. Пуштибони қувваҳои бад ва харобкори олами табиат бар ӯҳдаи Аҳриман буд. Муборизаи ин ду қувваи, ба гуфтаи имрӯзиҳо, қудратталаб ҳоло ҳам давом дорад. Барномаи динии Зардушт бар он нигаронида шудааст, ки оқибат Аҳриман ва пайравонашро аз саҳнаи зиндагӣ берун кунад. Ҷаҳон ва ҷаҳониёнро ба саодати куллӣ бирасонад. Роҳҳои ба ин ҳадаф расиданро Зардушт дар китоби «Авесто» муфассал шарҳ додааст.

Ба ақидаи соҳиби ин сатрҳо, вақти он расидааст, ки ҳақиқати таърихӣ барқарор карда шавад. Он ҳақиқат аз ин иборат аст, ки асосгузори воқеии Худшиносии қавмҳои ориёитабор Ҷамшед будааст ва Зардушт баъдҳо дар асоси ин фалсафаи миллии Ҷамшедӣ, дини яктопарастии худро созмон додааст. Ин Зардушт буд, ки ба дӯши ақидаҳои воқеъбинонаи Ҷамшедӣ ва Зарвонӣ дини худро бо тақозои замон бор кард. Ҳоло замон дигар аст. Бояд ин масъалаҳоро аз нигоҳи илми муосир таҳлил ва баррасӣ намоем. Ва назари мо дар ин бобат ин аст, ки Зардушт ба сифати як паёмбар рисолати динӣ ва таърихии худро анҷом дод. Асрҳо қавму қабилаҳои хешро дар чорчӯби дину ақидаи хеш раҳнамоӣ намуд. Инак, асри Ҷамшед фаро расидааст. Асре, ки аз ҳама мардуми ҷаҳон огоҳӣ, бедорӣ, худшиносӣ, фарҳанг, илму дониш ва равшанфикриро тақозо дорад. Ба ҳамин маъно, мо бояд аз идеалҳои Ҷамшедӣ пайравӣ намоем. Ин ҳикматҳои Ҷамшедӣ дар 74 мисраи «Шоҳнома»-и Абулқосими Фирдавсӣ дар боби «Подшоҳии Ҷамшед» баён гардидаанд.

Ғояи миллии Тоҷикистони соҳибистиқлолро бояд идеология Ҷамшедӣ номгузорӣ кард. Идеяҳо ва идеалҳои Ҷамшедӣ бо ҳама ақидаҳо, фалсафаҳо ва ҷаҳонбиниҳои пешқадам ва прогрессивии ҷаҳони имрӯза ҳамоҳанг мебошанд. Ҳикмату фалсафаи Ҷамшедӣ ба тамоми маъно як ҷаҳонбинӣ ва идеологияи воқеъбинона ва реалистӣ мебошад. Бо гузашти панҷ ҳазор сол аз таърихи фарҳангии башар, дар асри XXI муҳаққиқон исбот намудаанд, ки ҷаҳонбинии Ҷамшедӣ ҳоло ҳам қобили пешравӣ ва татбиқ аст.

Ба ақидаи муаллифи рисола, сабаби асосии шикаст ва фурупошии сиёсат, давлат, фарҳанг, илм ва маънавиёти форситаборон, баъд аз Зардушт, аз он иборат буд, ки ҳамаи фарҳангу илму маънавиёти моро танҳо дини Зардуштӣ намояндагӣ мекард. Ба ақидаҳои илмӣ, фарҳангӣ ва реалистии Ҷамшед ва пайравони ӯ, маҷоли амалиёт дода намешуд. Бо хиёнати рӯҳониёни зардуштӣ ва душманони берунӣ, илму фалсафаи асил ва ориёии мо ба фаромушхонаи таърих партофта шуд. Ин муносибати

яктарафа ва истибдодии давлат ва дини зардуштӣ, охири охирон, худи ин динро низ ба бунбаст кашонид. Равнақи аввалини худро аз даст дод. Асирони сомии аз Мобайнаннаҳрайн ба Эронвиҷ омада, ба дастгоҳи рӯҳонияти зардуштӣ рахна карда, дини Зардуштро аз дарун таҳриф ва масх намуданд. Одати зишти издивоҷ бо маҳоримро (хешу табориро), ки дар байни сомиёни Бобул ҳамеша ривоҷ дошт, бар гардани дини зардуштӣ бор карданд. Ва ин таълимоти офтобӣ ва покро оқибат олуда ва мукаддар намуданд.

Ҳоло фурсати он фаро расидааст, ки ба асли хеш баргардем ва таълимоти воқеъбинонаи Ҷамшедро баъди бозсозии илмӣ ва таърихӣ, мавриди истифода қарор диҳем. Тафсилоти ин мавзӯъ дар фасли аввали рисола баён гардидааст.

Мавзӯи шуубия ва шуубиён барои аксарияти хонандагони тоҷик ноошност, вале дар кишварҳои форсизабон ва исломӣ дар ин мавзӯъ таҳқиқотҳои гуногуне анҷом дода шудааст. Дар давраи шӯравӣ мавзӯи шуубия аз ҷумлаи мавзӯҳои мамнӯъ ва номақбул буд. Ҳатто бузургтарин шарқшиносони шӯравӣ ҳам ин ҳақро надоштанд, ки дар ин мавзӯъ изҳори назар кунанд. Шуубия, ки мо дар матн онро ҳамчун миллатгароӣ, миллатпарастӣ ва натсионализм тавсиф намудем, дар асл як ҷараёни оппозитсионии мураккаб бо паҳлуҳои гуногун буд. Дар ин ҷараён аз асри 8 то 12 мелодӣ ҳаракатҳои гуногуни оппозитсионӣ зери ном ва шиори шуубия зуҳур намуданд. Баъзе аз ин ҳаракатҳо дар ибтидо мусолиматомез, заиф ва миёнарав буданд. Баъдтар шуубиёни миёна арзи вуҷуд намуданд, ки мехостанд бо арабҳо, ки ҳувияти қавмиро бо ҳувияти динӣ як шуморида, қавми арабро боло мегирифтанд, баробар бошанд. Дар давраи аббосӣ шуубиёне ба майдон омаданд, ки худро аз арабҳо болотар ва арзандатар меҳисобиданд. Аз асри 12 то асри 19 шуубия бо тағйири мазмуну тобишҳои дигар дар шакли ҳаракатҳои сиёсӣ, иҷтимоӣ, фарҳангӣ ва махсусан тасаввуфӣ арзи вуҷуд намуд.

Шуубия дар ибтидо як эътирози иҷтимоӣ буд. Эътирозе, ки аз зулми сиёсии миллати араб гувоҳӣ медод. Ба ибораи дигар, шуубия

касоне буданд, ки ба ислом гароида ва ба баробарии ҳамаи мусулмонон дил баста буданд, вале бартарии араб нисбат ба мардуми аҷам дар аҳди Умайя дар ҳаёти иҷтимоию сиёсӣ реша давонд ва шуубиён ба ин ҳол гардан наниҳода, хостанд, ки тамоми марзҳо, унвонҳо, омилҳо ва ғайра, ки гурӯҳҳои мухталифро аз ҳам ҷудо нигоҳ медоранд ва нисбат ба якдигар тухми адоват мепошанд, аз байн бардошта шаванд. Баъдтар миллатҳои дигар нисбат ба арабҳо эътироз намуда, талаб карданд, ки қонунҳои дини ислом аз тарафи давлати арабӣ дуруст татбиқ карда шаванд. Ин эътироз дар асл эътирозҳои суст ва ғайрифаъол буданд.

Дар асрҳои 9 ва 11 ҳаракати шуубия ба як ҳаракати фарогир бо мухолифатҳои сиёсӣ, фарҳангӣ, динӣ ва нажодӣ мубаддал гардид. Шуубия ба ду шохаи асосӣ – шуубияи динӣ ва нажодӣ ҷудо шуд. Аввали дорои ташкилоту ҳадафҳои муайяни динӣ буд, ки тавассути доиёну тарғиботчиён ба муқобили дини ислом мебаромаданд ва дуюмӣ миллату тамаддуни арабро таҳқир менамуданд, ҳукумати асрро беҳудаву беасос мешумориданд ва мақому мартабаи қавму нажодҳои ғайриараби империяи исломиро волотару арзандатар талаққӣ мекарданд. Тарафдорони худро ба эҳдоси ҳизбҳои қабилавию сиёсӣ даъват менамуданд.

Ин ҷараёнҳо якнавохту якмаром набуданд, қисмате аз онҳо манфӣ ва ифротӣ ва қисмати дигар мусбӣ ва мӯътадил буданд. Масалан, шуубияи динӣ ва нажодӣ ба ҷумлаи шуубияи манфӣ ва ифротӣ дохил мешуданд. Онҳо миллати араб ва дини арабро ба куллӣ рад мекарданд ва ба ҷои он сохти сиёсии нав ва дини дигарро пешниҳод мекарданд. Кор дар ҳадди пешниҳод қарор намегирифт. Онҳо барои ба ҳадафҳои худ расидан, борҳо яроқу аслиҳа низ ба даст гирифта буданд.

Шуубияи мӯътадилу мусбат талаботи худро дар доираи ҳукумати арабӣ ва дини ислом маҳдуд мекарданд. Ба шарти он, ки шариати исломӣ аз ҷониби давлати арабӣ содиқона татбиқ шавад, вале ин орзу ва талаби онҳо ҳеҷ гоҳ амалӣ нашуд. Мавзӯи шуубия ва моҳияти худшиносии он барои ҳамаи давлатҳои соҳибистиқлол, ки аз низомҳои

тоталитарии исломӣ ва шӯравӣ наҷот ёфтаанд, хеле муҳим аст. Ин ҳаракат ба таври куллӣ як мухолифати сиёсӣ буд, ҳарчанд дар либосҳои адабӣ, фарҳангӣ ва динӣ зуҳур менамуд.

Шуубиёни давраи исломӣ асосан аз форсҳо, тоҷикон, туркҳо, яҳудиҳо, румиҳо ва дигар миллатҳои хилофати исломӣ иборат буданд. Онҳо нисбат ба ҳукумат ва сохти давлатдории нажоди арабӣ эътироз ва мухолифат менамуданд. Шуубиёни динӣ ба муқобили ислом ҳамчун дин мубориза бурда, дини аҷдодии худ ва эътиқодоти шахсии хешро ба ислом муқобил мегузоштанд. Фаъолтарини онҳо зардуштиён, маҷусиён, зиндиқиён, яҳудиён, масеҳиён, даҳриён, санавиён, машшоиён, ишроқиён ва ғайра буданд, ки миёни онҳо номҳои равшанфикрон, файласуфон, адибон ва шоирони машҳурро низ дидан мумкин аст. Истилоҳи «шуубия» ба таври куллӣ ҳамаи ин ҷунбишҳо, ҳаракатҳо ва ҷараёнҳои гуногунро дарбар мегирифт.

Ҳаракати шуубия дар давраи шӯравӣ ҳам вуҷуд дошт, вале бо мафҳум ва истилоҳоти дигар ифода мегардид. Шуубиёни давраи шӯравиро дигарандешон (диссидент) меномиданд. Империяи шӯравӣ аз бисёр ҷиҳатҳо ба империяи исломӣ шабоҳат ва монандӣ дошт, зеро ҳар ду империя тоталитарӣ ва сирф идеологӣ буданд. Ҳарду дорои қавму миллатҳо ва дину ахлоқиёти рангоранг буда, вале адолати иҷтимоиро барои ин миллатҳо ва мазҳабҳо фароҳам оварда натавонистанд. Натиҷа он шуд, ки ин ду империя пош хурданд. Баъзе муҳаққиқони муосири араб, масалан, ас-Сомароӣ сабаби асосии шикасти империяи исломиро аз ҳаракатҳо ва мухолафатҳои шуубия медонанд.

Давоми ин суннатро дар сарнавишти империяи шӯравӣ метавон мушоҳида намуд. Муҳаққиқи шӯравӣ Н.Н.Яковлев дар китоби худ бо номи «ЦРУ бар зидди СССР» (Душанбе, «Ирфон», 1983,-С.167, 174,177,193, 195,203,294) мегӯяд, ки баъзе шӯравишиносони Ғарб оғози шикасти империяи шӯравиро ба дасти дигарандешон пешбинӣ менамуданд. Ва ин пешбинӣ амалӣ гардид.

Шояд ин ду намунаи таърихӣ, ифодагари қонуниятҳое бошад, ки дар ҷомеаи инсонӣ бе озодӣ ва баробарии ҳамаи халқу миллатҳои як империя, вуҷуди минбаъдаи онро таъмин намудан, аз имкон берун аст. Ин ҳам як дарсест, ки таърих ба инсонҳо дода. Вале масъала ин аст, ки барои фаро гирифтани ин дарси таърих дар ҷаҳони муосир, оё ақли расову чашми бино ва гӯши шунаво вуҷуд дорад? Умедворем, ки посух ба ин савол мусбӣ бошад.

## АДАБИЁТ

## 1-Адабиёти арабӣ


١. ابن حزم. الفصل فى الملل و الاهواء و النمل. – جده – طبعه ١٤٠٢ ه = ١٩٨٢م.

٢. إحسان إلهى ظهير. الشيعه و السنه. اداره ترجمان السنه – لاهور- الباكستان – الطبعه الخامسه. ١٣٩٧ ه = ١٩٧٧ م.

٣. أبو الفتح الشهرستانى. الملل و النحل- دارالمعرفه – بيروت – الطبعه الثانيه ١٣٩٥ ه = ١٩٧٥ م.

٤. ابو الحسن الاشعرى. مقالات الا سلاميين. الطبعه الثانيه ١٣٨٩ ه = ١٩٦٩ م.

٥. أحمد أمين. زعماء الاصلاح فى العصر الحديث. نشر مكتيه النهضه المصريه – الطبعه الاولى ١٩٤٨ م.

٦. أنور الجندى. شبهات التغريب فى غزو الفكر الاسلامى. المكتب الاسلامى – بيروت ١٣٩٨ ه = ١٩٧٨ م.

٧. الموسوعه الميسره فى الاديان و المذاهب المعاصره. الريا ض. الطبعه الثانيه. ١٤٠٩ ه = ١٩٨٩ م

٨. ادوارد سعيد. الاستشراق. ترجمه كمال ابو ديب. موسسه الابحاث العربيه – بيروت ١٩٨١ م.

٩. ال أعظمى – محمد حسن. الحقائق الخفيه عن الشيعه الفاطميه و الاثنى عشريه. الهيئه المصريه العامه ١٩٧٠ م.

١٠. الاشعرى – ابو الحسن على. مقالات الاسلاميين. تحقيق: محمد محى الدين عبدالحميد. مكتبه النهضه المصريه. الطبعه الثانيه ١٣٨٩ ه = ١٩٧٠ م.

١١. اخوان الصفا. رسائل اخوان الصفاء. تحقيق خيرالدين الزركلى. المكتبه التجاريه بمصر ١٩٢٨ م.

١٢. ابن كثير – ابو الفداء. البدايه و النهايه. مكتبه المعارف – بيروت ١٩٧٧ م.

١٣. ابن سنان و ابن العديم. تاريخ أخبار القرامطه. تحقيق: الدكترسهيل زكار. دارالامانه و موسسه الرساله – بيروت ١٩٧١ م.

١٤. ابن خلكان. وفيات الاعيان و أنباء ابناء الزمان. دار صادر – بيروت ١٩٦٨ م.

١٥. ابن تيميه. الرد على النصيريه. مصر، القاهره ١٩٥٣ م.

١٦. الرازى – فحرالدين. اعتقادات فرق المسلمين و المشركين. مكتبه النهضه المصريه ١٩٣٨ م.

١٧. السجستانى – ابو يعقوب اسحق. الينابيع. تحقيق: مصطفى غالب بيروت ١٩٦٥ م.

١٨. الشكعه – مصطفى. إسلام بلا مذاهب.الطبعه الثالثه ١٩٧٩ م.

١٧. الطويل – محمد امين غالب. تاريخ العلويين. دارالاندلس الطبعه الثالثه بيروت ١٩٧٩ م.

١٩. النوبختى – ابو محمد الحسن بن محمد بن موسى. فرق الشيعه. تحقيق: ه – ريتر. نشر جمعيه المستشرقين الالمانيه استنبول ١٩٣١ م.

٢٠. الحموى – ياقوت. معجم البلدان. دار صادر – بيروت ١٩٦٨ م.

٢١. ابو العلاء عنيفى. التصوف: الثوره الروحيه فى الاسلام. دار المعارف. الطبعه الاولى القاهره ١٩٦٣ م.

٢٢. السيوطى (١٥٠٥/٩١١): جلالالدين عبدالرحمن بن أبى بكر. تاريخ الخلفاء. مطبعه السعاده – القاهره ١٩٥٩ م.

٢٣. السمعانی(١١٦۶/۵۶٢): عبدالکریم بن محمد. کتاب الانساب. تحقیق مرغولیوث. لیدن ١٩١٢م.
٢۴. ابن هشام. السیره النبویه. الاجزاء ١-۴. القاهره ١٩٣۶ م = ١٣۵۵ م.
٢۵. القفطی جمال الدین: اخبار العلماء با خبار الحکماء (= تاریخ الحکماء). نشره لیبزیک ١٩٠٣ و طبعه القاهره ١٩٠٨/١٣۶٢ م.
٢۶. السجستانی ابو سلیمان المنطقی: صوان الحکمه. نشره الدکتور عبد الرحمن بدوی طهران ١٩٧۴ م.
٢٧. البیهقی ظهیرالدین: تتمه صوان الحکمه. نشره محمد شفیع لاهوری ١٩٣۵ م.
٢٨. اخوان الصفاء: الرساله الجامعه. (جزآن). تحقیق و تقدیم جمیل صلیبا. مطبوعات المجمع العلمی العربی بدمشق – مطبعه الترقی ١٩۴٩ – ١٩۵١ م.
٢٩. الکیلانی الدکتور ابراهیم: ابو حیان التوحیدی. طبعه دار المعارف بمصر القاهره ١٩۵٧ م.
٣٠. الکیلانی الدکتور ابراهیم: ثلاث رسائل لمأبی حیان التوحیدی. تحقیق منشورات المعهد الفرنسی بدمشق دمشق ١٩۵١ م.
٣١. ابن الاثیر (توفی ١٢٣٨ م): عزالدین علی بن محمد. الکامل فی التاریخ. (١٢) جزء/. مطبعه التحریر (القاهره ١٨٨۵ م).
٣٢. ابو حیان التوحیدی: الاشارات الالهیه. حقق و قدم له عبد الرحمن بدوی. و کاله المطبوعات الکویت – دار القلم لبنان. الطبعه الاولی ١٩٨١ م.
٣٣. الکیلانی الدکتور ابراهیم: رسائل أبی حیان التوحیدی. مصدره بدارسه عن حیاته و آثاره و أدبه. دار طلاس للدراسات و الترجمه و النشر. الطبعه الاولی – دمشق ١٩٨۵ م.
٣۴. الکیلانی الدکتور ابراهیم: من کتاب الامتاع و الموانسه. لابی حیان التوحیدی. منشورات وزاره الثقافه و الارشاد القومی. دمشق ١٩٧٨ م.
٣۵. البغدادی (١٠٣٧/۴٢٩): ابو منصور عبد القاهر بن طاهر. الفرق بین الفرق و بیان الفرقه الناجیه منهم. نشر عزت العطار القاهره ١٩۴٨ م.
٣۶. البلاذری (٢٧٩/ ٨٩٢): احمد بن یحیی بن جابر. فتوح البلدان تحقیق رضوان محمد رضوان. المطبعه المصریه القاهره ١٩٣٢ م.
٣٧. السامرائی الدکتور عبد الله سلوم. الغلو و الفرق الغالیه فی الحضاره الاسلامیه. دار الحریه للطباعه. مطبعه الحکومه – بغداد ١٩٧٢ م.
٣٨. الاسفراینی (١٠٧٨/۴٧١): ابو المظفر محمد بن طاهر. التبصیر فی الدین و تمییز الفرقه الناجیه من الفرق الها لکین. القاهره مکتبه الخانجی ١٩۵۵ م.
٣٩. الاصفهانی (٩۶٧/٣۵۶): ابو الفرج علی بن الحسین. الاغانی (٢١ جزء). طبعه دار الکتب المصریه القاهره ١٩٢٧ – ١٩٧٠ م.
۴٠. البیرونی (١٠۴٨/۴۴٠): ابو الریحان محمد بن احمد. الآثار الباقیه عن القرون الخالیه. تحقیق ادوارد سخاو (لیبزیک ١٩٠٣ م).
۴١. ابن تیمیه (١٣٢٧/٧٢٨): شیخ الاسلام ابو العباس تقی الدین. بغیه المرتاد فی الرد علی المتفلسفه و القرامطه و الباطنیه. مطبعه کردستان. القاهره ١٨٩١ م.
۴٢. الجاحظ (٨۶٨/٢۵۵): ابوعثمان عمر بن بحر بن محبوب الکنانی. کتاب الحیوان. (٧) اجزاء.

تحقيق عبد السلام هارون. مطبعه مصطفى البابى. القاهره ١٩٤٧ م.
٤٣. الجاحظ (٨٦٨/٢٥٥): ابوعثمان عمر بن بحر بن محبوب الكنانى. البيان و التبين (٣) اجزء. تحقيق حسن السندوبى. المطبعه الرحمانيه. القاهره ١٩٣٢ م.
٤٤. ابن الجوزى (٥٩٧/١٢٠٠): الحافظ جمال الدين ابو الفرج عبد الرحمن بن على. نقد العلم و العلماء او تلبيس ابليس. المطبعه المنيريه. القاهره ١٣٤٧ ه = ١٩٢٩ م.
٤٥. ابن حزم (١٠٦٣/٤٥٦): على بن محمد بن سعيد. الفصل فى الملل و الأهواء و النحل. (٥) أجزاء المطبعه الادبيه بالقاهره ١٩٠٠-١٩٠٣ م.
٤٦. ابن خلكان (١٢٨٣/٦٨١): شمس الدين احمد بن محمد بن ابراهيم. وفيات الاعيان و أنباء الزمان. (جزءان) مطبعه السعاده. تحقيق محمد محد الدين عبد الحميد. القاهره ١٩٤٨ م.
٤٧. الخياط (عاش والقرن الرابع الهجرى): عبد الرحيم بن محمد بن عثمان. الانتصار و الرد على ابن الراوندى الملحد. تحقيق البير نادر. المطبعه الكاثوليكيه. بيروت ١٩٥٧ م.
٤٨. الدينورى (٨٩٥/٢٨٢): احمد بن داود. الاخبار الطوال. تحقيق عبد المنعم عامر. مطبعه عيسى البابى الحلبى – القاهره ١٩٦٠ م.
٤٩. الرازى (١٢٠٩/٦٠٦): فخر الدين. اعتقادات فرق المسلمين و المشركين. تحقيق على سامى النشار. مطبعه لجنه التاليف و الترجمه و النشر – القاهره ١٩٣٨ م.
٥٠. البيهقى ظهيرالدين (توفى ١١٧٠ م): تاريخ حكماء الاسلام – تحقيق محمد كرد على - مطبعه الترقى – دمشق ١٩٤٦ م.
٥١. ابراهيم مدكور: فى الفلسفه الاسلاميه منهج و تطبيقه. دار المعارف بمصر – القاهره. الثانيه ١٩٦٧ م.
٥٢. أمين (احمد): ظهر الاسلام. (أربعه أجزاء). مكتبه النهضه المصريه. القاهره ١٩٥٩ م.
٥٣. أمين (احمد): ضحى الاسلام. الطبعه السادسه. مكتبه النهضه المصريه – (فى ثلاثه أجزاء). القاهره ١٩٥٦ م.
٥٤. الشهرستانى (محمد بن عبد الكريم): الملل و النحل. تحقيق محمد سيد كيلانى. طبعه مصطفى الحلبى. القاهره ١٩٦١ م. (في مجلدين)
٥٥. الغزالى (أبو حامد): تهافت الفلاسفه. تحقيق سليمان دنيا. الطبعه. دار المعارف بمصر ١٩٥٥ م.
٥٦. الشهرستانى (عبد الكريم): نهايه الاقدام فى علم الكلام – تصحيح الفريد جيوم - أكسفورد – لندن سنه ١٩٣١ م.
٥٧. الجر: دكتر خليل. حنا الفاخورى. تاريخ الفلسفه العربيه. جزءان. دار المعارف – بيروت ١٩٥٨ م.
٥٨. التهانوى (محمد على الفاروق): كشاف إصطلاحات الفنون. طبعه كلكته سنه ١٨٩٢ م.
٥٩. أبو البركات: هبة الله على ابن ملكا البعدادى. المعتبر فى الحكمه. (٣) أجزاء. الطبعه. حيدرآباد الدكن. ١٣٥٨ ه = ١٩٤٠ م.
٦٠. احمد امين. فجر الاسلام. الطبعه الثالثه. القاهره ١٩٣٥ م.
٦١. القاسمى (جمال الدين). كتاب تاريخ الجهميه و المعتزله. القاهره ١٣٣١ ه = ١٩١٣ م.
٦٢. الفخر الرازى. اعتقادات فرق المسلمين و المشركين. تحقيق الدكتور على سامى النشار.

القاهره ١٩٣٨ م.
٦٣. الفكيكى – عبد الهادى: الشعوبيه و القوميه العربيه. مطبعه دار الكتب بيروت ١٩٦١ م.
٦٤. الدورى – عبد العزيز: الجذور التاريخيه للشعوبيه. منشورات دار الطليعه – بيروت ١٩٦٢ م.
٦٥. الدجيلى – عبد الصاحب: الشعوبيه. الطبعه الثانيه. مطبعه القضاء – النجف ١٩٦٠ م.
٦٦. أبو حيان التوحيدى: الاشارات الالهيه. حققه و قدم له الدكتور عبد الرحمن بدوى الجزء الأول مطبعه جامعه فواد الاول القاهره ١٩٥٠ م.
٦٧. الاعسم الدكتور عبد الامير: ابن الريوندى و المراجع العربيه الحديثه. منشورات دار الآفاق الحديده بيروت: المجلد الاول ١٩٧٨ م. المجلد الثانى ١٩٧٩ م.
٦٨. الاعسم الدكتور عبد الامير: تاريخ ابن الريوندى الملحد. منشورات دار الآفاق الجديده بيروت ١٩٧٥ م.
٦٩. ابو حيان التوحيدى: رساله الصداقه و الصديق. عنى بتحقيقها و التعليق عليها الدكتور ابراهيم الكيلانى. دار الفكر. دمشق ١٩٦٣ م.
٧٠. ابو الحسن على المسعودى. مروج الذهب و معادن الجوهر. الاجزاء ٢ – ٣ – ٤. الطبعه الاولى (أوفست). بيروت ١٩٦٥ م.
٧١. البير نادر: اهم الفرق الاسلاميه و الكلاميه. المطبعه الكاثوليكيه – بيروت ١٩٥٨ م.
٧٢. المعرى (١٠٢٧/٤٤٩): ابو العلاء احمد بن عبد الله بن سليمان بن محمد. رساله الغفران. تحقيق بنت الشاطى. القاهره ١٩٦١ م.
٧٣. المسعودى (٩٥٧/٣٤٦): ابو الحسن على بن الحسين بن على. التنبيه و الاشراف. دار الصاوى للطباعه و النشر – القاهره ١٩٣٨ م.
٧٤. ابن كمال پاشا (١٥٣٣/٩٤٠):رساله فى تحقيق لفظ زنديق و توضيح معناه لغة و شرعا و بيان حكمه – تحقيق حسين على محفوظ – مجله كليه الآداب. العدد الخامس – بغداد ١٩٦٢ م.
٧٥. القاسم بن ابراهيم (٨٦٠/٢٤٦): كتاب الرد على الزنديق اللعين ابن المقفع. روما ١٩٢٧م
٧٦. أبو حيان التوحيدى: رساله الحياه. نشره الدكتور ابراهيم الكيلانى ضمن ( ثلاث رسائل لأبى حيان التوحيدى). الرساله الثالثة. (بيروت ١٩٥١ م).
٧٧. أبو حيان التوحيدى: ذم الوزيرين. نشر تحت عنوان "مثالب الوزيرين" عنى. تحقيقه الدكتور ابراهيم الكيلانى دار الفكر دمشق ١٩٦١ م. - "اخلاق الوزيرين" مطبوعات المجمع العلمى العربى. دمشق ١٩٦٥/١٣٨٥ م.
٧٨. أبو حيان التوحيدى: البصائر و الذخائر. حققه و علق عليه احمد امين و احمد صقر. الجزء الاول لجنه التاليف و الترجمه و النشر القاهره ١٣٧٣ – ١٩٥٣ م. عنى بتحقيقه و التعليق عليه الدكتور ابراهيم الكيلانى (نشره كامله). مكتبه طلس و مطبعه الارشاد. دمشق ١٩٦٤-١٩٦٦م.
٧٩. أبو حيان التوحيدى: ثلاث رسائل. عنى بتحقيقها و نشرها الدكتور ابراهيم الكيلانى. منشورات المعهد الفرنسى للدراسات العربيه فى دمشق. بيروت ١٩٥١ م.
٨٠. ابن حزم. الرد على ابن النغريله اليهودى و رسائل أخرى. (تحرير احسان عباس). القاهره (مكتبه دار العروبه) ١٩٦٠ م.

٨١. ابو الحسن الاشعرى. اللمع فى الرد على أهل الزيغ و البدع. بيروت (المطبعه الكاثوليكيه) ١٩٥٢ م.
٨٢. ابن مسكويه. تجارب الامم و تقارب الهمم. (اجزاء متفرقه). أكسفورد ١٩٣٠-١٩٢١ م.
٨٣. الغزالى (١١١١/٥٠٥): ابو حامد محمد بن محمد. فضائح الباطنيه – تحقيق الدكتور عبدرحمن بدوى – القاهره ١٩٦٤ م.
٨٤. ابن الطقطقى (١٣٠٩/٧٠٩): فخر الدين محمد بن على بن طباطبا. الفخرى فى الآداب السلطانيه و الدول الاسلاميه. مطبعه محمد على صبيح و اولاده- القاهره بدون تاريخ.
٨٥. الحوفى احمد محمد: ابو حيان التوحيدى. (جزآن). القاهره ١٩٥٧ م. الطبعه الثانيه (مجلد واحد). القاهره ١٩٦٤ م.
٨٦. الخياط. الانتصار و الرد على ابن الراوندى الملحد. تحقيق الدكتور نيبرج القاهره ١٩٤٥ م.
٨٧. ابو حيان التوحيدى: الادب و الانشاء فى الصداقه و الصديق. المطبعه الشرقيه. القاهره ١٣٢٣ – ١٩٠٥ م.
٨٨. احسان عباس. الدكتور: ابو حيان التوحيدى. الطبعه الثانيه. بيروت ١٩٦٣ م.
٨٩. احمد عبد الهادى. ابو حيان التوحيدى: فيلسوف الادباء و أديب الفلاسفه. دار الثقافه للنشر و التوزيع. القاهره ١٤٢٢ ه = ٢٠٠١ م.
٩٠. المقفع عبد الله. آثار ابن المقفع (كليله و دمنه الادب الكبير. الادب الصغير. رساله فى الصحابه و ...) دارالكتب العلميه بيروت ١٤٠٩ ه – ق = ١٩٩٠ م.
٩١. ابو حيان التوحيدى: المقابسات نشره محمد توفيق حسين. مطبعه الارشاد. بعداد ١٩٧٠ – نشره حسن السندوبى. المطبعه الرحمانيه بمصر. القاهره ١٩٢٩/١٣٤٧ م.
٩٢. ابو حيان التوحيدى: الامتاع و الموانسه. صححه و ضبطه و شرح غريبه احمد امين و احمد الزين لجنه التاليف و الترجمه و النشر القاهره ١٩٣٩ – ١٩٤٤ م.
٩٣. السامرايى عبد الله سلوم. الشعوبيه حركه مضاده للاسلام و الامه العربيه. بغداد ١٩٨١ م.
٩٤. أبو عثمان عمر بن بحر الجاحظ. الحيوان. الجزء الاول. الطبعه الاولى (اوفست). القاهره ١٩٦٨م
٩٥. ابو عثمان عمرو بن بحر الجاحظ. البيان و التنيين. ١ – ٢. الطبعه الاولى. القاهره ١٣٤٥ – ١٩٢٦ م.
٩٦. اليعقوبى احمد بن يعقوب المعروف بالواضح. تاريخ اليعقوبى. الاجزاء ١ – ٣. النجف ١٣٨٤ - ١٩٦٤ م.
٩٧. ابن قتيبه الدينورى. المعارف. الطبعه الاولى. ١٣٥٣ / ١٩٣٤ م.
٩٨. ابو عبد الله الزنجانى. تاريخ القرآن. طهران ١٣٨٧ / ١٩٦٧ م.
٩٩. بدوى الدكتور عبد الرحمن. من تاريخ الالحاد فى الاسلام. بيروت ١٩٨٠ م.
١٠٠. بدوى عبد الرحمن. مذاهب الاسلاميين. (جزآن). بيروت ١٩٧٣ م.
١٠١. بن نبى مالك. مشكله الأفكار فى العالم الاسلامى. القاهره ١٩٧١ م.
١٠٢. بدوى (دكتر عبد الرحمن): دورالعرب فى تكوين الفكر الاوربى. منشورات دارالآداب - بيروت ١٩٦٥ م.
١٠٣. بروكلمان - كارل: تاريخ الشعوب الاسلاميه. (٥) أجزاء. ترجمه نبيه فارس و منير البعلبكى.

دار العلم للملايين – بيروت ١٩٦٠ م.
١٠٤. بديع شريف: الصراع بين العرب و الموالى – دارالكتاب العرب. القاهره ١٩٥٤ م.
١٠٥. باقلانى. التمهيد فى الرد على الملحده و المعطله و الرافضه و الخوارج و المعتزله. القاهره. ١٣٦٦ / ١٩٤٧ م.
١٠٦. توفيق الطويل (الدكتور): قصه النزاع بين الدين و الفلسفه – مكتبه مصر – دارالنهضه العربيه. الطبعه الثانيه ١٩٥٨ م.
١٠٧. جرجى زيدان. تاريخ التمدن الاسلامى. (فى خمسه الاجزاء). مصر ١٩٥٨ م.
١٠٨. جوزى بندلى. من تاريخ الحركات الفكريه فى الاسلام. ١٩٨١ م.
١٠٩. جبور عبد النور. اخوان الصفاء – سلسله نوابغ الفكر العربى. (٧). دارالمعارف بمصر - القاهره ١٩٦١ م.
١١٠. جمال الدين الافغانى: الرد على الدهريين. ترجمه محمد عبده من الفارسية الى العربية.
١١١. حنا الفاخوري/خليل الجر. تاريخ فلسفه در جهان اسلام. تهران ١٣٧٧
١١٢. دى بور: تاريخ الفلسفه فى الاسلام – ترجمه الدكتور محمد عبد الهادى أبو ريده – لجنه التاليف و الترجمه و النشر. الطبعه الثالثه – القاهره ١٩٥٤ م.
١١٣. زكريا ابراهيم (الدكتور): ابو حيان التوحيدى. أديب الفلاسفه و فيلسوف الادباء. سلسله اعلام العرب. العدد (٣٥). مكتبه مصر – القاهره ١٩٦٤ م.
١١٤. سيد قطب. معالم فى الطريق. بيروت دار الشرق ١٩٨٣ م.
١١٥. طه حسين. مع أبى العلاء فى سجنه. القاهره (مطبعه المعارف). ١٩٤٤ م.
١١٦. طه الهاشمى. تاريخ الاديان و فلسفتها. الطبعه الاولى. بيروت ١٩٦٣ م.
١١٧. ظهير الدين البيهقى. حكماء الاسلام. (عنى بنشره محمد كرد على). دمشق (المجمع العلمى العربى). ١٣٦٥ ه. = ١٩٣٦ م.
١١٨. عارف تامر. القرامطه: أصلهم نشاتهم تاريخهم. بيروت بدون تاريخ.
١١٩. على مصطفى الغرابى. تاريخ الفرق الاسلاميه و نشاه علم الكلام عند المسلمين. مطبعه السعاده بالقاهره – ١٩٤٨ م.
١٢٠. عمر فروخ. اخوان الصفا. بيروت ١٣٧٣ ه. = ١٩٥٣ م.
١٢١. عمر فروخ – الدكتور. تاريخ الجاهليه. بيروت (دارالعلم للملايين) ١٩٦٤ م.
١٢٢. عمر فروخ: اخوان الصفاء – بيروت – مكتبه منيمنه ١٩٤٥ م.

١٢٣. على ادهم: الجمعيات السريه – سلسله اقرأ رقم (١٣٨) مصر – دارالمعارف – يونيو ١٩٥٤ م.
١٢٤. عارف تامر: خمس رسائل أسماعيليه (محقق) – بيروت. لبنان – منشورات دارالانصاف ١٩٥٦ م
١٢٥. عارف تامر: جامعه الجامعه لاخوان الصفاء و خلان الوفاء. تحقيق و تقديم عارف تامر.بيروت – دارالنشر للجامعيين - ١٩٥٩ م.
١٢٦. عارف تامر: حقيقه اخوان الصفاء – بيروت – المطبعه الكاثوليكيه – ١٩٥٧ م.
١٢٧. عبدالرحمن بدوى. من تاريخ الالحاد فى الاسلام. القاهره. (مكتبه النهضه المصريه) ١٩٤٥ م.

## 2. Адабиёти форсӣ


۱. آریانفر، شمس الحق. شخصیتهای کلان افغانستان. کابل: انتشارات میوند. ۱۳۸۷ ه. = ۲۰۰۹ م.

۲. ۱۳. آموزگار ژاله و تفضلی احمد. اسطوره زندگی زردشت. تهران: نشر چشمه و آویشن ۱۹۹۷/۱۳۷۵

۳. اخوان الصفاء. گزیده متن رسائل اخوان الصفاء و خلان الوفاء. ترجمه و نگارش دکتر علی اصغر حلبی. کتابفروشی زوار تهران ۱۳۶۰ = ۱۹۸۲ م.

۴. اخوان الصفاء. دادخواهی حیوانات نزد پادشاه پریان از ستم آدمیان. ترجمه عبدالمحمد آیتی. نشر نی تهران ۱۳۸۲ = ۲۰۰۴ م.

۵. ارداویراف نامه یا بهشت و دوزخ مزدیسنی. ترجمه و مقدمه دکتر رحیم عفیفی مشهد ۱۹۶۳/۱۳۴۲

۶. ابن جوزی. تلبیس ابلیس. تهران ۱۳۶۸ = ۱۹۹۰ م.

۷. ارتور کریستن سن. مزدپرستی در ایران قدیم. تهران - ۱۹۵۸ م.

۸. اریش قرام. گریز از آزادی. چاپ ششم. ۱۳۷۰ ش. = ۱۹۹۲ م.

۹. ابراهیم دینانی غلامحسین. قواعد کلی فلسفی در فلسفه اسلامی. جلد ۱ – ۳ تهران موسسه مطالعات و تحقیقات فرهنگی ۱۳۶۶ ش. = ۱۹۸۸ م.

۱۰. بهاءالدین خرمشاهی. فرار از فلسفه. (زندگی نامه خودنوشت فرهنگی). نشر جامی چاپ اول تهران ۱۳۷۷ ش. = ۱۹۹۸ م. (۷۱۹ ص.)

۱۱. باقر پرهام. با نگاه فردوسی: مبانی نقد خرد سیاسی در ایران. نشر مرکز. تهران. ویرایش دوم. ۱۳۷۷ = ۱۹۹۹ م.

۱۲. بلعمی – ابو علی محمد بن عبدالله بلعمی. تاریخ بلعمی. تصحیح محمد تقی بهار به کوشش محمد پروین گنابادی تهران ۱۹۶۳/۱۳۴۱ م.

۱۳. بویس مری. تاریخ کیش زرتشت. ترجمه همایون صنعتی زاده تهران: انتشارات توس ۱۳۷۴ – ۲۰۰۶ م.

۱۴. بهار مهرداد. ادیان آسیایی. تهران: نشر چشمه ۱۳۷۵ – ۱۹۹۷ م.

۱۵. پوپر، کارل. آزادی و مسؤلیت روشنفکران. ترجمه کوروش زعیم. تهران: انتشارات ایران مهر. ۱۳۷۹ = ۲۰۰۱ م.

۱۶. پورداود، ابراهیم. أناهتا. مقالات ایرانشناسی. تهران: ۱۳۸۰ ه. = ۲۰۰۲ م.

۱۷. جواد هروی. تاریخ سامانیان: عصر طلائی ایران بعد از اسلام. امیر کبیر. تهران ۱۳۸۰ ه. = ۲۰۰۲ م.

۱۸. جوئل. ل. کرمر. احیای فرهنگی در عصر آل بویه: انسان گرائی در عصر رنسانس اسلامی - ترجمه محمد سعید حنایی کاشانی. مرکز نشر دانشگاهی. تهران ۱۳۷۵ = ۱۹۹۷ م.

۱۹. جرجی زیدان. ابو مسلم خراسانی. ترجمه محمد علی شیرازی. تهران چاپ پنجم ۱۹۶۱ م.

۲۰. حکمت علی اصغر. تاریخ ادیان. تهران: انتشارات ابن سینا ۱۳۴۵ – ۱۹۶۷ م.

۲۱. حسین توفیقی. آشنایی با دیان بزرگ. تهران – قم چاپ هشتم ۱۳۸۵ = ۲۰۰۷ م.

۲۲. حنا الفاخوری. ابن المقفع. ترجمه عبد الهادی حائری. ۱۳۴۱ = ۱۹۶۳ م. بدون جا

۲۳. خاتمی، سید محمد. آئین و اندیشه در دام خودکامگی. تهران: ۱۳۷۸ = ۲۰۰۰ م.

۲۴. خراسانی (شرف) دکتر شرف الدین. نخستین فیلسوفان یونان. چاپ دوم تهران سازمان انتشارات و آموزش انقلاب اسلامی. ۱۳۷۰ ش. = ۱۹۹۲ م.

۲۵. خیاطه سلیم: ابن راوندی فیلسوف بزرگ پارسی. (ترجمه وحید؟). مجله ارمغان (طهران ۱۹۳۱ م) مجلد ۱۲ شماره ۱۱.

۲۶. داوری رضا. ناسیونالیسم حاکمیت ملی و استعقلال. (اصفهان: انتشارات پرورش ۱۹۶۷/۱۳۴۶ م.)

۲۷. داریوش شایگان و هانری کاربن. آفاق تفکر معنوی در اسلام ایرانی. ترجمه باقر پرهام. تهران ۱۳۷۳ = ۱۹۹۵ م.

۲۸. دین شاه ایرانی. اخلاق ایران باستان. تهران ۱۳۳۴ = ۱۹۵۶ م.

۲۹. دیورانت، ویل. تاریخ تمدن (عصر ایمان تمدن اسلامی). جلد ۲، تهران: ۱۹۶۴/۱۳۴۳ م.

۳۰. دائرة المعارف بزرگ اسلامی. جلد ۵. تهران: ۱۳۸۳ = ۲۰۰۵ م.

۳۱. ذبیح الله صفا. تاریخ علوم عقلی در اسلام. تهران ۱۳۳۱ – ۱۹۵۲ م.

۳۲. ذبیح الله صفا. تاریخ ادبیات در ایران. تهران ۱۳۳۵ – ۱۹۵۶ م.

۳۳. ذبیح الله صفا. حماسه سرایی در ایران. تهران. ۱۳۳۵ – ۱۹۵۶ م.

۳۴. رادمنش دکتر عزت الله. سبکهای تاریخی و نظریه های نژادی تاریخ. انتشارات کویر. چاپ اول. ۱۳۷۰ – ۱۹۹۲ م.

۳۵. راوندی، مرتضی. تاریخ اجتماعی ایران. جلد ۲، تهران: ۲۵۳۶

۳۶. رستم شهرزاد. جهانبینی زردشتی. تهران ۱۳۷۹ = ۲۰۰۱ م.

۳۷. رضایی، عبد العظیم. اصل و نصب. تهران: ۱۳۷۲ ش. = ۱۹۹۴ م.

۳۸. رضی هاشم. گنجینه اوستا. تهران ۱۹۷۰/۱۳۴۸ م.
۳۹. رضی هاشم. ادیان بزرگ جهان. تهران ۱۹۶۵/۱۳۴۴ م.
۴۰. رضی هاشم. زرتشت پیامبر ایران باستان. چاپ هشتم: انتشارات بهجت ۱۳۸۸ خورشیدی = ۲۰۱۰ میلادی. – ۲۷۹ ص. (چاپ اول ۱۳۸۰ = ۲۰۰۱ م.)
۴۱. رضی – هاشم. حکمت خسروانی. تهران ۲۰۰۱ م.
۴۲. رضی – هاشم. جشنهای آب. تهران: انتشارات بهجت، ۱۳۸۳ = ۲۰۰۵ م.
۴۳. رضی هاشم. دانشنامه ایران باستان. جلد دوم تهران سخن ۱۳۸۱ ش. = ۲۰۰۳ م.
۴۴. رضی (هاشم): اوستا – کهن ترین گنجینه مکتوب ایران باستان. انتشارات بهجت – چاپ هفتم ۱۳۸۸ = ۲۰۰۹ م.
۴۵. زنر ر – س. طلوع و غروب زردشتی گری. ترجمه تیمور قادری. تهران: انتشارات فکر روز ۱۳۷۵ = ۱۹۹۷ م.
۴۶. زرین کوب عبدالحسین. در قلمرو وجدان. تهران انتشارات سروش ۱۳۷۵ – ۱۹۹۷ م.
۴۷. زردشت نیچه کیست؟ تهران ۱۳۷۸ = ۲۰۰۰ م.
۴۸. سروپالی راداکریشنان. تاریخ فلسفه شرق و غرب. جلد اول ترجمه خسرو جهانداری تهران سازمان انتشارات و آموزش انقلاب اسلامی ۱۳۶۷ ش. = ۱۹۸۹ م.
۴۹. سروش عبدالکریم. رازدانی و روشنفکری و دینداری. انتشارات طلوع آزادی. تهران ۱۳۷۹ ش. = ۲۰۰۰ م. (۳۴۰ ص.)
۵۰. سید حسین نصر. معارف اسلامی در جهان معاصر. تهران ۱۳۴۷ = ۱۹۶۹ م.
۵۱. سن آرتور کریستن. ایران در زمان ساسانیان. ترجمه رشید یاسمی. تهران دنیای کتاب ۱۳۷۲ ش. = ۱۹۹۴ م.
۵۲. طبری احسان. برخی بررسیها در باره جهانبینیهای اجتماعی در ایران. تهران ۱۹۷۰/۱۳۴۸ م.
۵۳. عبدالرفیع حقیقت (رفیع). ایران از دیدگاه علامه محمد اقبال لاهوری. چاپ اول ۱۳۶۷ – ۱۹۸۹ م.
۵۴. عبدالرفیع حقیقت (رفیع). تاریخ نهضتهای فکری ایرانیان – از کهن ترین زمان تاریخی تا پایان دوره قاجاریه در ۲ جلد و ۶۲۰۰ صفحه. از سال ۱۳۴۷ تا ۱۳۶۸ (۱۹۶۹ – ۱۹۹۰ م.) تهران.
۵۵. عبدالرفیع حقیقت (رفیع). تاریخ نهضتهای ملی ایران. در دو جلد. جلد اول (از حمله تازیان تا ظهور صفاریان). تهران چاپ اول سال ۱۳۴۸ خورشیدی = ۱۹۷۰ م. (۶۵۶ ص.)
۵۶. عبدالرفیع حقیقت (رفیع). تاریخ نهضتهای ملی ایران. (جلد دوم: از سوگ یعقوب لیس تا سقوط عباسیان) چاپ اول سال ۱۳۵۴ = ۱۹۷۶ م. تهران.
۵۷. عبدالرفیع حقیقت (رفیع). تاریخ علوم و فلسفه ایرانی: از جاماسب حکیم تا حکیم سبزواری چاپ اول. سال ۱۳۷۲ خورشیدی = ۱۹۹۴ م. تهران: انتشارات قومیس (۸۸۸ ص.)
۵۸. غلام حسین دینانی. دفتر عقل و آیت عشق. جلد ۲. تهران: ۱۳۸۱ = ۲۰۰۳ م.

۵۹. غلام حسین ابراهیمی دینانی. شعاع اندیشه و شهود در فلسفه سهروردی. انتشارات حکمت – اسفندماه ۱۳۴۶ – ۱۹۶۸ م.
۶۰. غلام حسین ابراهیمی دینانی. ماجرای فکر فلسفی در جهان اسلام. (۳ جلد). طرح نو. تهران بلا تاریخ.
۶۱. غلامرضا انصاف پور. روند نهضتهای ملی و اسلامی در ایران: از اسلام تا یورش مغول. تهران ۱۳۵۹ – ۱۹۸۱ م. سازمان انتشارات و آموزش انقلاب اسلامی. (۶۴۳ ص.)
۶۲. فرهنگ رجائی. معرکه جهان بینی ها. در خردورزی سیاسی و هویت ما ایرانیان. شرکت انتشارات احیاء کتاب ۱۹۹۴/۱۳۷۳ م.
۶۳. فردوسی ابوالقاسم. شاهنامه. به کوشش ژول مول. تهران ۱۹۶۶/۱۳۴۵ م.
۶۴. فرای ریچارد. میراث باستانی ایران. ترجمه مسعود رجب نیا. تهران ۱۹۶۵/۱۳۴۴ م.
۶۵. قرضاوی، یوسف. بیداری اسلامی و بحران هویت. ترجمه عبد العزیز سلیمی. سنندج-ایران. ۱۳۷۸ = ۲۰۰۰ م.
۶۶. قزوینی محمد بن عبدالوهاب: شرح حال ابی سلیمان منطقی سجستانی. طهران ۱۹۳۳ م.
۶۷. قاسم غنی. تاریخ تصوف در اسلام. تهران ۱۳۴۰ – ۱۹۶۱ م.
۶۸. کاربن، هانری. تاریخ فلسفه اسلامی. تهران: ۲۰۰۸/۱۳۷۷ م.
۶۹. کارنوی. اساطیر ایرانی. ترجمه دکتر احمد طباطبایی. تبریز ۱۹۶۲//۱۳۴۱ م.
۷۰. کرمانی، ناظم الاسلام. تاریخ بیداری ایرانیان. تهران: انتشارات امیر کبیر. ۱۳۶۳ = ۱۹۸۵ م.
۷۱. کریستنسن آرتور. سلطنت قباد و ظهور مزدک. ترجمه احمد بیرشک. تهران کتابخانه طهوری ۱۳۷۴ = ۱۹۹۵ م.

۷۲. کریشنان رادها. ادیان شرق و فکر غرب. ترجمه رضازاده شفق. تهران: انتشارات دانشگاه تهران ۱۳۴۴ – ۱۹۶۶ م.
۷۳. گاست جوزه اورتگا. طغیان توده ها. ترجمه داوود منشی زاده (تهران: سومکا ۱۹۵۵/۱۳۳۴ م.)
۷۴. گیمن دوشن. دین ایران باستان. ترجمه رویا منجم تهران: انتشارات فکرروز ۱۳۷۵ = ۱۹۹۶ م.
۷۵. محمد اقبال لاهوری. سیر فلسفه در ایران. ترجمه دکتر امیر حسین آریان پور انتشارات نگاه ۱۳۸۰ = ۲۰۰۲ م.
۷۶. محمد جواد صاحبی. اندیشه اصلاحی در نهضتهای اسلامی. چاپ اول ۱۳۷۶ – ۱۹۹۸ م. دفتر تبلیغات اسلامی. قم. (۳۶۸ ص.)
۷۷. ملک الشعراء بهار. تاریخ مختصر احزاب سیاسی ایران. تهران ۱۳۲۱ – ۱۹۴۲ م.
۷۸. م. جوانشیر (فرج الله میزانی). حماسه داد: بحثی در محتوای سیاسی شاهنامه فردوسی. (تهران: حزب توده ۱۹۸۰/۱۳۵۹ م.)
۷۹. محمد اقبال لاهوری. احیای فکر دینی در اسلام. ترجمه احمد آرام. (تهران کانون نشر و پژوهشهای اسلامی ۱۹۶۷/۱۳۴۶ م.
۸۰. محمد محمدی. فرهنگ ایران پیش از اسلام و آثار آن در تمدن اسلامی و ادبیات عربی، چاپ سوم، انتشارات توس. تهران. ۱۳۷۴ ش. = ۱۹۹۶ م.
۸۱. مشکور محمد جواد. گفتاری در بار دینگرد. تهران ۱۹۴۶/۱۳۲۵ م.
۸۲. ممتحن حسینعلی. نهضت شعوبیه. جنبش ملی ایرانیان در برابر خلافت اموی و عباسی. چاپ اول ۱۹۷۶ م. چاپ سوم شرکت انتشارات علمی و فرهنگی ۱۳۸۵ = ۲۰۰۸ م. (۳۹۰ ص.)
۸۳. مهربان خداوندی. شناخت زردشت. تهران ۱۳۷۱ = ۱۹۹۳ م.
۸۴. محمد رشاد. فلسفه از آغاز تاریخ. جلد اول. تهران. ۲۵۳۳ شاهنشاهی.
۸۵. محمد اقبال لاهوری. سیر فلسفه در ایران. ترجمه آریان پور. تهران ۱۳۸۰ = ۲۰۰۲ م.
۸۶. محمود رضا افتخارزاده. شعوبیه یا ناسیونالیسم ایرانی. طهران ۱۳۶۶ ش. = ۱۹۸۸ م.
۸۷. نجاح عطاء الطایی. سیر اندیشه ملی گرایی در جهان اسلام. تهران: ۱۳۶۹ = ۱۹۹۱ م.
۸۸. نیبرگ هنریک ساموئل. دینهای ایران باستان. ترجمه دکتر سیف الدین نجم آبادی. مرکز ایرانی مطالعه فرهنگها – تهران ۱۳۵۹ – ۱۹۸۱ م.
۸۹. ویل دیورانت. تاریخ تمدن (عصر ایمان تمدن اسلامی). جلد ۲ – تهران ۱۳۴۳ – ۱۹۶۴ م.
۹۰. ویدن گرن گئو. دین های ایرانی. ترجمه منوچهر فرهنگ تهران: انتشارات آگاهان ایده ۱۳۷۷ = ۱۹۹۹ م.
۹۱. هوشنگ مهرگان. جهان بینی ایرانی. دفتر اول. جهان بینیهای کهن ایرانی. تبریز ۱۳۵۱ ش. = ۱۹۷۳ م.

### 3. Адабиёти тоҷикӣ


1. Абдуллоев Ш. Маорифпарварӣ ва озодфикрӣ. (Афкори динию фалсафӣ ва ислоҳии Аҳмади Дониш).Душанбе, 1994. 150 с.

2. Абдухолиқ Набиев. Тасвири олами ботинии инсон. Адиб, 1987.

3. Авесто ва тамаддуни ҷаҳонӣ. Душанбе, 2001.

4. Арабзода Н. Носири Хусрав: Таҳқиқи назариёти фалсафӣ. Душанбе: Маориф, 1994.

5. Аҳмади Дониш. Рисола ё мухтасаре аз таърихи салтанати хонадони манғития. Душанбе: Сарват, 1992. 99 с.

6. Ғафуров Б. Тоҷикон. Таърихи қадимтарин, қадим ва асри миёна. Душанбе: Ирфон, 1998. 1120 с.

7. Дарси хештаншиносӣ. Дафтари дуюм. Душанбе, Ирфон. 1991. 400 с.

8. Дарси хештаншиносӣ. Маҷмӯаи мақолаҳо. Душанбе, Ирфон. 1989. 272 с.

9. Диноршоев М. Аз таърихи фалсафаи тоҷик. (Бо ҳуруфи форсӣ). Душанбе: Ирфон, 1988.

10. Додихудоев Х. Исмоилия ва озодандешии Шарқ. Душанбе: Ирфон, 1989.

11. Додихудоев Х. Мазҳабҳои мусулмонӣ. Душанбе, 1967.

12. Ёрмуҳаммад Ниёзӣ. Моделҳои худшиносии инсон, ё рушди шахсияти солим (Васоити таълимӣ аз маҷмӯи фанҳои гуманитарӣ). Душанбе, Ирфон-2009. 164с

13. Ёрмуҳаммад Ниёзӣ. Назари муҳаққиқони муосири араб ба фалсафаи Ибни Сино. Душанбе, «Ирфон», 2008, 312 с.

14. Зоҳидов Н. Насри арабизабони адабиёти форсу тоҷик дар асрҳои VIII-IX. Хуҷанд: Нури маърифат. 2004. 402 с.

15. Зоҳидов Н. Адабиёти арабизабони форсу тоҷик аз истилои араб то аҳди Сомониён. Хуҷанд. 1999.

16. Ибни Қурбон. Фавоҳиш ва раҳоиш. Душанбе: Эрграф, 2003. 200 с.

17. Иброҳим Умарзода. Ориён. Интишороти Суруш, чопи аввал, Душанбе-2002. 201 с.

18. Комил Бекзода ва Мирбобо Мирраҳимов. Саҳифаҳо аз таърихи озодандешӣ. Душанбе, «Дониш», 1986.

19. Комил Бекзода. Аз таърихи худшиносии тоҷикон. (Аз пайдоиши ислом то охири даврони Сомониён). Душанбе: «Дониш», 2006, 148 с.

20. Комил Бекзода. Бозгашти Ҷамшед. (Мубоҳисаи Марг бо Зиндагӣ). Маҷаллаи «Шоҳроҳи Ваҳдат», (дар шаш шумора). 2004. Душанбе.

21. Комил Бекзода. Гурез аз Хайём! Душанбе, Нашриёти «Нодир», 2002. 136 с.

22. Комил Бекзода. Ояндаи равшанфикрони миллӣ. Рӯзномаҳои «Мино» ва «Пайкон», Душанбе, солҳои 2009-2010.

23. Комил Бекзода. Паёмбарони фарҳанги мо. (Ҷилди аввал). Нашриёти «Нодир», Душанбе, 2000. 126 с.

24. Мақсудов Х.А. Шуубия аз нигоҳи адибони араб. //Индо-арабская филология. Сборник научных трудов. ТГНУ. Душанбе, 1992. С.144-148

25. Мирзо Шукурзода. Тоҷикон дар қаламрави Ориёно. Душанбе, «Деваштич». 2007, 478 с.

26. Мирзозода Холиқ. Ақидаҳои зиддидинӣ дар адабиёти тоҷик. Душанбе. Ирфон, 1966. 252 с.

27. Музаффарӣ М. Антропологияи ориёӣ. Душанбе, 2006. 123с.

28. Муҳаммад Ғоибов. Аз таърихи равшангарии Тоҷикистон ва Афғонистон. Нашриёти Ирфон. Душанбе, 1989, 205 с.

29. Муҳаммад Рашшод. Фалсафа аз оғози таърих. Душанбе, ҷилди.1, 1995.

30. Муҳаммад Ҳусайни Мардонӣ – Навкандӣ. Фалсафаи Нитше дар муқоиса бо сарчашмаҳои муосир. Теҳрон-Душанбе. 2010 – 194 саҳ.

31. Муҳаммадаминов А. Ислом-нурбахши адабиёт ва фарҳанг. Ҷилди 1. Душанбе: Сино, 2004. 214 с.

32. Муҳаммадқул Ҳазратқулов. Ориёиҳо ва тамаддуни ориёӣ. Душанбе.2006.

33. Муҳаммадҷон Шакурии Бухороӣ. Фитнаи инқилоб дар Бухоро. (Аббос Алиев). Душанбе: Шуҷоиён, 2010. 140 с.

34. Муҳаммадҷон Шакурии Бухороӣ. Хуросон аст, ин ҷо. (Маънавият, забон ва эҳёи миллии тоҷикон). Нашри дуввум. Душанбе «Дониш», 2009, 415 с.

35. Мӯъминҷонов Ҳ. Тӯрон – гаҳвораи тамаддуни ориёӣ. Душанбе, 2004.

36. Муъминзода Х. Зардушт ва ойини ў. Душанбе, 1993. (Дар ду ҷилд).

37. Назри Яздонӣ. Ҳикмати Озодагон. (Нашри дуввум). Душанбе, 2009. 276 саҳ.

38. Негматов Н.Н. Давлати Сомониён: тоҷикон дар асрҳои IX-X. Душанбе: Ирфон: 1989. 304 с.

39. Носири Хусрав. Ваҷҳи дин. Душанбе, 2003.

40. Одинаев Ё. Қуръон: Таълимоти фалсафӣ, ахлоқӣ ва эстетики он. Душанбе: Маориф, 1992.

41. Олимов К. Ҷаҳонбинии Абдуллоҳи Ансорӣ. Душанбе, Дониш, 1988. 132 с.

42. Риёҳӣ, Муҳаммадамин. Фирдавсӣ (Зиндагӣ, андеша ва шеъри ӯ). Баргардон аз форсӣ ба кириллӣ. Дорои Дӯст. Душанбе, «Шуҷоиён», 2010, 338 с.

43. Осимӣ М. Пайдоиш ва ташаккули тафаккури фалсафӣ. Душанбе, 1970.

44. Раҷабов М. Аз таърихи афкори иҷтимоию хаёлии Шарқ. Душанбе, 1998.

45. Раҳмонов Э.Ш.Тоҷикистон: чаҳор соли истиқлолият ва худшиносӣ. Душанбе: Ирфон, 1995-208 с.

46. Раҳнамо А. Ҳизби динӣ ва давлати дунявӣ. Душанбе, 2008. 226 с.

47. С.Айнӣ. Таърихи инқилоби фикрӣ дар Бухоро. Теҳрон, Суруш, 1381-2003. С.Айнӣ .Куллиёт, ҷ.14. бо хатти кириллӣ.

48. Сироҷов Ф. Масъалаҳои фалсафаи ҳастӣ дар «Наҷот»-и Ибни Сино. Душанбе, 1980.

49. Султон Умарбек. Муосирони Абуалӣ Ибни Сино. Душанбе: Дониш, 1980.

50. Фалсафа дар аҳди Сомониён. Душанбе: Дониш, 1999.

51. Ҳазратқулов М. Эътиқод ва анъанаҳои бостонии Аҷам. Душанбе: Ирфон, 1986.

52. Ҳамадонӣ, Мир Сайидалӣ. Футувватнома. Ба кӯшиши Абдуҷаббор Раҳмонов. Душанбе, 1995.

53. Турсунов Акбар, Эҳёи Аҷам. Душанбе. Ирфон, 1984.

54. Ҳансбергер А. С. Носири Хусрав – лаъли Бадахшон. Душанбе: Нодир, 2003 – 228 саҳ.

55. Шакурӣ М. Истиқлол ва худшиносии иҷтимоиву маънавӣ. Душанбе, 1999. -160 с.

56. Шамолов А.А. Ҳуҷҷатулислом Ғаззолӣ: Андешаҳои иҷтимоӣ ва сиёсӣ. Душанбе: Дониш, 1996.

57. Шаҳобуддинов С. Х. Тарҷима ва муқаддимаи «Қонуни тиб»-и Абуали ибни Сино. Душанбе: ТНЭ, 1991.

58. Шерзод Абдуллозода. Фалсафаи одамият. Душанбе: Дониш, 2003, 160 с.

## 4. Адабиёти русӣ


1. Абаев В.И.Мифи история в Готах Зороастра//Историко – филологические исследования. М. 1974.

2. Абаев В.И. Скифский быть и реформа Зороастра.//Archiv orientaini Praha. 1956, XX IV,1.

3. Агаев А.Г. Нация и её сущности и самосознание // Вопросы истории 1967, №7.

4. Алексеев В.П. Становление человечества. М.: Политиздат, 1984. 462 с.

5. Ананьев Б.Г. Человек как предмет познания. Л., 1968. 339 с.

6. Асадуллоев И.К. Новые категории философии и философия политики. Душанбе, 2006. 389 с.

7. Асмус В.Ф. Античная философия. М.: Высшая школа, 1976.

8. Ашуров Г. Национальная государственность и самосознания народа //Известия АН РТ. Отделение обществ. Наук. 2006. №3. С.17-26.

9. Ашуров Г. Философия эпохи Саманидов. (Общая характеристика). Душанбе: Ирфон, 2006. 217 с.

10. Ашуров Г.А. Философские взгляды Носири Хусрава. Душанбе, 1965.

11. Баграмов Э.А. Национальный вопрос в борьбе идей. М.: Политиздат, 1982. 336 с.

12. Беляев Е. А. Арабы, ислам и арабский халифат в ранее средневековье. Изд. «Наука», Москва. 1966. 280 с.

13. Бертельс Е.Э Суфизм и суфийская литература /Избрание труды.// Москва.: Наука, 1965. 523 с.

14.Бертельс Е.Э. История литературы и культуры Ирана. Москва, Наука, 1988. 556 с.

15. Богоутдинов А.И. Очерки по истории таджикской философии. Сталинобад: Тадикгосиздат, 1961.

16. Брагинский И.С. От Авесты до Айни. Душанбе: Ирфон, 1981, 255 с.

17. Бромлей Ю.В. Очерк теории этноса. М., 1983. С.412.

18. Вазиров З.В. Очерки социальной философии калама и футуввата. Душанбе: Дониш, 1991.

19. Выгодский Л.С. Психология искусства. М., 1986. 573 с.

20. Гафуров Б.Г. О причинах возвышения и падения Саманидов //Сов. Востоковедение. 1958. №1. С.51-55.

21. Гафуров Г.Б. Таджики: Древнейшая, древняя и средневековая история. Душанбе: Ирфон, 1989. Кн.-1. 382с.; Кн.2. 480 с.

22. Гиеев К.Х. Национальные интересы. Душанбе: Изд-во «Санадвора», 1999. 50 с.

23. Гоибов Г. Ранные походы арабов в Среднюю Азию. Душанбе: Дониш, 1989. 143 стр.

24. Грюнебаум, Г. Э. фон, Классический ислам. Очерк истории (600-1258). Изд. «Наука». Москва, 1986. 216 с.

25. Гумилев Л.Н. Этногенез и биосфера Земли. М., 1994. 640 с.

26. Гуревич А.Я. Категории средневековой культуры М.: Искусство. 1984. 320 с.

27. Дамдамаев М.А., Луконин В.Г. Культура и экономика древнего Ирана. М., 1980.

28. Делин М.В. Анализ структуры самосознания. М., 1980.

29. Джавохирлал Неру. Взгляд на всемирную историю: В3-Т. М.: Прогресс, 1981. Т.1.-376с; Т.2.-503с.; Т.3.453 с.

30. Джунусов М.С. Национализм в различных параметрах. Алма-Ата: Казахстан, 1990-197 с.

31. Диалог в действии: Опыт Таджикистана:. Душанбе: Деваштич, 2008. 302.

32. Диноршоев М.Д. Философия Насируддина Туси. Душанбе: 1968.

33. Диноршоев М.Ф. Натурфилософия Ибн Сины. Душанбе: Дониш, 1985.

34. Додихудоев Х. Культура и цивилизация. Истины и парадоксы традиций. Душанбе, 2006. Т.1, КН.1 354с., Т.1, КН.2. 393 с.

35. Додихудоев Х.Д. Очерки философии исмоилизма. (Общая характеристика философ. доктриныIX-XIVвв). Душанбе: Дониш, 1976.

36. Додихудоев Х.Д. Философия крестьянского бунта. Душанбе: Ирфон, 1987.

37. Дорошенко Е.А. Зороастрийцы в Иране. М., 1982.

38.Заходер Б.Н. Иран при Сасанидах.//Исторический журнал, 1938, №12.

39. Закуев А.К. Философия «Братьев чистоты». Баку: Изд-во АН Азер.ССР, 1961.

40. Идибеков Н. Этика Насириддина Туси в свете его теории свободы воли. Душанбе: Дониш, 1987.

41. История таджикского народа. Душанбе: 1999. Т.2. Эпоха формирования таджикского народа. 791с.

42. История таджикской философии с древнейших времен до XV в. Т. 1, Душанбе, «Дониш», 2010.

43. Козлов И.А. Проблема этнического самосознания и ее место в теорий этноса// Советская этнография. -1974. №2. С.79-92.

44. Комил Бекзода (Беков Комилджон). Муҳаммад Шахристони историк философии. Душанбе, «Дониш», 1987.

45. Кулматов Н.А. Философия Фахриддина Рази. Душанбе, 1981.

46. Курбон Восеъ. Средневековая персидско-таджикская литература джавонмарди (X-XVвв.).Душанбе, «Дониш», 1995. 431с.

47. Лей. Г. Очерки истории средневекового материализма /Перевод с нем. М.: Изд-ва восточ. Лит.,1962.

48. Ленин В.И. О национальном вопросе и национальном политике. М.: Политиздат, 1989. 556 с.

49. Майоров Г.Г. Формирование средневековой философии. М.: Мысль, 1979.

50. Максудов Х.А. Михйяр ад Дайлами и его поэзия. Душанбе: Ирфон, 2001. 80 с.

51. Межуев В.М. Культура и история. М., 1977.

52. Мец Адам. Мусульманский Ренессанс. Пер. с исп., предисл. Библеография и указатель Д.Е. Бертельса. М.: Наука, 1973.

53. Мифы народов мира. М., 1980, Т 1.

54. Муминджанов М.М. Философские проблемы зороастризма. Душанбе, 2000.

55. Муҳаммад Али Музаффари. Антропология. Душанбе, 2008. 312 с.

56. Муҳаммад Али. Введение в Антропологию. Душанбе, 1999.

57. Мухаммадходжаев А. Гносеология суфизма. Душанбе: Дониш, 1990.

58. Мухаммадходжаев А. Мировоззрение Фаридаддина Аттора. Душанбе: Дониш, 1974.

59. Мухаммадходжаев. Религиозно-политическая концепция Ходжа Ахрора Вали. Душанбе. 2006.

60. Мухсин Рахимов. Философия человека Абуали Ибн Сины (Авиценны). Душанбе: Эҷод, 2005. 333 стр.

61. Н.Н. Садыкова. Философская антропология Мирзо Абдулкодира Бедиля. Душанбе, «Сурушан», 2003, 171 с.

62. Наврузов С. Человеческие способности: (Социально-философский аспект). Душанбе: Дониш, 1990. 267 с.

63. Налчаджян А.А.Загадка смерти. СПб: Питер, 2004. 224 с.

64. Негматов Н.Н. Таджикский феномен: История и теория. Душанбе, 1997. 448 с.

65. Ницще Ф., Так говорил Заратустра. Соч. 2, Т. 2, М., 1990. С. 237.

66. Одилов Н. Мировоззрение Джалолиддина Руми. Душанбе: Ирфон, 1974. 109 с.

67. Олимов К. Хорасанский суфизм. (Опыт историко-философского анализа). Душанбе: Дониш, 1993.

68. Петрушевский И. П., Ислам в Иране в VII и XV веках. Ленинград. 1966.

69. Пигулевская И. В. и другие, История Ирана с древнейших времен до конца XVII века. Изд. Ленинградского Университета. 1958 (396 с.).

70. Рахимов С. Три этапа из истории этических воззрений таджикского народа. Душанбе. 2006. 247 с.

71. Саидов Н. Проблема человека в истории философии. Душанбе, 2004.

72. Рахматуллаев Н. Философские взгляды Ибн Сина в «Указаниях и наставлениях». Душанбе: Дониш, 1980.

73. Сайфуллоев Н.М. Логика Ибн Сины. Душанбе: Дониш, 1991.

74. Самосознание европейской культуры. М.: Политиздат, 1991, 365 с.

75. Сафаргул Давлатрова. Национальное самосознание (социально-философский анализ). Душанбе: Дониш, 2009. 114 с.

76. Саъдулло Рахимов. Эстетика Зороастризма. Душанбе: Дониш, 2006.

77. Скворцов Л.В. Культура самосознания: Человек в поисках истины своего бытия. М.: Политиздат, 1989. 317 с.

78. Соколов В.В. Средневековая философия. М.: Высшая школа, 1979.

79. Степанянц М.Т. Восточная философия. М.: Восточная литература. РАН, 2001.

80. Степанянц М.Т. Философские аспекты суфизма. М.: Наука, 1987. 191 с.

81. Столин В.В. Самосознание личности. М.: Изд-во МГУ, 1983.-286 с.

82. Струве В.В. Родина зороастризма.//Советское востоковедение, 1948, V.

83. Тойнби А.Дж. Постижение Истории. М.: Прогресс, 1991. 736 с.

84. Тожиннисо Муродова. Философия Носири Хисрава. (На основе «Джомеъ-ул-хикматайн»-а Издательство «Дониш», Душанбе – 1994, 84 стр.

85. Тримингам Ч.С. Суфийские ордены в исламе. //Перевод с англ. с предисл. О.Ф. Акимушкина. М.: Наука 1989. 325 с.

86. Федоров Н.Ф. Философия общего дела. Т.1.АСТ. Издательство. Москва, 2003. 702с. Т.2. М., Издательство АСТ, 2003. 512 с.

87. Фрейд З. Психология масс и анализ человеческого «Я». М.: 1925.

88. Фролова Е.А. Проблемы веры и знания в арабской философии. М.: Наука, 1983.

89. Фрэзер Джеймс Джорж. Золотая ветвь. М.: Политиздат, 1980. 830 с.

90. Хосроев А.Л. История манихейства.С.-П, 2007, 479 с.

91. Шамолов А.А. Философия теологии Мухаммада Газзали. Душанбе:Пайванд, 2008. 489 с.

92. Шамолов А.А. Философско-теологические воззрения Газзали. Душанбе: Дониш, 2002.

93. Шарипов А. Взгляд на философское воззрения эпохи Сасанидов.//Известия АН РТ, серия: философия и правоведение. Душанбе, 2001, №1-4.

94. Шарипов А. Идейная борьба эпохи Борбада.//Борбад. Эпохи и традиции культуры. Душанбе, 1989.

95. Швейцер А. Культура и этика. М., 1979.

96. Шишов А. Таджики. Этнографические и антропологические исследования. Ташкент, 1910.

97. Шоазимов П.Д. Таджикская идентичность и государственное строительство в Таджикистане. Душанбе: Ирфон, 2003. 208 с.

98. Шохуморов Абдусаид. Памир-страна Ариев. Душанбе 1997.

99. Ясперс К. Смысл и назначение истории. М.: Политиздат, 1991. 527 с.

## 5. Адабиёти урупой


1. Arberry A.J. Introduction to the History of Sufizm. London, 1947. P.217.

2. Copleston (Frederick). A History of Philosophy, Volume two, London, 1976.

3. Heidegger (Martin). The end of Philosophy, translated by John Stambaugh. London, 1975.

4. Khalid A. The Politics of Muslim Cultural Reform Jadidism in Central Asia. University of California Press, 1998. 335 p.

5. Koller Sh. To Moscow, Not Mecca. The Soviet Campaign Against in Central Asia, 1917-1941. London: Praeger, 2001. 277 p.

6. Nietzsche (Frederick). The Will to Power as Art. Volume one, translated by David Farrel Krell, London, 1981.

7. Nietzsche (Frederick). Thus Spoke Zarathustra. Translated by Thomas Common, London, 1967.

8. Nurudin Shakhovudinov/ Zarathustras freier Geist. Nietzsche und der historische Zarduscht der Ernst- Moritz- Arndt. Universitat Greifsmald. 2010. P.276

9. Rassell (Bertrand). History of Western Philosophy, London, 1979.

10. Russel (Bertrand). My Philosophy Development, London, 1959.

11. Sartre (Jean- Paul). Critigue of Dialectical Reason, translated by Alan Sheridon Smith, London, 1978

12. Wilson (Colin). The Outsider, London, 1974.

13. Wolfson H.A.The Philosophy of the Kalam. Cambridge, 1976.

## Мундариҷа

**Муқаддима**……………………………………………………………..3

**Боби якум.** Заминаҳои худшиносии миллии форсу-тоҷик то зуҳури ислом…………………………………………………………………17

1. Пешинаи тафаккури фалсафӣ, равшанфикрӣ ва худшиносӣ дар Осиёи Миёна ва Эрони бостон……………………………………………18

2.Ҷамшед писари Вивангаҳон-асосгузори фалсафаи худшиносии миллии халқҳои ориёинажод……………………………………………...30

3.Зардушт-асосгузори фалсафаи худшиносии динии халқҳои ориёинажод……………………………………………………………….36

**Боби дуюм.** Ҷунбиши шуубия аз дидгоҳи гуногун……………………47

1.Ҳизбҳои шуубӣ: ҳизби арабӣ, ҳизби мусовот ва ҳизби шуубӣ…….47

2.Пайдоиши истилоҳ ва маслаки «Шуубия»……………..……………58

3.Мавқеъ ва моҳияти ҳизби шуубӣ……………………………………...69

**Боби сеюм.** Таърихи муборизаҳои ҷунбиши шуубия…………………88

1.Муборизаҳои миллӣ ва сиёсии шуубиён……………………………...88

2.Муборизаҳои динӣ ва ғоявии шуубиён………………………….…...108

**Боби чорум.** Муборизаҳои фарҳангии шуубиёни форс-тоҷик………129

1. Адабиёт ва шоирони шуубӣ…………………………………..........129

2. Олимон ва адибони машҳури шуубӣ…………………………….…..153

**Боби панҷум.** Шуубияи фалсафӣ……………………………………….161

1. Ибни Муқаффаъ ва Ибни Ровандӣ………………………………......161

2. Таълимоти «Ихвон-ус-сафо» ва тамоюли шуубии он…………….180

3. Таълимоти Абуҳаёни Тавҳидӣ ва тамоюли шуубии он…………..220

4. Фирдавсӣ ва шуубия…………………………………………………….256

Хулоса……………………………………………………………..268

Адабиёт……………………………………………………...........277